С.АМИНОВ

# Забони тоҷикӣ







7

С. АМИНОВ

# ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

**Китоби дарсӣ барои синфи 7-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**

Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
тасдиқ кардааст

*Нашри чорум*

ДУШАНБЕ
СОБИРИЁН
2019

ББК 81.2 тоҷик – 4 + 74.261.4
А–57

**А–57. Саидамир Аминов.** Забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 7. – Душанбе, «Собириён», 2019, 272 саҳ.

**Хонандагони азиз!**

Китоб манбаи донишу маърифат аст, аз он баҳравар шавед ва эҳтиёташ кунед. Кӯшиш кунед, ки соли таҳсили оянда ҳам ин китоб дар ҳолати аслӣ дастраси додару хоҳарҳоятон гардад ва ба онҳо низ хидмат кунад.

Ҷадвали истифодаи иҷоравии китоб

| № | Ному насаби хонанда | Синф | Соли таҳсил | Ҳолати китоб (баҳои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Аввали соли таҳсил | Охири соли таҳсил |
| 1. | | | | | |
| 2. | | | | | |
| 3. | | | | | |
| 4. | | | | | |
| 5. | | | | | |

ББК 81.2 тоҷик – 4 + 74.261.4
А–57

ISBN 978-99975-846-6-3
Моликияти давлат

© С. Аминов, 2019.

# I. ЗАБОН ВА СУХАН

**1.** Шеърро возеҳ хонед. Гӯед, ки дар он кадом сифатҳои забон баён шудаанд. Сифатҳои онро нависед.

ЗАБОНИ МОДАР

Чӣ сон азиз аст, басо лазиз аст,
Забони модар.
Зи шираи ҷон гирифта ҷавҳар,
Дурдонарез аст,
Аз теғ тез аст,
Забони бурро – забони модар.
Дар арсаи кор
Ту ҳамсадоӣ, ҳам бебаҳоӣ,
Забони корӣ, ҷозиба дорӣ.
Ғайрату завқам
Ту кардӣ бисёр,
Зӯру тавоно – забони модар.
Дар шӯришу ҷанг
Забони фатҳӣ,
Дар ғазаб оӣ, басо шуҷоӣ.
Аду кунӣ қир бо найзаю тир,
Шуда ҳамоҳанг
Ханҷари бурро – забони модар.
Чӣ сон азизӣ, басо лазизӣ,
Забони тоҷик,
Ширинтар аз ҷон, зи нукта борик,
Дурдонарезӣ,
Аз теғ тезӣ,
Ба ту шарафҳо, забони модар!

*Иброҳим Раҳматов*

**2.** Байт ва порчаҳои зеринро хонед ва маънидод кунед. Аз мутолиаи онҳо ба чӣ хулоса омадед?

1. Гарчи ҳиндӣ дар узубат шаккар аст,
Тарзи гуфтори дарӣ ширинтар аст.

*Муҳаммад Иқбол*

2. Назме, ки ҳам ҳусни мазмун ва ҳам ҳусни алфоз дошта бошад, мисли «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Хамса»-и Низомӣ ва «Девон»-и Ҳофиз аст, ки он назми нишотафзо, вачдовар ва мусаллами кулл аст.

*Мирзо Фатҳалӣ Охундов*

3. Дар ин нукта баҳс нест, ки дар давраи исломӣ ҳангоме ки сухан аз забони дарӣ ё порсии дарӣ меравад, мурод забони Хуросон ва Мовароуннаҳр аст, ки тоҷикони имрӯза дар ин марзу бум нигоҳдоранда ва давомдиҳандаи ин забон ва адабиёт мебошанд.

*Забеҳуллоҳи Сафо*

**Луғат**

**узубат** – ширинӣ
**алфоз** – ҷамъи лафз, сухан, калима
**нишотафзо** – афзункунандаи шодӣ ва хушӣ
**вачдовар** – завқовар, шавқовар
**мусаллам** – писандида, қабулкардашуда
**кулл** – ҳама
**Мовароуннаҳр** – сарзамини шимолӣ – шарқии дарёи Аму (Ҷайҳун)

**Савол ва супориш**

1. Забони тоҷикӣ дар кадом кишварҳо бо номи забони дарӣ ва форсӣ маъмул аст?
2. Бо истифода аз ***алфоз, вачдовар, мусаллам*** ва ***кулл*** ҷумлаҳо тартиб диҳед.
3. Байт ва порчаи аввалиро аз ёд кунед.

**3.** Ҳикояро фасеҳу равон хонед ва гӯед, ки аз мутолиаи он чӣ натиҷа бардоштед. Суду зиёни забонро чӣ тавр мефаҳмед? Андешаҳоятонро баён кунед.

Луқмони ҳаким сиёҳчарда буд. Касе ӯро ба бандагӣ гирифт ва муддате хидмат мефармуд ва аз вай осори илм ва ҳикмат мушоҳида менамуд. Рӯзе хоҷа ба расми имтиҳон вайро гуфт:

– Гӯсфанде бикуш ва беҳтарин аъзои ӯро ба назди ман ор.

Луқмон гӯсфандро бикушт ва дилу забонаш пеши хоҷа овард.

Рӯзе дигар гуфт:

– Гӯсфанде бикуш ва бадтарин аъзояш биёвар.

Луқмон гӯсфанде дигар бикушт ва ҳам дилу забонаш овард.

Хоҷа гуфт:

– Ин чӣ гуна аст?

Гуфт:

– Ҳеҷ чиз беҳ аз дилу забон нест, агар пок бошад ва ҳеҷ чиз бадтар аз он нест, агар нопок бошад.

*Алии Сафӣ*

**Луғат**

**расми имтиҳон** – тариқи имтиҳон, санҷиш
**сиёҳчарда** – сиёҳпӯст, гандумгун
**хидмат фармудан** – кор кардан барои касе
**ҳикмат** – доноӣ, дониш

**Савол ва супориш**

1. Чаро хоҷа маҳз ба Луқмон ин корро фармуд?
2. ***Хидмат*** ё ***хизмат***?
3. Дар талаффузи калимаи ***Луқмон*** ва ***бадтар*** чӣ ҳодисаи забонӣ ба назар мерасад?
4. ***Пок*** ва ***нопок*** будани забонро аз чӣ фаҳмидан мумкин аст?
5. Суду зиёни забонро нависед.

## II. ТАКРОР ВА ҶАМЪБАСТИ МАВОДИ СИНФИ VI

**4.** Порчаи манзумро хонед ва маънидод кунед. Феълҳои ҳоли порчаро нависед ва ба чӣ вобаста будани онҳоро шарҳ диҳед.

Ман шуда фориғ, ки зи роҳи саҳар
Теғзанон субҳ даромад зи дар.
Оташи хуршед зи мижгони ман
Об равон кард ба айвони ман.

Абр ба боғ омада бозикунон,
Ҷомаи хуршед намозикунон.

*Низомии Ганҷавӣ*

**Савол ва супориш**

1. Феълҳои ҳол чӣ тавр сохта шудаанд?
2. Гӯед, ки феъли ҳол бо кадом хусусиятҳояш ба феъл наздик аст.
3. ***Мижгон*** ё ***миҷгон***?

**5.** Ҷумлаҳоро нависед ва феълҳои ҳолро муайян созед. Роҳҳои сохта шудани онҳоро шарҳ диҳед.

1. Шодигул дав-давон рӯяшро бо сачоқ пок карда, хандону шукуфон ба сӯи Нуралӣ омад. (С. У.)
2. Шариф ҷавоб надода, ба пеши пояш нигоҳкунон тарафи хонааш рафт. (Кӯҳзод)
3. Кабӯтар аз даруни дег парида баромада, парвозкунон ва муаллақзанок аз даруни ҳуҷра берун шуда ба ҳаво рафтааст. (С. А.)
4. Ҳарчанд акаам розӣ нашуда бошад ҳам, модарам ӯро кашола карда, ба пеши падарам бурд. (С. А.)

**6.** Матнро хонда, мазмуни онро нақл кунед. Гӯед, ки феълҳои ҳол дар ҷумлаҳо чӣ нақше доранд. Сифатҳои феълиро ёбед ва бо феълҳои ҳол муқоиса кунед.

Мавзеи Қизилкӯл. Мо аз қуллаҳои сарбафалаккашида оҳиста поён фуромада, лаҳзае болои кӯҳи каб-кабуди яхин ист мекунем. Бале, кӯҳи каб-кабуд. Офтоб нурҳои худро болои кӯҳ рост мекунад. Мо бараъло мебинем, ки аз нӯги теғаҳои тези пирях қатраҳои об чак-чак чакида ба поён мераванд. Қадре поёнтар шилдирроси об ба гӯш мерасад. Ба ҳамон тараф меравем. Аз дили пирях, ки ба ду тараф ҷудо шудааст, оби калон башаст ҷорӣ шуда, ба шаху харсангҳо бархӯрда, сарозер меравад. Ба куҷо меравад он, номаълум. Фақат ҳаминаш маълум, ки бекор меравад, бефоида меравад, ба дилеву дарде дармон нашуда меравад.

Агар қатра-қатра чакидани тармаоб ва шуввасзанон ҷорӣ шудани обро ба ҳисоб нагирем, дар он ҷо хомӯшии тамом ҳукмрон аст. Вале ин хомӯшӣ хомӯшии қабл аз тӯфон аст. Садои гӯшкаркунандаи тракторҳои пуриқтидор, ки зинаҳои качмакачи даштро пас гузошта, торафт ба мо наздик меоянд, ба хомӯшӣ ва ҳолати якмароми ин мавзеъ рахна мезанад. Дар паси тракторҳо қубурҳои азими обгузар.

Баъди чанде мебинем, ки ин мавзеъ ба майдони ҳақиқӣ табдил ёфтааст. Булдозерҳо роҳро ҳамвор месозанд. Экскаваторҳо ҷӯй мекананд.

*Ато Ҳамдам*

**Савол ва супориш**

1. Феълҳои ҳоли матн кадом замонҳоро ифода мекунанд?
2. Дар матн кадом шакли феъли ҳол бештар истифода шудааст ва чаро?
3. Тақлидан ба матн нақли мухтасаре нависед ва дар он маҳалли бароятон ошноро тасвир кунед.

**7.** Шеърро хонед ва маънидод кунед. Гӯед, ки мавзӯи асосии он чист?

Сабзаи хоки Ватан аз сунбули бегона беҳ,
Саъваи боғи Ватан аз булбули бегона беҳ.
Дашту саҳрои Ватан моро гулистони Ирам,
Як гули хори Ватан аз сад гули бегона беҳ.
Пораи нон дар Ватан авлотар аз дебои Рум,
Қатраборонаш зи дарёи мулки бегона беҳ.
Тахтаи санги Ватан тахти Сулаймони ман аст,
Ҳанзали талхи Ватан аз омули бегона беҳ.
Марзаи кишти Ватан кам нест аз Девори Чин,
Качпули хурди Ватан аз шаҳпули бегона беҳ…

*Собир Зикирзода*

**Луғат**

**сунбул** – гиёҳи пиёзбех, ки гулаш хушбӯ аст
**мул** – май, шароб
**тахти Сулаймон** – тахте, ки Сулаймон пайғамбар дар он менишаст ва дар он мерафт

**ҳанзал** – кадуи ёбоӣ
**омул** – номи дарахтест дар Ҳиндустон, ки аз он
доруи чашм тайёр мекунанд
**марза** – канораҳои баландкардаи киштзор
**Девори Чин** – девори мустаҳкам, ки 7,5 м баландӣ
доштааст

**Савол ва супориш**

1. Ба шеър кадом номро мувофиқ мешуморед?
2. Сифатҳои шеърро ёбед ва аз рӯйи навъ шарҳ диҳед.
3. Андешаи хешро дар бораи Ватан изҳор кунед.
4. Барои чӣ Ватан бо ҳарфи калон навишта шудааст?
5. Ба гуфтаҳои шоир розиед? Чаро?

**8.** Порчаи шеъриро возеҳ хонед ва гӯед, ки қироати он бароятон чӣ эҳсосе бахшид. Онро нависед ва ҳифз кунед.

Шунидам, ки марде муборакҳузур
Ба наздики шоҳ омад аз роҳи дур,
Ҳақоиқшиносе, ҷаҳондидае,
Ҳунарманде, офоқгардидае,
Бузурге, забоноваре кордон,
Ҳакиме, сухангӯе бисёрдон.

*Саъдии Шерозӣ*

**Луғат**

**муборакҳузур** – хушпою қадам
**ҳақиқатшинос** – олим, доно
**забоновар** – сухандон, хушбаён

**Савол ва супориш**

1. Сифатҳо бар шарҳи кадом калима омадаанд?
2. Сифатҳоро аз ҷиҳати сохт муайян кунед.
3. Байти аввалро ба наср баргардонед ва гӯед, ки чӣ ҳодисаи забонӣ рух дод.

**9.** Порчаи манзумро равон хонед ва ҳар як байти онро маънидод кунед.

... Ҷавонони пилафкани шергир
Надонанд дастони рӯбоҳи пир.

Хирадманд бошад ҷаҳондида мард,
Ки бисёр гарм озмудасту сард.
Ҷавонони шоистаи бахтвар
Зи гуфтори пирон напеچанд сар.
Гарат мамлакат бояд ороста,
Мадеҳ кори маъзам ба навхоста.
Сипаҳро макун пешрав ҷуз касе,
Ки дар ҷангҳо буда бошад басе.
Ба хурдон мафармой кори дурушт,
Ки сандон нашояд шикастан ба мушт.

*Саъдии Шерозӣ*

**Луғат**

**дастон** – макру фиреб
**рӯбоҳи пир** – доно ва бисёр маккор
**бахтвар** – бахтёр, соҳиби бахт
**маъзам** – азим, бузург
**сипаҳ** – лашкар, қӯшун
**сандон** – асбоби оҳангарӣ, ки ба рӯйи он оҳан ё филизи дигарро монда мекӯбанд

**Савол ва супориш**

1. Байтҳои сифатдорро нависед ва роҳҳои сохта шудани сифатҳоро аниқ созед.
2. Ба мазмуни порча ҳамфикред ё на? Чаро?
3. ***Ҷаҳондида мард***-ро боз чӣ тавр баён кардан мумкин? Бо ин ибора ҷумлае тартиб диҳед.
4. Муродифҳои ***сипоҳ***-ро номбар кунед.
5. ***Сандон*** аз ***сангдон*** чӣ фарқ дорад? Бо ҳар кадоми онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.
6. Байти дувумро ба наср баргардонед ва нависед.

**10.** Матнро возеҳ хонед ва аниқ созед, ки дар он кадом хислатҳои шоир баён шудаанд.

Пайрав Сулаймонӣ то ҳол ҳам яке аз шоирони дӯстдоштаи ман ва аз ҷумлаи беҳтарин дӯстони ман мебошад. Ин муболиға нест.

Пайрав дар пеши назари ман дар ҳолатҳои гуногун муҷассам мегардад: шоду хандон, маъюсу ғамгин, пур аз ҷадалу меҳрубон ва дар ҳолате ки аз ҳар як калом, аз ҳар як нигоҳи ӯ осори меҳру муҳаббат, лутфу некхоҳӣ намоён ва шуълавар мешавад.

Аввалин мулоқоти ман бо вай дар Бухоро рӯй дод. Дурусттараш ин, ки ман бори аввал ӯро дар Бухоро дидам, ҳанӯз бо ҳам шиносоӣ надоштем.

Ӯ ҷавоне буд дар шоирӣ шуҳрат пайдо карда ва ман ҳанӯз бачае будам мафтуну ошиқи шеър. Рӯйи гандумгуни ҷавони зебоеро ба хотир дорам, ки ба дӯкони рафиқи аттораш меомад ва дар тарафи суфаи пеши дӯкон ба ҷараёни гуногунрангу либоси раҳгузарон чашм дӯхта менишаст ва ба ғавғои онон гӯш медод. Ин ҷавон чашмони гирои аҷибе дошт, онҳо чун оинаи тобон буда, гӯё ҳама чиро дар худ акс мекарданд ва дар айни замон нурҳои офтобро ҷаббида мегирифтанд.

*Муҳиддин Аминзода*

**Савол ва супориш**

1. ***Дурусттараш***-ро бори дигар талаффуз кунед. Чиро мушоҳида кардед? Ба навишти он диққат диҳед.
2. Сифатҳои матнро нависед ва тарзи сохта шудани онҳоро шарҳ диҳед.
3. Нақли мухтасаре нависед ва дар он сифатҳои яке аз дӯстонатонро баён созед.

**11.** Аз калимаю ифодаҳои додашуда ба воситаи пасвандҳои ***-ӣ, -а*** ва ***-агӣ*** иборахо сохта, нақшаро пур кунед ва имлои сифатҳоро шарҳ диҳед.

| **Калимаҳо** | **Пасвандҳои *-ӣ, -а, -агӣ*** | **Сифатҳои сохташуда** |
|---|---|---|
| тобистон, нишастан, ҳуҷра<br>назд, мактаб, ҳавлӣ<br>пеш аз интихобот, маърака<br>ду тараф, гуфтушунид<br>панҷ, сол, нақша<br>хишт, пухта, хона<br>гӯшт, мурғнок, палав | | ҳуҷраи тобистоннишинӣ |

**12.** Порчаро хонед ва гӯед, ки дар бораи кадом фасли сол сухан меравад. Сифат ва сифатҳои феълии матнро нависед ва фарқи онҳоро гӯед.

Ду кас ба роҳ даромадем.

Замини атрофи шаҳр аз қолини нарми сабзаи навраста, аз лолаи даштӣ ва майдагулҳои худрӯйид мурассаъ буд. Баргҳои зумуррадгуни дарахтони бед тамом боз шуда, ба насими баҳорон чапакзанӣ мекарданд, вале муғчаҳои дигар дарахтон акнун ба баргакони нозуки маллатоби шаффоф мубаддал мегардиданд. Дар сафҳаи осмон силсилаи абрпораҳои аз борони шабона боқимонда фориғболона сайр мекард ва дам ба дам пеши чашми офтобро гирифта, бо замини сернами ба шуои гарм пазмоншуда гӯё ҳазлбозӣ мекард.

Дар роҳ ашула мехондем.

*Фазлиддин Муҳаммадиев*

**Луғат**

**мурассаъ** – ороста шуда
**зумуррадгун** – монанди санги гаронбаҳои сабзранг

**Савол ва супориш**

1. Ба матн чизе илова карда метавонед? Худро бисанҷед!
2. Калимаҳои ***зумуррадгун ва маллатоб*** -ро шарҳ диҳед.
3. **Зумуррад, зумурруд** ё **зумрат**?
4. ***Ашула,*** яъне чӣ?
5. Кадом калимаҳо сабаби барҷаста тасвир шудани фасли сол гаштаанд?
6. Ин матн тасвирӣ ё ахборӣ? Чаро?

**13.** Порчаро хонда шарҳ диҳед. Гӯед, ки мазмуни онро бо кадом зарбулмасал ифода кардан мумкин аст.

Азизи ман, сухани андешанокарда чун зари носанҷида аст. Аввал бояд, ки бар худ андеша кунӣ ва нақли ҳар фикреро бар маҳаки имтиҳон бизанӣ, он чи аз хаёлот афтад, онро ба зуҳур орӣ.

«Сухан, к-он аз сари андеша н-ояд,
Навиштанрову гуфтанро нашояд».

*Самандари Тирмизӣ*

**Луғат**

**Арасту** – ҳакими қадимии машҳури юнонӣ; Аристотолис
**сано гуфтан** – ситоишу таъриф кардан

**Савол ва супориш**

1. Сифатҳои феълии матнро муайян кунед ва гӯед, ки чӣ хел сохта шудаанд?
2. Фарқи сифати феълӣ аз сифат дар чист?
3. Байтро ба наср баргардонед ва ба мазмуни порча чӣ робита доштани онро маънидод кунед.

**14.** Порча ва байтҳои зерро хонда маънидод кунед ва нависед. Гӯед, ки сифатҳои феълӣ кадом замонро ифода мекунанд.

1. Арастуи равшандили ҳушманд
Сано гуфт бар тоҷдори баланд,
Ки доим ба дониш гироянда бош,
Дари бастагиро кушоянда бош.

* * *

2. Сӯйи хона омад ба оҳистагӣ,
Нигаҳ дошт муҳри забонбастагӣ.

* * *

3. Нишонаш падид асту ӯ нопадид,
Дари бастаро аз кӣ ҷӯяд калид?

*Низомии Ганҷавӣ*

**Савол ва супориш**

1. Сифатҳои феълӣ ба воситаи кадом пасвандҳо сохта шудаанд?
2. Кадом хусусиятҳои сифати феълӣ онро бо феъл қарин мегардонанд?
3. Роҳҳои сохта шудани сифати феълиро шарҳ диҳед.

**15.** Шеърро возеҳ хонед ва гӯед, ки ба он кадом ифодаҳо муассирият бахшидаанд.

Фалак ба қомати пири хамида мемонад,
Ҷаҳон ба деҳаи торочдида мемонад.
Ниҳоли гул ба назар найзаест хунолуд,
Ба боғ сарв ба тири хазида мемонад.
Кадом сайд кушодаст синаро чу ҳадаф,
Ки абрӯяш ба камони кашида мемонад?
Зи ҷӯши лолаву гул боғ шуд чунон гулгун,
Ки барги ток ба дасти бурида мемонад.
… Даруни ҷомаи рангини хеш дунёдор
Ба кирмҳои бирешимтанида мемонад.
Макун насиҳати дунё ба мардум, эй воиз,
Ки ин сухан ба ҳадиси шунида мемонад.
Дилам зи ёди қафас, Сайидо, малул шавад,
Ба мурғи хонаи сайёддида мемонад.

*Сайидои Насафӣ*

**Савол ва супориш**

1. Сифатҳои феълии шеърро муайян кунед ва нависед. Ҳамзамон имлои онҳоро шарҳ диҳед.
2. Муродифҳои ***ҷаҳон***-ро номбар кунед ва гӯед, ки кадоме аз онҳо хоси услуби бадеист.
3. Мазмуни кадом байтҳо бароятон писанд омад? Чаро?
4. Калимаи ***дунёдор***-ро шарҳ диҳед ва бо истифодаи он ҷумлае тартиб диҳед.

**16.** Бо истифода аз ибораҳои зер ҷумлаҳо тартиб диҳед ва имлои сифатҳои феълиро маънидод кунед:

*корҳои иҷро кардашуда, ғурриши каркунанда, вазифаҳои супоридашуда, хонда шуданӣ.*

**17.** Матнро хонда, ҳикмати онро дарёбед ва шарҳ диҳед.

Панҷ чиз аст, ки ба ҳар кас, ки доданд, зимоми зиндагонии хуш дар дасти ӯ ниҳоданд: аввал, сиҳати бадан;

дуюм, эминӣ; сеюм, вусъати ризқ; чаҳорум, рафиқи шафиқ; панҷум, фароғат. Ҳар киро аз ин маҳрум карданд, дари зиндагонии хуш бар рӯйи вай баровarданд.

Ба панҷ мерасад асбоби зиндагонии хуш,
Ба иттифоқи ҳакимони шуҳра дар офоқ.
Фароғу эминию сиҳату кифофи маош,
Рафиқи хубсияр – ҳамдами накуахлоқ.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

**Луғат**

**зимом** – лаҷом, инон
**шафиқ** – меҳрубон, дилсӯз
**фароғат** – осудагӣ, оромию роҳат
**хубсияр** – хушхулқ, хушрафтор
**вусъат** – фарохӣ, фаровонӣ

**Савол ва супориш**

1. Мазмуни ҳикматро бо як ҷумла ифода кардан мумкин аст? Худро бисанҷед!
2. Шумораҳои матнро ёбед ва навъу сохти онҳоро муайян кунед.
3. ***Асбоб ва ризқ***-ро бори дигар талаффуз кунед. Чӣ ҳодисаи забониро мушоҳида кардед?
4. Бо истифодаи калимаҳои ***ҳадаф, шафиқ*** ва ***фароғат*** ҷумлаҳо тартиб диҳед.
5. Ба имлои ***иттифоқ*** диққат диҳед.

**18.** Порчаи манзумро хонед ва мазмуни онро шарҳ диҳед. Оё шумо ба гуфтаҳои шоир розиед? Мулоҳизаатонро баён кунед.

Се касро шунидам, ки ғайбат равост
В-аз ин даргузаштӣ, чаҳорум хатост:
Яке подшоҳи маломатписанд,
К-аз ӯ бар дили халқ бинӣ газанд.
Ҳалол аст аз ӯ нақл кардан хабар,
Магар халқ бошанд аз ӯ барҳазар.
Дувум, парда бар беҳаёе матан,
Ки худ медарад пардаи хештан.

Зи ҳавзаш мадор, эй бародар, нигоҳ,
Ки ӯ медарафтад ба гардан ба чоҳ.
Севум, кажтарозуи норостхӯй,
Зи феъли бадаш ҳар чӣ донӣ, бигӯй.

*Саъдии Шерозӣ*

**Луғат**

**маломатписанд** – сарзанишкунанда
**газанд** – осеб, зарар
**барҳазар** – боэҳтиёт
**кажтарозуи норостхӯй** – фиребгари норосткор

**Савол ва супориш**

1. Шумораҳоро нависед ва сохти онҳоро муайян созед.
2. ***Чор*** ва ***кач*** дуруст ё ***чаҳору каж***?
3. Бо калимаҳои ***газанд*** ва ***барҳазар*** ҷумлаҳо тартиб диҳед.
4. ***Медарафтад***-ро боз чӣ гуфтан мумкин?

**19.** Матнро хонед ва муайян кунед, ки сухан дар бораи чӣ меравад. Сипас ҷумлаҳои шумораҳдорро нависед ва нумеративҳояшонро шарҳ диҳед.

Шаҳри Насо, тангкӯчаи назди ҳавлии Фирдавсӣ. Дар пеши дар харе истодааст, ки ба вай ду хӯрҷин бор карда шудааст. Аз дар Абуалӣ ва Ҷузҷонӣ баромаданд, ҳар ду либосҳои тозаи озода пӯшидаанд. Онҳоро худи Фирдавсӣ гусел мекард.

Абуалӣ бо шавқ мегуфт:

– Ин як моҳе, ки дар манзили шумо гузаронидам, босаодаттарин моҳи зиндагии ман буд!

Онҳо дар пеши дар қарор гирифтанд, Абуалӣ сар хам карда гуфт:

– Ба ман фотиҳа диҳед!

Фирдавсӣ чашмонашро пӯшида, лаҳзае фикр карда ва баъд бузургворона гуфт:

– Дар замони салтанати офатбори Маҳмуд қисмати ту ғарибию сарсонӣ аст. Ту на соҳиби хонаю ҷой

шуда метавонӣ, на баҳравар аз осоишу ҳаловат. Саодати аёлу фарзанддорӣ, шунидани хандаи хушбахтонаи кӯдаконат ба ту муяссар нахоҳад шуд. Ҳақиқат хонаи ту, илму дониш ёри ту, хизмати халқ саодати туст. Дар хотир дор, ки шамшери ҳукмдорон аз маҳв кардани ту ва фикрҳои ту оҷизанд. *Ҳазор шамшер бар як дониш зафар ёфта наметавонад, аммо як дониш бар ҳазор шамшер зафар меёбад…*

Абуалӣ хомӯш истода гӯш мекард.

*Сотим Улуғзода*

**Савол ва супориш**

1. Гӯед, ки нумеративҳои ***-то, дона, адад, ҷилд, сар, нафар, кулча*** аз ҷиҳати маъно чиро ифода мекунанд?
2. Ҷумлаи ишорашударо бори дигар хонед. Ба ҳақиқати он боварӣ доред?
3. Мазмуни матнро мухтасар нақл кунед.

**20.** Порчаҳои шеъриро хонед ва ҳар кадоми онро маънидод кунед. Шумораҳоро ёбед ва сохти онҳоро муайн созед.

1. Як **кафш** бувад барои як пой,
Як дил нашавад ду дӯстро ҷой.
Маъвои ду хасм нест боғ,
Шаҳбоз ояд, сафар кунад зоғ.

* * *

2. Ду кас чаҳ кананд аз пайи хоссу ом:
Яке **некмаҳзар**, дигар **зиштном**.
Яке ташнаро то кунад тоза ҳалқ,
Дигар то ба гардан дарафтанд халқ.

*Саъдии Шерозӣ*

**Луғат**

**хос (хосс)** – бузургону сардорон ва ашрофон
**ом (омм)** – тӯдаи мардум, омма
**некмаҳзар** – хушодат, хушхулқ, нектабиат
**зиштном** – бадном

**Савол ва супориш**

1. Порчаи аввалӣ ба шумо писанд омад ё дуюмӣ? Чаро?
2. Ба андешаи дар порчаҳо ифодаёфта розиед?
3. Шумораҳои ***як ҳазору дусад, шашсад, чоряк, шашҳафт***-ро аз ҷиҳати сохт шарҳ диҳед ва имлояшонро дар хотир гиред.
4. Калимаҳои ишорашударо бори дигар талаффуз кунед. Чиро дарк кардед?

**21.** Ҳикояро бодиққат хонед ва маънидод кунед. Мазмуни онро мухтасар нависед.

Мардумозореро ҳикоят кунанд, ки санге бар сари солеҳе зад. Дарвешро маҷоли интиқом набуд. Сангро нигоҳ ҳамедошт, то замоне ки маликро бар он лашкарӣ хашм омад ва дар чоҳаш кард. Дарвеш андар омад ва санг дар сараш кӯфт.

Гуфто:

– Ту кистӣ ва маро ин санг чаро задӣ?

Гуфт:

– Ман фалонам ва ин ҳамон санг аст, ки дар фалон таърих бар ман задӣ.

Гуфт:

– Чандин рӯзгор куҷо будӣ?

Гуфт:

– Аз ҷоҳат метарсидам, акнун ки дар чоҳат дидам, фурсат ғанимат донистам.

Носазоеро, ки бинӣ бахтиёр,
Оқилон таслим кардaнд ихтиёр.
Чун надорӣ нохуни даранда тез,
Бо бадон он беҳ, ки кам гирӣ ситез.
Ҳар ки бо пӯлодбозу панҷа кард,
Соиди симини худро ранҷа кард.
Бош, то дасташ бибандад рӯзгор,
Пас ба коми дӯстон мағзаш барор.

*Саъдии Шерозӣ*

**Луғат**

**мардумозор –** ситамгар, золим
**солеҳ** – порсо, некмард
**ҷоҳ** – мақому мартаба
**носазо** – нолоиқ, бадкирдор
**ситез** – ҷангу ҷидол, душманӣ
**соиди симин** – дастони нозуку латиф

**Савол ва супориш**

1. Ҷонишинҳои матнро нависед ва хелҳои онро муайян кунед.
2. Гӯед, ки ҷонишинҳо дар ҷумла чӣ накш доранд?
3. ***Маро*** ва ***манро***. Кадоме аз инҳо дуруст?
4. Оид ба мазмуни ҳикоя андешаатонро изҳор кунед.
5. Порчаи шеъриро ҳифз намоед.

**22.** Матнро бодиққат хонед ва ҳадафи онро муайян кунед. Барои асари хуб навиштан нависанда бояд чӣ кор кунад?

Ҳоло муаллим (Абдусалом Деҳотӣ) пиёлаи чой дар даст сари худро қадаре яктарафа дошта, ба суҳбати ду мӯйсафед, ки дар кати ҳамсоя нишастаанд, ғайриихтиёр гӯш медиҳанд ва банохост рӯй ба ман оварда савол медиҳанд:

– **Соч** ном парандае ҳаст. Аслан бояд **сор** бошад. Дар баъзе маҳалҳо **суттӣ** мегӯянд. Оё шумо ҳам ягон номи дигари онро шунидаед?

– Не, муаллим. Ман дар шаҳр таваллуд ва тарбия ёфтаам. Аз парандаҳо дар шаҳр чӣ ҳаст? Кабӯтар, мусича, гунҷишк. Тирамоҳу зимистон аккаи думдароз ва зоғи сиёҳ пайдо мешаванд.

Ҷойи таваллуд ва тарбия дар ташаккули ҷаҳонбинӣ, албатта, аҳамият дорад, аммо фикр мекунам, ки набояд омили асосӣ ва ҳалкунанда бошад.

Маро ба ҷуз розӣ шудан бо ин гапи ҳақ дигар чорае набуд.

Муаллим дафтарчаеро аз киса бароварда, чизеро дар он қайд мекунанд. Дар давоми чаҳор рӯзи сафар

борҳо мушоҳида кардам, ки муаллим ин дафтарча ё порае коғазро бароварда, ҳар гуна ибораҳои аҷойиб, мақолу зарбулмасал, байту рубоӣ, андеша ва мушоҳидаҳои худро дар он навишта мемонанд. Гоҳо аз ҳамсуҳбат чизи гуфтаи ӯро такроран пурсида гирифта, ба он ҷо сабт мекунанд. Ин одати хоксорона, зоҳиран, аз амалияи рӯзноманигорӣ (журналистӣ) боқӣ мондааст.

Агар дар ниҳоди адиб ҳамин гуна шавқи бузург ба ҳама гуна дониш, ба тафсилот ва нозукиҳои ҷиҳатҳои мухталифи ҳаёт ва хислатҳои инсон ва ғайра вуҷуд намедошт, дар китобҳои ӯ даҳҳо симоҳо, характерҳо, воқеаҳои аҷибу ғариброн намедидем.

*Фазлиддин Муҳаммадиев*

**Савол ва супориш**

1. Ҷонишинҳои матнро муайян кунед ва шарҳ диҳед.
2. Ба фикри дар сарсатри чорум баёншуда розиед?
3. Аз сарсатри дуюм чиро пай бурдед?
4. Шумо ҳам аз дафтарчаи ёддошт истифода мебаред?
5. **Гӯш медиҳад ё гӯш медиҳанд?** Кадомӣ беҳтар? Чаро?

**23.** Шеърро равшану возеҳ хонед ва муайян кунед, ки ҳадафи асосии шоир аз чӣ иборат аст. Ҷонишин ва бандакҷонишинҳоро муайян карда, вазифаи онҳоро шарҳ диҳед.

Ало, эй некройи нектадбир,
Ҷавонмарду ҷавонтабъу ҷаҳонгир!
Шунидам қиссаҳои дилфурӯзат,
Муборак бод солу моҳу рӯзат.
Надонистанд қадри фазлу роят
В-агарна сар ниҳодандӣ ба поят.
Ту некуӣ куну дар Даҷла андоз,
Ки Эзид дар биёбонат диҳад боз.
Бадӣ карданду некӣ бо тани хеш,
Ту некукор бошу бад маяндеш.
Ки Саъдӣ ҳар чӣ гӯяд, панд бошад,
Ҳариси панд давлатманд бошад.

Худоят носиру давлат муин бод,
Дуои некхоҳонат қарин бод!
Муроду кому бахтат ҳамнишин бод,
Турову ҳар ки гӯяд, инчунин бод!

*Саъдии Шерозӣ*

**Луғат**

**некрой** – касе, ки фикру тадбираш дуруст аст, хайрхоҳ

**Даҷла** – номи дарёест дар Ироқ, ки номи қадимааш Арванд будааст

**Эзид** – Худо

**ҳариси панд** – талабкунандаи панд, ташнаи шунидани панд

**носир** – ёридиҳанда

**муин** – мададгор

**Савол ва супориш**

1. Дар калимаи ***шунидам*** кадом бандак истифода шудааст? Шарҳ диҳед.
2. ***Нектадбир*** кадом ҳиссаи нутқ аст?
3. Дар мавзӯи ***«Некӣ куну ба об андоз»*** нақли муфассал нависед.

## УСЛУБҲОИ НУТҚ

**24.** Услубҳои нутқро шарҳ диҳед. Фикри худро бо кадом услуб баён кардед?



Услуби публитсистӣ сода ва нисбатан оммавӣ мебошад.

Дар ин услуб матлаб бо ифодаҳои образнок ва ҷумлаҳои сода баён мегардад. Идеяву афкори ҷамъиятию сиёсӣ тавассути услуби мазкур ифода меёбад.

Мақолаҳои рӯзномаю маҷаллаҳо бо ин услуб навишта мешаванд.

Дар маҷлису машваратҳо ва ҷамъомадҳо низ аз услуби публитсистӣ истифода мебаранд, зеро оҳанги даъвату сафарбарӣ ба кору меҳнат махсусияти ин услуб ҳисоб меёбад.

Услуби публитсистӣ бо чунин хусусиятҳояш аз дигар услубҳо фарқ мекунад:

а) дар рӯзномаю барномаҳои садою симо ва дар ҷаласаю гирдиҳамоиҳо истифода мешавад;

б) баёни ахбор моҳияти ҷамъиятию сиёсӣ дошта, ба омма таъсир мерасонад;

в) аз рӯйи мавзӯъ рӯзмарра буда, хусусияти ташвиқотию таблиғотӣ дорад;

г) дорои махсусияти забонӣ аст: дар як матн ҳам воситаҳои бадеӣ ва ҳам гуфтугӯйӣ дида мешаванд; ифодаҳои қолабӣ ва калимаҳо такроран истифода мегарданд.

**25.** Порчаҳоро равон хонед. Гӯед, ки онҳо дар кадом шароиту вазъият истифода мешаванд. Кадом воситаҳои забонӣ онҳоро ҷаззоб гардонидаанд?

1. Ҷавонони гиромӣ! Кишвари худ – Тоҷикистонро самимона дӯст доред, барои ободу зебо гардонидани он аз дилу ҷон кӯшиш кунед ва дар ҳифзи марзу буми он ҳамеша омода бошед. Ҳеҷ нагзоред, ки душманони дохилию хориҷӣ ба пайкари он осебе расонанд.

Дар баробари кори халлоқона тамоми саъю кӯшиши худро барои фаро гирифтани дониш равона созед, зеро Тоҷикистон бо олимону адибон ва табибони ҳозиқу ҳунармандони мумтозаш зинда аст. Анъанаҳои

устодон – Садриддин Айнию Бобоҷон Ғафуров ва Мирзо Турсунзодаро идома диҳед ва рӯҳи ононро шод гардонед!

2. Зери мафҳуми Ватан чиро мефаҳмед? Ватан ин кӯҳҳои осмонбӯси Помир, сарзамини зархези Вахшу Хатлон, ғаллазори нопайдоканори Данғара, водии ҳамешабаҳору файзбори Ҳисор, Зарафшони зарфишону теппакӯҳҳои маъданбори Хуҷанди бостон… Забони мо, фарҳангу таърихи мо. Парчаму нишони мо. Чашмаҳои зулолу дарёҳои хурӯшон.

Ҳамаи он чизҳоеро, ки Ватан фаро мегирад, фаврӣ ном бурдан имконнопазир аст.

Вале чизи дигаре ҳаст, ки бо мурури замон ва гузашти айём бештару қавитар мегардад. Ин муҳаббати Ватан аст. Инсон ҳар қадар камол ёбаду ба пирӣ наздик шавад ё бирасад, муҳаббати Ватан дар ӯ ба ҳамон андоза меафзояд.

*Сайдамир Аминов*

**26.** Матнро хонед ва гӯед, ки ба кадом услуб тааллуқ дорад. Тақлидан матне тартиб диҳед ва бештар аз калимаю ифодаҳое истифода баред, ки хоси услуби публитсистӣ мебошанд.

Сулҳ ва ҷанг – ин ду калимаи кӯтоҳи якҳиҷоӣ тамоман зидди якдигар буда, дар айни замон, ҳар яке аз инҳо як олам маънии зидди ҳамдигарро ифода мекунад.

Сулҳ – ин парвариши кӯдакон, таълиму тарбияи ҷавонон, осоиши пирон, хушбахтии оилаҳо, ободии ҷаҳон, аввалин шароити пешравии ҷамъият, маданияту илму фарҳанг ва ба ибораи кӯтоҳ, сулҳ ҳаёти хушбахтонаи инсоният аст.

Ҷанг – ин бо фоҷиаи тоқатфарсо маҳв шудани кӯдакон, кушта шудани ҷавонон, бо азобу уқубат ба охир расидани ҳаёти пирон, бадбахтии оилаҳо, харобӣ ва вайронии ҷаҳон, нест шудани илму маърифат ва ба ибораи кӯтоҳ, ҷанг ва ваҳшонияти гӯшношунида ва бо бадбахтиҳои чашмнадида маҳв кардани инсоният аст. Оташдиҳандагони ҷанг оташдиҳандагони ҷаҳон,

кушандагони бачагон, ҷавонон, пирон, занон, духтарон, несткунандагони илму маърифат ва бо иборай дигари кӯтоҳ оташдиҳандагони ҳаёти инсоният мебошанд.

*Мирзо Турсунзода*

**27.** Матнро хонед. Ҳадафи он дар чист? Чиро ташвиқ мекунад?

Асре, ки мо дар он умр ба сар мебарем, асри бунёдкориҳост, айёмест, ки бо маҳорати баланд бо илҳоми саршори пурҷӯшу хурӯш ва бо тамоми ҳастӣ сохтан, офаридан ва эҷод намуданро тақозо мекунад. Дар замони ҳайратангези илму техника замоне, ки «аз қаъри гили сиёҳ то авҷи Зуҳал» асрори табиат кашф карда мешавад, дар замони пешрафти бузург ва корнамоиҳои мардуми наҷиби мо чунин ба назар мерасад, ки гӯё барои корҳои майдаву муқаррарӣ дигар ҷой намондааст.

*Мирзо Турсунзода*

**28.** Нақшаи зеринро бо маълумоти оид ба услуби публитсистӣ гирифтаатон муқоиса кунед.

| | |
|---|---|
| 1. Аҳамияти услуби публитсистӣ | Ба одамон таъсир расонидан, дар онҳо ташаккул додани муносибати муайян ба падидаю ҳодисаҳои ҷамъиятӣ, оид ба ҳодисаҳои дорои аҳамияти ҷамъиятию сиёсӣ ахбор додан |
| 2. Соҳаи истифода | Дар рӯзнома, мақолаҳои маҷалла, шабакаҳои радиоию телевизионӣ, баромад дар ҷаласаҳо ва ҷамъомадҳо |
| 3. Махсусияти забонии услуб | Мавҷуд будани ҷумлаҳои саволӣ, хитобӣ, ташвиқӣ, хитобӣ, такрор, саволҳои риторикӣ; дар як матн омехта кардани луғатҳои китобӣ ва гуфтугӯӣ |

**Савол ва супориш**

1. Оё нақша ҳамаи хусусиятҳои услуби публитсистиро фаро гирифтааст?
2. Андешаҳоятонро баён кунед.
3. Ҳангоми хондан ё нақли матнҳои услуби публитсистӣ оҳангро риоя мекунед?
4. Оҳанг дар нутқ бо кадом воситаҳо ифода мешавад?

**29.** Матнро возеҳ хонед ва гӯед, ки онро кай ва дар куҷо метавон истифода бурд. Муаллиф кадом вазифаро ба миён гузоштааст? Мухтасар шарҳ диҳед. Воситаҳои забониеро, ки таъсир мерасонанд, ёбед ва нависед.

Ба башарият лозим аст, ки барои зинда мондан тарзи ҳаёти солимро бештар фаро гирад. Ҳар як шахс бояд барои саломатии худ масъулият ҳис намояд. Саломатӣ ҳам аз нуқтаи назари шахсӣ ва ҳам аз нигоҳи ҷамъиятӣ ҳадяи басо қиматбаҳои табиат аст.

Барои нигаҳ доштани саломатӣ роҳҳои гуногун мавҷуданд: мураттабан машғул шудан ба машқҳои варзишӣ, хоби муътадил, худдорӣ кардан аз сигоркашӣ, шаробнӯшӣ... ва, ниҳоят, муомила бо одамони синну соли гуногун, барои он ки байни наслҳо ҷудоӣ ба вуҷуд наояд ва робита канда нашавад.

Дар хотир доред: саломатии мо ба худи мо вобаста аст. Агар ҳар як шахс бештар кӯшиш намояд, одамон бемориро фаромӯш карда, то охири умр қобилияти эҷодкориро нигоҳ медоранд ва аз ҳаёт лаззат мебаранд.

**30.** Порчаро хонед ва муайян кунед, ки бо кадом хусусиятҳояш аз услуби публитсистӣ фарқ мекунад.

**Пастиғав** номи суғдӣ буда, маънояш пастии домани кӯҳ аст. Дар ҳақиқат, деҳа дар пастии ҳамвори домони кӯҳҳои баланд ва дар соҳили рӯди исёнгари Зарафшон воқеъ аст. Ба назар чунин мерасад: қаторкӯҳҳои азими Зарафшон ва Туркистон, ки аз ду тараф Пастиғавро иҳота намудаанд, онро дар бағал гирифтаанд ва садои

навозишгари Зарафшон барояш лолой мехонад. Боғоти сабзу пурсамар, чашмасорони мусаффо бо одамони накудилу меҳнатӣ якҷо шуҳрати ин деҳаро афзудаанд.

Вақте кас вориди Пастиғав мешавад, гумон мебарад, ки ба як гӯшаи дастнахӯрдаи табиат омадааст. Садои ҳуштаки мурғони ҳилол, қаҳ-қаҳаи кабки дарӣ, қум-қуми кабӯтарони ваҳшӣ ва дигар парандагон ба садои рӯҳангези обшорону бӯйи гулу сабзаву раёҳин ба ҳам омехта, як олами рӯъёиро падидор месозанд.

Бисёр аз навъҳои дарахтони самарабахш, аз қабили зардолу, тут, гелос, себ, ки бо таъми гуворо ва шаҳди ширинашон ном баровардаанд, аз Пастиғав ба деҳоти гирду атроф паҳн гардидаанд.

*аз «Адабиёт ва санъат»*

**Луғат**

**лолой** – таронае, ки барои хобондани кӯдакон мехонанд
**рӯъёӣ** – он чӣ дар хоб дида мешавад, хоб

**Савол ва супориш**

1. Чаро матн ба се сархат ҷудо шудааст?
2. Магар ***рӯд*** исёнгар мешавад?
3. Кабӯтарони ваҳшӣ чӣ гунаанд ва аз кабӯтарони дигар чӣ фарқ доранд?
4. ***Боғҳо ё боғот***?
5. Иншое нависед ва дар он зодгоҳи худро тасвир кунед.

## III. ЗАРФ

**31.** Хонед ва калимаҳои бо ранги баланд чопшударо шарҳ диҳед. Гӯед, ки онҳо ба кадом калимаҳо вобаста шудаанд.

1. **Рост** ҷӯ, **рост** нигар, **рост** гузин,
**Рост** гӯ, **рост** шунав, **рост** нишин.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

2. **Дарҳол** ӯ бархоста, дасти шайх бибӯсид ва хушвақт ба сӯйи манзил бозгашт.

*аз «Ҳазору як шаб»*

3. Дари ҳикмат кушода **саъдиёна,**
Сухан мегуфт ҳар кас **шоирона.**

*Мирзо Турсунзода*

4. Бо номи Ватан халқ **далерона** миён баст,
**Фарҳодваш** омад, раҳи дарёи калон баст.

*Тилло Пӯлодӣ*

**32.** Хонед ва ба кадом маъно омадани калимаи ***зарф***-ро шарҳ диҳед. Ҷумлаи чорумро нависед.

1. Банда кай гардад он, ки бошад ҳур,
Натавон кард **зарфи** пурро пур.

*Саноӣ*

2. Он коғазҳоро дар **зарф (лифофа)** ниҳодам.

*Муҳаммад Авфӣ*

3. Ва **зарфи** (ҳавсалаи) вазир наздик ба зарфи подшоҳ бошад.

*Аҳмади Дониш*

4. **Зарф** ҳиссаи тағйирнаёбандаи нутқ аст, ки аломати амалро нишон медиҳад.

**Савол ва супориш**

1. Боз кадом тобиши маъноии ***зарф***- ро медонед?
2. Бо истифодаи калимаи ***зарф*** ҷумлаҳо тартиб диҳед

**33.** Порчаро возеҳ бихонед ва мавзӯи онро аниқ карда шарҳ диҳед.

Агар инсон бидонад қадри худро,
Бидонад қимати буду набудро.
Тавозуъ мекунад доим ба модар,
Ба ҷони хеш медонад баробар.
Агар донад, ки наздаш модар ояд,
Ба истиқболи модар бо сар ояд.
Ба назди ӯ сари зону нишинад,
Дар ин кораш адои қарз бинад.

Дилаш болида, кӯдакворхандад,
Намояд ҳазл, то модар писандад.
Аҷаб не, ки бигӯяд: «Модари ҷон,
Калон гардидаам акнун дучандон.
Гумон дорам, наметобед гӯшам,
Ки ҳоло андаке боақлу ҳушам. »

*Файзулло Ансорӣ*

**Савол ва супориш**

1. Шумо модарро чӣ гуна истиқбол мегиред?
2. Калимаҳое, ки аломати ашё ва аломати амалро мефаҳмонанд, ёбед ва нависед?

Он ҳиссаи нутқ, ки аломати амал, предмет ва аломати аломатро фаҳмонида, ба саволҳои **кай?, чӣ тарз?, чӣ тавр?, куҷо?, чӣ қадар**? ва ғайраҳо ҷавоб мешавад, **зарф** номида мешавад.

**Дарҳол** Ҳасан бархоста, дари хона бар хештан бибаст.

Чун абёт ба анҷом расид, **сахт** бигрист.

**Фардо** дар интизори шумо хоҳам буд.

Ҳасан **оҳиста-оҳиста** аз қаср фуруд омад ва ба манзили хеш бирасид.

Калимаҳои **дарҳол, сахт, фардо ва оҳиста-оҳиста** зарф буда, аввалӣ дар замони кӯтоҳ, дуюмӣ миқдору дараҷа, сеюмӣ замон ва чорумӣ тарзи иҷрои амалро шарҳ медиҳад.

Зарфҳо асосан ба вазифаи ҳолҳо меоянд.

**34.** Ҳикояро хонед ва мазмунашро мухтасар нақл кунед. Гӯед, ки моҳияти асосии ҳикоя дар кадом байти ин қитъа ифода ёфтааст. Онро шарҳ диҳед.

Рӯбоҳе бо гурге дами мусодақат мезад ва қадами мувофақат мениҳод. Бо якдигар ба боғе гузаштанд: дар устувор буду деворҳо пурхор. Гирди он гардиданд, то ба сӯрохе расиданд, ки бар рӯбоҳ фароху бар гург танг. Рӯбоҳ осон даромад ва гург бо заҳмати фаровон. Ангурҳои гуногун диданд ва меваҳои рангоранг

ёфтанд. Рӯбоҳ зирак буд, ҳоли берун рафтанро мулоҳиза кард ва гурги ғофил чандон, ки тавонист ва бихӯрд. Ногоҳ боғбон огоҳ шуд ва чӯбдасте бардошт ва рӯй бар эшон ниҳод. Рӯбоҳи борикмиён зуд аз сӯрох биҷаст ва гурги бузургшикам дар он ҷо маҳкам шуд. Боғбон ба вай расид, чӯбдасте кашида чандонаш бизад, ки гург на мурда, на зинда, пӯст дарида ва пашм кандида аз он тангной берун рафт.

**Қитъа:**

Зӯрмандӣ макун, ай хоҷа, ба зар,
К-охири кор забун хоҳӣ рафт.
Фарбеҳат кард басе неъмату ноз,
З-он бияндеш, ки чун хоҳӣ рафт?!
Бо чунин ҷусса, надонам, ки чӣ сон
Ба дари марг бурун хоҳӣ рафт!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

**Луғат**

**мусодақат** – садоқатмандӣ, вафодорӣ
**забун** – нотавону заиф ва хору зор шудан

**Савол ва супориш**

1. Сифатҳои матнро ёбед ва ба чӣ вобаста шудани онҳоро шарҳ диҳед.
2. ***Рангоранг*** чӣ тавр сохта шудааст? Чанд сифати бо ин қолаб сохташударо номбар кунед.
3. Кадом ифодаҳо чун шеъранд? Онҳоро ёбед ва аз ёд кунед.
4. Дар ҳаёт ба ин монанд ҳодисаро мушоҳида кардаед? Шумо ба мазмуни ҳикоя мувофиқ ҳастед ё не?

**35.** Матнро бодиққат хонед ва гӯед, ки кадом хислатҳои шахс одамро маҳбуби дилҳо мегардонад. Сифатҳо ва зарфҳои матнро ёбед ва дар сутунҳои алоҳида нависед.

Турсунзода шахси ниҳоят ором ва вазнину бо виқор буд. Надидаам, ки дар лаҳзаҳои душвор ва баҳсҳои оташафрӯз садояшро баланд карда, сахт ва ба шиддат

сухан карда бошад. Гапи касеро, ҳатто ҳарифашро, ки нораво мегӯяд, намебурид, хомӯш, бе ҳеҷ асари асабоният гӯш мекард. Агар ба ин суханҳо ҷавоб гуфтанӣ шавад, чунон оромона ба гап сар мекард, ки гӯё суханҳои ноҳақ ва беадабонаи ҳарифро нашунида бошад. Ба ҳамин оромӣ фикру андешаҳояшро дар муқобили ҳарифаш ба далелу бурҳони қотеъ баён мекард. Турсунзода ниҳоят хушгап ва дар мавридҳои муносиб зариф буд. Дар суҳбати дӯстон байтҳои шойгони классиконро далел ва ба тақвияти фикраш меоварад. Табассуми шинам ва хандаи латиф аз дилу ҷон дошт. Бо ин хислатҳо дӯстонро ба худ қаринтар ва дили ошноёни навашро тасхир мекард. Ин буд, ки Турсунзода дар ватани худ ва берун аз марзҳои он дили дӯстонро зуд меёфт, мухолифони фикриро ба ифоқа меовард ва ҳамоишҳои пуршиддату пурихтилофро ба маҳфили дӯстон мубаддал менамуд.

Хислатҳои шоистаи шахсии Турсузода ба тавфиқи фаъолияти иҷтимоиву давлатиаш ва ҳалли мусбати бисёр мушкилоти ихтилофот роҳ мекушоданд. Дар ифои вазифаи пурмасъулият ва судманди раиси Кумитаи ҳамраъйии Осиёву Африқо на танҳо кордониву сиёсатшиносӣ, балки хислатҳои некуи инсонии Мирзо Турсунзода омили муҳимме буд. Боре шунида будам, ки дар мувофиқати яке аз масъалаҳои ҳамзистиву ҳамкории кишварҳои Осиёву Африқо миёни ходимони номоёни фарҳангу илму адаб ихтилоф пайдо шуда, касе роҳи бартараф намудани онро эҷод карда натавонистааст. Дар ҳамоише, дар Кипр барпо шудааст, Мирзо Турсунзода тавонистааст, ки ширкаткунандагони ҳамоишро ба мувофиқаву мусоламат бирасонад.

*Расул Ҳодизода*

**Савол ва супориш**

1. Ба матн чӣ номро мувофиқ медонед?
2. Зарф ва сифатҳоро аз матн ёфта, фарқи онҳоро маънидод кунед.
3. Ифодаи ***сухани шӯрангез*** -ро шарҳ диҳед.
4. ***Мавҷи оташин***, яъне чӣ?

**36.** Порчаи манзумро хонед ва мазмунашро нақл кунед. Гӯед, ки кадом лаҳзаи он бароятон муассир буд ва чаро? Дар ҳаёт агар чунин ҳодисаро мушоҳида карда бошед, онро дар шакли нақли мухтасар нависед. Нақлро чӣ унвон муносиб аст?

Навҷавони қайсаре бо карру фар
Субҳгоҳе дошт аз роҳе гузар.
Н-озмуда харҷу дахли зиндагӣ,
Ночашида бори нахли зиндагӣ.
Кай назар кардӣ ба сангу обу гил,
Бо салобат роҳ паймудӣ чу фил.
Аз қазо он субҳ пире нотавон
Бо сари хам қад-қади раҳ буд равон.
Чеҳраи ӯ аз арақ нам буд, нам,
Қоматаш мисли камон хам буд, хам.
Навҷавони кӯтаҳандеш он замон
Гуфт: – Бобо, мефурӯшӣ ин камон?
Пир посух дод ӯро, к-эй ҷавон,
Ман ҳам амсоли ту будам як замон.
Рост буд ин қоматам чун найшакар,
Мӯйҳо қатрону рӯ – рашки қамар.
Бозувоне доштам чун кӯҳкан,
Буд дандонҳои ман хорошикан.
Борҳо рафтам ба майдони набард,
Ҷисми душманро намудам гард-гард.
Лекин аз бемеҳрии чун ту ҷавон,
Низ аз захми чунин неши забон,
Ин тани бечораам ранҷур гашт,
Нур аз чашмам, дареғо, дур гашт.
Қоматам хамбиду мӯям шуд сапед,
Дасту по ларзад кунун чун барги бед.
Пир гардӣ гар ту ҳам, эй навҷавон,
Медиҳад айём бепул ин камон!

*Собир Зикирзода*

**Савол ва супориш**

1. ***Кӯтоҳандеш***-ро аз ҷиҳати сохт шарҳ диҳед.
2. Дар нақли навиштаатон аз сифат бештар истифода бурдед ё аз зарф? Чаро?

3. ***Гард-гард*** -ро чӣ тавр мефаҳмед? Он зарф аст ё сифат?

4. Чаро ***қад-қади, к-эй, гард-гард*** бо нимтире навишта шудаанд?

Зарфҳо дорои хусусияти махсусанд, ки асоситаринашон инҳоанд:

а) бандаки изофӣ қабул накарда, дар алоқаи ҳамроҳӣ меоянд;

б) асосан ба феълҳо вобаста мешаванд;

в) шакли ҷамъ надоранд;

г) бо пешоянду пасоянд намеоянд;

ғ) дараҷаи одию қиёсӣ ва олӣ доранд.

## НАВЪҲОИ ЗАРФ

**Зарфҳо мувофиқи маъно ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: зарфҳои ҳолӣ (ё ҳолат) ва зарфҳои тавсифӣ (аломат).**

Зарфҳои ҳолӣ замон, макон, сабабу мақсадро ифода мекунанд (бегоҳӣ рафтан, ба он ҷо рафтан, ночор мондан).

Зарфҳои тавсифӣ тарз, монандӣ ва миқдору дараҷаи иҷрои амалро ифода мекунанд (аспакӣ омадан, шоирона ҳарф задан, андаке зиёд кардан).

**37.** Ҷумлаҳоро хонед ва ба калимаю ифодаҳои ишорашуда саволҳо гузоред. Онҳоро аз рӯйи маъно шарҳ диҳед.

1. ***Тозон*** қариб ба вагон расида будам, ки поезд наъраe кашида ба ҳаракат даромад.

2. ***Ниҳоят*** илоҷи ҷойгардонии дегчаро ёфтам. Боэҳтиёт дегчаро ба дари вагон пахш карда истодам.

3. Мо бо рафиқ Ғафуров борҳо ***он ҷо*** (ш. Панҷакент) сафарҳо карда будем.

4. Ман ***ноилоҷ*** ба сирри ошпазиам иқрор шудам.

5. Дар ҳар куҷое, ки Мирзо Турсунзода пайдо мешуд, ӯро ***фавран*** одамон гирд мегирифтанд.

6. Бобоҷон Ғафуров ниҳоят ***бомантиқу воқифона*** ҳарф мезаданд.

*Холмурод Шарифов*

**38.** Ҷумлаҳоро нависед ва зарфҳои онро ёфта, саволҳо гузоред. Гӯед, ки ба кадом навъи зарфҳо мансубанд.

1. Борон нарм-нарм ба рӯяш сила мезад, гили нам варақ-варақ аз нақши пояш мехест.
2. Деҳ чун ҳамеша барвақт дар хоб буд.
3. Ниёз қаблан дар чунин ҳоле наяфтода буд.
4. Кампирак боҳавсала номаҳоро як-як таҳ карда, дар сандуқ мемонад.
5. Шаҳрвандон ҳама пасрӯ ҳаракат мекарданд.
6. Модар дарро оҳиста ва бесадо мекушояд, модар чун фариштаи Осмон сабук ва беовоз роҳ мегардад.

*Сотим Улуғзода*

**39.** Матнро хонед ва таассуроти худро нақл кунед. Зарф ва сифатҳои матнро ёбед ва фарқи онҳоро шарҳ диҳед.

Рӯдакӣ қалам меронд. Аммо овози суруду нағма, ки аз кӯшки бону ба гӯш мерасид, баландтар шуда, ақли шоирро медуздид. Вай қаламро гузошта, аз ҷой бархост ва берун рафт, гӯш андохт. Суруду нағма гӯё ки ӯро ба сӯйи худ даъват мекард. Шоир овозро дунболагирӣ карда, бо нардбонча ба боми хонаи дуошёнаи ҳамсоя баромад ва оҳиста-оҳиста қадам монда рафт…

Баногоҳ аз пеши ӯ ҳавлии шоҳонае баромад, ки калон ва бағоят зебо буда, дар саҳнаш як бех тӯбсадаи калон, дар зери сада шаҳсуфаи фарохи мураббаъ, дар гирдогирдаш хонаҳои оинадор бо дару даричаҳои кандакорӣ, деворҳои гаҷкорӣ ва айвонҳои мунаққаш дошт. Пушти ҳавлӣ якчанд духтари соҳибҷамол бо либосҳои ҳариру дебо рубобу дойра навохта ва тарона гуфта мерақсиданд. Зане рӯйи кӯрпачаҳои адрасу шоҳӣ ба лӯлаболиштҳои пӯпакдор такя карда нима дароз кашида буд ва ӯро духтаре бо бодбезак бод мекард. Пай

бурдан мумкин буд, ки ин зан бонуи хонаводa буда, духтарон канизакони ваянд, ки барои дилхушии бонуяшон базми таронаву рақс оростаанд.

Рӯдакӣ худро ба пушти мӯрӣ гирифта ғарқи тамошо гардид. Рақсу тарона торафт авҷ мегирифт, аммо бону пинак мерафт. Вай нохост ҷунбида, чашм кушода базмро қатъ кард:

– Хуб, акнун бас кунед. Ҳамаатон паси кори худ шавед. Ту, Нигина,– муроҷиат кард бону ба як нафар духтаре, ки ҳамин ҳоло як навъ маҳзунона мерақсид ва чашмони андуҳноке дошт, – бимон, ба ман китоб мехонӣ.

Духтаре, ки Нигина хитоб ёфт, китобро гирифта, орому хомӯш ба назди бону нишаст.

*Сотим Улуғзода*

**Савол ва супориш**

1. Ҷумлаҳои зарфдорро нависед ва тарзи сохта шудани зарфҳоро шарҳ диҳед.
2. Зарфҳо дар матн ба кадом калимаҳо вобаста гаштаанд? Аз рӯйи маънояшон ба кадом савол ҷавоб шуданашонро аниқ созед.
3. ***Ақли шоирро медузданд*** чӣ маъно дорад?

**40.** Матнро хонед ва мавзӯи асосии онро муайян кунед. Гӯед, ки сифат ва зарфҳо дар матн чӣ нақше доранд.

Агар пагоҳон дар вақти баромад – баромади Офтоб ё ин ки бегоҳон ҳангоми фурӯ рафтани Хуршеди ҷаҳонтоб ба болои он тал мебаромадед, манзараеро медидед, ки қалам аз тасвири он оҷиз аст; дар як гӯшаи шарқии он тал ба болои тахтасанги мармаре нишаста, ба рӯйи замин назар меандохтед, алафзорҳои юнучқа, ки то миёни одам қад кашида, ҳанӯз гул накардаанд, ба назаратон ҷилвагар мешуданд. Дар он юнучқазорҳо барраҳои ширмаст, ки барои озодона чариданашон соҳибонашон сар додаанд, монанди мурғобиҳои дар даруни оби зулол шино мекардагӣ сайр менамуданд

ва ҳар кадом буттаи алафе, ки ба назарашон хуш ояд, бо дандони нафиси садафини худ аз сари он оҳисте-как канда мегирифтанд. Бузғолаҳои шӯхшанги беором аз он ҳама алафҳои дилрабо рӯй тофта, магар барои ҳунарнамоӣ бошад, ба сӯйи тал медавиданд, бо баҳонаи хӯрдани хор ё чаридан дар ҷангалзор то болои мазор давон-давон мебаромаданд.

Аз ранги сабзи зумуррадини алафзор чашми худро об дода, қадре он сӯтар назар меандохтед, пайколҳои харбузаи нав ранговарда, майдонҳои ғӯза ва пахтаи нав гулкарда ва кӯракбаста, ҷуворихои баландқомати нав саркашида яке аз паси дигаре назари тамошои шуморо ба сӯйи худ мекашид.

*Садриддин Айнӣ*

**Савол ва супориш**

1. Ҷумлаҳои зарфдорро нависед ва ба кадом навъ тааллуқ доштани зарфҳоро шарҳ диҳед.
2. Гӯед, ки зарфҳо ба кадом калимаҳо вобаста шудаанд.
3. Сифатҳои феълии дар сарсатри охир истифодашуда ба ҷумла чӣ оҳанге бахшидаанд?
4. Имлои калимаҳои бо нимтире навишташударо шарҳ диҳед.

## Роҳҳои сохта шудани зарфҳо

**Дар сохтани зарф пешванд ва пасвандҳои зерин иштирок мекунанд:**

***бе*** – беибо, беамон, бемалол, беихтиёр, беҳад, беандоза, бениҳоят, беист…

***но*** – нохост, ногуфт, ноҳақ, ноилоҷ, ночор…

***ба*** – базӯр, баҳузур, бароҳат, батафсил, бағоят…

***бар*** – барвақт, бармаҳал…

***бо*** – босуръат, бошитоб, боизтироб, боэҳтиёт…

***дар*** – даррав, дарҳол, дартоз…

***то*** **–** торафт…

***она*** – мардона, хашмгинона, рӯзона, бошарафона, шоирона, саъдиёна, калонворона…

-***ан***: зӯран, маҷбуран, тамоман, қисман, сахван, фавран, баъзан, бадоҳатан, қасдан…
-***нокӣ***: рӯйнокӣ, пуштнокӣ…
-***акӣ***: даҳанакӣ, аспакӣ. .
-***о***: ошкоро, иттифоқо, гоҳо, басо…
-***вор***: бародарвор, Рӯдакивор…
-***ӣ***: яктоӣ, ҷиддӣ…
**-*е***: хеле, андаке.

**Бо роҳи мураккабшавии калима (ҳамроҳ гаштани ду реша) ва таркибҳо низ зарфҳо сохта мешаванд:** саросар, лаболаб, якзайл, оҳиста-оҳиста, як-як, давон-давон, якпаҳлу, зӯр ба зӯракӣ, рӯз то рӯз, худ аз худ, рӯ ба рӯ.

## КОР БО МАТНИ ШАРҲИ ҲОЛ

**Ба саволҳо ҷавоб диҳед.**

1. Дар синфҳои 5 ва 6 бо кадом ҳуҷҷатҳои расмии коргузорӣ ошно шудед?
2. Оё медонед, ки кадом талабот нисбат ба ин гуна ҳуҷҷатҳо гузошта шудаанд?
3. Ҳуҷҷатҳои расмии коргузорӣ чӣ махсусиятҳо доранд?
4. Ин ҳуҷҷатҳо дар кадом шакл иҷро мешаванд?
5. Гӯед, ки ҳуҷҷатҳои расмии коргузорӣ чӣ вазифаро иҷро мекунанд ва кай навишта мешаванд?
6. Ҷузъҳои таркиби эълонро чиҳо ташкил мекунанд? Шарҳ диҳед.

**41.** Матнро хонед ва гӯед, ки кадом калимаҳо дар ошкор кардани хислатҳои шахс нақш доранд. Калимаҳои мураккаби матнро нависед ва тарзи сохтани онҳоро шарҳ диҳед.

Шарифҷонмаҳдум писари дуюми домулло Абдушукури қозикалон аст, ки ӯ аз Бухоро буда, падар ва бародаронаш ба шустагарӣ машғулӣ доштаанд ва худи Абдушукур ҳам дар хурдсолиаш чанде дар ин пеша шогирдӣ кардааст.

Шарифҷонмахдум одами баландқомат, сафедрӯй, мешчашм, хурмоириш буда, дар вақте ки ман ба хидмати ӯ даромадам, 27 сол умр дошт. Шарифҷонмахдум дар хушхатӣ, хушсаводӣ, шеърфаҳмӣ ва маорифдӯстӣ дар байни муллозодагони Бухоро қариб ягона буд.

*Садриддин Айнӣ*

**Савол ва супориш**

1. Якчанд исм ва сифатҳое созед, ки аз ду ва зиёда решаҳо сохта шуда бошанд ва онҳоро шарҳ диҳед.
2. Чаро дар ин матн аломати вергул бештар истифода шудааст?
3. Тақлидан ба матн дар бораи дӯсти наздикатон порчае тартиб диҳед ва гӯед, ки дар он аз кадом калимаҳо бештар истифода бурдед.

**42.** Матнро бодиққат хонед ва ба тартиби навиштани матни шарҳи ҳол зеҳн монед.

Ман, Саидова Ҳусноро Холиқовна, 20-уми майи соли 1980 дар шаҳри Қӯрғонтеппа дар оилаи омӯзгор ба дунё омадаам. Соли 1968 падарам маро ба синфи якуми мактаби миёнаи № 5 ш. Қӯрғонтеппа бурданд. Мактаби мазкурро соли 1988 бо медали тилло хатм кардам. Дар солҳои таҳсил дар корҳои ҷамъиятӣ фаъолона иштирок доштам.

Дар синфҳои 6-7 сардори синф будам ва дар синфҳои 10-11 муовинии роҳбари маҳфили забоншиносони ҷавонро ба дӯш доштам. Соли 1985 дар озмуни фаннии мактаббачагони ҷумҳурӣ ширкат карда, аз фанҳои забон ва адабиёт ғолиб гардидам. Дар соли 1999 ба факултаи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ дохил шуда, онро бо ихтисоси муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм кардам. Айни ҳол дар мактаби № 5 ш. Қӯрғонтеппа кор мекунам ва унвонҷӯи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф мебошам. Оилаи мо аз 5 нафар иборат аст. Падарам, Холиқ Саидов, омӯзгори фанни математикаи мактаби миёнаи рақами

12 шаҳри Қӯрғонтеппа мебошад. Модарам, Саидова Матлуба, дар боғча мураббӣ шуда кор мекунад.

Бародарам, Саидалӣ Саидов ва хоҳарам, Назокат Саидова хонандагони муассисаи таҳсилоти умумии №12 ш. Қӯрғонтеппа мебошанд.

Нишонӣ: ш. Қӯрғонтеппа, кӯчаи .... . 16, хонаи 35.

Таърихи рӯз / Имзо /

**43.** Аз рӯйи намунаи матни боло аз кадом ҷузъҳо таркиб ёфтани **шарҳи ҳол**-ро муайян кунед ва онҳоро батартиб нависед.

(Ному насаб, таърихи таваллуд, ҷой, моҳ ва соли таваллуд, таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ, шуғл ва ҷойизаҳо (агар бошанд), ширкат дар корҳои ҷамъиятӣ, маълумоти мухтасар дар бораи падару модар (ному насаб ва кору ҷойи зист), вазъи оилавӣ ва таркиби он, таърихи таҳияи санад, имзои муаллиф).

Шарҳи ҳол одатан ҳангоми дар ягон муассиса ба кор даромадан навишта мешавад.

**44.** Матне нависед ва дар он сифатҳои ягон шахсро баён кунед. Ба зери калимаҳое, ки хислатҳои шахсро баён мекунанд, хат кашед. Муайян созед, ки барои ин корро анҷом додан бештар аз кадом ҳиссаҳои нутқ истифода кардед.

**45.** Бо истифодаи калимаҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед ва сипас роҳҳои сохта шудани онҳоро шарҳ диҳед. Саволҳо гузоред ва муайян кунед ва кадом ҳиссаи нутқ буданашонро гӯед.

Ҷиддӣ, оқилона, одилона, фаъолона, бо ҷиддият, бо тамоми неру, самимӣ, самимона, ботартиб, бонизом, бомулоҳиза, боилтифот, бодиққат, дақиқона, масъулиятшиносона.

**46.** Матнро возеҳ хонед ва сипас калимаҳоеро, ки хислатҳои Пайравро муайян мекунанд, ёбед ва нависед.

Отаҷон Сулаймонӣ Пайрав дар арафаи асри мо, дар соли 1899 дар Бухоро, дар оилаи Абдукаримҷон ном

савдогари қарокӯлфурӯш, дар як хонаводаи нисбатан кушодарӯ, шеърдӯст ва шоирпарвар ба дунё омад. Падараш марди соҳибмутолиае буд… Модараш, Бибисаломат зани босаводе буда, ба хондани адабиёти классикӣ шавқи зиёде дошт. Бобои модариаш Яъқуби Мухлис аз шоирони давраи охир мебошад. Тағои вай Шоиқ шоири хубе буда, дар назди яке аз рафиқони наздики Пайрав Вафо Чӯлибоев шеър машқ мекард.

Пайрав аввалин шеърҳои худро бояд бо талқини тағоияш Шоиқ навишта бошад. Ӯ аз хурдӣ ба мутолиа ҳавас пайдо карда буд.

*Раҳим Ҳошим*

**Савол ва супориш**

1. Матн аз машқи 41 чӣ фарқ дорад?
2. Матн ба кадом услуби забон наздик аст?
3. Дар дарсҳои адабиёт ба чунин матнҳо вохӯрдаед? Номбар кунед.
4. Аз матн исмҳои хосро муайян карда, имлояшонро шарҳ диҳед.

**47.** Дар бораи шахсе, ки бароятон ошност, матне таҳия кунед ва дар он хислатҳояшро баён созед. Гӯед, ки ҳангоми навишт чӣ мушкилоте пеш омад ва онро чӣ тавр ҳал кардед.

*Намуна:* Дӯсти ман Фаршед бачаи бисёр зираку доност. Ӯ ҳамеша ба сару либоси худ аҳамият медиҳад. Либосҳояш тозаву озода ва пойпӯшаш пок буда, ба назар ялтарросӣ мебошанд. Дилу дасти пок дорад Фаршед. Агар ягон чизи одамон, ба хусус аз хонандагони мактабро дар кӯча ё саҳни мактаб пайдо кунад, зуд ба омӯзгор месупорад. Ҳамаи хонандагони мактабамон ин хислати ӯро медонанд.

Фаршед хондани китобро дӯст медорад. Агар ягон китоби нав ба дасташ афтад, кӯшиш мекунад, ки онро дар муддати кӯтоҳ мутолиа намояд. Вай дар ҳамаи дарсҳо фаъолона иштирок мекунад ва ҳамаи фанҳоро медонад, вале бештар ба фанни физика шавқ дорад.

То масъалаҳои физикаро ҳал накунад, аз мизи кор сар намебардорад. Ман бо боварии комил гуфта метавонам, ки дӯсти ман Фаршед рафиқи беҳтарин аст.

*Масъуд*

**48.** Матнро хонед ва гӯед, ки аз матнҳои пешин чӣ фарқ дорад. Сарсатр риоя шудааст?

Ман, Аҳмадов Фирӯз, 31 ноябри соли 1965 дар деҳаи Ҳуснободи ноҳияи Файзобод, дар хонаводаи омӯзгор таваллуд шудаам. Соли 1983 таҳсилро дар муассисаи таҳсилоти умумии рақами 38 ба итмом расонида, ба факултаи химияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон дохил шудам. Аз соли 1984 то соли 1986 дар сафи Артиш хидмат намудам. Пас аз адои хидмати низомӣ таҳсилро дар факултаи донишгоҳи зикршуда идома додам ва онро соли 1990 ба итмом расонидам. Аз сентябри соли 1990 то ҳол дар муассисаи таҳсилоти умумии рақами 36 ба сифати омӯзгори фанни химия фаъолият дорам.

Дар корҳои ҷамъиятӣ фаъолона иштирок менамоям. Падарам, Аҳмадов Юсуф, нафақахӯр аст. Модарам, Саъдуллоева Салима, хонашин мебошад. Завҷаам, Насиба Раҳмонова, муаллимаи синфҳои ибтидоӣ аст. Писарам, Ҷамшед Аҳмадов, соли таваллудаш 1995, донишҷӯи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Нишонӣ: н. Файзобод, деҳаи Ҳуснобод.

20 июни соли 2007 /Имзо/

**Савол ва супориш**

1. Муайян кунед, ки дар шарҳи ҳол бештар кадом феълҳо истифода мешаванд.
2. Чаро ***таваллуд шудам*** нею ***таваллуд шудаам***?
3. Оё феълҳои ҷумлаҳои матнро бо муродифҳои он иваз карда метавонед?

**49.** Аз китоби «Адабиёт» маълумоти оид ба ҳаёт ва фаъолияти ин ё он адиб додашударо хонда, шарҳи ҳоли ин ё он нависандаро нависед.

**50.** Матни зеринро хонед. Дар ин матн талабот нисбат ба шарҳи ҳол риоя шудааст ё не? Ба сарсатри дувум аз охир зеҳн монед. Оё пешоянди **бо** (ба кори) дар мавқеаш омадааст ё не?

**Шарҳи ҳол**

Ман, Малоҳат Исматовна Бобоева, 10 марти соли 1968 дар ш. Душанбе, дар оилаи хизматчиён таваллуд шудаам. Падару модар: падарам: Бобоев Исмат – муҳандис-механики корхонаи Тоҷиктекстилмаш, модарам, Бобоева Гулсум, муаллимаи синфҳои ибтидоии мактаби № 65, додарам Бобоев Нуралӣ – донишҷӯи курси 4-уми Донишгоҳи техникии Тоҷикистон.

Ман соли 1984 синфи 10-уми мактаби миёнаи № 65-и шаҳри Душанберо хатм намуда, ба Омӯзишгоҳи касбҳои техникии № 5 дохил шудам ва онро соли 1985 бо ихтисоси котиба-машинистка хатм намудам. Баъди омӯзишгоҳро хатм кардан ба Вазорати энергетикаи ҶТ, ба вазифаи котиба барои кор фиристода шудам. Соли 1986 маро ба вазифаи котибаи калон гузарониданд ва аз соли 1990 то ҳоло мудири шуъбаи дафтардорӣ шуда кор мекунам. Соли 1998 барои бомуваффақият иҷро намудани супоришҳо бо Ифтихорномаи Вазорати энергетикаи ҶТ мукофотонида шудам.

Ба кори ҷамъиятӣ машғул мебошам, соли 1995 ҷонишини раиси кумитаи иттифоқи касаба интихоб гардидам, малакаи касбиамро доимо такмил медиҳам. Соли 1996 курсҳои такмили ихтисоси коркунони иттилоотиро бо баҳои аъло хатм намудам.

Шавҳар дорам. Шавҳарам, Аҳмадов Шавқат Аҳмадович, соли таваллудаш 1965, ходими калони илмии Пажӯҳишгоҳи илмию таҳқиқотии биофизикаи растаниҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон шуда кор мекунад. Писарам, Аҳмадов Нуралӣ, ба кӯдакистон меравад.

Суроға ва телефони хонаи ман:

*аз китоби «Асосҳои коргузорӣ»*

**51.** Матнро хонед. Сипас ба матни боло муқоиса кунед. Байни онҳо чӣ фарқ ҳаст? Ба назари шумо кадомаш беҳтар аст?

### Шарҳи ҳол

Ман, Саъдуллоев Саидакрам Ёдгорович, 31 ноябри соли 1985 дар деҳаи Шулмаки ноҳияи Ғарм (ҳозира Рашт), дар оилаи деҳқон таваллуд шудаам. Соли 2001 таҳсилро дар мактаби миёнаи № 80 ба охир расонида, барои идомаи таҳсил ба ш. Душанбе омадам. Соли 2001 ба факултаи таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, **шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ** дохил шудам. Соли 2006 таҳсилро дар ДМТ бо дипломи аъло ба анҷом расонидам.

Падарам: Саъдуллоев Ёдгор Бозорович, соли таваллудаш 1945, коргар, сокини деҳаи Шулмаки ноҳияи Рашт. Модарам, Каримова Гулнисо Ҳакимовна, соли таваллудаш 1950, хонашин, сокини деҳаи Шулмаки ноҳияи Рашт. Дар оилаи мо инчунин бародаронам Аҳрор (соли таваллудаш 1987) ва Саттор (соли таваллудаш 1991) зиндагӣ доранд.

Нишонӣ: ш. Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ 16, хонаи 35,

Имзо /              / Саъдуллоев С. Ё.

24 августи соли 2009

*аз «Ҳуҷҷатнигорӣ»-и Диловаров М., Қурбонов С.*

### Савол ва супориш

1. Аломатҳои китобат дар матн дуруст истифода шудаанд ё не?
2. Ба тарзи навишти исмҳои хос ва калимаи кӯтоҳкардашуда диққат диҳед.
3. Феълҳои ҷумлаҳоро муайян кунед. Гӯед, ки аз ҷиҳати сохт кадом навъи феълҳо бештар истифода шуданд.
4. Гӯед, ки ифодаи бо ранги баланд чопшуда дар ҷояш омадааст ё не?
5. Шарҳи ҳолро нависед ва нуқсонҳои ба назаратон дар истифодаи аломатҳои китобат расидаро ҳангоми навиштан ислоҳ кунед.

## ЗАРФИ ТАРЗИ АМАЛ

**52.** Порчаро хонед ва шарҳ диҳед. Гӯед, ки ифодаҳои бо сиёҳи баланд чопшуда ба кадом ҳиссаи нутқ вобаста шудаанд.

Дӯст он аст, ки маиби дӯст
Ҳамчу оина **рӯ ба рӯ** гӯяд.
На ки чун шона бо ҳазор забон
Аз қафо рафта, **мӯ ба мӯ** гӯяд.

*Саъдии Шерозӣ*

**Савол ва супориш**

1. Порчаи манзумро ба наср баргардонед ва нависед.
2. Дар вақти ба наср баргардонидан чӣ ҳодиса рух дод?
3. Ба зарфҳо савол гузоред ва кадом навъ будани онҳоро маънидод кунед.
4. Имлои зарфҳои ишорашударо шарҳ диҳед.

Зарфи тарзи амал аломатҳои ниҳоят гуногуни амал – тарзу ҳолат ва вазъияти иҷрои амал (феъл)-ро мефаҳмонад ва ба саволҳои **чӣ тавр?, чӣ тарз?, дар кадом ҳолат**? ҷавоб мешавад: **рӯ ба рӯ, мӯ ба мӯ, чолокона, якбора, пай дар пай**.

Зарфҳои тарзи амал дар ҷумла ба вазифаи ҳоли тарзи амал меоянд: Қитъаи ӯ дар Бухоро **даст ба даст** ва **даҳан ба даҳан** мегузашт.

**53.** Ҷумлаҳоро навишта, ба зери зарфҳои тарзи амал хат кашед ва ба онҳо саволҳои мувофиқ гузоред.

1. Ӯ бо овози паст даҳанакӣ ҷавоб дод. (*С. А.)*
2. Раҷаб зуд-зуд қадам мемонд.
3. Кори душвор дастаҷамъона ҳалли худро меёбад.
4. Иброҳим аспакӣ мерафт.
5. Фирдавс бе тарсу ҳарос ба сафар баромад.
6. Бародарон Зариф ва Сайидалӣ гарму ҷӯшон вохӯрӣ карданд.

**54.** Бо истифодаи зарфҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед. Ба имлои зарфҳо диққат диҳед.

| | |
|---|---|
| ало-ало | дам ба дам |
| бодиққат | паснокӣ |
| дулунҷа | секаса |
| беист | тез-тез |

**55.** Ҷумлаҳоро хонед ва баъд онҳоро нависед. Саволҳои муносиб гузошта, зарфҳои тарзи амалро аниқ созед ва ба кадом калимаҳо тобеъ буданашонро шарҳ диҳед.

1. Пакана лаҳзае суст шуд, баъд якбора қоматашро рост гирифт ва чашмони ғазабборашро бо кароҳат ба муаллима дӯхт. 2. Пакана бошаст баргашта, китоб аз рӯйи миз бардошт ва баромада қасосашро аз дар ситонд. 3. Пакана дарҳол даст рӯйи сина ниҳода таъзим кард, боадабона таъзим кард ва худро чунон вонамуд кард, ки ба хаёл рафтааст. 4. Саҳни донишгоҳ, ки аз саҳар то шом мисли бозор серодам ва серғавғо буд, якбора холиву хомӯш гашт. 5. Насим дӯсташро пешвоз мегирад, бародарвор ба оғӯш мекашад ва хандон-хандон ҳолпурсӣ мекунад.

*Абдулҳамид Самад*

**56.** Ба саволҳои дохили қавс ҷавоби дуруст ёфта, ҷумлаҳоро нависед.

1. Кудак (чӣ тавр?) калон мешавад?
2. Неъмат дар бораи ҷашни Наврӯз (чӣ тарз?) нақл кард?
3. Оҳистамоҳ (чӣ тавр?) хандид?
4. Бибисоро (чӣ тавр?) гап мезанад?
6. Гулбибӣ меҳмононро (чӣ тавр?) пешвоз гирифт?

**57.** Байтҳо ва порчаи шеъриро возеҳ хонед ва зарфҳои тарзи амалро ёфта, чӣ гуна сохта шудану имлояшонро шарҳ диҳед.

1. Чакидан дошт чак-чак шираи ток,
Тапидан дошт аз гармӣ дили хок.

2. Ҳеҷ шунидӣ, ки рухи Осмон,
Ҷилва кунад лаълсифат дар ҷаҳон.

3. Аллагӯён тифлро хобондаӣ,
То саҳар гаҳвораагаш ҷунбондаӣ.

4. Тезтар, бурротар обат аз дами шамшер ҳам,
Софтар аз оби чашми тифли бетақсир ҳам.
Пурҷилотар аз рухи хуршеди оламгир ҳам,
Тундтар аз бод ҳам, аз бодпо нахчир ҳам.

*Мирзо Турсунзода*

**Савол ва супориш**

1. Байти якум ва дуюмро ба наср баргардонед ва зарфҳоро дар ҷойи аслиашон истифода баред.
2. Дар **шунидӣ ӣ** чӣ вазифаро адо кардааст?
3. Калимаи **бетақсир-**ро шарҳ диҳед.
4. Зарфҳо ба вазифаи кадом аъзои ҷумла омадаанд?

## ЗАРФИ МИҚДОРУ ДАРАҶА

**58.** Ҷумлаҳоро хонед ва ба кадом ҳиссаи нутқ тааллуқ доштани калимаҳои бо ранги баланд чопшударо шарҳ диҳед.

1. Баъди андак фурсат дар осмон як парандаи **хеле** калон пайдо шуд. (*С. А.)*
2. Ӯ дар майдон **бағоят** шармгинона меистод. (*С. А.)*
3. Подшоҳ ба вай **қадре** мис ва биринҷӣ дод. (*А. Д.)*
4. Одамон **тӯда –тӯда** ва **танҳо–танҳо** ба ҳар тараф **тез–тез** мерафтанд. (*С. А.)*
5. **Бисёр** шинам, **бисёр** дилкаш ва **бисёр** хушнамо афтода буд, ки одам аз диданаш сер намешуд. (С. А.)

Зарфи миқдору дараҷа андозаи иҷрои аломат ва амалро ифода карда, ба саволҳои **чӣ қадар?, чӣ андоза?, чӣ қадарӣ**? ҷавоб мешавад: **бисёр, хеле, андак, кам, зиёд, як миқдор, бағоят, ҷудо бисёр, камакак, як дараҷа.**

Зарфҳои миқдору дараҷа дар ҷумла ба вазифаи ҳоли миқдору дараҷа меоянд: *Дар баҳор токзору дарахтзор* ***бағоят*** *хурраму дилкушо гардида буд. (С. У.) Бо нияти*

*шаҳр рафтан кӯшиш мекардем, ки* ***камтар*** *хӯрем ва* ***зиёдтар*** *захира кунем. (С. У.)*

**59.** Ҷумлаҳоро нависед ва зарфҳои миқдору дараҷаро аниқ созед. Ба зерашон хат кашида, ба кадом калима вобаста шуданашонро шарҳ диҳед.

1. Шағол ва Самак аз овардани дояи ҷоду бағоят хурраму шодмон шуданд.
2. Ман кам-кам аз шарҳи ҳоли Қориишкамба хабардор шудам. (С. А.)
3. Дар аввали суҳбат пирамард як қадар амри маъруф кард. (С. А.)

**60.** Матнро хонед ва мулоҳизаатонро баён кунед. Агар ҳамин гуна ҳикоягӯиро мушоҳида карда бошед, мухтасар нақл кунед.

Тӯтапошшо ин ҳикояро бо образҳои бисёр равшан ва бо тасвирҳои содаи халқӣ бағоят дилчасп нақл карда буд. Бо вуҷуди хурдсолӣ ман ва дигар шунавандагон бо шунидани ин воқеа ба ҳаяҷон омада будем.

Ҳайфо, ки ман таъбир ва тасвирҳои он кампирро аз ёд баровардаам ва дар ин вақт, ки аз замони шунидаам ин ҳикояро шасту чанд сол гузаштааст, маҷбур шудам, ки бо забони худам нависам, лекин ба қадри имкон кӯшидам, ки умуман сода шавад. Дар ҳар ҳол ман он кампири 80-солаи бесаводро дар ҳикоябандии воқеаҳо устоди аввалини худ медонам ва ӯро ба некӣ ёд мекунам.

Тӯтапошшо дар ҳикоянақлкунӣ умуман бисёр ҳунарманд буд. Як бегоҳӣ, ки ҳанӯз шаб торик нашуда буд, модарам ба ман як коса ширбиринҷ дод, ки ба кампир бурда диҳам. Ошро бурда додам, кампир ба ман гуфт:

– Андак нишин, ман ошро хӯрда косаро медиҳам, гирифта мебарӣ ва модарат дар қатори дегу табақ инро ҳам шуста мемонад.

Ман нишастам. Дар ҳамон вақт писари Устохоҷа – Икромхоҷа омад ва дар паҳлуи ман нишаста аз кампир талаб кард, ки ягон ҳикоя гӯяд.

Кампир гуфт:

– Ман имшаб ба ҳикоягӯйӣ ҳавсала надорам, худамро бисёр суст мебинам, аз гушнагӣ хобам набурда истода буд, ошро ки хӯрдам, мехобам.

Икромхоҷа як дараҷа бачаи дағал буд, хусусан ба кампир хеле ҳазлҳои азобдиҳанда мекард:

– Агар ҳикоя намегуфта бошед, ман шуморо ба ош хӯрдан намемонам,– гуфт ва косаи ошро аз пеши кампир гирифта, гурехта дуртар рафта истод.

Кампир маҷбур шуд, ки ягон ҳикоя гӯяд ва ваъда дода, ошро аз дасти Икромхоҷа гирифта хӯрд ва ба ҳикоягӯйӣ сар кард.

*Садриддин Айнӣ*

**Савол ва супориш**

1. Зарфҳои миқдорро ёбед ва гӯед, ки ба шарҳи кадом калимаҳо омадаанд.
2. ***Ба забони худ нависам***-ро чӣ тавр мефаҳмед?
3. Шунидан ё хондани афсонаро дӯст медоред? Кадом афсонаҳо бароятон писанд аст?
4. Ба амали Икромхоҷа чӣ гуна баҳо медиҳед?

**61.** Матнро хонед ва зарфҳои миқдору дараҷаи онро муайян кунед ва нависед. Тарзи сохта шудани зарфҳоро шарҳ диҳед.

Лола дар баландӣ камтар нигоҳ карда истоду баъд поён фуромада, ба бинои стансия даромад. Даруни бино аз беруни он хеле чароғонтар буд. Муҳаммадаминов, ки марди нисбатан миёнсол, миёнқад ва хушмӯйлаб буд, дар дасташ латтаи тамоман равғанолуд ва калиди печкушо ба гирди мошин чарх зада мегашт ва ба кор машғул шуда, кадом як сурудро мехонд. Овози хониши вай бо ғуввоси трубина омехта шуда, базӯр-базӯр шунида мешуд. Лола ба назди тахасанги на он қадар калоне, ки ба рӯйи он калидҳо, волтметрҳо, амперметрҳо ва боз ким-чӣ хел соатҳо зада шуда буд, рафту бодиққат нигоҳ кард. Мили онҳо — забони сурхи он олатҳо ба вай

гуфтанд, ки стансия ниҳоят хуб кор карда истодааст ва дар ҷое ҳодисае нест. (Ҷ. Икромӣ)

**Савол ва супориш**

1. **Баландӣ** кадом ҳиссаи нутқ аст ва чӣ гуна сохта шудааст?
2. Муродифи феъли **даромадан**-ро гӯед.
3. **Забони сурхи он олатҳо ба вай гуфтанд**-ро чӣ тавр мефаҳмед?

## ЗАРФИ ЗАМОН

**62.** Ҷумлаҳоро хонед ва баъд нависед. Зарфҳоеро, ки замони ба вуҷуд омадани амалро мефаҳмонад, муайян кунед ва шарҳ диҳед.

1. Гирифтам дина мактуби аҷибе
   Зи як қишлоқи дури кӯҳии мо. *М. Миршакар*
2. Орзу бисёр дорад дил ҳанӯз. (*М. Т.)*
3. Сулҳия ҳозир имтиҳон супорида истодааст.
4. Шабонгоҳ кӯчаҳои шаҳрамон чароғон, зебо ва пуродам мешаванд.
5. Чунон писар бош, ки Ватан ҳам туро доимо ёд кунаду дӯст дорад.
6. Зебӣ фардо-пасфардо ба кор медарояд.

Зарфи замон вақту замони воқеъ шудани амалро фаҳмонда, ба саволи **кай?, кай боз**? ҷавоб мешавад: **дина, имрӯз, парер, порсол, ҳанӯз, ҳоло**, **фардо, шабошаб, алҳол, баъд, пагоҳ-бегоҳ**. Зарфи замон дар ҷумла ба вазифаи ҳоли замон меояд.

***Парерсол*** *ҳамин гуна ҳодиса рӯй дода будааст. (Ф. М.)*

*Соро* ***баъд*** *Ятимро дар оғӯши худ гирифт. (С. А.)*

**63.** Матнро хонед ва гӯед, ки ҳадафи нависанда чист. Ба матн чӣ ном гузоштан мумкин аст?

Муаллим ҳар пагоҳӣ аз дари хонаи калони редаксия ворид шуда, аввал ба аҳли хона назаре мепартофтанд. Чун Толисро дар он ҷо медиданд, дар остона пой кӯфта ё нидое бароварда, ӯро аз омадани худ огоҳ мекарданд. Пас, Толис аз як сӯй ва Раҳимзода аз сӯйи дигар ё бо қадамҳои паҳлавонона, ё резаи лӯкка, ё бо қадамҳои низомӣ, ё бо ягон рафтори дигар ба ҳам наздик мешуданд. Баъд саҳнаи аҷойибу мулоқоти ғароиб сар мешуд. Як рӯз ин ду нафар ба тарзи вохӯрии намояндагони кадом як қабилаи Африкаи Марказӣ мулоқот мекарданд, рӯзи дигар вохӯрии ҳиндувони Америкаи Лотиниро тақлид менамуданд. Масалан, баробари рӯ ба рӯ шудан чеҳраҳои худро ба ҳам наздик оварда, аввал пешонаҳояшонро ба якдигар оҳиста расонида мегирифтанд, сипас бинӣ ба бинӣ мемолиданд. Рӯзи севум медидед, ки эшон дастони ҳамдигарро сахт фишурда ва онро ба мисли мушкетёрҳои француз – қаҳрамонони китоби машҳури Дюмаи калонӣ бошаст болову поин карда, ким-чӣ гуна калимаҳои табрикии ба мо номафҳуми забони хориҷиро (ё шояд забони худашон дафъатан ихтироъ карда баровардаро) бо овози баланд такрор мекарданд.

Хоҳ дар хона фақат дуяшон бошанд, хоҳ хона пур аз одам бошад, ин гуна мулоқотҳо ҳар рӯз ба тарзи навбанав такрор мешуданд ва мо, ҳозирон, гоҳ аз ханда рӯдакан мешудем.

*Фазлиддин Муҳаммадиев*

**Савол ва супориш**

1. Ҷумлаҳои зарфҳои тарзи амал ва замондоштаро нависед.
2. Гӯед, ки зарфҳо ба кадом калимаҳо вобаста шудаанд?
3. Ба матн зарфҳои замон илова кардан мумкин аст? Дар ду ҷумлаи аввал бисанҷед.
4. Ба матн чӣ ном мувофиқ аст?
5. Шумо ҳангоми вохурӣ бо дӯстони наздик чӣ гуна муносибат мекунед?

**64.** Бо зарфҳои додашуда ҷумлаҳо тартиб диҳед ва нависед:

барвақт, навакак, фавран, доим, ҳамеша, шабона, рӯзона.

## ЗАРФИ МАКОН

**65.** Ҷумлаҳоро хонед, ба ифодаҳои бо ранги баланд чопшуда саволҳо гузоред ва чӣ тобиши маъноӣ доштани онҳоро шарҳ диҳед.

1. Як-ду рӯз дар **ин ҷо** хоб карда сиҳат шуда рафт. (Ҳ. К.)
2. Дарахтони арча **ҳар ҷо-ҳар ҷо** соя афканда буданд. (Ҷ. И.)
3. Шодӣ **поёнтар** аз ҳама нишаста буд. (Ҷ. И.)
4. **Боло** рафтану **поён** хамиданҳо аз кӯталҳо дилгирашон мекард. (С. У.)

Зарфи макон ҷой ва макони воқеъ шудани амалу ҳолатро мефаҳмонад. Зарфҳои макон аз ҳисоби дигар ҳиссаҳои нутқ – исм (***пеш, ақиб, қафо, дарун, берун, боло, поён***), сифат(***дуртар, наздиктар***), таркибҳои ҷонишинӣ (***ин ҷо, он ҷо, ин сӯ, он сӯ, он тараф***), аз такрори исм (***ҷо-ҷо, дарун-дарун***) ва зарфҳо ташкил ёфтаанд.

Зарфҳои макон одатан дар паҳлуи феъл омада, ба он тобеъ мешаванд: *Соҳиби хона Асоро болотар шинонд.* (Ҷ. И.) *Дар роҳ аробаҳо ин сӯ-он сӯ мегаштанд.* (С. У.)

**66.** Ҷумлаҳоро навишта, зарфҳои маконро муайян созед ва шарҳ диҳед. Гӯед, ки ба кадом феълҳо вобаста шудаанд?

1. Ман аввалин бор бо Ҳоҷӣ Абдулазизи Самарқандӣ дар ҳамин ҷо шинос шудам, нағмаи дутор ва овози дилнавози ӯро дар ин ҷо шунидам. (С. А.) 2. Ӯ хотирҷамъона гупсари худро ба канор меронд. (С. А.) 3. Мо аз паси соҳибхона боло баромадем. (С. А.) 4. Зайнаб аз ҷояш бархост ва давида берун баромад. (Ҷ. И.) 5. Дар ҳақиқат, аз дуртар дукур-дукур суми аспон шунида мешуд. (С. У.)

6. Модар мувофиқи талаби Сафар болотар баромада нишаст. (Ф. Н.)

* Бо истифода аз зарфҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед: дуртар, наздиктар, пештар, пеш-пеш, он ҷо.

**67.** Нақшаро хонед, ба зарфҳо саволи мувофиқ гузоред. Доир ба ҳар кадом ҷумла тартиб диҳед. Имлои онҳоро шарҳ диҳед.

| Зарфи тарзи амал | Зарфи замон | Зарфи макон |
|---|---|---|
| чолокона | ҳамеша | ин ҷо |
| батафсил | имрӯз | он ҷо |
| якбора | шабошаб | ҳама ҷо |
| пиёда | фардо- пасфардо | ҷо-ҷо |
| оҳиста | имсол | ақиб |
| аспакӣ | порсол | дарун |

**68.** Ба ҷойи нуқтаҳо зарфҳои мувофиқро гузошта, ҷумлаҳоро нависед. Имлои зарфҳоро дар хотир гиред.

1. Зайнаб якбора аз ҷояш бархост ва давида … баромада рафт. (Ҷ. И.) 2. Мо аз паси соҳибхона … баромадем. (С. А.) 3. Дар ҳақиқат, … дукур-дукури суми аспон шунида мешуд. (С. У.) 4. Аз … ба ин ҷо омадам, ки ҳамшираро бинам. (С. А.) 5. Модарам бо хоҳиши Сафар … баромада нишаст. (Ф. Н.)

(аз дуртар, берун, болотар, он ҷо, ба ақиб).

**69.** Бо истифодаи калима ва ифодаҳои зер ҷумлаҳо тартиб диҳед. Ба зери зарфҳо хат кашида, ба кадом вазифа омаданашонро шарҳ диҳед.

поён, боло, болотар, ин ҷо, ҳама ҷо, ин тараф, он тараф, ба канор.

**70.** Дар мавзӯи «Саёҳат ба табиат» иншо нависед ва аз зарфҳо, бахусус зарфҳои макон, истифода баред.

## КОР БО МАТНИ *ХАБАР*

**71.** Порчаро бодиққат хонед ва шарҳ диҳед. Аз мазмуни матн чӣ будани хабарро шарҳ диҳед.

***Хабар*** як жанри рӯзнома буда, ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад: ахборӣ (мақола, ҳисобот, репортаж, мусоҳиба) ва таҳлилӣ (мукотиба, мақола, тақриз, очерк, фелетон). Якумӣ дар бораи далелҳо ё ҳодисаҳо ахбор медиҳад, дувумӣ ахбор дода, далелҳоро таҳлил мекунад ва дорои хулоса аст. Ҳамаи хабарҳои навъҳои гуногун жанри ахборӣ мебошанд. Хабар аз ҳама жанри хурди рӯзнома аст. Он дар асоси як далелу ҳодиса таҳия мегардад. Ҳаҷми он аз даҳ то садҳо сатр буда, жанри бисёр машҳури рӯзнома ҳисоб меёбад.

Сабаби навиштану чоп кардани хабар баёни ҳодисаи рӯзмарра, навигарӣ, ҷолибу шавқовар будани он аст. Дар хабар таҳқиқи амиқ, муқоиса ё ҷамъбасти воқеа оварда мешавад. Талаботи муҳиму асосӣ ба он фаврӣ будан аст.

Мазмуни хабар мисли жанрҳои дигари ахборӣ ба шаш савол ҷавоб медиҳад. Чӣ ҳодиса рух дод? Дар куҷо ба амал омад? Кай ба вуқӯъ пайваст? Кӣ дар маркази ҳодисаи рухдода қарор дорад? Чаро ҳодиса рух дод? Услуби хабар кӯтоҳ аст. Муаллиф дар он аз рӯйи имкон аз давраҳои душвор гурез карда, ба тасвири чизи дуюмдараҷа машғул намегардад ва кӯшиш мекунад, ки як-ду ҷузъи муҳимро ёбад ва онҳоро равшан баён намояд.

Мавзӯи хабар басо гуногун буда, аз ҳамдигар бо таъйинот, забон ва банду баст фарқ мекунад. Дар рӯзноманигорӣ хабари кӯтоҳи бесарлавҳа ва бо сарлавҳаи мухтасар мегӯянд. Дар хабар мумкин аст, ки паҳлуҳои мусбат ва ё манфӣ баён гарданд.

Ахбор хабарҳоеанд оид ба ягон ҳодисаи нав ва муҳим ва барои хонанда шавқовар. Муаллиф хабар медиҳад, ки чӣ ҳодиса рух дод, кай, дар куҷо, бо кӣ, чӣ тавр, чаро ва маънои асосиро ҷудо мекунад. Дурустии санадҳо, навигарии он, сарлавҳаи ҷолиб, мухтасарӣ ва

дақиқии баён талаботи асосиеанд, ки дар навиштани хабар ба кор мераванд.

Ҳамчунин дар он ба чӣ мақсад ва ба кӣ нигаронида шудан ба ҳисоб гирифта мешавад.

**72.** Намунаи хабари зеринро хонед ва ба тарзи баён диққат диҳед.

Дар мактаби мо китобхона таъсис ёфт. Ҳар як хонандаи мактаб ва ҷавонони кӯчаи мо ба қадри имкон китобҳои гуногун туҳфа карданд. Ҳалима Шукурова ҳамаро номнавис карданд. Бачагони кӯчаҳои дигар низ бо мо ҳамроҳ шуданд.

Ба китобхона медароӣ, худатро гум мекунӣ, китоб фаровон аст. Ҳайрон мешавӣ, ки кадоме аз онҳоро гирӣ. Дар ин лаҳза Ҳалима Шукурова китобҳоро бо муаллифонашон номбар мекунад. Агар ту нависанда ё шоиреро медонӣ ва дӯсташ медорӣ, ба Ҳалима Шукурова мегӯӣ: «Ана инро диҳед. » Ин ё он китобро интихоб мекунӣ ва мегирӣ. Ба хурдтаракон Ҳалима Шукурова китобҳои расмдорро тавсия мекунад.

Мо хондани китобро дӯст медорем ва онро эҳтиёт мекунем. Агар саҳифаҳои китобе даранд ё муқоваҳои онҳо ҷудо шаванд, дарҳол мо онҳоро ширеш мекунем.

*Ромин Аминзода*

**Савол ва супориш**

1. Мавзӯи асосии хабар кадом аст?
2. Чаро хонандагон дар ташкили китобхона саҳм гирифтанд?
3. Китобхонаи шумо чӣ гуна аст?
4. Калимаҳоеро, ки ҳарфи **«ӣ»** ва **«ӯ»** доранд, бори дигар талаффуз кунед ва сипас нависед.
5. Дар матн зарфҳо истифода шудаанд? Муайян созед.

**73.** Матни зеринро хонед ва гӯед, ки мавзӯи асосии он муайян аст ё не?

**Толори варзиш**

Мактаби мо дорои толори варзиш мебошад. Дар он ҳамаи хонандагони мактабамон бо варзиш машғул

мегарданд. Дар толори варзиш бозиҳои баскетбол, волейбол ва чорабиниҳои гуногуни варзишӣ гузаронида мешаванд. Ҳалим Акрамов омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ аст. Ҳамаи мо қаҳрамони Аврупо шудан мехоҳем, барои ин бисёр заҳмат кашидан лозим аст. Ман ҳанӯз на қаҳрамон ва на омӯзгорам, вале мегӯям, ки ҳамаи бачаҳо мактаби миёнаро «қаҳрамонона» хатм намоянд.

*Фаршеди Фаррух*

**Савол ва супориш**

1. Чаро Фаршед дар бораи толори варзиш навишт? Диққати ӯро чӣ ҷалб кард?
2. Кӣ толорро сохт?
3. Чаро толор писанди Фаршед шудааст?

**74.** Матни болоро таҳриру такмил диҳед ва мушаххастар карда нависед.

**75.** Матни зеринро бодиққат хонед ва ҳадафи онро муайян кунед. Гӯед, ки Борбади Манучеҳр барои хабар навиштан далелҳои хуб пайдо кардааст ё не.

**Дастони моҳир**

Дар соли таҳсили гузашта хонандагони синфи 6-а ҳар ҳафта дар маҳфили «Дастони моҳир» дар мактаб фаъолият мекунанд. Маҳфили мазкурро омӯзгори дӯстдоштаи мо Қурбоналӣ Азизов роҳбарӣ мекунад. Дар аввалҳо анҷом додани баъзе корҳо бароямон бисёр душвор буд. Мо корҳои чӯбтарошию рандакуниро намедонистем, дастони мо, тавре ки мардум мегӯянд, ба ин кор он қадар намечаспиданд. Корҳои анҷомдодаамон на танҳо ба омӯзгорамон, балки ҳатто ба худамон маъқул намешуданд.

Муаллими меҳрубону сахтгири мо Қурбоналӣ Азизов бо қатъият ва истодагарӣ моро тарошидану рандакунӣ, арра кардану чӯбро сӯзонда нақш кашиданро ёд дод. Вақте ки худамон курсиҳо месохтем, шодии мо ҳадду канор надошт. Аз ҳамон айём тамоми тармими мизу курсиҳои синфамонро худамон анҷом медиҳем. Баъзан

тибқи фармоиши аҳолии деҳа мизу курсӣ ҳам месозем, ки ҳар кадом ба нақшу нигор аз ҳамдигар фарқ мекунад. Фоидаи аз ин кор ба дастомада барои харидан таҷҳизоти нав сарф мешавад.

*Борбади Манучеҳр*

**Савол ва супоришҳо**

1. Муаллиф дар таҳияи хабар комёб шудааст ё не?
2. Кадом нукта бароятон писанд омад?
3. Матн хусусияти ахбордиҳӣ дорад ё таҳлилӣ?
4. Чаро дар матн бештар феълҳои таркибӣ истифода шудаанд?
5. Чанд зарф дар матн вохӯрд?
6. Хулосаи худро мухтасар нависед.

**76.** Аз ягон рӯзнома ду хабар-мақолаи мухтасареро интихоб карда нависед ва воситаҳои забонии онро шарҳ диҳед.

**77.** Дар бораи ҳодиса ё чизе матни мухтасар таҳия кунед, ки хусусияти ахбордиҳӣ дар он барҷаста ифода шуда бошад.

**78.** Матни зеринро бодиққат хонед ва мавзӯи онро муайян созед. Гӯед, ки мақсади он дар чист? Матн дорои кадом хусусият мебошад?

**Писарҷонам**

Падари Фаррух қариб ҳамеша дар сафари хидматӣ мебошад. Фаррух дар хона бо модар ва бародаронаш зиндагӣ мекунад. Модари ӯ бисёр бепарво буда, кори асосиашро аз пухтану хӯрдан иборат медонад. Азбаски модар нисбат ба корҳои фарзандон бетафовут аст, Фаррух ба тайёр кардани дарс машғул намешавад. Ӯ то вақти хӯроки шом ё дар кӯча ба бозиҳои гуногун машғул аст, ё дар назди телевизор нишаста, филмҳои гуногун тамошо мекунад.

Рӯзе баъд аз сафари хидматӣ баргаштан падари Фаррух ба мактаб сари қадам даромад. Хост, ки аз давомот ва чӣ тавр хондани фарзандон огаҳ гардад. Дар ин асно Фаррух дар бунгоҳи тиббӣ барои аз ташхиси

тиббӣ гузаштан қарор дошт. Дид, ки мӯйҳои сар баланду бетартиб ва либосҳояш чиркинанд. «Писарҷонам, – гуфт вай, – ба ту чӣ шуд? Мисли бепарасторон гаштаӣ».

Охир, «писарҷонам», ба чаҳордаҳ даромадӣ.

*Дилбар Нуриддинзода*

**Савол ва супориш**

1. Ҳадафи матн дар чист?
2. Нависанда ба мақсад расидааст?
3. Гӯед, ки дар матн кадом навъи зарфҳо истифода шудаанд.
4. Номи матн ба муҳтавои он мувофиқ аст ё не?

**79.** Матни хабареро таҳия кунед, ки он унсурҳои танқидиро фаро гирифта бошад.

**80.** Матнро возеҳ хонед ва шарҳ диҳед. Аз номи матн чиро мефаҳмед? Агар чизе илова карда тавонед, матнро такмил диҳед.

**Навсозӣ**

Барои китобхонаи мактаби мо китобҳои нави бадеӣ оварданд. Китобҳоро асосан осори адибони пешин ва муосир ташкил медиҳанд. Юсуфи Карим китоби «Субҳи ҷавонии ман»-ро, ки муаллифи он Сотим Улуғзода мебошад, барои хондан гирифт. Вақте ки Юсуф китоб дар даст ба хона баргашт, рост ба хонаи таомхӯрӣ даромад. Китобро ба рӯйи мизи нонхӯрӣ гузошт. Хоҳиши хӯрокхӯрӣ дошт. Дид, ки дар тобаи рӯйи манқали барқӣ моҳии пухта омода аст, тобаро аз рӯйи манқал гирифт. Азбаски манқал бисёр гарм буд, дасташ сӯхт ва Юсуф манқалро саросема ба рӯйи китоб гузошт. Китоб равғанро ба худ ҷаббида гирифт. Китоби доғзадаро вақте ки баргардонд, мудири китобхона Закияи Парвиз ӯро сарзаниш кард. Юсуф гунаҳро ба гардани бародари хурдиаш бор кард.

*Маҳваши Ашурзод*

**Савол ва супориш**

1. Гӯед, ки матн кадом мавзӯъро фаро гирифтааст?
2. Ба киҳо нигаронда шудани матнро пай бурдед ё не?
3. Номи матн чиро ифода мекунад?

4. Муаллиф танҳо ҳодисаро баён кардааст?
5. Аз муҳтавои матн ба чӣ хулоса омадед?

**81.** Матне таҳия кунед, ки танҳо дар бораи ҳодисаи рухдода хабар диҳад.

**82.** Дар мавзӯи мубоҳисавии «Оё ту дӯсти ҳақиқӣ дорӣ?» нақли шифоҳӣ омода кунед. Дар ниҳоят хулосаи умумиро ҷамъбаст карда, барои рӯзнома оид ба он мақолаи ахборӣ нависед.

**83.** Зарбулмасале ҳаст, ки чунин садо медиҳад: «Ҳақиқатро мегӯӣ, дӯстро аз даст медиҳӣ». Магар ин рост аст? Шумо чӣ мегӯед? Ҳар кадом фикр кунед ва нақл таҳия намоед.

## ЗАРФҲОИ САБАБУ МАҚСАД

**84.** Ҷумлаҳоро хонда, ба калимаҳои бо ранги баланд чопшуда саволҳои мувофиқ гузоред ва ба кадом навъи зарф мансуб будани онҳоро муайян кунед.

1. **Ночор** сари аспро аз он тараф гардонда, ба сари дигар кӯча нигоҳ карда давондам. (С. А.)
2. Деҳқонон ҳам **хоҳ – нохоҳ** қабул карданд. (С. А.)
3. Ин корро Асо **қасдан** кард. (Ҷ. И.)
4. Чашмони Шарифзода ба рӯйи Толиб **кунҷковона** дӯхта шуданд. (Р. Ҷ.)
5. Салима **бедарак** ба ҳавлии онҳо наомадааст. (Ҷ.И.)
6. Ба вай **бесабаб** оташгул ном надода будаанд. (Ф. М.)

Зарфи сабаб сабаби ба амал омадан ё наомадани амалро ифода мекунад ва ба саволҳои **чаро?, барои чӣ?, аз чӣ сабаб**? ҷавоб мешавад: ***ночор, ноилоҷ, саҳван, маҷбуран, беихтиёр, тасодуфан, хоҳ-нохоҳ, хоҳу нохоҳ, хоҳам–нохоҳам, беҳуда***:

1. *Нависанда Меҳрдод туфайли рӯзномае, ки кадоме* ***тасодуфан*** *афтонда буд, аз ҳамаи ин огоҳ гашт.*

2. *Оҳуи захмие аз дунболагирии сайёди ҷавон* ***ноилоҷ*** *монда, худро ба вартае афканд.*

Зарфи мақсад мақсади воқеъ шудан ва ё нашудани амалро фаҳмонида, ба саволҳои **барои чӣ?, ба чӣ мақсад?** ҷавоб мешавад: ***қасдан, барқасд, таъкидан, лутфан, ифтихоран.***

Дар забони тоҷикӣ зарфҳои мақсад бештар ба воситаи таркибҳо ифода меёбанд: ***дидаю дониста, донистаю надониста, бемавриду бамаврид, барои хондан:*** 1. ***Дидаю дониста*** *хотираҳои ҳаяҷоноварро нақл мекунам.* (Ф. М.) 2. *Шариф* ***бамавриду бемаврид*** *як гапро мегуфт.*

**85.** Матнро бодиққат хонед ва мазмуни онро нақл кунед. Ҳадафи асосии он чист? Кадом номро ба матн муносиб медонед?

Имрӯз аз харитаи ҷуғрофӣ Бухороро пайдо намудан осон корест. Вале Гурганҷро ёфтан андаке душвортар аст. Баъди истилои Чингизхон Гурганҷро шаҳри Урганҷ меномидагӣ шуданд. Шаҳри мазкур борҳо вайрону валангор шуда, хонаҳояш беодам мондаанд. Ҳоло на чандон дуртар аз он ҷое, ки Гурганҷ воқеъ гардида буд, шаҳри Хева ҷой гирифтааст. Ҳозир аз Абеварде, ки як вақтҳо шаҳри қадимтарин буд, ба куллӣ нишоне ҳам боқӣ намондааст. Харобазори ин шаҳр ҳоло дар Ҷумҳурии Туркманистон на чандон дуртар аз истгоҳи роҳи оҳани Қаҳқаҳа воқеъ гардидааст.

Корвоне, ки Абуалӣ ҳамроҳаш аз Абевард баромада буд, гоҳо аз миёни шаҳрҳо мегузашт. Шаҳри қадимаи Нисо ҳам дар сари роҳ меистод. Бисёрии шоҳони парфиёнӣ то эраи нав дар Нисо ба хок супурда шудаанд. Вале имрӯз ин шаҳрро ҳам аз харита наметавон дарёфт. Харобазорони нимашон зерихокмондаи шаҳри Нисо ҳоло ҳаждаҳ километр берун аз Ашқобод, дар шафати Боғир ном авули туркманон мехобанд.

Нишопур шаҳри уламо, файласуфон ва фуқаҳост.

Нишопур аввалин шаҳрест, ки дар он мадрасаи олӣ бино кардаанд.

*аз китоби «Ҳакими бузург»*

**Савол ва супориш**

1. Ҷумлаҳои зарфи тарзи амал, замон, сабабу мақсаддорро нависед.
2. Шаҳрҳо ҳам таърих доранд? Шумо чӣ андеша доред?
3. Донистани таърихи шаҳр ё деҳа чӣ аҳамият дорад?
4. Дар бораи шаҳре ё деҳае мулоҳизаатонро мухтасар нависед. Барои пурра тасвир кардан чиро бояд донист?
5. ***Нишопур ё Нишобур***?

**86.** Порчаи манзумро хонед ва маънидод кунед. Ҳангоми нақл аз зарфҳои сабабу мақсад истифода баред. Натиҷаи бардоштаатонро мухтасар нависед.

Чу хоҳӣ, ки фардо барӣ меҳтарӣ,
Макун душмани хештан кеҳтаре.
Ки чун бигзарад бар ту ин салтанат,
Бигирад ба қаҳр он гадо доманат.
Макун, панҷа аз нотавонон бидор,
Ки гар бифканандат, шавӣ шармсор.
Ки зишт аст дар чашми озодагон,
Бияфтодан аз дасти афтодагон.
Бузургони равшандили некбахт,
Ба фарзонагӣ тоҷ бурданду тахт.
Ба дунболаи ростон каҷ марав
В-агар рост хоҳӣ, зи Саъдӣ шунав.

*Саъдии Шерозӣ*

**Луғат**

**меҳтарӣ** – бузургӣ
**кеҳтар** – хурдтар
**панҷа** – чангол, зӯрозмоӣ
**фарзонагӣ** – доноӣ, хирадмандӣ

**Савол ва супориш**

1. ***Хештан*** дар назм чӣ шаклҳо дорад? Кадом ҳиссаи нутқ аст?

2. ***Зишт,*** яъне чӣ? Бо истифода аз он ҷумлае бисозед.
3. Дар ***дунбола*** чӣ ҳодисаи забонӣ ба назар мерасад?
4. Байти охирро ба наср баргардонед.
5. Имлои ***некбахт, дунбола, меҳтарӣ, барӣ***-ро шарҳ диҳед.

## СОХТИ ЗАРФҲО

Зарфҳо аз ҷиҳати сохт **сода, сохта, мураккаб** ва **таркибӣ** мешаванд:

а) зарфҳое, ки танҳо аз як реша иборатанд, **сода** мебошанд: ***дина, оҳиста, баъд, зуд, тез, саҳл, акнун, ҳамеша, ҳанӯз, бисёр, ниҳоят, андак, сахт...***

б) зарфҳое, ки реша ва пасванду пешванд доранд, **сохта** мебошанд: ***ба***_зӯр,_ ***то***_рафт,_ ***дар***_ҳол,_ ***но***_илоҷ,_ ***бар***_вақт;_ _зӯ_***ран***, _булбул_***вор***, _аспа_***кӣ***, _нотарс_***она***; ***ба***_зуд_***ӣ***...

в) зарфҳоеро, ки аз ду реша ва пешванду пасванд сохта шудаанд, **мураккаб** меноманд: ***як***_зайл,_ _чор_***зону***, ***ду***_чанд,_ ***рӯ***_боло,_ _мошин_***савор***, _гарм_***о***_гарм,_ _шаб_***о***_шаб,_ _сарбаланд_***она***, _дилпур_***она***; _секас_***а***, _якбор_***а***, ***ду-ду, се-се, оҳиста-оҳиста...***

г) **зарфҳои таркибӣ** аз калимаҳои гуногун бо ёрии пешвандҳои ба-, то-, аз-, пайвандаки ***у*** ва такрори калимаҳои якхела сохта мешаванд: *ба осонӣ, то ҳол, каму беш, бе гапу кор, сол аз сол, сол то сол, як ба як...*

**87.** Аз рӯйи нақша роҳҳои сохта шудани зарфҳои сохтаро шарҳ диҳед.

| | | |
|---|---|---|
| қасдан | бешитоб | баногоҳ |
| фаврӣ | бағоят | банохост |
| паснокӣ | бошаст | саросемаворона |
| пешакӣ | ногоҳ | рӯдворона |
| саъдиёна | барвақттар | хомӯшона |
| марворидсон | дартоз | андаке |
| яктоӣ | торафт | |
| ҳозиракак | бепарвоёна | |

**88.** Бо зарфҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед. Он зарфҳоро аз ҷиҳати сохт шарҳ дода, беғалат навиштанашонро машқ кунед:

*бошиддат, беихтиёр, дартоз, ногаҳон, нохост, саҳван, мардонавор, аспакӣ, шодона, андактар.*

**89.** Шеърро равон хонед ва таассуроти бардоштаатонро нақл кунед.

Дирӯз баъди борон тирукамон баромад,
Байроқи навбаҳорон партавфишон баромад.
Аз қатраҳои борон дар офтоби тобон
Рухсора тар намуда, абрукамон баромад.
Бо рангҳои дилкаш, бо чеҳраи мунаққаш
Ҳусни замин дамида, фавворасон баромад.
Аз кӯҳ то ба кӯҳе, аз дашт то ба даште
Товуси хушхироми Ҳиндустон баромад.
Мурғи қафасшикаста, аз банди зулм раста,
Чун рамзи дӯстии халқи ҷаҳон баромад.
Кардам гумон, ки аз дил савти ҳазор манзил
Чун мавҷҳои соҳил дар як замон баромад.

*Мирзо Турсунзода*

**Савол ва супориш**

1. Зарфҳои дар шеър истифодашударо ёбед ва сохти онро шарҳ диҳед.
2. Сифату сифатҳои феълиро ёбед ва дар муқоиса бо зарф фарқи онҳоро баён кунед.
3. ***Ҳусни замин дамида***-ро чӣ тавр мефаҳмед?
4. Кадом номро ба шеър мувофиқ мешуморед?
5. Дар ҷойи шумо ***тирукамон***-ро чӣ мегӯянд?
6. Баромадани тирукамонро дидаед? Мушоҳидаатонро мухтасар нависед.

**90.** Зарфҳои зеринро нависед ва роҳҳои сохта шудани онҳоро шарҳ диҳед:

якзайл, парерсол, пешопеш, худписандона, нисфишабӣ, якбора, узрхоҳона, гупсарсавор, дувоздаҳтагӣ.

**91.** Нақшаро хонед ва тарзи сохта шудани зарфҳои мураккабро шарҳ диҳед ва ба имлои онҳо зеҳн монед.

| | | | |
|---|---|---|---|
| якзайл<br>чорзону<br>дарёсифат<br>илтиҷоомез | шабошаб<br>фошофош<br>дамодам<br>саросар | дилпурона<br>ҳартарафа<br>панҷкасӣ<br>эҳтиёткорона | як-як<br>калима-калима<br>тӯда-тӯда<br>оҳиста-оҳиста |

**92.** Нақшаро хонед, роҳҳои сохта шудани зарфҳои таркибиро шарҳ диҳед. Шаш ҷумла тартиб диҳед ва аз зарфҳои таркибӣ истифода баред.

| **Бо такрори як калима ва пешоянд** | **Ба воситаи пайвандаки «у»** | **Ба ҳамроҳшавии ҷонишину исм ва шумора** |
|---|---|---|
| мӯ ба мӯ<br>сол аз сол<br>тоза ба тоза<br>нав ба нав<br>қадам ба қадам<br>як ба як | каму беш<br>бегапу ҳарф<br>хоҳу нохоҳ<br>бечуну чаро<br>дилу бедилон<br>бамавриду бемаврид | як қадар<br>як миқдор<br>ин сӯ<br>он сӯ<br>ҳамин ҷо<br>аз сари нав |

**93.** Матнро хонда маънидод кунед ва зарфу сифатҳои онро муайян сохта, дар сутунҳои алоҳида нависед. Сипас аз сифат чӣ фарқ доштани зарфҳоро шарҳ диҳед.

Усто як фазилати аҷиб дошт. Аҳолӣ ӯро чун қиссагӯи моҳир мешинохтанд. Лаҳни хушу гуворое дошт. Қисса ё воқеаро монанди як ровии пурдон бо маҳорати баланд ҳикоят мекард. Тарзи гуфтору рафтор ва либоспӯшию саллабандии ӯ мударрисе ва ё зиёии замони пешинро мемонд, ки ман он ҳангом ин сифатҳоро аз китобе хонда будам. Хосса меҳри усто дар замири ман амиқтар ва қавитар ҷой мегирифт. Ба назарам, ӯ рӯз то

рӯз муҳташамтар ва азимпайкар метобид. Ҳар қадар бештар вақт гузарад, хиради ӯ, ҳунари ӯ ба чашмонам чун ситораи қутбӣ равшантар мегардид ва ин меҳри маро ба ӯ як ба даҳ меафзуд. Акнун ӯро ба амаки усто Носирам, ки басо дӯсташ медоштам ва ҳамеша ба кирдораш пайравӣ мекардам, баробар медонистам. Писараш Абдувосит аз ман як лаҳза ҷудоӣ надошт.

*Собир Зикирзода*

**Луғат**

**ровӣ** – шахсе, ки хабар ё ҳикояеро аз забони каси дигар нақл мекунад; ривояткунанда

**фазилат** – бартарӣ дар илм, донишманд

**хосса** – махсусан

**замир** – дил

**Савол ва супориш**

1. Бо чунин ровӣ вохӯрдаед?
2. Дар бораи қиссагӯии ӯ нақле нависед.
3. Чаро дар нақл аз зарфҳои миқдору дараҷа истифода бурдед?

**94.** Матнро хонед зарфҳои онро ёбед ва навъу сохти онҳоро шарҳ диҳед.

Дар оғӯши хомӯши Дилёбу мӯйсафед ба андеша фурӯ мераванд. Не, баногоҳ пирамард сар бардоштаву ба паногоҳи боғ чашм давонда, овоз баланд мекунад:

Аз Гавҳар ба ҷойи фарзандон ин долу дарахт, ин боғ ёдгор монд. Дилёб ҳаққи гап ҳамин, ки аз фарзандони нохалаф, бенангу ор як дарахти мевадор ҳазор бор беҳ аст. Ҳар сол аз ҳосили ин дарахтон одамон, ҷуку ҷондори бешумор баҳра баранд, савобаш ба Гавҳар мерасад… — Овози мӯйсафед баногоҳ ба хурсандию шодӣ омезиш ёфт. Эй Дилёб, баъд Гавҳар пайвандгари баҳунар шуд. Бовар бикун. Дасти бахосият дошт. Аз ҳар гӯша тухми гул, донак ё қаламчаи меваи дилписандашро меовард. Ана ин чормағзҳоро ӯ дона-дона сабзонд… Боре гуфтамаш. Кай ин ниҳолакҳо ба воя расанду ту аз меваҳояшон бичашӣ?

«Ман начашам, ҳеҷ гап не, — ҷавоб дод бо шакар-ханд, ба дигарҳо насиб кунад...» Ана ҳамин хел ҷони одам буд Гавҳар...

*Абулҳамиди Самад*

**Савол ва супориш**

1. Чӣ нукта дар матн баён шудааст?
2. **Аз фарзанди нохалаф, бе нангу ор як дарахти мевадор ҳазор бор беҳ аст**-ро шарҳ диҳед. Ба ин гуфта розиед ё не? Чаро?
3. **Чормағз** кадом ҳиссаи нутқ аст? Бо кадом роҳ сохта шудааст?

## ТАҲЛИЛИ САРФИ (МОРФОЛОГӢ)-И ЗАРФ

**Нақшаи таҳлил:**

I. Ҳиссаи нутқ. Моҳияти умумӣ.
II. Аломатҳои сарфӣ:
1. Калимаи тағйирнаёбанда.
2. Дараҷаи муқоисавӣ.
III. Вазифаи наҳвӣ.

### *Намунаи таҳлили зарф*

Шеър бояд монанди он майсаҳои навруста ... озодона иншо гардад. (М. Т.)

**Озодона** зарф аст, аломати аломатро ифода мекунад. Тағйирнаёбанда аст. Дараҷаи муқоисавӣ дорад – **озодонатар**, дар ҷумла ба феъл нигаронида шудааст (озодона иншо гардад) ва ба вазифаи ҳоли тарзи амал омадааст.

## Саволҳо барои такрору ҷамъбасти зарф

1. Зарф чист ва ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?
2. Хусусиятҳои асосии зарф кадомҳоанд?
3. Зарф дар ҷумла чӣ вазифаи наҳвиро иҷро мекунад?
4. Зарф асосан ба чӣ вобаста мешавад?

5. Кадом пешванд ва пасвандҳо дар сохтани зарфҳо ширкат доранд?
6. Роҳҳои дигари зарфсозиро медонед?
7. Зарф аз кадом ҷиҳат ба сифат монанд аст?
8. Зарф ба чанд навъ ҷудо мешавад? Доир ба онҳо мисолҳо оред.
9. Зарфи тарзи амал чиро ифода мекунад ва ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?
10. Зарфи замон чист ва он чиро ифода мекунад?
11. Зарфи сабаб ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?
12. Зарфи миқдору дараҷа чиро ифода мекунад?
13. Зарфҳо аз ҷиҳати сохт чанд навъанд?
14. Зафҳои сохта бо кадом роҳҳо сохта мешаванд?
15. Зарфҳои мураккаб чӣ тарз сохта мешаванд?
16. Зарфҳои таркибӣ чӣ гуна сохта мешаванд?
17. Зарфҳо дар нутқ чӣ аҳамият доранд?

## ИМЛОИ САНҶИШ

### СУБҲИ БАРВАҚТ

Субҳи барвақт. Ҳанӯз дар роҳҳо мошин кам, шаҳр оҳиста аз хоб бедор мегашт. Занҳои ширфурӯш аз тарафи саҳро бо чобаҳои пуршир ба шаҳр меомаданд. Нонфурӯше як замбарғалтак нони гармашро ба тарафи чойхона мебурд. Болои нон бо дастархон сахт пӯшидагӣ бошад ҳам, ҳаври он мебаромад. Бӯи нони гарм ба димоғи Даврон расидагӣ барин шуд. Ба ёдаш расид, ки баъди қаҳтии солҳои ҷанг, соли чилу ҳафт ё чилу ҳашт хоки сурх оварда, танӯри чанд сол боз вайрона ва аз набудани орд бекораро таъмир карда, бори аввал нон пухта буданд. Даврон он нонро мебӯиду аз бӯяш сер намешуд. Ба нон зор буд, аммо кулчаи модар додаро то хеле вақт нахӯрда, бӯй мекашид. Онро зуд хӯрда адо кардан намехост.

*Баҳром Фирӯз*

## IV. КАЛИМА ВА ТАЪБИРҲО (ФРАЗЕОЛОГИЗМҲО). МАЪНОИ ЛУҒАВӢ

**95.** Маводи пеш омӯхтаатонро ба ёд оварда, ба саволҳо ҷавоб диҳед.

1. Маънои луғавии калима чиро дар назар дорад?
2. Чӣ гуна калимаҳоро сермаъно меноманд?
3. Кадом калимаҳо якмаъно мебошанд?
4. Маънои маҷозии калимаро чӣ тавр мефаҳмед?
5. Ҳамгуна чист?
6. Чиро муродиф меноманд?
7. Чӣ гуна калимаҳоро зидмаъно мегӯянд?

Калимаҳо чун овозҳо ва ҷумлаҳо воҳиди забонӣ буда, барои номбар кардани ашё (предмет), (замин, саг, гов, дарё), аломат (алафӣ, чӯбин, шабона, ногаҳон), фаъолият (рафтан, ҳисоб кардан, навиштан), миқдор (панҷ, ҳафт, дусад, чандин) хидмат мекунанд. Калимаҳои забон таркиби луғавии онро ташкил медиҳанд.

Луғат (лексика)-ро фасли махсуси забоншиносӣ, ки лексикология (калимашиносӣ) ном дорад, меомӯзад. Ҳар як калимаи забон чизеро ифода мекунад. Масалан, калимаи *китоб* асбоби хониш буданро мефаҳмонад. Ин маънои луғавии он аст. Маънои луғавии калима дар «Фарҳангҳои тафсирӣ» шарҳ дода мешавад. Ин китоби махсуси маълумотдиҳӣ мебошад, ки аз мақолачаҳои луғавӣ таркиб ёфтааст. Масалан, лутф чунин шарҳ дода шудааст: Лутф – а. 1. Нармӣ, мулоиматӣ, назокат; лутфи сухан; 2. Марҳамат, илтифот; 3. Эҳсон, бахшиш.

Лутф кардан а) марҳамат кардан, илтифот зоҳир намудан; б) эҳсон намудан, бахшидан.

4. Маҷ. нармӣ, форамӣ, хушояндӣ. Лутфи алим меҳрубоние, ки нисбат ба ҳама баробар аст; илтифот ва меҳрубонии бисёр нисбат ба умум.

*«Фарҳанги забони тоҷикӣ», 1969,*
*«Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ», 2010.*

Калимаҳо дар фарҳанги тафсирӣ бо тартиби алифбо дода мешаванд.

Калима бар иловаи маънои луғавӣ маънои грамматикӣ дорад. Масалан, феъл замон, шахсу шумора, сиға дорад.

*«Фарҳанги забони тоҷикӣ», 1969.*

**96.** Матнро бодиққат хонед ва калимаҳои бароятон нофаҳморо аниқ созед. Сабаби нафаҳмидани маънои калимаҳоро шарҳ диҳед.

Дарвоқеъ, мардум унсури чоруми ҳаёт – обро чун як муъҷизаи табиат муқаддас медонистанд, барои покизагии он мубориза мебурданд.

Касе ҳад надошт, ки поруро ба ҷўю дарё партояд. Дар баҳорон мардум бо усули ҳашар чашмаю ҷўйбор ва канори дарёро тоза мекарданд. Соҳибкорону дукондорон ҳам, ки мардуми худотарс буданд, ахлотро ба ҷойҳои махсус мепартофтанд, то ки ба дарё ҳамроҳ шуда, обро ифлосу касиф накунад. Бинобар ин, оби дарёи Қаротоғ он вақтҳо ба андозае зулол буд, ки кас ангуштарии ба қаъраш афтодаро бо чашмони одӣ дида метавонист. Ба таъм шаҳди ноб, ба арзиш дурри ноёб ва ҳаловатбахши шайху шоб буд ин об.

Заргар ба дасти худ чойи қаротоғӣ дам намуда, бо кайфияту ҳаловат нўши ҷон мекард. Эзидро шукр мегуфт, ки ҳамин сон як ҷаннатмакон ва дарёи ангубиноб офаридааст.

*Собир Зикирзода*

**Савол ва супориш**

1. Чаро аксарияти калимаҳо бароятон маълум аст?
2. Сабаби нафаҳмидани маънои баъзе калимаҳоро дар чӣ мебинед?
3. Бо мазмуни матн розиед? Чаро?
4. Чӣ бояд кард, ки обҳои пок олуда нагарданд?
5. Дар мавзўи «Оби олуда – сарчашмаи ҳамаи бемориҳо» эссе (иншои хурд) нависед.

**97.** Порчаро равон хонед ва маънидод кунед. Гӯед, ки кадом калимаҳо бароятон фаҳмо нестанд. Чаро?

То гардиши чархро мадор аст,
Дорам суханон, ки ёдгор аст.
Дар мадҳ расондаам суханро
Ҷое, ки камоли иқтидор аст.
Дар ҳаҷв чунон ки ҳарчӣ гуфтам,
Як-як ҳама шуҳраи диёр аст.
Ҳарчанд ки ҳаҷв дар ҳақиқат
Оинаи табъро ғубор аст.
Маҳро, ки камоли нур дорад,
Бе зулмати шаб чӣ эътибор аст?
Гулро, ки бувад шаҳи раёҳин,
Шавкат ҳама аз синони хор аст.

*Мушфиқӣ*

**Луғат**

**мадор** – гардиш, даврон
**мадҳ** – ситоиш, таъриф
**иқтидор** – қудрат, тавоноӣ
**камол** – пуррагӣ, мукаммалии фазилат
**зулмат** –торикӣ
**шавкат** – эътибор, ҷоҳу мартаба
**синон** – нӯги хор

**Савол ва супориш**

1. Шакли дигари калимаи ***маҳ*** чӣ гуна аст?
2. ***Як-як*** кадом ҳиссаи нутқ аст ва чаро байни онҳо нимтире гузошта шудааст?
3. Ҳаҷв ба шумо маъқул аст? Чаро?
4. Бо истифодаи ***мадор, мадҳ*** ва ***иқтидор*** ҷумлаҳо тартиб диҳед.
5. Чаро гулро ***шаҳи раёҳин*** ҳисобидааст?

**98.** Матнро хонед ва нуктаи асосии онро муайян кунед. Андешаи худро доир ба ин масъала мухтасар нависед.

Султон Санҷарро пурсиданд, дар он вақт ки ба дасти ғузон гирифтор шуда буд, ки чӣ буд, ки мулке бад-ин вусъату оростагӣ, ки туро буд, чунин мухтал шуд?

Гуфт:

– Корҳои бузург ба мардуми хурд фармудам ва корҳои хурд ба мардуми бузург руҷӯъ кардам, ки мардуми хурд корҳои бузургро натавонистанд кард ва мардуми бузург аз корҳои хурд ор доштанд ва дар пай нарафтанд. Ҳар ду кор табоҳ шуд ва нуқсон ба мулк расид ва кори вилояту лашкар рӯй ба фасод овард.

Ҷуз ба хирадманд мафармо амал,
Гарчи амал кори хирадманд нест.

*Давлатшоҳи Самарқандӣ*

**Луғат**

**ғузон** – номи яке аз қабилаҳои турк
**мухтал** – халалдоршуда, парешон
**фасод** – бетартибӣ, вайронӣ, бадахлоқӣ, нобудшавӣ

**Савол ва супориш**

1. Муродифу калимаҳои зидмаъноии калимаи «**султон**» кадомҳоанд?
2. Байтро ба наср баргардонед ва калимаҳои ҳамафаҳми онро шарҳ диҳед.

## КАЛИМАҲОИ АСЛИИ ТОҶИКӢ

**99**. Порчаро бодиққат хонед ва фаҳмидаатонро шарҳ диҳед.

Калимаҳои аслии тоҷикӣ дар ҷараёни инкишофи дуру дароз ба вуҷуд омадаанд. Қабати асосии луғати забонро калимаҳои аслии тоҷикӣ ташкил мекунанд.

Калимаҳои аслии тоҷикӣ, ки аз қадим дар забонамон вуҷуд доранд, бунёди онро ташкил медиҳанд. Калимаҳои аслии тоҷикӣ аз гурӯҳҳои дигари вожаҳои таркиби луғавӣ бо хосиятҳои худ фарқ карда, гурӯҳи махсуси калимаҳои забонро ташкил медиҳанд. Таркиби калимаҳои аслии тоҷикӣ низ гуногунанд. Дар байни онҳо илова бар вожаҳои мансуб ба қабати ҳиндуаврупоӣ,

калимаҳои умумиаврупоӣ ва сирф тоҷикӣ низ ба назар мерасанд. Калимаҳои *зан, модар; абру, зону, занах, лаб, гесу; гург, гов, саг, хирс, муш; ҳашт, даҳ, сад* ва ғайра аз ҳамин қабиланд.

Бунёди лексикию грамматикии забони ҳозираи тоҷикиро маҳз ҳамин қисми эронии калимаҳо ташкил медиҳад: *асп, чашм, бӯй, биҳишт, душман; баланд, кабуд, нек, бад; як, ду, се, панҷ, даҳ, панҷоҳ, сад; зер, пас, кай, тез, зуд.* Калимаҳои сирф тоҷикӣ ифодагари мафҳумҳои зиндагӣ, урфу одат ва маишати мардуми тоҷик буда, дар забонҳои дигари эронӣ ба назар намерасанд: *хишт, рег, ангишт, курта, жола, тундар, хусур, ҷигар, гӯгирд, болишт, мӯза, хурд, оҳиста, фарбеҳ, бехтан, гурехтан, ёристан* ва монанди инҳо.

**Савол ва супориш**

1. Калимаҳои аслии тоҷикӣ чӣ гуна калимаҳо будаанд?
2. Таркиби калимаҳои аслии точикӣ якхеланд ё гуногун? Чаро?
3. Зери ифодаи калимаҳои сирф тоҷикӣ чиро мефаҳмед? Шарҳ диҳед.

**100.** Шеърро возеҳ хонед ва ҳадафи адибро муайян кунед. Калимаҳои аслии тоҷикии матнро аниқ созед ва шарҳ диҳед.

**Писарҷонам, падар шав!**

«Падар» гӯён калонат мекунам ман,
Писарҷонам, ба ман рӯзе падар шав.
Ту ҳам соҳибдару соҳибписар шав,
Зи ранҷи бешуморам бохабар шав.
«Падар» мегӯяму мегирям аз ғам,
Валекин бингарӣ ту моту ҳайрон.
Чаро момои хандон зуд гиряд,
Барояш гиря ҳам чун ханда осон...
Ту донӣ бепадар будан чӣ мушкил,
Заифу бесипар будан чӣ мушкил.
Валекин бесипар ҳам бигзарад умр,
Дар олам беписар будан чӣ мушкил.

«Падар» гӯям туро эй тифли зебо
Зи рӯйи расму оини ниёгон.
«Падар» мегӯяму меларзам аз шавқ,
Падар гӯё биёяд шоду хандон.

*Зулфия Атоӣ*

**101.** Матн-латифаро хонед ва гӯед, ки аз он чӣ натиҷа бардоштед?

Сардухтури беморхона бо духтурон саломатии беморонро аз назар гузаронида, ба ҳуҷрае ворид мешаваду мебинад, ки яке аз беморон дар ҷояш нест.

– Барои чӣ нест? – мепурсад сардухтур.

– Намедонем, – худро ба нодонӣ мезананд духтурон.

Беморе дарҳол ҷавоб медиҳад:

– Каме нотоб шуд, ба хонааш рафт.

*С. Асозода*

**Савол ва супориш**

1. Мазмуни матн бароятон писанд омад? Чаро?
2. Шумо ҳам чунин матн-латифа таҳия карда метавонед?
3. Қудрати хешро бисанҷед. Матни таҳиякардаро ба ҳамсинфонатон хонед.
4. Дар ин матн вожаи ***бемор*** сифат аст ё исм?
5. Гӯед, ки дар ин матн калимаҳои аслии тоҷикӣ зиёд аст?

## КАЛИМАҲОИ ИҚТИБОСӢ

Таркиби луғавӣ доимо такмил меёбад: калимаҳои маъмул маъноҳои дигар пайдо мекунанд, бо ёрии пешванду пасвандҳо калимаҳои нав сохта мешаванд ва ғайра. Ҳамаи ин калимаҳо аслии тоҷикӣ мебошанд. Таркиби луғавии забон аз ҳисоби калимаҳои забонҳои дигар низ бой мегардад. Ҳеҷ як халқ худ ба худ якка вуҷуд дошта наметавонад. Аз ин рӯ, байни онҳо муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва ғайра ба вуҷуд меоянд. Бо якдигар бо асбобу анҷоми рӯзгор, олоти меҳнату асбобҳои санъат ва дигар чизҳо мубодила мекунанд.

Ин асбобу анҷом ва чизҳои дигар, албатта, ном доранд ва бештар бо ҳамон номашон мегузаранд. Ҳамин тавр, калимаҳо аз забони як халқ ба забони халқи дигар мегузаранд. Калимаҳои иқтибосӣ баъзан чунон ҳазм мешаванд, ки аз забони бегона будани онҳоро кас ҳис намекунад. Масалан: шахс, қисм, амал, олӣ, қошуқ, қавӣ, поезд, вокзал ва ғайра.

Калимаҳое, ки аз забонҳои арабӣ, русӣ, туркӣ-ӯзбекӣ ва ғайраҳо ба забони тоҷикӣ дохил шудаанд, иқтибосӣ мебошанд.

Дар луғатҳои тафсирӣ ба кадом забон тааллуқ доштани калимаҳои иқтибосӣ ишора мешавад. Ин қабил калимаҳо дар «Луғатҳои тафсирии калимаҳои иқтибосӣ» муфассал шарҳ меёбанд.

**102.** Порчаро хонед ва гӯед, ки дар он калимаҳои тоҷикӣ бештар истифода шудаанд ё иқтибосӣ.

Ҳар он кас, ки ӯ шод шуд аз хирад,
Ҷаҳонро ба кирдори бад наспарад.
Пушаймон нашуд, ҳар ки некӣ гузид,
Ки бад з-оби дониш наёрад мазид.
Раҳонад хирадмандро аз бало,
Мабодо касе бар бало мубтало.
Нахустин нишони хирад он бувад,
Ки аз бад ҳамасола тарсон бувад.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

**Савол ва супориш**

1. ***Наспарад ё насупорад*?** Чаро?
2. Байти аввалро ба наср баргардонед ва онро таҳлили сарфӣ кунед.
3. ***Мубтало***-ро шарҳ диҳед.
4. **З-оби**-ро шакли аслиаш кадом аст? Имлои онро дар хотир нигоҳ доред.

**103.** Нависед ва шарҳ диҳед, ки калимаҳои бо ранги баланд чопшуда аз кадом забон иқтибос шудаанд.

**Аниси** кунҷи танҳоӣ **китоб** аст,
Фурӯғи **субҳи** доноӣ китоб аст.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Чун фалак аз меҳру маҳ бар суфра дорам нони **қоқ,**
Рӯзу шаб шармандагӣ аз меҳмон бошад маро.

*Сайидои Насафӣ*

Чун ранги шароб аз **пиёла** гардад,
Ранги рухат аз пушти даст пайдост.

*Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

Ӯ аз мудири банки подшоҳӣ шунида буд, ки **князи** бузург ба сари ҳукумат хоҳад омад.

*Садриддин Айнӣ*

**104.** Порчаро бодиққат хонед ва гӯед, ки аз он чиро пай бурдед.

Илоҳ асту Аллоҳу Раҳмон – **Худой,**
Далел асту ҳодӣ ту гӯ **раҳнамой**.
Само – **осмон**, арзу ғабро – **Замин,**
Маҳаллу макону маъон аст **ҷой.**
Сақар – **дӯзаху** нор – **оташ**, вале
Ки ҷаннат – **биҳишт,** охират–он **сарой**.
Рия – **шуш,** қафо – **ҳира**ву ваҷҳ – **рӯй,**
Фахиз – **рон**, ақиб – **пошна**, риҷл – **пой.**
Шафа – **лаб**, лисон-чӣ? **Забон**, фам – **даҳон,**
Яду ҷоруҳа – **дасту** ҳалқум – **ной.**

*Абунасри Фароҳӣ*

**Савол ва супориш**

1. Донистани чандин забон, ба хусус арабӣ, чӣ аҳамият дорад?
2. Порчаро ҳифз кунед.

**105.** Хонед ва хулосаатонро дар хусуси иқтибоси калимаҳои арабӣ ба забони тоҷикӣ баён кунед.

Қарибу рукну ҳамим аст **хеш**, ибн – **писар,**
Валиду тифл – **бача**, умми волида – **модар**.
Раҳиму қаробат – **заҳдон** бувад, хатан – **домод…**

Чунон ки сиҳр **хусур,** волиду аб аст **падар**…
Фалак – **сафеда,** шафақ – **равшании аввали шаб,**
Рабиба – **духтари зан**, бинту ибна дон **духтар.**
Ҳамал – **бара**, бақару савр **гов**у иҷл – **бачаш,**
Марора – ***заҳра,*** тиҳолу кабад – **сипурзу ҷигар.**

*Абунасри Фароҳӣ*

**Савол ва супориш**

1. Гӯед, ки чаро забон ба калимаҳои иқтибосӣ эҳтиёҷ пайдо мекунад?
2. Забонро аз калимаҳои иқтибосӣ комилан пок кардан мумкин аст ё не? Чаро?
3. Калимаҳои забони тоҷикӣ ҳам ба забонҳои дигар гузаштаанд?

**106.** Аз «Фарҳанги забони тоҷикӣ» чаҳор калимаи иқтибосӣ ёфта, бо мисолҳояш нависед ва шарҳ диҳед, ки аз кадом забон иқтибос шудаанд.

**107.** Муродифҳои ҳар як калимаи додашударо муайян сохта, дар рӯ ба рӯяш нависед. Шарҳ диҳед, ки кадоме аз он калимаҳо тоҷикӣ ва кадоме арабианд.

| | | | |
|---|---|---|---|
| осмон | Шамс | занг | зақан |
| Офтоб | само | манаҳ | ҷарас |
| ҷой | ҷиноят | умр | толеъ |
| гунаҳ | макон | бахт | ҳаёт |

**108.** Бо истифода аз калимаҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед ва нависед. Гӯед, ки чаро онҳо ба забони тоҷикӣ иқтибос шудаанд. Муродифи тоҷикии онҳоро ёбед.

милтиқ, яроқ, қаровул, қашшоқ, пайт, чумчуқ, тумшуқ, қозӣ.

**Савол ва супориш**

1. Иқтибоси калимаҳо ҳодисаи мусбат аст ё манфӣ? Мулоҳизаатонро баён кунед.
2. ***Аксар калимаҳои иқтибосӣ дар забони тоҷикӣ ҳазм шудаанд.*** Инро чӣ тавр мефаҳмед?

## КАЛИМАҲОИ КУҲНА ВА НАВ

**109**. Ба расмҳо зеҳн монед ва онҳоро номбар кунед. Гӯед, ки чаро номи баъзе аз онҳоро шарҳ дода натавонистед.



*кафш*



*сипар*



*чарх*



*поку*

Дар муқоиса бо сарфу наҳв ва овошиносӣ луғати забонамон бо мурури замон тағйир меёбад. Дар ҳаёт чунон мешавад, ки баъзе чизҳо (олоти меҳнат, либосворӣ, асбобҳои рӯзгор...) ба туфайли ба вуҷуд омадани чизҳои аз онҳо ҳам беҳтару қулайтар барҳам мехӯранд. Худи чиз ки барҳам хӯрд, тадриҷан номаш ҳам гум мешавад, яъне калимаи ифодакунандаи он ҳам аз истеъмол мебарояд. Ба калимаҳои **кафш, сипар, чарх, поку** чунин ҳодиса рух додааст.

Калимаҳое, ки аз истифодаи фаъоли ҳамарӯза баромадаанд, куҳна номида мешаванд. Калимаҳои дигаре ҳастанд, ки бо танг шудани доираи истеъмолашон аз байн рафтаанд, зеро калимаи дигар, ки истифодаашон аз назари гӯяндагон – соҳибони забон қулайтару аниқтар аст, ҷойи онҳоро мегиранд.

Калимаҳои куҳна барои аниқ тасвир кардани ҳаёти гузашта муносибанд, аз ин рӯ адибон зимни тасвири даврони пеш онҳоро дар асарҳои хеш истифода мебаранд.

**110.** Ҷумлаҳоро хонед. Гӯед, ки чаро маънои баъзе калимаҳоро нафаҳмидед ва шарҳ дода натавонистед. Ба «Фарҳанги тафсирӣ» нигаред ва шарҳи онҳоро ёбед ва нависед.

1. – Бисёр хуб! Ин тавр бошад, чанд танга қарз гирифта чӣ қадар фоида додан мехоҳед ва **заркафилатон** кист? – Қориишкамба пурсид. (С. Айнӣ)

2. Баъд аз чанд сол шунидам, ки ӯ аз хонақоҳи чуқмоқиҳо **хати иршод** гирифта, баромада худ ба муршидӣ даромадааст. (С. Айнӣ)

3. Дар даруни сарой одамони **миршаб ва даҳбошии ҷиреб** (ноҳия) менамуданд. (С. Айнӣ)

**111.** Аз «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» панҷ калимаи кухнаро ёбед ва онҳоро бо шарҳашон нависед. Муайян кунед, ки ҳоло ба ҷойи онҳо кадом калимаҳо истифода мешаванд.

**112.** Матнро возеҳ хонед ва калимаҳои кухнаро муайян кунед ва гӯед, ки он ба кадом давра тааллуқ дорад.

Одина ба синни дувоздаҳсолагӣ аз падар ва модари худ ҷудо шуда, ятим ва бекас монда буд. Падари Одина камбағал ва бечиз буд, ки ғайр аз як модагов, ба писари сағири худ меросе нагузошт. Баъд аз мурдани падари Одина, ки хонааш дар деҳае аз музофоти Қаротегин буд, қозии он ҷо мулозим ва муфтӣ фиристода моли ӯро тарака кунонид. Ҳаққи таракаи қозӣ, харҷи муфтӣ, хизматонаи мулозим, ошпулии арбоб ва оқсақол ба маблағе расид, ки баъд аз фурӯхта додани гов Одинаи сағир аз арбоби деҳа даҳ танга қарздор шуд. Бинобар ин аз забони модаркалони Одина, ки ӯро аз ҷиҳати шафқат ба тарбияи худ гирифта, аз нӯги чарху дуки худ парвариш мекард, ба ҳузури ноиби қозӣ хат (санад ) гирифтанд.

*Садриддин Айнӣ*

**Савол ва супориш**

1. ***Дувоздаҳсолагӣ*** чӣ тавр сохта шудааст? Исм аст ё сифат?
2. ***Аз нӯги чарху дук*** парвариш кардан чӣ маъно дорад?

## КАЛИМАҲОИ НАВ

Вобаста ба рушди илму техника, санъат, ҳаёти иҷтимоӣ, ашёи (предмети) нав ба вуҷуд меоянд: таҷҳизоти барои хона, олоти меҳнат, мошинҳо ва ғайра. Ҳамроҳ бо ашёи нав калимаҳои наве барои ном бурдани онҳо эҷод

мешаванд, ки онҳоро калимаҳои нав мегӯянд. Таркиби луғавии забон мураттабан аз ҳисоби калимаҳои нав ғанӣ мегарданд.

12 апрели 1961 тавассути киштии «Восток» аввалин шуда Юрий Гагарин ба кайҳон парвоз кард. Калимаи нави ***кайҳоннавард*** (**фалакпаймо**) пайдо шуд. Ва ин дар як муддати кӯтоҳ ба сатҳи калимаи фаъол расид, яъне ба тамоми одамон фаҳмою дастрас гашт.

Калимаҳои нав дер ё зуд ба қатори калимаҳои фаъол табдил меёбанд.

Як вақтҳо калимаҳои *фонетика, морфология, синтаксис, преффикс, суффикс* вожаҳои нав буданд, вале ҳоло боз бар аслашон (овошиносӣ, сарф, наҳв, пешванд, пасванд) баргаштанд.

**113.** Матнро хонед ва маънидод кунед, калимаи навсохти онро ёбед ва чӣ гуна сохта шудани онҳоро шарҳ диҳед.

Дар мамлакати ҳусни ту ишқам началидо,
Пои хирадам дар раҳи шавқат касалидо.
Аз шавқи рухат рақскунон меялидо,
Охир ба муроди дили хешат беғалидо.

*Савдо*

**114**. Порчаҳоро нависед ва калимаҳои навро ёбед ва зерашон хат кашед. Гӯед, ки кадоме аз онҳо умумӣ шудааст?

1. Салим Соҳибназарзода ҳақ дошт, ки он замини навкушодаи худро «тиллои сиёҳ» меномид. Дар ҳақиқат, ҳамин тиллои сиёҳ дар тирамоҳи соли 1929 аз ҳар гектар 200 пуд тиллои сафед дод.

2. Бурда сар аз Шахтаи Данбасс ба моҳ
Хирмани ангишт – тиллои сафед.

*Мирзо Турсунзода*

**115.** Матнро хонед ва хулосаатонро гӯед.

5 декабри соли 1957 дар шаҳри Ленинград киштие сохта шуд, ки он бо қувваи атом ҳаракат мекард. Ин

аввалин киштии атомӣ дар ҷаҳон буд. Онро атомоходи «Ленин» номиданд.

12 апрели соли 1961 шаҳрванди шӯравӣ Юрий Алексеевич Гагарин аввалин шуда ба сӯи коинот парвоз намуд. Ба ин муносибат дар забон **космонавт, кайҳоннаворд, киштии кайҳонӣ, бевазнӣ, космонавтика** барин калима ва мафҳумҳои нав ба вуҷуд омаданд.

Ба шарофати авҷгирии бо мошин чидани пахта **киштии кабуд, бордон, дефолиатс(ц)ия** барин калимаҳои нав пайдо шуданд.

Аз ин маълум мешавад, ки таркиби луғати забон аз ҳисоби ба вуҷуд омадани калимаҳои нав ва тобиши нави маъноӣ пайдо кардани баъзе калимаҳои маъмул муттасил бой мегардидааст. Чунон ки дар мисолҳои боло мебинем, **атомоход, космонавт, кайҳоннаворд** калимаҳои нав буда, калимаҳои **киштӣ** ва **бордон** тобиши нави маъноӣ пайдо кардаанд: **Киштӣ** акнун ифодакунандаи мафҳуми мошине мебошад, ки на фақат дар об, балки дар фазову дар хушкӣ низ ҳаракат мекунад; **бордон** бошад, акнун на фақат барои ифодаи хӯрҷин, ҷувол ва зарф, балки барои ифодаи як қисми мошини пахтачинӣ ҳам истифода мешавад.

**116.** Калимаҳои зеринро наввожа гуфтан мумкин аст? Гӯед, ки онҳо чӣ гуна сохта шудаанд?

бедилизм, ҷадидизм, тамошогар, кранчӣ, роҳи асфалтпӯш, мошинахона, комбинати хонасозӣ

## КАЛИМАҲОИ СОҲАВӢ

**117.** Калимаҳоро нависед, ба кадом соҳаву пеша ва кор мансуб будани онҳоро шарҳ диҳед ва дар қатори охир номи соҳаро нависед.

| | | | |
|---|---|---|---|
| реша | рақс | ғӯза | шероза |
| асос | оҳанг | пахта | фаровез |
| бандак | адвор | нах | зеҳ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| сифат | мақом | ҷӯяк | абра |
| мубтадо | бастакор | нурӣ | сӯзанӣ |

Калимаҳои соҳавӣ ба ин ё он соҳаи илм, санъат,-техника ва истеҳсолот мансубанд, ки қариб ҳамеша як маъно доранд. Онҳоро истилоҳот низ меноманд. Истилоҳот дар алоҳидагӣ низ маънои муайяни худро нигоҳ медоранд. Ин калимаҳоро асосан мутахассисон истифода мебаранд. Масалан, номи таҷҳизоти заргариро заргар ва номи моддаву маҳлули кимиёвиро олиму мутахассиси фанни химия медонад. Барои хуб фаҳмидану дарк кардани илм ва касбу кори гуногун донистани истилоҳот – луғат бағоят муҳим аст.

Истилоҳот дар луғатҳои соҳавӣ шарҳу маънидод мешаванд.

Калимаҳои соҳавии серистеъмол дар луғатҳои тафсирӣ низ маънидод ва бо аломат ишора мегарданд.

**118.** Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед. Калимаҳои бо ранги сиёҳи баланд чопшударо нависед ва шарҳ диҳед, ки ба кадом соҳа мансубанд.

Рӯзе ман аз Устоамак, яъне Устохоҷа, пурсидам:

– Амак! Шумо ин қадар ҳунарро ба кӣ шогирд шуда омӯхтед?

Ӯ ҷавоб дод:

– Хешовандони мо ҳама **дуредгари**ро медонанд. Намебинӣ, ки падарат усто, амакат усто, амакбобоят ҳам усто буданд, бобо ва бобокалонҳои мо ҳам усто буданд. Аммо ҳеҷ кадоми онҳо ба касе шогирд нашудаанд ва аз якдигар дида омӯхтаанд, баъд аз он мувофиқи қобилият ва ғайрати худ баъзеҳошон бисёр ҳунарманд ва баъзеашон камҳунартар шуда мондаанд. Ман ҳам **тешазани**ро ба кори падару бобо нигоҳ карда омӯхтам. Баъд аз он ақли худро кор фармуда, ҳунари худро пеш бурдам. Дар **кандакорӣ** ман аввалин намунаҳоро аз сангҳои

мазори худамон гирифтам ва бо ақли худ **нақшҳои** шинами хушнамо ёфтам.

Устоамак як **нақш**ро, ки дар коғазе кашида шуда буд, ба ман нишон дода гуфт:

– Ин нақшро **дувоздаҳгиреҳ** меноманд, – ва коғази дигареро ба ман нишон дода давом намуд: – ин ҳам ҳамон дувоздаҳ гиреҳ аст, фарқ дар ин ҷост, ки дар ин коғаз дар байни **гиреҳҳои дувоздаҳгона** ситораҳо ва бодомчаҳо нақш ёфтаанд. Мебинӣ, ки ин дувоздаҳгиреҳ назар ба он дувоздаҳгиреҳи қадимӣ чӣ қадар хушнамо ва дилрабо шудааст. Ана ҳамин майдакориро ба дувоздаҳгиреҳи қадимӣ ман аз ақли худ бароварда ҳамроҳ кардам.

Устоамак коғазҳоро, ки онҳоро худ **андоза** меномид, ба **ҷузвгири** чармини худ гузошт ва боз сухани худро давом дод:

– Агар шогирд танҳо ба омӯхтани ҳунари устоди худ қаноат мекард, дар дунё ҳеҷ ҳунар пеш намерафт. Ривоҷдиҳандаи ҳунарҳо он шогирдоне мебошанд, ки аз ақли худ чизҳо ёфта, ба ҳунари устои худ зам мекунанд, – мегуфт ва баъд аз он: – Исто, исто, ман ба ту як чизи ғалатӣ сохта диҳам, – гӯён аз ҷояш хеста, ба ҳавлии дарунаш даромад ва аз он ҷо як най гирифта баровард, ки ним метр дарозӣ дошт ва сӯрохии дарунаш ним сантиметр меомад.

*Садриддин Айнӣ*

**Савол ва супориш**

1. Дар кадом ҷумлаҳои ин матн чӣ фикри муҳимме баён шудааст? Он ҷумлаҳоро ёбед ва маънидод кунед.
2. Фикри асосӣ дар кадом сарсатр омадааст?
3. Дар мавзӯи «Касби дӯстдоштаи ман» иншое нависед ва аз рӯйи имкон аз истилоҳоти лозима истифода баред.

**119.** Матнро хонед, калимаҳои соҳавии онро нависед ва шарҳ диҳед. Гӯед, ки онҳо ба кадом соҳаи илм мансубанд.

Тамсил аслан арабӣ буда, бо калимаҳои «масал, мисол, мисл, амсол» ва монанди инҳо ҳамреша мебошад. Чун истилоҳ тамсил чунон жанри эпикист, ки дар

воқеаи на чандон калони вай ҳар гуна махлуқот, наботот, ашё ва ғайра иштирок менамоянд.

Муҳимтарин хусусияти тамсил ин аст, ки амалкунандагони ғайриинсонӣ чун инсон гуфтугӯ мекунанду хулқу рафтори одамиро аз худ содир менамоянд. Сюжети тамсил аз як воқеаи бағоят хурди яклухт иборат мешавад.

Бояд донист, ки агар барои латифа воқеа характернок набошад, тамсил бидуни ҳодиса бунёд ёфта наметавонад.

Дар тамсил муҳимтарин ҷиҳати хислати предмети тасвир ба тариқи аёнӣ таъкид меёбад. Мурод аз ин панд аст. Бесабаб нест, ки дар адабиёти дидактикии ҳамаи халқҳо тамсил аз ҷумлаи паҳншудатарин жанрҳо ба шумор меравад. Дар адабиёти асримиёнагии тоҷик «Калила ва Димна», «Тӯтинома» ва чандин силсилаи дигар дар асоси тамсил бунёд ёфтааст.

Яке аз хусусиятҳои барҷастаи услубии тамсилҳои адабиёти тоҷик ин аст, ки вай аксаран бо наср гуфта мешаваду бо шеър оро меёбад. Намунаи беҳтарин тамсили Абдураҳмони Ҷомӣ «Каждум ва сангпушт» мебошад…

Тамсил дар адабиёти бисёр халқҳо мақом дорад. Тамсилҳое, ки ба Эзоп (асри VI–V пеш аз милод) мансуб дониста мешаванд, дар тамоми олам машҳуранд. Шуҳрати ин бузургмарди юнонӣ ба дараҷае расид, ки умуман суханони киноявии таҳдорро «забони эзопӣ» номиданд.

*Раҳим Мусулмонқулов*

## КАЛИМАҲОИ ШЕВАГӢ

**120.** Порчаро хонед ва шарҳ диҳед, ки чаро Зафар сухани амакашро нафаҳмид.

Амаки Зафар, ки аз деҳа ба меҳмонӣ омада буд, гуфт:

– Зафарҷон, ман зардаҷӯш шудам, рафта аз ошхона дуто беҳӣ биёр.

Зафар ҳайрон меистод.

– Амакҷон, бехияш-чӣ?

– О, ҷони амакаш, дар деҳаамон аслан калимаи бехиро истифода мекунанд. Беҳӣ, ин сабзӣ аст.

*Азиз Каримов*

**Савол ва супориш**

1. Чаро ***бехӣ***-ро ҳама намефаҳманд?
2. Дар маҳалли шумо ба ҷойи ***сабзӣ*** кадом калимаҳоро истифода мебаранд?
3. Бо шумо чунин ҳодиса рух додааст? Мухтасар нависед.

Калимаи **сабзӣ** умумиистеъмолӣ буда, ба ҳамаи тоҷикон фаҳмо мебошад. Калимаи **бехӣ** танҳо дар нутқи одамони як маҳал истифода мешавад ва он калимаи шевагист.

Калимаҳое, ки танҳо дар ин ё он маҳал истифода мешаванд, шевагӣ мебошанд.

Баъзе калимаҳои шевагие, ки дар асарҳои гуногуни адабӣ нисбатан бештар истифода мешаванд, дар луғатҳои тафсирии забони адабии ҳозираи тоҷик ворид гаштаанд. Дар ин сурат дар қавсайн ишора мегарданд.

Калимаҳои шевагӣ дар луғатҳои махсуси ба шева бахшидашуда шарҳ меёбанд.

**121.** Матнро бодиққат хонед ва гӯед, ки ҳадафи асосии он аз чӣ иборат аст. Мавқеи истифодаи калимаҳои шевагиро пай бурдед?

Ман дар хусуси таъсири забони мактабӣ ба забони гуфтугӯ як ёддошти худро нақл хоҳам кард: дар моҳи сентябри соли 1936 ман ба яке аз маданитарин шаҳрҳои Тоҷикистон – ба Хуҷанд рафта будам.

Дар он ҷо забони гуфтугӯи омма ва саводнокҳои куҳнаро гӯш додам.

Дар он ҷо дар қатори монанди «гусел» луғатҳои адабии классикӣ, «ҷуред!», «қачан меравим?», «ким омад?» барин луғатҳои хандаовар шунидам. Дар он миён маро ба маҷлиси ҷавонон даъват карданд.

Аксарияти аҳли маҷлис талабаҳои мактабҳои миёна ва муаллимон буданд. Хушбахтона, дидам, ки талабаҳои

мактабҳои миёна ва муаллимоне, ки аз мактабҳои ибтидоӣ сар карда дар мактабҳои нав хонда баромадаанд, бо забони адабии софи оммафаҳм гап мезананд ва ягон ҷумлаи аз қоида берунро кор намефармуданд. Луғатҳои маҳаллии маҳдудро ҳам дар гуфтугӯи худ ҳамроҳ намекарданд. Аммо муаллимони куҳнасавод ва роҳбарони калонсол бошанд, бо ҳамон «ҷуред!», «қачан?», «ким»-ҳо гап мезананд.

Ана дар ҳамин гуна замон ва шароит шумо, рафиқ Толис, забони вайрони ба мурдан маҳкумшударо дар ҳикояи мазкур («Студентшавандаҳо») «зинда кардан» хостаед...

Дуруст аст, ки ҳоло ҳам дар миёни муаллимон ва талабаҳо касоне ҳастанд, ки калимаи «шашум»-ро аз калимаи «шиштум» фарқ накарда гап мезананд. Вазифаи нависандагон ба ин гуна «муаллимҳо» ва «талабаҳо»-и бесавод тақлид кардан набуда, балки дар порчаҳои ҳаҷвӣ камбудии забони он шахсҳои ҷудогонаро масхара карда нишон додан аст, то ки он гуна одамони «аҳли илм» камбудии худро фаҳмида ислоҳ кунанд ва касони дигари монанди инҳо зимнан аз камбудии худ хабардор шуда, дар пайи ислоҳи худ афтанд.

Дар ҳикояи Шумо бошад, Маъруф, Сокина ва Санавбар типҳои мусбат буда, ҳеҷ гоҳ мақсади шумо бояд ҳаҷв кардани забони онҳо набошад.

*Садриддин Айнӣ*

**Савол ва супориш**

1. Нақле нависед ва дар он шахсонеро тасвир кунед, ки калимаҳои шевагиро бемавқеъ истифода мебаранд.
2. Вазифаи нависандаю хонанда дар вақти навиштану гап задан аз чӣ иборат будааст?
3. Муносибати шумо бо калимаҳои шевагӣ чӣ гуна аст?

**122.** Матнро хонед ва яке аз манбаи бойшавии забон будани калимаҳои шевагиро шарҳ диҳед.

Дар ин ҷо ҳарчанд аз мавзӯи ин мактуб берун буда, ба ҳикояи Шумо дахл надорад, як роҳи инкишофи забони адабиро қайд кардан мехоҳам.

Ин кор фармудани луғатҳои маҳаллӣ аст. Ба фаҳми ман, дар кор фармудани луғатҳои маҳаллӣ бисёр эҳтиёт кардан, аммо чизҳои нағзи онро аз назар нагурезонидан лозим аст. Дар лаҳҷаҳои маҳаллӣ, монанди «ибӣ»-и бухороиён (*бухорогиён не!*) калимаҳое ҳастанд, ки қобилияти умумӣ шудан надоранд ва ин гуна калимаҳоро танҳо дар порчаҳои ҳаҷвӣ кор фармудан мумкин аст. Аммо дар забонҳои маҳаллӣ баъзе калимаҳое ҳастанд, ки классиконаанд, бо вуҷуди дар як маҳал зинда будани он гуна калимаҳо, онҳо ба дараҷае классиконаанд, ки баъзе касони бехабар онҳоро «забони қадимии мурда» мепиндоранд ва дар архаизм медароранд. Чунончи, «гусел» дар Хуҷанд дар байни авоми бесавод кор фармуда мешавад.

Аммо бухороиён дар ҷойи ин калима «узод»-ро кор мефармоянд. Вазифаи нависандагон ин гуна калимаҳоро умумӣ кардан аст.

Боре дар Душанбе ба ман воқеае рӯй дода буд, ки ҳеҷ гумон намекардам: Ман дар боғи (дачаи) ҳукуматӣ манзил карда будам. Рӯзҳои тирамоҳ буд. Як пагоҳӣ барои ҳавогирӣ аз хона баромадам. Дар майдони пеши дарвозаи дача як тоҷики ҳамонҷоӣ хазонрӯбӣ мекард.

Дар рӯ ба рӯйи дача (боғ) як бинои нав сохта шуда буд. Ман дидам, ки болои боми он бино пурбарф аст, аммо дар дигар ҷойҳо осори барф набуда, ҳаво он қадар ҳам сардӣ надошт. Ман аз тоҷики хазонрӯб пурсидам:

– Магар имшаб барф боридааст?

– Не, наборидааст, – ҷавоб дод ӯ.

Ман сафедии бомро ба ӯ нишон дода боз пурсидам:

– Пас ба рӯйи бом он чизи барфмонанд чист?

– Намак аст, – гуфт ӯ дар ҷавоб.

– Чаро ба рӯйи бом намак пошидаанд? – Ман тааҷҷубкунон пурсидам, чунки то он вақт ба рӯйи бом намак пошиданро надида будам.

– **Бар боми нав то намак напошӣ, напояд**, – гуфт дар ҷавоб.

Ман таъбири классиконаи он тоҷики бесаводро шунида дар ҳайрат афтодам, таъбири ӯ ба ёди ман таъбири Саъдиро, ки дар «Гулистон» мегӯяд: «Он ки напояд, дилбастагиро нашояд», ба ёдам овард. Ман то он вақт дар навиштаҳои худ калимаи «пойдор, нопойдор»-ро кор фармоям ҳам, аз тарси он ки омма намефаҳмад, «напояд»-ро кор намефармудам. Аммо он рӯз дидам, ки ин калима дар забони зинда будааст ва ҳақ дорад, ки дар умумӣ кардани ӯ кӯшида шавад.

*Садриддин Айнӣ*

**Савол ва супориш**

1. ***Осор*** чӣ маъниҳо дорад? ***Осори барф***-ро чӣ тавр мефаҳмед?
2. ***Таъбири классикона,*** яъне чӣ?
3. Калимаҳои қолиби дар шеваи маҳалли худбударо нависед ва аниқ созед, ки кадоме аз онҳо ба ҳама фаҳмо аст.

**123.** Матнро хонед. Чӣ хидматҳои дигари устодро медонед? Мухтасар нависед.

Таърихи маданияти тоҷик бисёр бузургворонро медонад. Устод Садриддин Айнӣ яке аз он бузургонест, ки назму насри тоҷикро ба пояи боз ҳам баландтар бардоштааст. Ӯ асосгузори адабиёти навини тоҷик мебошад. Устод Айнӣ барои ташаккули забони адабии ҳозираи тоҷик ҳам хизмати шоистаи таҳсин кардааст. Устод кӯшиш мекард, ки забони адабӣ дастраси ҳамаи халқ бошад, дар он калимаҳои ба омма маълум ҳарчи бештар бошанд. Ӯ на фақат ба интихоби калимаву услуби ҷумла, балки ба тарзи талаффуз диққат медод. Вай мегуфт:

«Дар Бухоро ва Самарқанд «харбузая буред!» мегӯянд, аммо дар кӯҳистон «харбузара буред!» мегӯянд. Дар Бухоро «чиба», дар Самарқанд «чива» мегӯянд ва монанди инҳо... Агар мо «барои чӣ – аз барои чӣ?» ё ин ки дар мавриди муносиб «чаро?» нависем, ман гумон мекунам, ки омма ба фаҳмиданаш душворӣ намекашад...

Азбаски «харбузая – харбузара» ҳар ду аз харбузаро» вайрон шудаанд, агар мо «харбузаро буред!» нависем, ҳеч чиз бой намедиҳем.

Ин танҳо як мисол аст. Устод Айнӣ садҳо калимаву ибораҳо ва таъбирҳои халқиро умумӣ кардааст.

**Савол ва супориш**

1. Ба забони адабӣ сухан кардан чӣ аҳамият дорад?
2. Ба калимаҳои шевагӣ чӣ гуна муносибат доред?
3. ***Дастраси ҳамаи халқ бошад***-ро чӣ тавр мефаҳмед?
4. Дар маҳалли шумо ба ҷойи ***чаро?, барои чӣ?*** Кадом калимаҳоро истифода мекунанд?

## ТАЪРИХИ БАРОМАДИ БАЪЗЕ КАЛИМАҲО

**124.** Хонед ва шарҳ диҳед, ки кадом соҳаи забоншиносӣ таърихи баромади калимаҳоро меомӯзад.

Баробари ба забон овардани калимаҳо диққати касро хоҳу нохоҳ мафҳум, маънӣ, сохт ва аз ин рӯ баромади онҳо ба худ мекашад: садбарг (гуле, ки дорои сад барг бошад), чорпоя, чорпо (дорои чор пой), китобхона (хона ё махзани китоб).

Пай бурдани маънӣ ва баромади қисме аз ин гуна калимаҳо осонтар буда, қисми дигарашон бағоят душвор аст. Чунончи, аз рӯйи сохту маънӣ баромади зардолу (олуи зард), тоҷи хурӯс (гули ба тоҷи хурӯс шабоҳатдошта), падарарӯс (падари арӯс), Ҳисор (макони бо қалъа иҳоташуда), Чордеҳ (макони иборат аз чор деҳ). Аммо дар забон калимаҳои зиёд вуҷуд доранд, ки муносибати сохту шакл ва мафҳуму маънии онҳоро муайян кардан кори саҳл нест: харбуза, пазируфтан, нуздаҳ, нағз, Данғара, Хуҷанд, Ғарм, Помир...

Бо ин масъала соҳаи махсуси забоншиносӣ – этимология сарукор дорад.

Этимология калимаи юнонӣ буда, дар хусуси пайдоиши калимаҳо баҳс мекунад. Этимология ду хел мешавад:

1. Этимологияи халқӣ – аз рӯйи фаҳмиши халқӣ бе асоси таърихӣ маънидод кардани пайдоиши калима.

2. Этимологияи таърихӣ дар асоси далелҳои таърихии забон ва сарчашмаҳо муайян намудани пайдоиши калима.

Этимологияи таърихӣ пайдоиши калимаҳоро бо роҳи бевосита нишон додани сарчашмаҳои забонӣ ва ё ба воситаи барқарор намудани таърихи калима муайян менамояд.

*Рустам Ҷӯраев*

**Этимология аз калимаи юнонии *etymologia* ва *etymon* гирифта шудааст, ки маънии ҳақиқии калимаро мефаҳмонад.** Шарҳи таърихи баромад ва тағйироти сохти калимаҳо дар луғати этимологӣ дода мешавад. Масалан, калимаи **абр** дар луғати этимологӣ чунин шарҳ ёфтааст:

**АБР –** саҳоб, бухори об дар ҳаво. **Абри гирён** – киноя аз абри боридаистода, абри найсон – абри баҳор.

Дар маънии имрӯзааш ҳанӯз дар забони қадими эронӣ вуҷуд доштааст: **ав – авра – абр, борон**, ҳиндуии қадим – **абҳара**, паҳлавӣ – **абр**, сакӣ – **пуаура**. Дар забонҳои имрӯзаи эронӣ низ нигоҳ дошта шудааст: форсӣ **абр**, курдӣ – **авр, аур**, афғонӣ – **аврай**.

Баъзе маълумоти этимологӣ дар луғатҳои дигар ҳам дида мешавад. Масалан, дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» аз кадом забон будани калима ва маънои он, дар «Луғати тоҷикӣ-русӣ» ба кадом соҳа ё шева дахл доштани калима ишорат мегардад:

Аз «**Фарҳанги забони тоҷикӣ**»: **авқот** – а.ҷ. вақт (яъне аз забони арабӣ буда, шакли ҷамъи калимаи вақт аст). **Вақт –** а. (яъне арабӣ) 1. гоҳ, ҳангом, ҳиссае аз замон, соатҳои муайяни шабу рӯз. 2. фурсат ва муддати таъиншудаи коре. 3. мавсим, фасл. 4. замон, давр, аҳд.

Аз «**Луғати тоҷикӣ-русӣ**»: **димоға** – геог. (яъне соҳаи география).

**125.** Матнро хонед ва сарсатрҳоеро, ки дар онҳо таърихи баромади калимаҳо шарҳ ёфтаанд, нависед.

Дар вагон танҳо нависандагон монданд. Дигарон рафтанд. Устод, «Шумо ҳам агар хоҳед равед, дар ин ҷо ягонтаатон бо ман монад, бас аст. Ман то омадани духтур бояд дар ҳамин ҷо бошам», – гуфт ва ҳамаи моро аз назар гузаронд. Ҳеҷ кас фикри рафтан надошт.

Инро устод аз нигоҳи мо пай бурда, «Хайр, ихтиёратон» гуфт.

Мавзӯи суҳбати мо хеле парешон ва безавқ буд, диққати устодро ба худ ҷалб карда натавонист.

Чӣ бояд кард? Байтбарак! Оҳиста ба Деҳотӣ гуфтам.

Деҳотӣ бо сарҷунбонӣ «ҷояш нест» гуфт. Он гоҳ бе маслиҳати Деҳотию дигарон ташаббусро ба дасти худ гирифта, аз «кашфиёт»-и охиринам сухан кушодам.

– Дӯстон, – гуфтам, – оё медонед, калимаи **чакман** ихтисори **чокдоман** аст? Калимаи **чароғ** ихтисори **чарбуроғ** аст. Яъне равшании чарбу.

Ҳама хандиданд. Устод сар бардошта:

– Чаро механдед? – гуфт. – Дар ҳақиқат, **роғ** маънои **равшанӣ** дорад. Барои ҳамин ҳам дар Бухоро «Дар нимроғ кушода шудааст» мегӯянд,…

Баъд аз ҳамон рӯз ҳар боре, ки дар бораи таърихи калимае баҳс мерафт, Абдусалом Деҳотӣ бо шӯхӣ мегуфт: «Бо Миршакар баҳс накунед, вай ҳатто устод Айниро қоил карда буд».

**Савол ва супориш**

1. Матн ба кӣ taаллуқ дорад ва аз чӣ донистед?
2. Таърихи баромади калимаеро аз касе шунида бошед, мухтасар нависед ва дар муҳокимаи ҳамсинфон гузоред.
3. *Байтбарак*-ро аз ҷиҳати сохт муайян кунед.
4. Гӯед, ки чаро дар ин матн аломатҳои китобат бештар истифода шудаанд.
5. **Деҳотӣ** кадом ҳиссаи нутқ аст ва чӣ тавр сохта шудааст?

**126.** Матнро хонед ва хулосаатонро баён кунед. Гӯед, ки забон бар иловаи калимаҳои наву иқтибосӣ боз аз ҳисоби кадом сарчашмаҳо бой мегардад.

Боре устод Айнӣ бо телефон хоҳиш кард, ки аз қироатхона бароям «Ғиёс-ул-луғот»-ро биёрам.

Китобро гирифта ба боғи ҳукумат, ба назди устод бурдам. Вай ҷома дар китф, асо дар дасташ мегашт, гулҳоро тамошо мекард. Баъд аз ҳолпурсӣ гулҳои худрӯйро бо нӯги асо нишон дода пурсид:

– Дар Помир инҳо чӣ ном доранд?

Ба устод фаҳмонидам, ки фирӯзарангашро **гули фирӯза** ва онро, ки ранги зард дорад, **ширгулак** меноманд, чунки шерааш чун шир сафед. Устод шарҳ дод, ки решаи калимаи **шира шир** аст. Устод номи гулҳои бисёреро пурсид, донистагиамро гуфтам ва дар охир ҳасрат кардам, ки дар Тоҷикистон гулҳои роғию боғӣ бисёранд, аммо дар ҳар маҳал номашон дигар аст, номи ягонаи адабиашон ба мо маълум нест. Дар бораи парандаҳо ҳам вазъият ҳамин тавр аст. Назми мо аз гулҳо фақат номи садбаргу лоларо медонаду аз парандаҳо номи булбулро. Ба устод суханонам писанд омад ва фикри хубе изҳор кард, ки чи тавре ки фолклоршиносон барои ҷамъ кардани адабиёти лафзӣ шаҳр ба шаҳр, деҳа ба деҳа мегарданду менависанд, барои донистани номи гулҳою парандаҳо ҳам ҳамин тавр амал кардан лозим аст. Баъд ҳамаи он номҳоро бо номҳои адабиашон муқоиса карда, он номеро, ки байни омма машҳуранду ба забони адабӣ наздиктар аст, оммавӣ кардан лозим аст.

*Мирсаид Миршакар*

**Савол ва супориш**

1. Ифодаи ***роғию боғӣ***-ро маънидод кунед ва имлои онро шарҳ диҳед.
2. ***Адабиёти лафзӣ*** гуфта устод чиро дар назар дорад?
3. Донистани номи парандаю гулҳо чӣ аҳамият дорад?
4. Номи гулҳои медонистагиатонро нависед ва шарҳ диҳед.

**127.** Матнро хонед ва гӯед, ки барои луғатдон шудан чӣ бояд кард.

Аз дур Деҳотӣ намоён шуд, ки ба тарафи мо меомад, устод ӯро дида:

– Ин Деҳотӣ будагист! – гуфт.

– Бале, – гуфтам.

– Ба худи ҳамин, – гуфт устод, – борҳо гуфта будам, ки дар бораи гулҳову парандаҳо барои бачаҳо ҳикояҳои хурд-хурде нависад. Аз дасти ӯ ин кор меояд. Баробари расида омадани Деҳотӣ суҳбати мо тағйир ёфт. Деҳотӣ бо ғурбату ҳасрат:

– Тамоми шаб нахобидам, – гуфт, – луғатковӣ кардам.

– Маънои ягон калимаро? – пурсид устод.

– Дар «Лайлию Маҷнун»-и Низомӣ калимаи **«саҳм»** кор фармуда шудааст, лекин маъноро вайрон мекунад.

– **Саҳм**ро ба кадом маъно кор фармудааст?

– **Саҳм** як маъно дорад – **ҳисса**, – ҷавоб дод Деҳотӣ.

Устод суоломез ба ман нигарист.

– Лекин дар мо саҳм инчунин маънои **ваҳм, тарсу бим** ҳам дорад, – ҷавоб додам.

– Дар забони тоҷикӣ, – гуфт устод,– **саҳм**и тоҷикӣ маънои **ваҳм, тарсу бим** дорад, аммо **саҳм**е, ки маънои **ҳисса, тиру камон** дорад, калимаи арабист ва ҳозир, ки дар адабиёт танҳо ба маънои **ҳисса** кор фармуда мешавад, нодуруст ва боиси камбағал кардани забон мешавад.

– Аммо ман бори аввал мешунавам, ки калимаи **саҳм** инчунин маънои **тиру камон, тарсу биму ваҳм** дорад, – софдилона иқрор шуд Деҳотӣ.

Устод ба ҷӯш омада:

– Бадбахтӣ, – гуфт, – дар он аст, ки аз халқ дур афтодаем, ба забони зиндаи ӯ аҳамият намедиҳем. Гоҳ-гоҳ ба бозор худам меравам ва кӯчагардҳо овоза кардаанд, ки, аз афташ, рафиқ Айнӣ ба ҳеҷ кас аз оилаашон боварӣ надорад, ки худаш бозор мекунад, то ки чизҳои нағзеро бо нархи арзон гирад… Инҳо ҳама гапанд.

Дуруст аст, пули ҳалоли ба даст даромадаро ҳаром сарф кардан хуб нест. Лекин сабаби ба бозор рафтани ман дигар буд. Бо халқи одӣ ҳамсухан мешудам, калимаву ибораҳое аз забони онҳо мешунидам, ки забонамро ғанӣ карданд.

Мо, одатан, барои донистани маънои калимаҳои нофаҳму шубҳанок ба «Ғиёс» ё «Бурҳон» муроҷиат мекунем. Луғати зинда – халқро фаромӯш мекунем.

*Мирсаид Миршакар*

**Савол ва супориш**

1. Кадом хислати устодро аз матн пай бурдед?
2. ***Худаш бозор мекунад***-ро маънидод кунед.
3. Чаро «Лайлию Маҷнун» дар нохунак гирифта шудааст?
4. Чанд ҷумла нависед, ки ***саҳм*** ба маъноҳои гуногун омада бошад.

## КОР БО МАТНИ ҲИСОБОТ

**128.** Матнро хонед ва ба муҳтавои он диққат диҳед.

Ҳисобот шифоҳӣ ва хаттӣ буда, шахс, ташкилот ва муассисаро фаро мегирад. Ин ҳуҷҷат барои омӯхтан, санҷидан, ҷамъбасти ягон кор, муайян сохтани паҳлуҳои мусбату манфӣ ва хулоса баровардану барои беҳтар гаштани фаъолияти оянда кумак мерасонад. Ҳисобот бояд кӯтоҳ, дақиқ ва амиқ бошад. Дар он истифодаи ифодаҳои миқдори он *тақрибан, наздик ба... аст ё хеле бузург, бисёр, хеле бисёр, дуру дароз* номатлуб аст.

Ҳисобот ҳуҷҷатест, ки оид ба тайёр намудан ва гузаронидани корҳо, дар бораи иҷро намудани нақшаҳо, супоришҳо, сафарҳои хидматӣ ва чорабиниҳои дигар маълумот медиҳад ва ба мақомоти болоӣ ва шахси мансабдор пешниҳод карда мешавад.

Вожаи ҳисобот дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» чунин маънидод шудааст: 1. Муҳосиба. 2. Хулосаи кор ва фаъолияти касе ё муассисае; ҳисобот додан

дар бораи кори кардашуда ё дахлу харҷ маълумот додан (ё маърӯза кардан) (ҷ. 2, саҳ. 529).

**Аз рӯйи нақшаи зерин навиштани ҳисобот мумкин аст:**

1. Кӣ, барои чӣ ва барои кадом давра ҳисобот медиҳад?
2. Вазифаи асосие, ки дар ҳамин давра ба нақша гирифта шудааст.
3. Мухтасар, аниқ ва бо зикри далелҳо, рақам ва шахсони иҷрокарда мураттаб навиштани корҳои анҷомдодашуда.
4. Зикри вазъияте, ки барои иҷрои кори пешбинишуда мусоидат карданд ё монеъ шуданд.
5. Хулоса ва пешниҳодҳо.

Дар зери ҳисобот таърихи иҷро ва имзо гузошта мешавад.

Дар қадами аввал хонандагон тибқи нақша дастаҷамъона ҳисоботи шифоҳӣ омода мекунанд. Сипас кор бо луғат ё шарҳи луғат анҷом дода мешавад, ба шарте ки мавзӯи ҳисобот истилоҳотро фаро бигирад.

**129.** Матни ҳисоботро хонед ва мулоҳизаҳоятонро баён кунед.

## Ҳисобот
## оид ба фаъолияти хонандагони синфи 7-и муассисаи таҳсилоти умумии № 16 ш. Қӯрғонтеппа дар мавриди ҷамъоварии оҳанпора

Идораи маорифи вилояти Хатлон ҳамаи хонандагонро барои ҷамъоварии оҳанпора даъват кард. Ин даъват аз тарафи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии 16 шаҳри Қӯрғонтеппа дастгирӣ ёфт ва онҳо қарор карданд, ки ҳама ба ҷамъоварии оҳанпора машғул мегарданд. Маблағи аз ҳисоби оҳанпора бадастовардаи хонандагон барои муҷаҳҳаз гардонидани кабинети технологияи мактаб сарф карда мешавад.

Хонандагон ба гурӯҳҳо ҷудо шуда, дар як муддати кӯтоҳ аз аҳолӣ ва корхонаҳои давлатию шахсӣ дар ҳудуди 25 тонна оҳанпора ҷамъоварӣ намуданд.

Дар байни хонандагони синфҳо, яъне гурӯҳҳо мусобиқа ба роҳ монда шуд. Дар ин кор хонандагони синфи $11^{а}$ ғолиб баромаданд, яъне аз ҳама бештар оҳанпора ҷамъ карданд.

Сарвари муассисаи таҳсилоти умумии №16 оҳанпораҳоро ба ширкати хусусие, ки оҳанпораҳоро мехаранд, супорид ва маблағи бадастомадаро барои таҷҳизонидан кабинети меҳнат сарф намуд.

26 апрели соли 2016 *Саидов Шодмон*

**130.** Нақшаи кори синфро барои моҳи май таҳия кунед. Дар таҳияи он ду-ду ё гурӯҳӣ фаъолият намоед. Дар вақти аниқ сохтани тарҳи нақша ба намунаи зерин зеҳн монед.

*Намуна:*

| Р/т | Номгӯи чорабиниҳо | Мутасаддии иҷро | Муҳлати иҷро | Қайдҳо оид ба иҷро |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |

**131.** Дар бораи кори дар дарси меҳнат анҷомдодаатон ҳисобот нависед. Супориш шудааст, ки барои мактаб 30 хокандоз сохта шавад. Корро аз чӣ сар мекунед ва ба чӣ анҷом медиҳед?

*Намуна:*

- Супориш
- Амалиёти меҳнатӣ
- Асбобҳо ва маҳсулот
- Маҳсулоти тайёр

## Намунаи ҳисобот

Хонандагони синфи мо вазифадор шудаанд, ки дар устохонаи мактаб 25 адад хокандоз созанд. Муддати муайяншуда хеле кам аст. Бо роҳбарии омӯзгори фанни «Технология» (меҳнат) дар қадами аввал андозаи онро

аниқ сохтем. Мо, хонандагон, тасмим гирифтем, ки аз шакли кори гурӯҳӣ истифода барем, зеро таҷҳизоти техникӣ дар устохонаи мактаб кам аст. Дар муддати се дарс тибқи супориш хокандозҳо омода гаштанд. Ҳар як хонанда дар сохтани хокандозҳо саҳм гирифт. Пеш аз он ки ба кори асосӣ оғоз кунем, корҳои лозима: андозагирӣ, буридан, сӯҳон кардан, сӯрох кардан, қатъ кардан, часпондан ва ғайраҳоро анҷом додем.

Ҳангоми сохтани хокандозҳо аз асбобҳои гуногун: қайчӣ, искана, холсумба, барма, болға… истифода бурдем. Дар муддати се рӯз аз тунука ва варақаи филизӣ хокандозҳо сохта шуданд.

*Заҳрои Парвиз*

**Савол ва супориш**

1. Матн ба кадом услуби забон тааллуқ дорад?
2. Дар он феълҳои сода бештар истифода шудаанд ё таркибӣ? Чаро?
3. Чаро дар ҷумлаи чорум ва дар сарсатри охир аломати баён истифода шудааст?
4. «Хокандоз» чӣ вазифаро иҷро мекунад?
5. Нақшаи кор барои навиштани ҳисобот чӣ аҳамият дорад?
6. Ҳар кас дар мавриди ягон кори анҷомдодааш ҳисобот омода созад.

**132.** Матни ҳисоботи болоро бори дигар хонед. Бо истифода аз мазмуни он дар мавзӯи «Ман чӣ тавр хокандоз сохтам?» иншо нависед. Иншои навиштаатонро бо матни ҳисобот муқоиса кунед. Онҳо аз якдигар чӣ фарқ доранд? Дар истифодаи феълҳо чӣ тафовутро мебинед?

**133**. Нақшаи тартиби гузаронидани баъзе бандҳои таътили тобистонаро таҳия кунед. Мумкин аст, ки баъзе бандҳои нақшаи таҳиякардаи духтарон аз нақшаи тартиб додаи писарон фарқ кунад. Баъди муҳокима яке аз нақшаҳои хуб таҳияшуда чун намуна интихоб мешавад. Намуна:

I. Ёрӣ расондан ба падару модар дар корҳои хона:

1. Пок кардани хона
2. Харид кардани маҳсулоти хӯрокӣ
3. Шустушӯи либосҳо

II. Мутолиаи китобу маҷалла ва рӯзномаҳо:
1. Китоб: Повест ва ҳикояҳои П. Толис, «Ривояти суғдиён»-и С. Улуғзода
2. Маҷаллаҳои ...
3. Рӯзномаҳои ...

III. Рафтан ба театр ва ҷойҳои таърихӣ:
1. Ба театри ҷавонон
2. Ба осорхонаи ноҳиявӣ
3. Ба қалъаи Ҳисор ва ғайраҳо.

IV. Корҳои дастӣ
1. Гулдӯзии куртаҳо
2. Бофтани рӯймол
3. Бофтани ҷӯроб

**134.** Бар асоси нақша ҷадвали нақшаи гузаронидани таътилро таҳия кунед.

| Р/т | Кадом корҳоро бояд анҷом дод? | Таърих | Эзоҳот оид ба иҷро |
|---|---|---|---|
| 1. | Ёрӣ расонидан ба падару модар дар корҳои хоҷагӣ | Аз 25. 03. то 2. 04 | |
| 2. | Хондани китоби | | |

**135.** Доир ба иҷрои чорабиниҳое, ки бахшида ба ҷашни Наврӯз анҷом додед, ҳисобот нависед.

Дар ҳисобот бояд ҳам паҳлуҳои мусбат ва ҳам манфии фаъолияти анҷомдодаи муассиса зикр ёбанд.

### Ҳисобот
### оид ба корҳои дар китобхонаи мактаб анҷомдодаи гурӯҳи духтарон

Як гурӯҳ духтарони синфи ҳафтум бо сардории ман вазифадор шуда будем, ки ба китобхона ёрӣ расонем.

Мо аслан баъди дарс ва дар вақтҳои холӣ ин корҳоро анҷом медодем.

Вақте ки баъди дарс хонандагон дар китобхона зиёд мешуданд, мо ба мудири китобхона дар ёфтану номнавис кардани китобҳо ёрӣ мерасонидем. Дар рӯзҳои аввал иҷрои ин кор бароямон душворӣ пеш меовард, баъдтар мо одат кардем ва иҷрои кор бароямон ба осонӣ даст медод.

Мо ба чунин қарор омадем, ки китобҳои куҳнаро таъмир намоем: китобҳоро ширеш мекардем, барои муҳофизат болои муқоваи китобҳоро бо қоғазҳои сахт мепечонидем. Бештар моро лозим меомад, ки китобҳои навро тибқи тартибот ҷо ба ҷо кунем. Онҳоро дар дафтар сабт карда, дар рафҳои китобмонӣ аз рӯйи ҳуруф мегузоштем.

Ҳамзамон мо тартибу низомро дар китобхона назорат мекардем, то ки хонандагон дар толор оромона нишинанд ва ба дигарон халал нарасонанд. Нигоҳ мекардем, ки мабодо хонандагон саҳифаҳои китобро даронда бо худ нагиранд. Мо ба ҳама чиз диққат медодем, то ки тартибу низом дар китобхона пурра риоя гардад.

Бар иловаи ин ҳама мо китобҳои навро барои намоиш мегузоштем. Лавҳаҳо омода мекардем, ба пешвози ҷашнҳо толорро хуб метаҷҳизонидем. Мо китоби махсус ташкил кардем, ки дар он расмҳои тадбирҳои дар толор гузашта пурра ҷой дода шуданд. Дар охир китоби мазкурро ба китобхонаи мактаб ҳадя намудем.

Кор дар китобхона айни ҳол идома дорад. Ин кор бароямон маъқул аст ва мудири китобхона аз мо розӣ мебошад.

Роҳбари гурӯҳ /имзо / *Ҳилолова С.*

Таърих

**136.** Матни ҳисоботро хонед ва аниқ созед, ки он муфассал баён ёфтааст ё мухтасар.

**Ҳисобот**
**оид ба корҳои дар соли 2009-2010 анҷомдодаи гурӯҳи сохтмончиёни мактаби № 8 ноҳияи …**

Дар назди мактаби № 8 ноҳияи … аз ҳисоби хонандагони синфҳои 10-11 гурӯҳи сохтмончиён таъсис дода шудааст. Гурӯҳи мазкур барои он дар назди ин мактаб таъсис дода шуда буд, ки бо қувваи хонандагон барои мактаб устохона ва ошхона сохта шавад. Дар гурӯҳ 53 нафар хонандагони синфҳои 10-11, ки бо корҳои сохтмонӣ ошноанд, муттаҳид шудаанд. Дар навбати худ аз рӯйи соҳа ба 5 зергурӯҳ ҷудо гаштаанд: бетонрез, андовагарон (шкатуршикҳо), наҷҷорон ва ғайраҳо. Гурӯҳро як сарвару ду муовин идора мекунанд. Муовини якум корҳои ҳисобу китоб ва масъалаҳои идорӣ ва дувумӣ вазифаи муҳандисиро пеш мебарад. Бо қувваи худи хонандагон тамоми корҳои сохтмонӣ ва насбкунӣ анҷом дода мешаванд.

Дар соли 2009 устохонаи таълимӣ сохта шуда, ҳамзамон тамоми корҳои фаръӣ низ ба анҷом расид, ки майдони то 140 метри квадратиро ташкил медиҳад. Хонандагон мактаб барои ҳосил кардани малака оид ба корҳои коркарди филизот ва чӯб пурра таъмин шуданд. Барои корҳои сохтмонӣ ва таъмини таҷҳизот 20 ҳазор сомонӣ маблағ сарф гардид.

Соли 2010 гурӯҳи сохтмончиён ошхонаи мактабро барои сад нафар сохта ба истифода доданд. Ҳамзамон дар назди ошхона кабинети рӯзгордорӣ сохта шуд. Хонандагони мактаби мо имконият пайдо карданд, ки ҳар рӯз хӯроки гарм хӯранд ва духтарон кори амалии рӯзгордориро омӯзанд. Барои сохтани ошхонаю кабинети рӯзгордорӣ ва таҷҳизонидани он 25 ҳазор сомонӣ сарф шуд.

Корҳои сохтмонӣ мавсимианд. Дар давраи зимистон, ки имконияти сохтан андак душвор мегардад, хонандагон дар дарс ва берун аз дарс назарияи сохтмонро меомӯзанд: бо нақшаҳо ва технологияи маводи сохтмонӣ ошно мегарданд, саёҳат ба сохтмонҳои бузург

гузаронида мешавад. Вохӯрӣ бо сохтмончиёни беҳтарин ба роҳ монда мешавад. Ҳамзамон зимистон корҳои ташкилӣ ба мисли бастани қарордод, ҷамъбасту ба хулоса омадан, таҳияи нақшаи фаъолият анҷом дода мешаванд.

Бо оғози баҳор корҳои сохтмонӣ сар мешаванд. Баъди дарс ва дар вақтҳои холӣ кор фаъолона сар мешавад. Ҳамаи аъзои гурӯҳи сохтмончиён ду-се касбро фаро гирифта, корҳои ба зиммаашон гузоштаро аз меъёрҳои муқарраршуда бештар анҷом медиҳанд. Хонандагон С. Аҳмадов, С. Неъматова, М. Бобокалонова, С. Рауфов, О. Ашӯров ва дигарон ҳамеша корҳояшонро барзиёд иҷро мекунанд.

Ба муносибати соли нави 2010 ҳамаи корҳои ба нақша гирифташуда комилан анҷом ёфта, биноҳо барои истифода супорида шуданд. Аксарияти аъзои гурӯҳи сохтмончиён орзу доранд, ки баъди хатми мактаб ихтисоси сохтмончӣ бигиранду дар сохтмонҳои азим кор кунанд. Барои онҳо аз курсҳои таҷрибаи амалӣ гузаштан шарт нест, чунки онҳо барои фаъолияти меҳнатӣ комилан омода мебошанд.

Сардори гурӯҳи сохтмончиёни
назди мактаби №8 ноҳияи ... Имзо / / *А. Салимов*
9 январи соли 2010

## ТАЪБИРҲО (ФРАЗЕОЛОГИЗМҲО)

**137.** Ҷумлаҳои ҳар ду сутунро хонед ва муқоиса кунед. Гӯед, ки ифодаҳои бо ранги баланд чопшуда аз ҳамдигар чӣ фарқ доранд.

| | |
|---|---|
| 1. **Араќи ҷабини** ӯ беист ҷорӣ шуда, ба чашм ва нӯги биниаш мефарояд. | 1. Ҳамаи ин муъҷизаи табиат не, балки маҳсули **араќи ҷабин** ва ҷидду ҷаҳди одамон аст. |
| 2. Ҳамеша бо **дасти рост** салом мекунанд. | 2. Парвиз дар ҳамаи корҳо **дасти рости** падараш буд. |

| | |
|---|---|
| 3. **Дарди сар** Пӯлодро бисёр нороҳат мекард. | 3. Ман намехоҳам, ки дар чунин шароит меҳмон гашта **дарди сари** шумо шавам. |
| 4. Салим доруҳои духтур додаро **об карда хӯрд**. | 4. Салим таърифу қоидаҳоро **об карда хӯрдааст**. |

**138.** Ҷумлаҳоро нависед ва ифодаҳои бо ранги баланд чопшударо шарҳ диҳед. Гӯед, ки онҳо чӣ маъно доранд.

1. Раҳматҷон аз ҳарсола дида, серкору серғайрат буд. Вай **чашми рӯз накафида,** ба саҳро мерафт. (С. А.)

2. – Чаро хафа менамоӣ, димоғат аз чӣ сӯхт?

– Димоғ-чӣ, **ҷигарам месӯзад, мағзи устухонам месӯзад**, – бо лабханди дардмандона гуфт Сафар. (С. У.)

3. Нақли усторо шунида, **дилам ба ӯ месӯхт**, меҳру эҳтиромам ба вай боз ҳам меафзуд. (С. З.)

**Фразеология** як боби забоншиносӣ буда, фразеологизмҳо (таъбирҳо)-ро меомӯзад. Фразеологизмҳо ифода ва иборахое ҳастанд, ки дар шакли устувору яклухт ва тайёр мавҷуданд. Маънои онҳо аз таркиби умумиашон бармеояд.

**139.** Фразеологизм (таъбир)-ҳои зеринро нависед ва маънои онҳоро шарҳ диҳед.

| | |
|---|---|
| кори хайр | гӯши касеро тофтан |
| барги сабз | ду даст дар бинӣ омадан |
| гули сари сабад | гурги борондида |
| нури дида | бори накав |

Ибораи наҳвӣ (синтаксисӣ) дар ҷараёни нутқ сохта мешавад ва ҳар як калимаи таркиби он маънои мустақили худро нигоҳ медорад.

Фразеологизм (таъбир)-ҳо баръакс дар забон дар шакли устувор ва тайёр мавҷуд буда, калимаҳои таркиби онҳо мустақилияташонро гум кардаанд ва ё маънои луғавиашон хира гаштаанд. Маънои фразеологизмҳо на аз калимаҳои ҷудогона, балки аз таркиби яклухти он бармеояд. Агар ягон калимаи таркиби фразеологизмҳо иваз карда шавад, маъно халал меёбад. Аз ин рӯ, фразеологизмҳо дар ҷумла ба вазифаи як аъзои ҷумла меоянд, яъне маънои ягонаи луғавӣ доранд.

**140.** Байтҳоро хонед ва маънидод кунед. Кадом махсусиятҳои фразеологизмҳоро пай бурдед?

1. Дар Эрон маро як нафар дӯст буд,
Ки бо ман чу мағзе ба ду пӯст буд.

*А. Лоҳутӣ*

2. Суҳбати мо кашол ёбад агар,
Бештар мешавем сурху сафед.

3. Ҷони ширин, тоҷи сар кун дӯстро,
Ҷой дар мағзи ҷигар кун дӯстро.

*М. Турсунзода*

## ТАЪБИРҲО ВА ФАРҚИ ОНҲО АЗ КАЛИМАЮ ИБОРАҲО

**141.** Хонед ва фарқи фразеологизмҳоро азибораҳои наҳвӣ шарҳ диҳед.

| | |
|---|---|
| китоби шавқовар | гули сари сабад |
| китоби нав | аз пашша фил сохтан |
| китоби ман | гул-гул шукуфтан |
| китоби бадеӣ | дар курта нагунҷидан |

**142.** Фразеологизмҳои зеринро хонда шарҳ диҳед ва муродифҳои онҳоро дар рӯ ба рӯяшон нависед:

саҳари солеҳон *барвақт*

пашшаро озор надодан ____________
аз дилу ҷон ____________
дасту по хӯрдан ____________
мум газидан ____________
забон баровардан ____________

**143.** Ҷумлаҳоро хонед ва лутфҳои онҳоро шарҳ диҳед. Сипас фразеологизмҳоро аниқ сохта, хусусиятҳои онҳоро номбар кунед.

1. Меҳмон ба дастурхон «ҳуҷум» кард, мизбон дасту по гум кард.
2. Аз худ рафт ва дере нагузашта аз Худо низ рафт.
3. Модар хуни ҷигар мехӯрад, писар кока-кола.
4. «Хушбахтона, адабиёти тоҷик дар ин давра камол ёфт», – изҳор кард мунаққиде. Камол Насрулло курта-курта гӯшт гирифт.
5. Шикамат нақора мезанад? Рақс кун!
6. Замоне чун ба хонаамон меҳмон ояд, дуд аз мӯриямон мебаромад, ин замон дуд аз димоғамон мебарояд.
7. Гаҳвораат аз осмон ғалтидааст? Лингатро аз осмон меорем!

*Абдурауф Муродӣ*

Фразеологизмҳо дар шакли тайёр мавҷуданд ва онҳоро чун калима дар ёд нигоҳ дошта, айнан истифода бурдан лозим аст.

Аз рӯйи маъно одатан калима муродифи фразеологизм мебошад.

Ҷузъҳои таркиби фразеологизмҳо асосан доимӣ буда, калимаҳои таркиби онҳо иваз намешаванд. Фразеологизмҳо аз бисёр ҷиҳат ба калима монананд ва маънои мустақили луғавӣ дошта, вазифаи наҳвиро иҷро мекунанд. Дар таркиби фразеологизмҳо камаш ду калимаи мустақил мавҷуд аст ва аз калима фарқ мекунад. Хусусияти образнокӣ ба фразеологизмҳо хос аст. Онҳо айнан тарҷума намешаванд.

**144.** Ба ҷойи калимаҳои бо ранги баланд чопшуда аз фразеологизмҳои дар қавсбуда мувофиқашро гузошта, ҷумлаҳоро нависед.

1. Ҷавоби саволро ки намедонист, **шарм карда** чизе гуфта наметавонист.
2. Меҳмони дирӯз омада **зинатбахши** суҳбати мо буд.
3. Нагузоштед, ки **андак** истироҳат кунем.
4. Сулҳия дар байни ҳамсинфонаш ҳамчун аълохон **машҳур шуд.**

(дасту по гум кардан, гули сари сабад, нафас рост кардан, ном баровардан)

**145.** Матнро нависед ва гӯед, ки кадом таъбир чун лутф истифода шудааст.

Зариф дар таъмири хонаи Ибод ёрӣ мерасонд. Вақти хӯрокхӯрӣ шуд. Ибод ба Зариф муроҷиат карда гуфт:

– Биё, ман об резам, дастатро шӯй.
– Ман аз ту даст шустан намехоҳам, – гуфт Зариф.
– Ба дилам зан, аҷаб гапҳо мезанӣ!
– Медонам, ки кайҳо ба дилат задаам.

*Азиз Каримов*

## ХУСУСИЯТҲОИ МУРОДИФӢ, ЗИДМАЪНОӢ ВА ҲАМГУНАӢ

**Фразеологизмҳо** дар забони тоҷикӣ ҳамшаклу муродиф ва муқобилмаъно дошта метавонанд. Масалан, фразеологизмҳои аз худ рафтан, сурху сафед шудан, чашм пӯшидан, дил додан дар баъзе мавридҳо ба маънои комилан дур истифода мешаванд: Гоҳо кор то ба ҷое мерасид, ки онҳо шарм надошта, дар болои соати дарс бо ҳамдигар **сурху сафед** мешуданд. (Ф. М.)

Аз бадии толеам ҳамон вақт дар кисаам ҳам ягон пул набудааст, аз ин ҳол **сурху сафед шуда мондам**. (С. А.)

Ин фразеологизмҳо тамоман ба маъноҳои дигар омадаанд.

**146.** Фразеологизмҳои зеринро хонед ва гӯед, ки онҳо чӣ хусусият доранд. Онҳо ба ҳам муродифанд ё не? Бо истифода аз онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.

*Намуна:* Муҳаммадалӣ ин таърифро шунида, аз хурсандӣ дар ҷомааш намеғунҷид (Ҳ. Назаров).

табъи касе кушода шудан, димоғи касе чоқ гардидан, курта-курта гӯшт гирифтан, ба пӯст нағунҷидан, гул-гул шукуфтан, тоқиро ба осмон партофтан, сар ба осмон расидан.

**147.** Ҷумлаҳои зеринро хонед ва баъд фразеологизмҳои онро ёфта нависед ва шарҳ диҳед.

1. Пирак ба хубӣ мефаҳмид, ки бародараш имрӯз ё фардо аз дунё чашм хоҳад пӯшид. (С. Айнӣ) 2. Дар миёни ин ду шоир дар натиҷаи он ранҷиш хеле ҳаҷвиёт ба вуҷуд омадааст, ки ҳар ду ногап шуда аз дунё гузаштаанд. (С. А.) 3. Бо вуҷуди ин бо ҷуфти касона ҳамин баҳор ин ғӯзаро кишт, баъди аз каланд баровардан бандагии худро ба ҷо овард. ( С. А.)

**148.** Фразеологизмҳои зеринро хонед ва шарҳ диҳед.

*Намуна:* шамол хӯрдан (зуком шудан) ва шамол хӯрдан (дар ҳавои тоза сайругашт кардан).

ба қиём омадан – ба қиём омадан; занг задан – занг задан; тамиз доштан – тамиз доштан; сир додан – сир давондан.

**149.** Фразеологизмҳоро нависед ва ҳар кадомашро шарҳ диҳед.

*Намуна:* дасти дароз (тавоноӣ ва дороӣ), дасти кӯтоҳ – нотавонӣ ва камбағалӣ.

дасти дароз, дасти кӯтоҳ; дили касеро бардоштан, дили касеро шикастан; ба роҳ андохтан, аз роҳ задан; ба осмон бардоштан, ба замин задан; аз по афтондан , ба

по хестан; дили нарм, дили сахт; обрӯй гирифтан, обрӯй рехтан; дил бастан, дил додан; сару калобаи чизеро гум кардан, нӯги ресмонро ёфтан; хату савод баровардан, алифро таёқ гуфтан.

## МАВҚЕИ ФРАЗЕОЛОГИЗМҲО ДАР НУТҚ

Таъбирҳо бештар дар нутқи гуфтугӯ ва асарҳои бадеӣ истифода мешаванд. Онҳо барои ҷаззобу таъсирбахш ва возеҳу дилчасп шудани сухан аҳамияти калон доранд.

**150.** Фразеологизмҳои зеринро хонед ва тобишҳои маъноии онҳоро шарҳ диҳед. Бо чанде аз онҳо ҷумла тартиб диҳед.

*ақли худро хӯрдан, пишаки касеро пишт гуфтан, аз пашша фил сохтан, димоғи касе сӯхтан, барги сабз, ба мурод расидан, ҷон ба саломат бурдан, лаб кушодан, сухани касеро ба замин мондан, арақи ҷабин рехтан.*

**151.** Порчаҳоро хонед ва гӯед, ки таъбирҳо дар онҳо чӣ нақш доранд.

1. Раҳими Қанд… барои исботи ҳунармандии худ ва забардастии устодони худ «ёддошт»-и зерини худро нақл кард:

– Ман, – гуфт ӯ, – ба Насруллои дегфурӯш, ки мардум номи ӯро кӯтоҳ карда «Насруллои Дег» мегуфтанд ва дар шашмақомдонӣ ягонаи даврон буд, даҳ сол ба тарзи шогирдӣ хидмат кардаам. Баъд аз он ки ман дар пеши ӯ шашмақомро об карда хӯрдам, маро ҳамроҳи худ ба меҳмониҳо бурдан гирифт.

2. Вақте ки меҳмонӣ қариб ба поён расид, ӯ ба касоне, ки дар он тӯй хидмат мекарданд:

– Ба ин кас ҳам ош биёретон, охир! – гуфт маро нишон дода, – ҳамроҳи дасти ин кас шикамашон ҳам танбӯр навохта истодааст.

*С. Айнӣ*

**152.** Ҷумлаҳоро нависед фразеологизмҳоро аниқ сохта, вазифаи онҳоро шарҳ диҳед.

1. Димоғи ҳамаи рафиқон аз ин меҳмони нохондаи дилбеҷокунанда сӯхта буд ва аз ҳама зиёдтар димоғи ман сӯхта буд.

2. Аммо ба сабаби он ҳама корҳои дилбеҷокунанда иштиҳои ман кӯр шуда буд ва дилам чизе наметалабид.

3. Қориишкамба бо шунидани ин пешниҳод чунон шодӣ кард, ки аз хурсандӣ дар пӯсташ намеғунҷид.

*С. Айнӣ*

4. – Ҳаа, – гуфт ангишткаш ва овозашро пасттар карда илова намуд: – Дузд то гулуи миршабро равған карда наистад, duздӣ карда наметавонад.

*С. Улуғзода*

**153.** Тақлидан ба матн ҳикоячае тартиб диҳед. Кӯшиш кунед, ки фразеологизмҳо бамавқеъ истифода шаванд.

Талабагон повести Пӯлод Толис «Тобистон»-ро мехонданд. Вақте ки ҷумлаи «Аввалҳо мевафурӯшӣ ба ман ҳеҷ маъқул набуд, онро як кори маҷбурӣ медонистам, ба бозор бо гардани баста мерафтам» хонда шуд, Аҳмад пурсид:

– «Бо гардани баста мерафт» мегӯянд? Ин чӣ маъно дорад?

– Ин таъбири халқ аст, ки дилу бедилон ва ё маҷбуран иҷро кардани кореро ифода мекунад, – гуфтанд бачаҳои дигар.

*Азиз Каримов*

**154.** Фразеологизмҳои зеринро хонед ва муайян кунед, ки кадоме аз онҳо серистеъмоланд. Бо онҳо ҷумла тартиб диҳед.

забонкӯтоҳ шудан, пешпо хӯрдан, бар замин чашм дӯхтан, бе ресмон бастан, коҳи куҳнаро бод додан, аз даст додан, тешаро ба тарафи худ задан, думро хода кардан.

## КОР БО ФАРҲАНГҲОИ ТАФСИРӢ ВА ФРАЗЕОЛОГӢ

**155.** Матнро бодиққат хонед ва мазмуни онро шарҳ диҳед.

**Фарҳанги тафсирӣ**: Ин фарҳанг яке аз фарҳангҳои паҳншудатарин ҳисоб меёбад. Агар ба фарҳанги тафсирӣ муроҷиат кунед, оид ба ин ё он калима ахбори фаровон ба даст меоред. Дар ин фарҳанг маънои калимаҳо шарҳ дода мешавад. Ҳамзамон баъзе маълумотро оид ба меъёри талаффузу навишт, фразеологизмҳо ва таърихи баромади калимаҳо мегиред. «Фарҳанги забони тоҷикӣ», ки соли 1969 чоп шудааст, яке аз беҳтарин фарҳангҳо ҳисоб меёбад. Он на танҳо барои калонсолон, балки барои хонандагони мактабҳои кишвар хидмат мекунад.

Мураттибони «Фарҳанги забони тоҷикӣ» – Т. Зеҳнӣ, В. А. Капранов ва дигарон дар назди худ вазифа гузоштаанд, ки ба хонандагон дар амиқтар омӯхтани забони модарӣ ва сарфаҳм рафтан ба адабиёти пешину муосир кумак расонанд. Фарҳанг имконият медиҳад, ки хонанда ҳусни баёни худро баланд бардошта, захираи луғавиашро ғанӣ гардонад.

Пеш аз кор бо фарҳанги мазкур муқаддимаи онро аввал бояд хонд, зеро дар он нишондодҳо оид ба сохтори фарҳанг ва тартиби истифода зикр гардидаанд. Фарҳанги номбурда дар навбати аввал имкон медиҳад, ки аз маънои калима огаҳӣ ёбед. Аз китобҳои забони тоҷикӣ маълум аст, ки маънои луғавии калимаҳоро бо чанд роҳ шарҳ додан мумкин аст: а) бо интихоби калимаҳои аз ҷиҳати маъно наздик; б) бо нишон додани аломати предмет; в) ошкор кардани маънои ҷузъҳои калима ва ғайра.

Дар назар бояд дошт, ки ҳангоми шарҳи маънои луғавии калима дар қадами аввал маънои аслию баъдан маънои маҷозӣ мавриди шарҳ қарор мегирад. Чунин ҷойгиршавии мавод ба мураттаб ва ҳамаҷиҳата тавсиф кардани калимаи шарҳшаванда имконият фароҳам меоварад.

Аз «Фарҳанги забони тоҷикӣ» маълумоти лозимаро оид ба ҳар як калима ба даст оварда метавонед. Фарҳангҳоро китоби китобҳо номидаанд.

*Аминов С.*

**156.** Аз «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (ҷ. 1., саҳ. 159) шарҳи вожа – калимаи **бахт**-ро хонед. Калима ва ифодаҳои бо ин вожа омадаро бе шарҳашон нависед.

**157.** Дар «Фарҳанг» фразеологизмҳо ҷой дода шудаанд. 5–6 фразеологизм-ро ёбед ва шарҳ диҳед.

**158.** Дар «Фарҳанг» феълҳо дар шакли масдар дода шудаанд. Аз «Фарҳанг» 10 феълро ёбед ва шарҳ диҳед. *Намуна:* дӯшидан – ҷӯшидани шири гов, гӯсфанд, буз ва ғайраҳо.

**159.** Аз «Фарҳанг» 5 калимаро ёбед, ки истилоҳи фаннӣ бошад.

**160.** «Фарҳанг...»-ро бубинед ва аз он даҳ калимаи мураккабро, ки исм бошанд, интихоб карда нависед ва тарзи сохта шуданашонро шарҳ диҳед.

**161.** Матнро хонед ва маънидод кунед.

**Фарҳанги фразеологӣ**. Фразеологизмҳои ҳар як забон махсусиятҳои худро доранд. Бахусус, фразеологизмҳо аз ҷиҳати луғавӣ якпорча, таркибу сохти устувор, дар шакли ифодаҳои яклухту тайёр мавҷуданд. Фразеологизмҳо аз дигар воҳидҳои забонӣ бартарӣ доранд: ба нутқ образнокӣ мебахшанд, муассиранду муҷаз, махсусиятҳои миллиро дар худ мунъакис сохтаанд. Аз ҳамин ҷиҳат фразеологизмҳо дар асарҳои бадеӣ, публитсистӣ ва нутқи шифоҳӣ ба таври фаровон истифода мешаванд.

Фаро гирифтани фразеологизмҳо ба масъалаи ҳусни калом ва маҳорати суханварӣ сахт алоқаманд мебошад. Нутқи шахсе, ки фразеологизмҳоро медонад, на

танҳо образноку возеҳ, балки содаю нишонрас мебошад. Фразеологизмҳо ҷумласозиро осон гардонида, нутқро ғанӣ мегардонанд. Фразеологизмҳоро фаро нагирифта, ба нутқи фасеҳу равон ноил гаштан ғайриимкон аст. «Фарҳанги ибораҳои рехта»-и М. Фозилов ва «Луғати фразеологии мактабӣ»-и С. Аминов дар фаро гирифтани фразеологизмҳои забони тоҷикӣ кумак мерасонанд.

**162.** Аз «Луғати фразеологизмҳои мактабӣ» панҷтоӣ фразеологизмҳои омонимӣ, муродифӣ ва зидмаъноро ёфта нависед ва шарҳ диҳед.

**163.** Фразеологизмҳои зеринро, ки аз «Луғати фразеологии мактабӣ» интихоб шудаанд, шарҳ диҳед.

санг задан, санг бар дил ниҳодан, санги вазнин, санги сиёҳ будан, сангро мум гардонидан, сар ниҳодан, сар ба осмон расидан.

## КОР БО ФАРҲАНГИ ЭТИМОЛОГӢ

**164.** Матнро хонед ва фаҳмидаатонро бозгӯ кунед.

**Фарҳанги этимологӣ**: Ҳар яки шумо метавонед, ки омӯзгоронро дар вазъияти ногувор мононед, ба шарте ки ба таърихи баромади калимаҳо таваҷҷуҳ дошта бошед. Дуруст аст, ки (ва ин хеле кам аст) дар дарсҳо ягон- ягон ба таърихи баромади калимаҳо ошно мешавед. Ва тибқи барномаи таълим ин мавзӯъ дар синфи 7 пешбинӣ шудааст.

Таърихи баромади калима – этимология хеле шавқовар аст. Он доираи дониши забониро васеъ гардонида, барои беҳтар нуфуз пайдо кардани тафаккури таърихии забон ёрӣ мерасонад. Донистани таърихи баромади калима барои беҳтар дарк кардани сохтори забон ва баланд бардоштани саводи имлоӣ мусоидат менамояд.

Ба ҷуз як китобчае, ки ҳанӯз соли 1985 бо хоҳиши Институти таҳқиқоти илмии илмҳои педагогӣ (Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи кунунӣ) Р. Ҷӯраев таҳти унвони «Этимологияи 100 калима» таҳия ва таълиф карда буд, дигар маводи мукаммал ба забони тоҷикӣ дастрас нагаштааст. Ин чунин маъно надорад, ки гӯё оид ба ин масъала аслан маводе мавҷуд нест. Дар баъзе асарҳои забоншиносӣ оид ба баъзе масъалаҳои марбути таърихи баромади номҳои одамон, номҳои географӣ ва ғайраҳо изҳори назар шудааст. Гап сари он аст, ки бахшида ба этимологияи калимаҳои забони тоҷикӣ ягон асари бузургҳаҷме ҳанӯз офарида нашудааст. Барои аниқ кардани этимологияи илмии калима танҳо донистани забони адабии муосир басанда набуда, балки донистани таърих, қонуниятҳои фонетикию грамматикӣ, мушаххасоти забонҳои хеш ва усули муқоисавӣ – таърихии забоншиносиро донистан зарур аст. Ҳамзамон таърихи халқро, ки соҳиби забон мебошад, донистан шарт аст, зеро таърихи забон бо таърихи халқ робитаи қавӣ дорад.

Пай бурдани маъно ва таърихи баромади қисме аз калимаҳо нисбатан осонтар буда, қисми дигарашон хеле душвор аст. Масалан, аз рӯйи сохту маънӣ баромади зардолу (олуи зард), тоҷи хурӯс (гули ба тоҷи хурӯс монанд), падарарӯс (падари арӯс), Ҳисор (ҷойи бо қалъа иҳоташуда)… Вале дар забон калимаҳое низ мавҷуданд, ки мафҳуму маънӣ ва сохти онҳоро муайян кардан осон нест: харбуза, нуздаҳ, нағз, Данғара, Хуҷанд ва ғайраҳо.

**165.** Хонед ва маънидод кунед.

**Абру** – дар гуфтугӯ қош (туркӣ-ӯзбекӣ), абруи хамида – абруи камоншакл, абру кушодан – хушҳол шудан. Калимаи ҳиндуаврупоӣ аст. Решаи ҳиндуаврупоӣ бру; муқ. кунед: русӣ – бровь, эронии қадим – абру, ҳиндуи қадим – бҳру, юн. – офру, англ. қадим – бру, пом-ш-вруғ.

**166.** Хонед ва маънидод кунед.

**Буз** – калимаи умумиэронӣ; ав. – буза, форсӣ-тоҷ. миёна ва нав – буз, афғ. – вуз, вез, пом. р: ваз, бал. – буз, кур. – бузен, яғн. – вуз, вез.

**Даҳ** – рақам, калимаи умумии ҳиндуаврупоӣ: ав. – даса, ҳиндуи қад. – дас, скифӣ – даса, форсӣ-тоҷ. қадим – даса, форсӣ-тоҷ. миёна ва нав – даҳ (аз даса). Натиҷаи гузариши «с» ба «ҳ» : кур. – даҳ, бал. – до, аммо ос – дас, яғн. – дас, пом. р. – зус, афғ. – лас. Муқ. кунед: русӣ – десять, англ. – тен.

*Р. Ҷӯраев*

## Саволҳо барои такрору ҷамъбасти калима ва фразеологизмҳо

1. Чиро луғат – лексика мегӯянд?
2. Калимаҳои умумиистеъмолӣ кадомҳоанд?
3. Чаро баъзе калимаҳо ба ҳама фаҳмо нестанд? Онҳо чӣ гуна калимаҳоанд?
4. Чӣ гуна калимаҳоро шевагӣ мегӯянд?
5. Калимаҳои шевагӣ чӣ аҳамият доранд?
6. Калимаҳои соҳавӣ кадомҳоянд ва чӣ хусусиятҳо доранд?
7. Кадом калимаҳоеро медонед, ки фақат дар соҳаи забон ва риёзӣ истифода мешаванд.
8. Кадом калимаҳо аслии тоҷикӣ мебошанд?
9. Чӣ гуна калимаҳоро иқтибосӣ мегӯянд?
10. Чаро калимаҳо аз як забон ба забони дигар мегузаранд?
11. Таърихи баромади калимаҳоро кадом қисми забон меомӯзад?
12. Чиро таъбир ё фразеологизмҳо мегӯянд?
13. Фразеологизмҳо чӣ хусусиятҳо доранд? Онҳоро шарҳ диҳед.
14. Таъбирҳо бо чӣ хусусияташон аз калимаҳо фарқ мекунанд?
15. Дар кадом вақт таъбирҳо бештар истифода мешаванд?
16. Таъбирҳо дар нутқ чӣ нақше доранд?
17. Кадом фарҳангҳо (луғатҳо)-ро медонед? Номбар кунед.

## КОР БО МАТНИ МУСОҲИБА

**167.** Порчаро хонед, махсусиятҳои мусоҳибаро аниқ кунед ва ба тартиб нависед.

***Мусоҳиба*** вожаи арабӣ буда, дар фарҳангҳо ин тавр шарҳ дода шудааст: бо касе суҳбат доштан, бо касе ёру ҳамдам шудан; мусоҳиба – ҳамсуҳбат шудан бо касе, ҳамсуҳбатӣ, ҳамдамӣ; гуфтугӯ бо фарди сиёсӣ, илмӣ ё адабӣ.

Мусоҳиба дар рӯзномаю маҷаллаҳо ба табъ мерасад ва аз тариқи радио ва телевизион шунавонида мешавад.

Ҷавоби ҳамсуҳбат ба саволҳои рӯзноманигор муҳтавои мусоҳибаро ташкил менамояд. Дар мусоҳиба баён аз номи шахсе сурат мегирад, ки андешаи ӯ оид ба он масъала ва ё ҳодиса барои хонанда (шунаванда ва ё тамошобин) шавқовар аст. Аз ин рӯ, ин шахс ё худ шоҳиди бевоситаи ҳодиса ва ё аз рӯйи донишу таҷриба метавонад ба саволҳои ба миёнгузошта ҷавобҳои дақиқ диҳад. Мусоҳиб метавонад аз ҷумлаи сиёсатмадорон, олимон, нависандагон, рассомон, соҳибкорон, сарварони хоҷагии деҳқонӣ ва ғайраҳо бошад.

Нақши мухбир танҳо аз навиштани ҷавоби мусоҳиб иборат нест. Хуб баромадани мусоҳиба ба омодагии мухбир ва маҳорату кордонии ҷалби ҳамсуҳбат ба гуфтугӯ ва роҳбарӣ ба суҳбат вобаста аст.

Мухбир пешакӣ бо ҳамсуҳбатиояндаи худ бояд вохӯрад ва агар лозим шавад, бо ҳодисаи рухдиҳанда, ки дар мавриди он сухан меравад, ошно гардад. Агар бо ҳамсуҳбату ҳодиса ошноӣ надошта бошад, таҳияи саволҳо ва ба шакли муайян даровардани мавзӯъ ва ҳадафи мусоҳиба душвор ва номумкин мегардад.

Аксаран дар аввали мусоҳиба доир ба ҳамсуҳбат, мавзӯъ ва вазифаи ӯ маълумоти мухтасар дода мешавад. Ин ба он мақсад аст, ки хонанда (шунаванда) бояд донад, ки бо кӣ суҳбат доир мегардад ва ҳадафи суҳбат аз чӣ иборат аст. Одатан мусоҳиба дар шакли диалог-гуфтугӯи байни ду кас доир мешавад, яъне мухбир

пешниҳод мекунад, ҳамсуҳбат ба ҳар кадом савол ҷавоб медиҳад.

Мусоҳиба чунин шаклҳо дорад: мусоҳиба – нақл (як саволи умумӣ пешниҳод мегардад; ҷавоби муфассал дода мешавад ва одатан нақл аз номи шахси якум сурат мегирад); мусоҳиба – суҳбат (мухбир савол медиҳаду ҷавоб мегирад ва баён аз номи шахси якум ва сеюм анҷом дода мешавад); мусоҳиба – тасвир (суҳбатҳои гуногун, зимнан мухбир ҷойи суҳбат, ҳамсуҳбати худ, таассурот, муҳокима то руҷӯи лирикии ба мавзӯъ алоқамандро тасвир мекунад).

Суҳбати умумӣ ё гурӯҳӣ ҳам мешавад. Дар ин асно якчанд нафар ширкат менамояд. Оид ба фаҳмидани афкори умумӣ дар бораи ин ё он масъала пурсишнома ба роҳ монда мешавад.

Пурсишнома баъди такмилдиҳӣ ҷамъоварӣ ва таҳлил карда мешавад. Натиҷаҳо дар матбуот нашр мешаванд, ки ин ҳам як навъи мусоҳиба аст.

*Сайдамир Аминов*

**168.** Саволҳои дар намунаи (вариант) аввал барои мусоҳиба пешниҳодшударо хонед. Шумо кадоме онро беҳтар ва ё номувофиқ меҳисобед? Сипас гӯед, ки намунаи сеюм аз онҳо чӣ фарқ дорад? Хулосаи Шумо.

*Намунаи 1:* 1. Ту чӣ тавр ба Панҷрӯд рафтӣ? 2. Дар бораи ҷойҳои бароят писандафтода нақл кун. 3. Ту кадом ҷойҳоро дидӣ? 4. Дар бораи Панҷрӯд андешаатро баён кун. 5. Сафари Панҷрӯд ба ту чӣ гуна таассурот бахшид?

*Намунаи 2:* 1. Ту ҳангоми сафар ба Панҷрӯд чиро дидӣ? Деҳаи Панҷрӯд ба ту таассуроте бахшид? Ту танҳо саёҳат кардӣ ё бо гурӯҳ? 4. Таърихи Панҷрӯд ба ту чӣ таассурот бахшид? 5. Дубора ин мавзеъро диданӣ ҳастӣ ё не?

*Намунаи 3:* 1. Ба ту Панҷрӯд писанд омад? Кадом ҷойҳои таърихиро дидӣ? 3. Кадом осорхона ва ҷойҳои таърихӣ бароят маъқул шуд? 4. Дар Рӯдак будӣ? Чӣ чиз туро дар ҳайрат овард? Марқади устод Рӯдакӣ ба ту чӣ таассурот бахшид? Ҷойҳои таърихии он мавзеъро дидӣ?

**169.** Мусоҳибаро хонед ва аниқ созед, ки он чӣ тартиб дорад? Онро бо низом нависед.

*Муҳаммад Исматиро мо дар толори варзишӣ вохӯрдем. Муҳаммад ҳанӯз либосҳои хешро батамом иваз накарда буду шитоб дошт, вале барои суҳбат кардан розигӣ дод. Мухбир чанд суолро мехост, бо Муҳаммад матраҳ созад. Мусоҳиба чунин оғоз ёфт:*

**– *Муҳаммад*, хонандагони рӯзномаи мо донистан мехоҳанд, ки ту дар куҷо футболбозиро ёд гирифтаӣ?**

– Ман панҷ сол боз инҷониб дар мактаби варзишии мактаббачагони ш. Душанбе машғули бозии футбол мебошам. Бо мо яке аз беҳтарин мураббиёни ҷумҳурӣ машғулият мегузаронад. Ӯ барои тарбияи шогирдон нерую вақтро дареғ намедорад. Бо тамоми ҳастияш кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки шогирдони лоиқ тарбия намояд. Барои муваффақият ба даст овардан миннатдорам.

**– Мураббии ту алҳол бозӣ мекунад ё не?**

– Бале, ӯ дар ҳайати футболбозони ш. Душанбе бозӣ мекунад. Аслан вай дар вақтҳои холигиаш бо мо машғулият мегузаронад. Мураббии мо, воқеан, одами наҷиб аст. Мехоҳад, ки таҷрибаи худро ба ҷавонон омӯзонад. Ҳамеша таъкид мекунад: «Варзишгар ё устоде, ки маҳорату малака ва донишу таҷрибаи хешро ба шогирдон ёд намедиҳад ё дар ҷойи худ ҷавононро омода намесозад, одами бад аст»!

**– Бачагони синфи 8[а] тасдиқ мекунанд, ки соли гузашта, вақте ки туро сардори синф интихоб карданд, барои таъсис додани командаи футбол ва машқ онҳоро ваъда дода будӣ. Ҳамин тавр? Ҳозир бозӣ оғоз меёбад.**

– Бале, дар хотир дорам. Бубахшед маро…

Рустам ба тарафи майдон давид ва баъди панҷ дақиқа дарвозабони ҳариф тӯби моҳирона ба нишон расонидаи ӯро аз даруни дарвоза гирифт.

*Шоҳонаи Хусравдухт*

**Саволҳо:**

1. Мусоҳиба дар кадом мавзӯъҳо доир карда мешавад?
2. Муҳтавои мусоҳиба магар танҳо таърифро фаро мегирад?
3. Мусоҳиба дар кадом шакл амалӣ мегардад?

**170.** Мусоҳибаи зеринро хонед. Гӯед, ки хонандагони синфи 7-«А» шишаи тирезаи синфро чаро шикастанд. Хабарнигори рӯзномаи мактаб фавран бо сардори синф мусоҳиба кард.

**Мусоҳиба бо сардори синфи 7 «А»**

– **Дар синф баъди ҳодисаи рӯзи шанбе чӣ кор анҷом дода шуд?**

– Ҳеҷ коре анҷом дода нашудааст. Ҳамаи хонандагон ба хонаҳояшон рафтанд.

– **Ҳеҷ яке аз ҳамсинфон аз кирдори Салим ба ғазаб наомад?**

– Магар барои ин маблағ ҷамъ овардан шарт аст?

– **Синф ба кадом қарор омад? Ҳамсинфон чӣ тадбир андешиданд?**

– Ҳанӯз ба хулосае наомадаанд.

**Аз ҳайти таҳририя:** Ана бубинед, ки хонандагони синфи 7 «А» ба мактаби худ чӣ гуна муносибат доранд. Хонандагони синфҳои дигар оид ба ин амалҳои онҳо чӣ фикр мекарда бошанд?

**Супориш:** Шумо ҳам тақлидан ба ин матн оид ба ягон амали номатлуби хонандагон матни мусоҳиба таҳия намоед.

**171.** Мусоҳибаро хонед ва саволҳоеро, ки барои аниқтар шудани ҳадафи рӯзноманигор хидмат кардаанд, муайян созед. Мухбир ба мақсад расидааст? Аз чӣ пай бурдед?

– **Номи шумо чист?**

– Номи ман Тоҷиқулова Салима Иброҳимовна.

– **Чанд сол дар ин коргоҳ кор мекунед?**

– Ман аз соли 1982 боз дар ин коргоҳ кор мекунам.

– **Кори Шумо аз чӣ иборат аст?**

– Аз дӯзандагӣ ва ба гиребону остинҳо гулдӯзӣ намудан.

**– Чӣ тавр гулдӯзӣ мекунед?**

– Бо сӯзан гул мепартоям.

**– Шумо аввал ҳамчун шогирд ба кор омадед?**

– Ман ҳамчун устод ба ин корхона соли 1982 омада будам. Ман фаъолияти кориамро баъди хатми мактаби даҳсола сар кардам.

**– Дар муддати 25 соли кориатон танҳо ба гулдӯзӣ машғулед ё курта ҳам медӯзед?**

– Бале, ман куртаҳои мизоҷонеро, ки ба наздам меоянд, медӯзам. Дар зарзанӣ аввалҳои солҳои кориям, ки аз фабрикаҳои «Гулдаст» ба «Садбарг» омада будам, баъзан ба нофаҳмиҳо дучоршудагонро дида будам. Баъзан зари зебои задашудаи курта дағалдӯхташуда мебаромад, ки ин боиси норизоии мизоҷон мегашт. Аз ин рӯ, шогирдони ман ҳам гулдӯзӣ мекунанду ҳам курта медӯзанд, яъне ҷавобгариро пурра ба дӯши худ мегиранд. Бояд шахс корашро пурра иҷро карда, ба он ҷавобгӯ бошад.

**– Шумо дар як моҳ чӣ қадар курта гулдӯзӣ мекунед?**

– Рости гап, аввалан, ман пеш аз ҳама ба сифати куртаи дӯхта аҳамият медиҳам, на ба шуморааш. Баъдан, дӯхтани куртаҳои гулдӯзишуда аз муштариён вобаста аст.

Баъзе муштариён ба мо фармоиш медиҳанд, ки намунаи гулдӯзӣ васеъ бошад, баъзеҳо мефармоянд , ки гулдӯзиаш хеле нозук бошад. Гулдӯзии васеъ, албатта, ду-се маротиба аз гулдӯзии нафис вақту меҳнати зиёдеро металабад. Яъне гулдӯзии васеънусха бошад, дер мекашад, нозукаш тез тайёр мешавад. Бароям пеш аз ҳама хушсифатии куртаҳои дӯхтаам аҳамият дорад. Ман кӯшиш мекунам, ки як сӯзани зада беҷо наафтад. Ин куртаҳои зебои дӯхтаам гувоҳи онанд, ки диққати ҳар як бинандаро ба худ ҷалб намоянд. Ман симои зебоиро дар пешобару остину гиребони куртаҳои зебои арӯсон, занон акс менамоям. Ин роҳати ман аст ба фароҳи

паҳнои дилҳо. Ҳар куртаи зебову шинаме, ки дар тани занону духтарон аст, ин роҳхат аст ба коргоҳи мо.

**– Шумо чӣ тавр рӯ ба чеварӣ ниҳодед?**

– Маро ҳангоми таътили тобистона модарам ба хонаи холаам – Қаҳҳорова Маликахон ба Марғелон мебурданд. Холаам чевар-куртадӯз буданд, ҳамеша ба ман талқин мекарданд, ки чеварӣ-куртадӯзиро ёд гирам. Холаам Қаҳҳорова Маликахон чевари моҳир буданд дар Марғелон.

**– Марғелон чӣ гуна шаҳр аст?**

– Марғелон як шаҳри қадимаи хурдест, ки таърихи бой дорад. Асосан ин шаҳри косибҳост. Дар Марғелон ҳар хонадон дӯкони атлас мебаровардагӣ дорад. Дар ин шаҳр атласи фабрика истеҳсол мекардагӣ низ ҳаст, вале одамон асосан атласи косибонро харидорӣ мекунанд.

**– Чаро махсус атласи косибонро харидорӣ мекунанд?**

– Сабаб он аст, ки атласи дастӣ хеле пурнақшу нигор буда, рангҳои хеле зиёд дорад ва тоза мебофанд. Аз ин рӯ, халқ онро announcementеписандад. Косибон ба табъи халқ нигоҳ карда, атлас мебофанд.

**– Атласи Марғелон аз чанд ранг иборат аст?**

– Атласи Марғелон доройи ду, се, чаҳор, панҷ, шаш ва то ҳафт ранг аст. Атласҳои сиёҳу сафедро аз ду ранг ҳам мебофанд ва хеле нафису зебост. Атласи Марғелон аз атласи Намангон аз ҳар ҷиҳат бартарӣ дорад ва дар ҷое, ки атласи Марғелону Намангон бошад, албатта, атласи Марғелон ба фурӯш меравад. Чунки атласи Марғелон маҳин асту болои он косибон бисёр кор мекунанд. Аз ин рӯ, харидори ин атлас хеле зиёд аст. Масалан, атласи Намангон ғафстар аст ва ҳангоми дӯхтан курта рост меистад, ки дар назар дағал менамояд ва харидораш низ кам аст.

**– Атлас чанд намуд мешавад?**

– Аз рӯйи донистагиям гули намози шом, хосиятхон, кремл, шоҳмотатлас, ситораатлас, моҳатлас ва боз навъҳои дигар мавҷуд аст.

**– Аз касбатон розиед?**

– Худоро шукр. Розиям, аз рӯйи ин касби соҳибкорӣ зиндагиям хубу рангин аст. Барои мо, соҳибкорон, танҳо хушсифат кор намудану таъби худу мизоҷонро шод кардан аст.

– **Чӣ орзу доред?**

– Орзу дорам, ки замона тинҷ бошаду ватан ободу занон хушрӯву дилшод.

*аз рӯзномаи «Боҷу хироҷ»*

## ИМЛОИ САНҶИШ

ШАБҲОИ МАҲТОБӢ

Шабҳо ба тарзи ҳайратовар моҳтобӣ буданд. Нури нуқраранг ба атроф паҳн шуда, ҳатто қуллаҳои кӯҳҳои дурдастро равшан мекард. Дарахтон ва харсангҳо сояҳои сиёҳи худро барандохта, сафедии водиҳо ва домани теппаҳоро намоёнтар мекарданд. Рӯзҳои аввалини тирамоҳ буд, дарахтон ҳанӯз пажмурда нашуда, аммо ҳаво ғуборолуд ва хушк менамуд, сарахбори омадани хазонрез аст.

Аз дур нӯлакашии шағолон ба гӯш мерасид, малахҳо чиррос мезаданд, кӯршабпаракҳо пашаҳоро шикор карда, дар ҳаво нақшу нигори мураккаб мекашиданд ва ҳамаи ин ҳаёти муқаррарии шабона ба карахтию оромии замини хоболуд далолат мекарданд. Дар ҷарии наздик урдугоҳи қӯшунҳои араб ҷойгир шуда буд. Гулханҳо фурӯзон буданд ва забонаҳои оташ чодарҳои рах-рахро равшан мекарданд, нӯги найзаҳои болои сари посбонҳоро ҷило медоданд. Гоҳ-гоҳ аспҳо шиҳа мекашиданд, баъоси гӯсфандон, ки бояд пагоҳ ба дегҳои дастаҳо дароянд, шунида мешуд.

*Ато Ҳамдам*

## МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ҲИССАҲОИ НОМУСТАҚИЛИ НУТҚ

**172.** Матнро бодиққат хонед ва гӯед, ки ҳадафи он чист.

Бобоҷон Ғафуров масъалаи баланд бардоштани маданияти сухани тоҷикиро ба миён гузоштанд.

– Забон воситаи хуби муомила аст, хусусан забоне, ки адабиёт ба он забон эҷод мешавад. Ман **бо** чашми худ дидам, **ки** мардуми он сӯйи Омӯ асарҳои адибони моро бо як шавқ мутолиа мекунанд. Адабиётро ки хонданд, бо рӯзгори мо шинос мешаванд. Бинобар ин лозим аст, ки **маданияти сухани тоҷикиро ба дараҷаи талаботи забони умумифорсӣ** баланд бардорем, шеваро дар эҷоди худ кам истифода барем, маҳдуд нашавем, ба масъала доманадортар нигарем. **Дар** навбати худ лозим меояд, ки китобҳои нависандагонамонро бо хатти форсӣ низ чоп кунем.

– Мо арабиро об карда хӯрдагӣ, – духӯра гап партофт Боқӣ Раҳимзода.

– Чӣ хел? – таги гапро нафаҳмида пурсиданд Бобоҷон Ғафуров.

– Вазире оид ба маданият доштем, – шарҳ дод Боқӣ Раҳимзода, – матбаа дар ихтиёраш буд. Матбаачиҳо сурб барои ҳарфчинӣ намерасад гӯянд, супориш додааст, ки ҳарфҳои арабиро, ки бекор хобидаанд, об кунанд, як олам сурб мешавад. Мувофиқи фармони вазир ҳарфҳои арабиро об карданд.

– Хиёнат аст ин кор, – хашмгин шуда гуфтанд Бобоҷон Ғафуров, – ҳатман бояд чопи форсиро барқарор кард.

– **Агар** пажӯҳишгоҳи ховаршиносии шумо кумак накунад, чораи дигаре надорем, – гуфт Боқӣ Раҳимзода.

Домулло сӯйи И. С. Брагинский нигаристанд.

– **Дар** Маскав аз ин хусус ёдовар шавед, илоҷе бояд кард. – **Ва** илова карданд, ки бо чопи китоб ба ҳуруфи форсӣ кор ба охир намерасад, корҳои дигарро ҳам кардан даркор. Таълими хатти форсиро дар мактабҳо бояд васеъ ба роҳ монд, муаллимони хушсаводи форсидон тайёр бояд кард.

*Убайди Раҷаб*

**Савол ва супориш**

1. Гӯед, ки калимаҳои бо ранги баланд чопшуда чӣ вазифаро иҷро кардаанд?

2. Чаро таъкид шудааст, ки шеваро камтар истифода барем?
3. Хонда ва навишта тавонистан бо хатти форсӣ чӣ аҳамият дорад?
4. Андешаи шумо оид ба фикри дар матн баёншуда?

**173.** Порчаҳоро хонед ва маънидод кунед. Ба калимаҳои бо ранги баланд чопшуда диққат диҳед.

Забонҳо **чун** модаронанд. Барои ҳар фард модараш азизу яктост.

Бигзор ҳар фард модари хешро навозаду ситоиш намояд, **аммо** ҳаргиз модаронро паст назанад **ва** таҳқир накунад. Ҳар ки забонеро таҳқир намояд, забонаш бурида бодо!

***

**Оре,** порсӣ шакар аст. **Ва** ҳар ҷо шакарест, низ магасест. Магасонанд адувони забони порсӣ.

***

Чун ба забони шевои порсӣ сухан мешунавам, **пеши** назарам гандумзорҳо мавҷ мезананд, кӯҳҳо **ба** рақс меоянд, боғҳо чаман-чаман мешукуфанд, духтарон ноз мекунанд. Ва дилам навозиш меёбаду ҷонам осоиш.

*Абдурауф Муродӣ*

**Савол ва супориш**

1. Чӣ нукта порчаҳоро ба ҳам мепайвандад?
2. Кадоме аз ин порчаҳо ба шумо маъқул шуд? Чаро?
3. Бо истифодаи ***пеши, ва*** ҷумлаҳо созед ва вазифаи онҳоро шарҳ диҳед.
4. Шумо ҳам дар бораи забон андешаҳо доред? Рӯйи коғаз оред ва пешкаши ҳамсинфон гардонед.

**174.** Хонед ва мафҳумҳои бо ранги баланд чопшударо аз рӯйи маънои луғавӣ доштан ва ё надоштанашон ба ду сутун ҷудо карда нависед.

Варзоб – **дараи** зебоманзар **аз** Варз (боло, баланд) ва **об** мураккаб шудааст, яъне **оби** боло, оби баланд. Варз **ба** маънии **баланд** дар таркиби Варзи манори (манори баланди) ноҳияи Айнӣ **ва** Дилварзини (тали барзин, тали баланди) ноҳияи Мастчоҳ боқӣ мондааст.

Номи қаҳрамони Фирдавсӣ Барзу **ҳам аз** варз аст.

* * *

«Карандаш» – русӣ, яъне қалам аз калимаи туркии «қара доштош, яъне санги **сиёҳ** омадааст, **зеро дар** оғоз бо санги сиёҳ аломат мегузоштанд ва **менавиштанд**. Калимаи карандаш **дар** фаҳлавиёти тоҷик ҳам ба шакли «қариндош» ба нудрат дучор меояд:

*Шаби тӯят агар бошам,*
*Ту коғаз, ман қариндошам.*

Хулоса, калимаи карандаш – туркӣ, қалам – арабӣ, хома сирф форсии тоҷикист.

*Лоиқ Шералӣ*

**Савол ва супориш**

1. Кадом соҳаи забон таърихи баромади калимаҳоро меомӯзад?
2. Мазмуни порчаҳоро бо якҷумлаӣ хаттӣ нависед.
3. Ҷумлае гӯед, ки дар он ***зеро*** истифода шуда бошад.

Дар забон калимаҳое ҳастанд, ки дар алоҳидагӣ маъноеро ифода намекунанд ва ба савол ҷавоб намешаванд. Ба ҳиссаҳои номустақил (ёридиҳанда)-и нутқ пешоянду пасояндҳо ва пайвандаку ҳиссачаҳо дохил мешаванд. Онҳо аз дигар ҳиссаҳои мустақили нутқ бо он фарқ мекунанд, ки ашё, аломат ва шумораи онҳоро ифода намекунанд, аъзои ҷумла нашуда, ба савол ҷавоб намешаванд.

## V. ПЕШОЯНД ВА ПАСОЯНД

**175.** Ҷумлаҳоро хонед ва шарҳ диҳед. Кадом калимаҳо сабаби тағйир ёфтани тобиши маъноии амали ҷумлаҳо шудаанд?

1. Рустам **ба** китобхона рафт.

2. Рустам **то** китобхона рафт.
3. Рустам **аз** китобхона рафт.

**176.** Ҷумлаҳоро хонед ва мулоҳизаатонро дар бораи фарқи маъноии онҳо баён кунед. Сипас онҳоро нависед.

| | |
|---|---|
| 1. Аз дур Сулҳия менамояд. | 1. Аз дур мисли Сулҳия менамояд. |
| 2. Соҳиб Солеҳов мерақсад. | 2. Соҳиб бо Солеҳов мерақсад. |
| 3. Фариза боодоб аст. | 3. Мисли Фариза боодоб аст. |

Пешоянд ҳиссаи номустақили нутқест, ки муносибати байни исм (ё ҷонишин) ва дигар калимаҳоро дар ибора ва ҷумла ифода мекунад: а) макон – Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ **дар** Панҷрӯд таваллуд шудааст; б) замон – Рӯдакӣ **дар** ҷавонӣ ба шеъру суруд рағбат дошт; в) масофа – Овозаи ин шоири забардаст **то** Бухоро рафт; г) восита – Рӯдакӣ **бо** шеъри худ машҳури ҷаҳон гашт; ғ) мақсад – Рӯдакӣ ба Бухоро **барои** таҳсил рафтааст.

**177.** Матнро хонед ва муайян созед, ки чӣ нуктаи муҳим дар матн зикр шудааст. Вазифаи пешояндҳои бо ранги сиёҳи баланд чопшударо шарҳ диҳед.

Саидаҳрорбобо санъати кишоварзиро хуш дошт. Пир буд, аммо бардаму солим. Баробари ҷавонони нируманд меҳнат мекард. Аз меҳнати ҳалоли худ нон хӯрданро announcedиписандид.

– Бобо Шумо аз деҳа дур, дар як замини регзор чаро хона кардан мехоҳед? – билохира раис суол кард ба ӯ. – Аз наздикиҳо бигӯед, бароятон замин ҷудо кунем. Барои Шумо ҳама шароитро муҳайё мекунем. Магар дур аз мардум зиста метавонед?

– Гап **дар бораи** ман намеравад, додар, – посух гуфт мӯйсафед. Дар ин лаҳзаҳо, ки тирамоҳи умр фаро расидааст, ин корро аз рӯйи ҳавас карданӣ нестам. Талоши мардумро дида **ба** ҳамин қарор омадам. Бибинед, ҳама пайи он талош доранд, ки заминҳои хокӣ, ҳамвору киштбобро соҳиб шаванд. Ин **аз рӯйи** инсоф нест. Мо бояд ҷойҳои ноободро обод кунем. Агар ман ба ҳамон замини регзор рафта хона бисозам, шояд чанд тани дигар аз пасам бираванд. Аз як тараф, заминҳои бекорхобидаро, ки ғайр аз хор чизе надоранд, аз худ мекунем ва, аз ҷониби дигар, заминҳои барои кишт мувофиқ наҷот меёбанд.

*Диловари Мирзо*

**Савол ва супориш**

1. Нуктаи муҳимму асосӣ дар кадом ҷумлаҳо баён шудааст?
2. Пешояндҳои матнро нависед.
3. ***Бекорхобида*** кадом ҳиссаи нутқ аст ва ба кадом савол ҷавоб мешавад?
4. ***Чанд тан*** **ё** ***чанд кас***?

**178.** Ҷумлаҳоро нависед ва вазифаи пешояндҳои бо ранги баланд чопшударо шарҳ диҳед.

1. Бихандад лола дар саҳро **ба сони** чеҳраи Лайло,
Бигиряд абр бар гардун **ба сони** дидаи Маҷнун.
2. Чун теғ ба даст орӣ, мардум натавон кушт,
**Наздики** Худованд бадӣ нест фаромушт.
Ин теғ на **аз баҳри** ситамгорон карданд,
Ангур на **аз баҳри** набид аст ба чархушт.

*Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

3. Мо шоиронем ва **ба ғайр аз** шоир касеро дар маҷлиси худ роҳ намедиҳем.

*Садриддин Айнӣ*

**Луғат**

**гардун** – осмон, фалак, дунё
**набид –** шароб (шароби ангур)

**чархушт** – чарх ва ё ҳавзи махсусе, ки ангурро дар он рехта пахш кунанд, то обаш ҷудо шавад.

## ПЕШОЯНДИ «АЗ»

**179.** Матнро нависед ва вазифаи пешоянди ***аз***-ро шарҳ диҳед.

Маҳмуд гуфт: «Ин байт кирост, ки мардӣ аз ӯ ҳамезояд?»

Гуфт: «Бечора Абулқосими Фирдавсирост, ки бисту панҷ сол ранҷ бурд ва чунон китобе тамом карду ҳеч самара надид».

Маҳмуд гуфт: «Сара (хуб) кардӣ, ки маро аз он ёд овардӣ, ки ман аз ҷон пушаймон шудаам. Он озодмард аз ман маҳрум монд.

Ба Ғазнин маро ёд деҳ, то ӯро чизе фиристам».

*аз «Чаҳор мақола»*

**Савол ва супориш**

1. ***Озодмард***-ро шарҳ дода, сохти онро муайян кунед.
2. Дар матн сухан дар бораи кадом асар меравад?
3. ***Ба Ғазнин*** -ро боз чӣ тавр ифода кардан мумкин аст?

Пешоянди ***аз*** чунин тобишҳои маъноӣ дорад:

1. Макон – ***Аз Ворух*** *ба Самарқанд меравам. Исмат* ***аз хона*** *баромад.*
2. Аз чӣ сохта шудан – *Ин сандалӣ* ***аз чӯби бед*** *сохта шудааст.*
3. Ибтидои замон – *Устухонам гашта сахт* ***аз кӯдакӣ*** *бо шири ту.*
4. Сабаб – *Барфҳо* ***аз гармӣ*** *об шуданд. Ман* ***аз хандаи*** *ӯ осуда гаштам.*
5. Муқоиса – *Кошки, ӯ дар синну сол* ***аз ман*** *калонтар мебуд.* ***Аз марворид*** *донаи гандум қиматтар аст.*
6. Сарчашмаи амал – ***Аз дӯст*** *як ишорат, аз мо ба сар давидан.*

**180.** Порчаи шеъриро бо риояи оҳанг хонед ва нависед. Сипас, чӣ тобишҳои маъноӣ доштани ***аз***-ро шарҳ диҳед.

Зи ваҳшӣ наёяд, ки мардум шавад,
Ба саъй андар ӯ тарбият гум шавад.
Тавон пок кардан зи санг ойина,
Валекин наёяд зи санг ойина.
Ба кӯшиш нарӯяд гул аз шохи бед,
На зангӣ ба гармоба гардад сапед.
Чу рад менагардад ҳаданги қазо,
Сипар нест мар бандаро ҷуз ризо.

*Саъдии Шерозӣ*

**Луғат**

**ҳаданги қазо** – тири тақдир, сарнавишт

**Савол ва супориш**

1. Ба мазмуни байти аввал розиед?
2. Ин порча кадом зарбулмасалро ба ёд меорад?
3. Чӣ шаклҳои пешоянди ***аз***-ро медонед? Чаро дар назм он шаклҳои дигар мегирад?
4. ***Менагардад***-ро боз чӣ тавр баён кардан мумкин аст?
5. Андешаи шумо оид ба маънои порчаи шеърӣ?

**181.** Нақшаро хонед ва баъд ба ҳар як тобиши маъноии пешоянди ***аз*** ҷумлаҳо тартиб диҳед.

| **Тобиши маконӣ** | | | **Тобиши предметӣ** | | **Ибтидои замон** | **Тобиши сабаб** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| гузаргоҳи амал | баромадгоҳи амал | ибтидои масоҳат | аз чӣ сохта шудан | муқоисаи предметҳо | | |
| аз дарё гузаштан | аз хона баромадан | аз Душанбе сар шудани роҳ | аз оҳан сохта шудани дар | Отифа аз Закия калонтар аст | аз соати 8 сар шудани дарс | аз хунукӣ часпидани даст |

## ПЕШОЯНДИ «БА»

**182.** Ҷумлаҳои ҳар ду қисмро хонед ва дар муқоиса мулоҳизаатонро гӯед.

1. Самад аз саёҳат баргашт.
2. Озода китобашро аз ман гирифт.
3. Ақл кӯр бошад, аз дидаи бино чӣ фоида.

1. Самад ба саёҳат рафт.
2. Озода китобашро ба ман дод.
3. Ба бародарам хат навиштам.

Пешоянди ***ба*** чунин тобишҳои маъноӣ дорад:

1. Сӯй ва самт – *Падарам* ***ба*** *Маҳаллаи Боло рафт.* ***Ба*** *кӯҳ баромадем.*

2. Муносибати ашё ба ашёи дигар – *Шуои Офтоб* ***ба*** *чашмони ӯ бармехӯрданд. Ҳикояро* ***ба*** *бародарам нақл кардам.*

3. Мақсад ва таъинот – ***Ба*** *хондан меравам. Вай* ***ба*** *тулӯи Офтоб мунтазир шуд.*

Дар асарҳои бадеӣ пешояндҳои ***бар, дар*** ба ҷойи ***ба*** меоянд:

*Ҳама бар номаи сулҳ имзо мекунем. Мақола дар забони тоҷикӣ навишта шуда буд.*

**183.** Шеърро бо риояи оҳанг хонед ва чӣ тобиши маъноӣ доштани пешоянди **аз**-ро дар ҳар як маврид шарҳ диҳед.

Рӯди Варзоб аз баландӣ мефарояд бо шитоб.
Сели мавҷаш мехӯрад дар ҳалқаи гирдоб тоб.
Он қадар дар тангно фарёду шеван мекашад,
К-аз фиғонаш кӯҳсоронро бигардад сина об.

Бомдодон чун барояд офтоб аз пушти кӯҳ,
Чун нигини зарҳалин рахшанда дар ангушти кӯҳ,
Қабзаи мӯест гӯё нури тиллоранги он,
Боз мегардад ба олам субҳдам аз пушти кӯҳ.

Нойи чӯпонӣ навое менавозад ҷонхарош,
Мавҷ худро мезанад бар санг хӯрда пош-пош.
Бин табиат бар рухи афлок аз рангинкамон
Мекашад бо килки нурасрор чун наққош қош.

Бишнавам дар пуштаи Варзоб овози бара,
Ҷӯр мегардад ба дарё савту сози шаршара.
Рӯди Варзоб аст модар тифлаконаш ҷӯйҳо,
Медиҳад овоз бар овои ӯ аз ҳар дара.

Рӯди Варзоб об мегирад нигаҳ аз диданат,
Ром бинмояд ғизоли кӯҳро рақсиданат,
Дил биомӯзад рамузи шӯру исёни ҳаёт,
Бинад андар тангно печидану шӯриданат.

*Ҳабибулло Файзулло*

**Савол ва супориш**

1. Ба шеър чӣ номро муносиб медонед?
2. Дарё магар фарёду шеван мекунад?
3. ***«Рангинкамон дар рухи афлок чун қош кашида шудан»***-ро шарҳ диҳед.
4. Боз кадом тасвирҳо ба назар мерасанд?
5. Банди 1 ва 5-ро аз ёд кунед.

**184.** Матнро бодиққат хонед ва гӯед, ки чӣ тартиби кори устод Айниро дарёфтед. Чаро чунин тартибро зарур шуморидааст?

Вақтҳое, ки дар хона кор мекард, ба касоне, ки бо онҳо робитаи корӣ дошт ва онҳо бояд ба наздаш меомаданд, соатеро муайян мекард. Агар касе аз вақти қароршуда дер ояд, баъзан сахт коҳиш карда хиҷолат медод, агар такрор шавад, беибо қабул накарда мегардонд.

Солҳои сиюм ба дари даромади хонаи кориаш, ки меҳмонхонааш ҳам буд, як варақ коғаз часпонда шуда буд, ки ба чашми ҳама касоне, ки ба хона даромаданӣ мешуданд, вомехӯрд. Дар он, агар хотираам хато накунад, се чиз навишта шуда буд:

1. Дар назди ман бисёр нашинед, ки ман машғули кор ҳастам;

2. Таваққуи дастархон надошта бошед, ки ман дастёр надорам;

3. Дар ин ҷо имкони шаб хобидан нест.

Мо ин варақаро «Се шарти устод Айнӣ» меномидем. Ин чиз, ки ба назари баъзе касҳо аҷиб менамуд, яке аз ҷиҳатҳои интизомпарастии Айнӣ буд. Хонаи кор устохонаи нависанда аст, меҳмонхона нест, ки ҷойи чақ-чақу суҳбат бошад!

Дар солҳои 1948-1950, ки дар Самарқанд будам ва то андозае вазифаи котибии устодро ба ҷо меовардам, одатан, агар ба ман коре ё супорише дошта бошанд, махсус коғаз навишта даъват мекарданд. Азбаски хислаташонро ва барои ҳар соати маълум кор ё мулоқоти муайян доштанашро медонистам, ҳаргиз бе даъват ба наздашон намерафтам. Матни яке аз ин руқъаҳо: «Рафиқ Раҳим Ҳошим. Илтимос дорам, ки соатҳои даҳ як сари қадам омада равед. Айнӣ, 10 январ 1950».

*Раҳим Ҳошим*

**Савол ва супориш**

1. Пешояндҳои **ба, аз**-ро, ки дар матн истифода шудаанд, муайян кунед ва тобишҳои маънои онҳоро шарҳ диҳед.
2. Бароятон чунин шартгузорӣ аҷиб менамояд ё не?
3. Риояи чунин тартибот бароятон писанд аст?
4. Се шарти устод Айниро нависед ва дар хотир гиред.

## ПЕШОЯНДИ «ДАР»

**185.** Зарбулмасалҳоро хонед ва гӯед, ки пешоянди ***дар*** чӣ вазифа дорад.

1. Дар ҷӯйи ноканда об намеравад.
2. Дар хонаи мӯр шабнаме тӯфон аст.
3. Дар тобистон морон бorад, беҳтар аст аз борон.
4. Тилло дар оташ, одам дар меҳнат маълум мешавад.

Пешоянди ***дар*** чунин тобишҳои маъноӣ дорад:

а) макон – *Бахтро* ***дар*** *бозор нафурӯшанд. Панд ба нодон борон аст* ***дар*** *шӯристон.*

б) замон – *Падарам* ***дар*** *зимистон ба деҳа рафт. Ҷамъомад* ***дар*** *соати ду оғоз мешавад.*

в) ба коре машғул будан – *Занон* ***дар*** *қолинбофӣ машғуланд.*

Чи дар назм ва чи дар наср баъзан ба ҷойи пешоянди ***дар*** пешоянди ***андар*** меояд: *Маҳмуд бо ҳама котибони хеш* ***андар*** *андеша афтод.*

**186.** Матнро аввал бодиққат хонед ва баъд бинависед, вазифаи пешоянди ***дар***-ро шарҳ диҳед.

Овардаанд, ки дар боғ булбуле дар шохи дарахте ошёне дошт ва дар чаману боғ бо овози худ ғарра буд. Чун фасли баҳор рафту хазон даромад, булбул дар боғ омад, на ранги гул диду на бӯйи сунбул шунид ва аз бенавоӣ аз наво фурӯ монд.

Булбули гурусна ба дарюза (гадоӣ) пеши мӯр рафту гуфт:

– Чӣ шавад, агар имрӯз каромат кунӣ, ки аз гуруснагӣ мемирам?

Мӯр гуфт:

– Намедонистӣ, ки «Ҳар баҳореро хазоне ва ҳар роҳеро поёне бошад».

аз *китоби «Зарбулмасал ва мақолҳо»*

**Савол ва супориш**

1. Аз матн чӣ хулоса баровардед?
2. Мақсади асосӣ дар кадом ҷумла баён шудааст?
3. Муродифҳои ***булбул***-ро номбар кунед ва шарҳ диҳед.
4. Киҳоро ба булбул монанд мекунанд?

**187.** Байтҳоро хонед ва вазифаи пешоянди ***андар***-ро шарҳ диҳед.

Сухан монад андар ҷаҳон ёдгор,
Сухан беҳтар аз гавҳари шоҳвор.

* * *

Макун бад, ки бинӣ ба фарҷом бад,
Зи бад гардад андар ҷаҳон ном бад.

* * *

Ба кор андар андеша бояд нахуст,
Бад-он то шавад эмину тандуруст.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

**Савол ва супориш**

1. Байти аввалро ба наср баргардонед.
2. Дар байти аввал ***аз*** чӣ тобиши маъноӣ дорад?
3. Байти охир мазмуни кадом зарбулмасалро ба ёд меорад?

**188.** Нақшаро бодиққат хонед ва тобишҳои маъноии пешояндҳоро муайян карда, нақшаро дар дафтар пур кунед.

| Пешоянди ***дар*** | | Пешоянди ***ба*** | |
|---|---|---|---|
| Мисолҳо | Тобиши маъноӣ | Мисолҳо | Тобиши маъноӣ |
| ***дар*** Душанбе<br>***дар*** хона<br>***дар*** навишт<br>***дар*** Отифа<br>***дар*** як моҳ | | ***ба*** Душанбе<br>***ба*** хона<br>***ба*** навиштан<br>***ба*** Отифа<br>***ба*** муддати як моҳ | |

## ПЕШОЯНДҲОИ «БО» ВА «БАРОИ»

**189.** Зарбулмасалҳоро хонда маънидод кунед ва вазифаи пешоянди ***бо***-ро гӯед. Сипас онҳоро нависед ва ҳифз намоед.

1. Бо одами тарсончак ба шикор нарав.
2. Бо чашм бину бо забон гӯй.
3. Бо моҳ шинӣ, моҳ шавӣ,
   Бо дег шинӣ, сиёҳ шавӣ.

Пешоянди ***бо*** чунин тобишҳо дорад:

1. Ҳамроҳӣ – *Ман* ***бо*** *падарам омадам.*
2. Воситаи иҷро – *Дастамро* ***бо*** *оби хунук шустам.*
   *Хатро* ***бо*** *қалам менависанд.*
3. Замонӣ – ***Бо*** *дидани ин ҳол хандон шуд.*

**190.** Порчаи шеъриро хонед ва маънидод кунед. Сипас тобишҳои маъноии пешояндҳои ***бо*** ва ***аз***-ро шарҳ диҳед.

Ҳунар омӯзу аз роҳи адаб кӯш,
Ба азми фатҳи меҳнат рӯзу шаб кӯш.
Ба ҳурмат ибрати ҳар анҷуман бош,
Ба кори хайр аз рӯйи талаб кӯш.
Ба пирон дастгиру меҳрубон бош!
Ба меъроҷи сухан аз бихрадон бош!
Ба гирудори ҷӯши рӯзгорон
Накуфарзанди ин давру замон бош!

*Абдулло Қодирӣ*

**191.** Зарбулмасалҳоро нависед ва вазифаи пешоянди **бо**-ро шарҳ диҳед.

1. Бо бадон бад бошу бо некон – накӯ,
   Ҷойи гул гул бошу ҷойи хор – хор.
2. Бо задан об аз ҳам ҷудо нашавад,
   Обу оташ ба ҳам якҷо нашавад.
3. Бо сухани ширин мор аз хонааш мебарояд.
4. Бо як гул баҳор намешавад.
5. Марги бошараф беҳ аз зиндагии пурмазаммат.

**Савол ва супориш**

1. Зарбулмасалҳоро шарҳ диҳед.
2. Чаро дар калимаи ***бошараф бо***- якҷоя навишта шудааст?
3. Аз ин зарбулмасалҳо якеашро чун мавзӯъ интихоб кунед ва эссе ( иншо) нависед.

**192.** Шеърро возеҳ хонед ва гӯед, ки дар он кадом сифатҳои устод Турсунзода баён шудааст.

Барои ҳурмати мӯйи сафедаш,
Ки ҳар тораш чу як роҳи сафед аст.
Барои дил, дили оинавораш,
Ки аз чашму нигоҳи ӯ падид аст.

Барои хотири шеъраш, ки онро,
Ба роҳи хеш болу пар намудам.
Барои шеъри мардумошнояш,
Ки аз он шеъри худро сар намудам.
Барои ҳиммати номи баландаш,
Баландиҳои чун чархи баринаш,
Барои хоксориҳои покаш,
Таҳаммулнокии ҳамчун заминаш.
Қасам бар ҷону виҷдони ҷавонам,
Агар дар шеър қутби нав кушоям.
Аз он ҳар субҳ чун ахтар бароям,
Ба назди шеъри ӯ таъзим намоям.

*Муъмин Қаноат*

**Савол ва супориш**

1. ***Дили оинавор***, яъне чӣ?
2. Пешоянди ***барои*** чӣ тобиши маъноӣ дорад?
3. Аз рӯйи шунида ва хондаатон ба мазмуни порча чизе илова карда метавонед? Худро бисанҷед!

**193.** Ба ҷойи нуқтаҳо пешояндҳои мувофиқ гузошта, матнро хонед ва тобишҳои маъноии онҳоро аниқ созед.

Мо ҳоло дар бораи хосияти табобатии зардолу хеле хуб медонем. Зардолу моддаҳое дорад, ки қодир аст ... организм намакҳои зараровар, аз ҷумла радиоактивиро хориҷ созад. Меваи зардолу маҷмӯи бисёр витаминҳост. Натрий, магний, калий, фосфор, олтингӯгирд, калтсий, оҳан, мис, сурб, марганес, кобалт, фтор, йод – ин ҳама маводи минералии зардолу мебошад, ки ... фаъолияти муътадили ҷисми одам ниҳоят заруранд. Мағзи донаи зардолу... табобати бемориҳои нуқси дил ва катари меъда хосияти хуб дорад.

Зардолу меваи ... хоҷагии халқ фоидаовар аст. Ҳатто аз каркаи он рангу дору, ангишти активӣ истеҳсол мекунанд. Чӯби сахти он аз чӯби дуб кам нест ва ... наҷҷорӣ ҳам хуб кор меояд. ... минтақаҳои кӯҳсор парвариши зардолу хеле мувофиқ аст. Вай дар

санглохзорҳо, дар сангзаминҳои водиҳо ва аксар дар он ҷойҳое мерӯяд, ки сабзондани дигар дарахт ғайриимкон аст ва ё фоидаовар нест.

Аз замонҳои қадим дарахти зардолуро бештар ... минтақаҳои кӯҳсор мешинонданд, ки майдонҳои калонро мегирифт. Дар водиҳо бошад, қад-қади ҷӯйбор, канори роҳу вотҳо шинонда мешуд ва ҳамчун дарахти зарурӣ дар ҳотаҳо низ месабзид.

*аз маҷаллаи «Садои Шарқ»*

**Савол ва супориш**

1. Барои зиёд кардани мева чӣ бояд кард?
2. Дар бораи мевае, ки хусусияти табобатӣ дорад, иншое нависед.
3. **Зардолу**-ро аз ҷиҳати сохт шарҳ диҳед.

Пешоянди ***барои*** чунин тобишҳои маъноӣ дорад:

а) мақсад – *Аҳмад Махдум ин ҷо **барои** дамгирӣ меомад. Мо **барои** сулҳу салоҳ мубориза мебарем.*

б) таъинот – *Падарам **барои** Шумо китоб оварданд.*

Пешоянди ***баҳри*** ба ҷойи ***барои*** чун муродиф истифода мешавад.

**194.** Порчаро бодиққат ва равон хонед. Ҳар як байтро маънидод кунед ва гӯед, ки ***баҳри*** кадом пешояндро иваз кардааст.

Нашояд ҳама киштан аз баҳри хеш,
Ки рӯзихӯронанд аз андоза беш.
Зи боғе, ки пешинагон коштанд,
Пасояндагон мева бардоштанд.
Чу кишта шуд аз баҳри мо чанд чиз,
Зи баҳри касон мо бикорем низ.

*Низомии Ганҷавӣ*

**Савол ва супориш**

1. Ҳадафи асосии порча чист?
2. Порчаро ба наср баргардонед.
3. Муносибати шумо ба андешаи шоир?

## КОР БО МАТНИ МУСОҲИБА

**195.** Порчае аз мусоҳибаи рӯзноманигорро бо Давлатманди Хол хонед. Мавзӯи асосии мусоҳибаро муайян кунед.

Муносибати ҳунарманд бо мусиқӣ, хосса «Фалак» чӣ гуна будааст? Ба тарзи масъалагузорӣ (саволгузорӣ)-и мухбир диққат диҳед. Кадоме аз онҳо бамавқеъ омадаанд?

**– Пайванди Шумо бо санъат, «Фалак» чӣ гуна буд?**

– Ҳанӯз кӯдак будам, ки бо падарам ва бародаронам адир мерафтем ва деҳаи кӯҳистон он қадар зебову дилрабост, ки он ҷо модарзод эҷодкор мешавӣ бигӯям ҳам, хато намекунам. Аввал, ҳамин зодгоҳ сабабгор аст барои пайванди ман бо санъат ва пас аз он оилаи фарҳангии мо, падари бузургвору бародарони арҷмандам, ки ҳар яке ба зайли хеш «Фалак» месароянд. Махсусан, падарамро мехоҳам зикр бикунам, ки дӯст медошт, барояш суруд бихонам.

**– Шумо ҳамчун фалаксаро маҳбубу маъруф гаштед, «Фалак»-ро чӣ гуна дарёфтаед?**

– «Фалак» классика аст. Дунёи «Фалак» беканор аст, барои ман ҳамчун овозхон рози ман, дунёи ман, ҳастиву зиндагии ман аст. «Фалак» мусиқиест, ки ман бе он зиндагиамро тасаввур карда наметавонам. «Фалак» бароям маънии зиндагист.

Бубинед, давоми садсолаҳост, ки «Фалак» ҳаст ва бе он ки касе онро навишта – нотабардорӣ карда бошад, бе он ки чун илм омӯзонда бошандаш, «Фалак» аз даҳон ба даҳон гузашта, то мо омада расидааст. Зиндагӣ монандае ғалберест, ки ҳамаи чизҳои нодаркорро мерезад ва дар он танҳо чизи асил мемонад. «Фалак» ана ҳамин гуна дуррест, ки асил аст ва зинда асту зинда хоҳад монд.

**– Гуфтед, ки бе он ки нотабардорӣ шавад, «Фалак» то мо омада расидааст. Магар мешавад «Фалак»-ро нотабардорӣ кард?**

– Чаро не? Тамоми мусиқиҳои рӯйи дунё нотабардорӣ шудаанд, ҷуз «Фалак».

Ва оё ба ин ягон зарурате ҳаст, чун худ гуфтед, ки бе ин ҳам «Фалак» хоҳад монд.

– «Фалак» ҳам илм аст ва онро бояд омӯхту омӯзонд. Зеро то имрӯз дар бораи «Фалак» қариб ки ягон рисолаи илмӣ рӯйи чоп наомадааст. Кадом илм аст, ки бояд шинохтаву кашф нашавад? Ва хеле хуб мешуд, ки мо ин корро мекардем, «Фалак»-ро нотабардорӣ мекардем. Сониян, асбобҳои мусиқии зиёди мо моли халқи дигар муаррифӣ мешаванд. Масалан, чанг ихтирои Абуабдуллоҳӣ Рӯдакист, ситор – ихтирои Сино, рубоб кашфи Мавлонои Балх… Ман намедонам, ки мусиқишиносони мо ба куҷо менигаранд. Мехоҳам, бисёр мехоҳам, ки онҳо сарчашмаҳоро ҷӯянд, ёбанд, исбот кунанд, ки ин созҳо созҳои мардуми моанд.

**– Шумо то имрӯз барои «Фалак» чӣ корҳоеро сомон додаед?**

– Дар шаҳри Кӯлоб мактаби «Фалак» кушодаам, ки дар он 65 нафар кӯдакону наврасони аз 3, 5 то 15-сола дарсу нозукиҳои «Фалак»-ро меомӯзанд. (Ҷойи зикр аст, ки ин мактаб хонаи шахсии худи Давлатманд аст, ки мактаби «Фалак»-аш кардааст).

**– Метавонед фалаксароёнеро ном баред, ки аз онҳо чизе омӯхтаед?**

– Раҷабмади Алӣ, Ҳалим Ислом, Карими Шиш, Карими Фалак …

**– Маълум мешавад, ки Фалаксароӣ хоси мардҳост?**

– Не, ман ин хел гуфтанӣ нестам. Шумо боре апаи Гулчеҳраро шунидаед? (Фалаксаройи шинохта Гулчеҳра Содиқова дар назар аст) Фалаке, ки апаи Гулчеҳра мехонад, овозе, ки апаи Гулчеҳра дорад…. Не, ман наметавонам, бо сухан бигӯям. Бояд апаи Гулчеҳраро гӯш кард, пас мебинед, ки «Фалак» барои зану марди кӯҳистон як минбари розгӯист ва ин розҳоро ҷуз фалак дигар наметавон, бо гунаи дигаре гуфт:

Имрӯз фалак хоки маро мебезаде…

**– Роҳбарӣ ба ансамбли «Фалак», овозхонӣ, сафарҳои пайдарпай, мушкилоти рӯзгор… оё шуморо хаста намесозанд?**

– Аз кор биёям, ҳатман барои худ мусиқӣ менавозам ва ин маро аз хастагиҳо раҳоӣ мебахшад. Хастагиамро рафъ месозад, пас чӣ гуна метавонам шикоят бикунам?

Зиндагӣ маҷмӯаи бешу камист, ки равон асту равон ва мо бояд хуш зистанро, аз канори хушбахтиҳо бепарво нагузаштанро омӯхта бошем.

**– Пас зиндагиро бояд дӯст дошт?**

– Зиндагиро, мусиқиро бояд дӯст дошт, набояд ба ҷаҳлу ҳиссиёт дода шуд, бояд бо ақл зист.

**– Боз бармегардем ба мавзӯи асосии суҳбатамон, яъне «Фалак». Шумо гуфтед, ки «Фалак» бояд чун илм омӯхта шавад. Чӣ тарз?**

– Мо ду мусиқии асил дорем, ки мероси садсолаҳои мост. «Шашмақом» ва «Фалак». Мехоҳам, як ҳайати босалоҳият ташкил карда шавад ва ман фалак хонаму онҳо нотабардорӣ намоянд.

**– Киҳо бояд аъзои ин ҳайат бошанд?**

– Хоршинос Шермуҳаммад Ҳабибов, оҳангсозон Фаттоҳ Одинаев, Хайрулло Абдулло, ҳунармандон Саидқул Билол…, фалакшиносон Фароғат Азизова... ва умуман 10-12 нафар олимон, академикҳо, санъатшиносон ҷамъ оянд ва ман нафари охирини ин ҳайат хоҳам буд. Ва ман менавозам, онҳо бишинанд ва адворбардорӣ кунанд.

Баъзеҳо гумон доранд, ки «Фалак» танҳо додгӯист. Не, тасаввуф дар фалак, ғазал дар фалак, қасида, мухаммас, таҳамтанхонӣ, паҳлавонӣ, мадхалхонӣ… «Фалак»-ро бояд омӯхт!

**– Ман ба чунин хулоса омадам, ки касе чун шумо дилсӯзи «Фалак» нест.**

– Ташаккур ба Роҳбари давлатамон Эмомалӣ Раҳмон, ки дилсӯзи ҳунар, дилсӯзи фалак ҳастанд, ин қадар ғамхорие, ки он кас дар ҳаққи мо, ҳунармандон, мекунанд, моро вазифадор месозад, ҳарчӣ бештар эҷод кунем. Аз фурсати муносиб истифода бурда, мехоҳам ба он кас миннатдорӣ баён кунам, ки рӯзи 10-уми октябрро «Рӯзи фалак» эълон карданд ва бори дигар исбот намуданд, ки ба ҳунар арҷ мегузоранд.

Бо чунин шахсони дилсӯз мо медонем ва умеди он дорем, ки «Фалак» бештар аз пештар маҳбубтар хоҳад шуд ва ташаккур барои чунин як суҳбати самимӣ.

*Робияи Холмирзо*

**196.** Бо такя ба маҳорат ва бардоштатон доир ба ягон масъалаи муҳим мусоҳиба таҳия намоед.

## ПЕШОЯНДИ «БЕ»

**197.** Зарбулмасалҳоро нависед ва мулоҳизаатонро дар бораи пешоянди ***бе*** хаттӣ баён созед.

1. *Бе меҳнат роҳат муяссар намешавад.*
2. *Беша бе шер не, дарё бе моҳӣ.*
3. *Бе шамол шохи дарахт намеҷунбад.*
4. *Гул бе хор намешавад, гӯшт бе устухон.*

Пешоянди ***бе*** чунин тобишҳо дорад:

а) дар амали ҷумла иштирок надоштани касе, чизе ва ё ҳодисае: *Мо **бе** душворӣ ба қулла баромадем. Дарси забон **бе** мисол не, дарси таърих **бе** сол.*

б) барои амали ҷумла шарт будани иштироки касе ё чизе: ***Бе** об зиндагӣ намешавад. **Бе** китоб дониш нест. **Бе** аҷал кас намирад.*

Дар адабиёти бадеӣ ***бидуни*** муродифи пешоянди ***бе*** шуда меояд: *Кор **бидуни** шитоб идома меёбад.*

**198.** Порчаи шеърро возеҳ хонда, нақши пешоянди ***бе***-ро шарҳ диҳед.

Шоиро, аз сӯхтан дорӣ хабар,
Пас макун аз оташи сӯзон ҳазар!
Сӯхтан пӯлоду оҳан офарад,
Аз шароре тоза гулхан офарад.
Пурҳарорат гар намешуд Офтоб,
Зиндагӣ мегашт аз сармо хароб.
Бе ҳарорат санг буду дил набуд,
Дилкушоию пурсафо манзил набуд.
Бе ҳарорат не дамидан буд расм,
Не шукуфтан, не расидан буд расм.
Бе ҳарорат дар лабонат ханда нест,
Хандаи чун машъали тобанда нест…

*Мирзо Турсунзода*

**199.** Байтҳоро хонда маънидод кунед ва сипас навишта, вазифаи пешоянди ***бе***-ро шарҳ диҳед.

Бе заҳмату кор нон намебояд хӯрд,
Як луқма ба ройгон намебояд хӯрд.

*Абулқосим Лоҳутӣ*

Бе азми дурусту саъйи комил
Касро нашавад мурод ҳосил.

*Саъдии Шерозӣ*

Аз он боист чандон ранҷ бурдан,
Ки «бе ранҷе нахоҳӣ ганҷ бурдан».

*Фаридуддини Аттор*

**Савол ва супориш**

1. Байти дуюмро ба наср баргардонед.
2. Калимаҳои ***бедавлат, бегуноҳ, бемор, бекор***-ро аз ҷиҳати сохт шарҳ диҳед ва гӯед, ки чаро дар онҳо ***бе*** якҷоя навишта шудааст.

**200.** Хонед ва тобишҳои ***бе***-ро маънидод кунед. Гӯед, ки дар байтҳои дуюму сеюм кадом калима пешоянди бе-ро иваз кардааст. Дар байти охир ***бе*** ба кадом вазифа омадааст.

Бе рӯйи ту Хуршеди ҷаҳонсӯз мабод,
Ҳам бе ту чароғи оламафрӯз мабод.

*Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

***

Зи ранҷи фаълаву деҳқон ҷаҳон гардида ободон,
На миллат ҳасту не Эрон бидуни фаълаву деҳқон.

***

Бидуни шубҳа маҳсули қувои коргар бошад,
Зи ҳар ҷойи ҷаҳон ҷинсе ба ҳар бозор меояд.

*Абулқосим Лоҳутӣ*

***

Беадаб танҳо на худро дошт бад,
Балки оташ дар ҳама офоқ зад.

**Савол ва супориш**

1. Чаро дар байти охир **бе** бо калима якҷоя навишта шудааст?
2. Бо истифодаи ***бидуни*** ҷумлаҳо тартиб диҳед.

## ПЕШОЯНДҲОИ «ТО» ВА «ҶУЗ»

**201.** Ҷумлаҳоро нависед ва тобиши пешояндҳои **то** ва **ҷуз**-ро муайян созед.

1. То омадани табар кунда меосояд.

2. То мард сухан нагуфта бошад,
Айбу ҳунараш нуҳуфта бошад.

*Саъдии Шерозӣ*

3. Ба кӯҳ он чӣ гӯӣ, ҷуз он нашнавӣ,
Ба хок он чӣ корӣ, ҷуз он надравӣ.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

4. Аз илм мурод ҷуз амал нест. (*Зарб.)*

Пешоянди ***то*** чунин тобишҳо дорад:

а) ибтидо: ***То*** дастат наҷунбад, даҳонат намеҷунбад. ***То*** меҳнат накунӣ, санги сиёҳ лаъл нагардад.

б) интиҳо: Оби Ҷайҳун бо ҳама паҳноварӣ
Хинги моро ***то*** миён ояд ҳаме. (*Рӯдакӣ*)
Барф ***то*** зонуяш расид. (*С. А.)*

Пешоянди ***ҷуз*** фақат истисно (аз маҷмӯи чизҳо баровардани чизе)-ро ифода мекунад: ***Ҷуз*** *ту каси ғамхор надорам.*

**202.** Нависед ва маънидод кунед. Гӯед, ки пешоянди ***то*** чӣ тобишҳои маъноӣ дорад.

1. Мо аз Қаршӣ то Когон пиёда рафтем.
2. Азим то бегоҳ ба корҳои падараш ёрӣ медод.
3. Мактубро то як пиёла чой нӯшидан навишта дод.
4. Одамон то ними шаб кор мекунанд.

**203.** Порчаи манзумро хонед ва тобиши ***ҷуз***-ро маънидод намоед.

Ҷуз сари кӯяш мани овораро маскан мабод,
Булбули бехонумонро ҷой ҷуз гулшан мабод.
Бар дараш шабҳо сагонро ҷою ман маҳрум аз ӯ,
Ваҳ, чӣ рӯз аст ин, ки дорам, саг ба рӯзи ман мабод.

Дигаронро дида равшан гарчи аз мардум бувад,
Ҷуз ба рӯйи он парирӯ чашми ман равшан мабод…

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

**Савол ва супориш**

1. Дар байти сеюм **дида** ба кадом маънӣ омадааст? Муродифҳои онро номбар кунед ва шарҳ диҳед.
2. ***Ҷуз*** аз ***ҷузъ*** чӣ фарқ дорад?
3. Кадом пешоянд ***ҷуз*** -ро иваз мекунад?
4. Байти охирро ба наср баргардонед ва онро нависед.

## СОХТИ ПЕШОЯНДҲО. ПЕШОЯНДҲОИ СОДАИ НОМӢ

**204.** Ҷумлаҳоро нависед ва калимаҳои ишорашударо шарҳ диҳед. Онҳо чӣ тобиши маъноиро ифода карданд?

1. Духтарча **тарафи** маро нишон дода чизе гуфт.
2. Фаршед **сӯйи** хона равон шуд.
3. Офтоб **самти** мағриб шитофт.
4. Ман **пеши** падарам рафтам.
5. Мошинае **назди** дарвоза омада истод.

Пешояндҳои забони тоҷикӣ аз рӯйи сохт ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

**1. Пешояндҳои сода:**

а) аслӣ: ***аз, ба, дар, бо, барои, бе, то, ҷуз…***

б) номӣ: ***пеши, назди, рӯйи, болои, паси, ғайри…***

**2. Пешояндҳои номии таркибӣ:**

а) изофӣ: ***дар болои, аз баҳри, ба сони, ба тариқи, ба хусуси…***

б) беизофа: ***пеш аз, баъд аз, ғайр аз, ба ҷуз, оид ба, нисбат ба, ба ғайр, то ба…***

Пешояндҳои сода ба ҷузъҳо ҷудо нашуда, бо исму калимаҳои исмшуда омада, тобишҳои гуногуни маъноиро ифода мекунанд.

**205.** Порчаҳои манзумро хонед ва тобишҳои маъноии пешояндҳои изофиро маънидод кунед.

Дило, назди касе биншин, ки ӯ аз дил хабар дорад,
Ба зери он дарахте рав, ки ӯ гулҳои тар дорад.

*Ҷалолуддини Балхӣ*

Ҳар он, к-ӯ барад номи мардум ба ор,
Ту чашми накугӯйӣ аз вай мадор.
Ки андар қафои ту гӯяд ҳамон,
Ки **пеши** ту гуфт аз паси дигарон!

*Саъдии Шерозӣ*

Нашояд, к-одамӣ чун курраи хар
Чу сер ояд, нагардад **гирди** модар.

*Саъдии Шерозӣ*

**206.** Ба ҷойи нуқтаҳо аз пешояндҳои дар қавсайн буда мувофиқашро гузошта, ҷумлаҳоро нависед. Гӯед, ки пешояндҳо ба ҷумла чӣ тобишҳои маъноӣ бахшидаанд.

1. ... оши болаззат чойи кабуд айни муддаост.
2. ... Хуҷанд мерафтем.
3. ... дамидани субҳ гулхан хомӯш гашт…
4. ... ривоятҳо ин деҳа анорзор будааст.

(*баъди, баробари, мувофиқи,ҷониби*)

Баъзан калимаҳои **пеши, назди, болои, паси, тарафи** маъноҳои луғавии худро аз даст дода, ҳамчун пешоянд истифода мешаванд ва бо исму мафҳумҳои исмшуда омада, тобишҳои гуногуни маъноӣ зоҳир мекунанд.

**207.** Нақшаро бодиққат хонед ва тобишҳои маъноии пешояндҳоро ёбед ва нависед.

| **Пешояндҳо** | **Мисолҳо** | **Чӣ гуна тобишҳои маъноӣ доранд?** |
|---|---|---|
| ***дар*** | дар домани Фарғона будан<br>дар канори дарёи Сир ҷой гирифтан<br>дар аҳди қадим мавҷуд будан | |
| ***ба*** | ба ман гуфтан | |

| | | |
|---|---|---|
| ***ба*** | ба меҳмонӣ рафтан | |
| ***аз*** | аз хона баромадан | |
| | аз пагоҳӣ интизор будан | |
| | аз хунукӣ ях бастан | |
| ***бо*** | аз чӯби бед сохтан | |
| | бо падар омадан | |
| ***барои*** | бо мошин рафтан | |
| | барои дидан омадан | |
| ***бе*** | барои бародар овардан | |
| | бе шумо иҷро нашудан | |
| | бе азми дуруст мурод ҳосил | |
| ***то*** | нашудан | |
| | то омадани падар интизор | |
| | шудан | |
| ***ҷуз*** | то Душанбе рафтан | |
| | ҷуз ту касе надоштан | |

## ПЕШОЯНДҲОИ ТАРКИБӢ

Пешояндҳои таркибӣ аз пешояндҳои аслӣ ва исму зарфҳое таркиб меёбанд, ки маънои луғавиашонро қариб гум карда, фақат барои тафсили пешоянд хизмат мекунанд: ***Дар пеши*** *ин хона суфаи баланде ҳам буд.* (*С. А.*)

> ***Дар паси*** *ҳар гиря охир хандаест,*
> *Марди охирбин муборакбандаест.*
>
> *Ҷалолуддини Балхӣ*

***Баъд аз*** *як соат навбат ба мо расид.*

Пешояндҳои таркибӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

1. Пешояндҳои таркибии изофӣ, ки аз пешоянди аслӣ, исм ва изофат таркиб ёфтаанд: ***ба тарафи, ба сӯйи, дар рӯйи, дар даруни, дар болои, аз болои, аз ҷиҳати, аз барои, ба муносибати, ба назди***...

2. Пешояндҳои таркибии беизофа, ки аз ду пешоянд иборатанд: ***доир ба, оид ба, нисбат ба, ғайр аз, ба ҷуз, пеш аз, баъд аз, то ба***...

**208.** Ҳикояро хонед ва маънидод кунед. Пешояндҳои сода ва таркибиро аниқ сохта шарҳ диҳед.

Подшоҳе ба куштани бегуноҳе фармон дод.

Гуфт:

– Эй малик, ба муҷиби хашме, ки туро бар ман аст, озори худ маҷӯй, ки ин уқубат бар ман як нафас барояд ва базаи (гуноҳ) он бар ту ҷовид бимонад.

Даврони бақо чу боди саҳро бигузашт,
Талхию хушию зишту зебо бигузашт.
Пиндошт ситамгар, ки ҷафо бар мо кард,
Дар гардани ӯ бимонду бар мо бигузашт.

Маликро насиҳати ӯ судманд омад ва аз сари хуни ӯ даргузашт.

*Саъдии Шерозӣ*

**Савол ва супориш**

1. Дар мисраи дуюм кадом калимаҳо зидмаъноянд?
2. Аз ҷумлаи охир таъбирро ёфта шарҳ диҳед.
3. Ҳикояро ҳифз кунед.

**209.** Матнро хонед ва ҷумлаҳои пешояндҳои таркибидоштаро нависед ва тобишҳои маъноияшонро шарҳ диҳед.

Дар пеши ҳавлии усто Барот на рӯд буду на пули он, на ҷӯйи осиёб буд ва на осиёхона ба назар менамуд. Бо вуҷуди ин падарам то ҷойи бинои осиёхона рафт. Бинои фарсудаи осиёхона бо вазнинии рег дар даруни гум фурӯ рафта, ҳамаи асбоби осиё ҳам дар зер мондааст ва дар берун танҳо хомаи рег ба назар намоён буд.

Мо ба ҳавлӣ омадем. Дар пеши дарвоза амакам моро пешвоз гирифт. Ӯ чанд рӯз пеш ба деҳаи Тезгузар барои бинокории касе рафта буд ва имрӯз аз он ҷо омадааст ва ба падарам хабар дод:

– Киштзорҳои Боғи Афзал, Тезгузар, деҳаи Қарағоч бо киштзорҳояшон, тарафи шимоли Деҳнави Абдуллоҷон, Муҳаммад Боқӣ ва як қисми Кочихӯрон тамоман

дар зери рег мондаанд. Мегӯянд, ки ҳуҷуми рег то деҳаи Сайидато ва қӯрғони Вардонзе расидааст.

*Садриддин Айнӣ*

**210.** Порчаҳои манзумро хонда маънидод кунед. Пешояндҳои изофӣ ва таркибиро аниқ сохта, дар ду сутун нависед.

1. Эй, ки ту аз зулм чоҳе меканӣ,
Аз барои хеш доме мекунӣ.
Бар заифон гар ту зулме мекунӣ,
Дон, ки андар қаъри чоҳи бебунӣ.
Гирди худ чун кирми пила барматан,
Баҳри худ чаҳ меканӣ, андоза кан.

2. Дона чун андар замин пинҳон шавад,
Баъд аз ин сарсабзии бӯстон шавад.
Зарру нуқра гар набудандӣ ниҳон,
Парвариш кай ёфтандӣ зери кон.

*Ҷалолуддини Балхӣ*

**Савол ва супориш**

1. Порчаи дуюмро ба наср баргардонед.
2. Мазмуни порчаи аввал кадом зарбулмасалро ба ёд меорад?

**211.** Матнро хонед ва пешояндҳоро муйян карда, аз ҷиҳати сохт шарҳ диҳед.

Ман ғайр аз дарси дарсхонагӣ, чунон ки дар аввал гуфтам, ҳамон дарсро пешакӣ дар пеши домуллои кунҷакиам–Мулло Абдусалом мехондам. Ба пеши ин домулло аз «Матни Кофия» ҳам бобҳои то он вақт нахондаамро мехондам. Мулло Абдусалом мисли пештара дар мадрасаи Мири Араб буд. Баъд аз дарси дарсхона ба он ҷо рафта, ду дарси мазкурро хонда меомадам.

Ғайр аз ин, як дарси «хотирхоҳӣ» дар мадрасаи Олимҷон ҳам мехондагӣ шудам. Ин дарс «Мухтасари Виқоя» буд, ки бо Мирқодирмахдум дар пеши тағоии ӯ мехондем.

*Садриддин Айнӣ*

### Савол ва супориш

1. Чаро дарси иловагӣ мегирифтаанд? Ба дарси иловагӣ гирифтан чӣ гуна муносибат доред?
2. Чаро *«Матни Кофия»* ва *«Мухтасари Виқоя»* дар нохунак гирифта шудааст?
3. *Мазкур ё маскур*?
4. Ба пеши ин домулло ё дар пеши ин домулло? Назари шумо?

**212.** Ҷумлаҳои ҳар ду сутунро бодиққат хонед ва пешояндҳоро аз исму зарфҳо фарқ кунед.

| Зарф ва исмҳо | Пешояндҳо |
|---|---|
| 1. **Баъд аз** ин гуфтугӯ вонахӯрдаем. | 1. **Баъд аз** суҳбат мақсад равшан гашт. |
| 2. Ин суханон ба ӯ ҳеҷ **нисбате** надоранд | 2. Имсол ҳаво **нисбат ба** соли гузашта беҳтар аст. |
| 3. Падар **сари** фарзандашро сила кард. | 3. Ба **сари** кор рафтан лозим омад. |
| 4. **Ба назари ӯ** рӯзи равшан шаби тор гашт. | 4. **Назар ба** маълумоти онҳо мактабҳо фаъолияташонро қатъ намекунанд. |

**213.** Бо истифода аз пешояндҳое, ки дар нақшаҳо омадаанд, ҷумлаҳо тартиб диҳед.




**214.** Ҷумлаҳоро нависед ва ба зери пешояндҳои такрор хат кашида, ба имлои онҳо диққат диҳед.

1. Пас, мо роҳи худро таг-таги қалъа давом додем.(*Р.Ҷ.)* 2. Юнусбой, Нуралӣ, Ҳошимкорвон бо як гурӯҳ коргарон қад-қади ҷӯйбор равонанд. (*С. У.)* 3. Дар он ҷо як сойи хушк буд, мо дарун-даруни сой равон шудем. (*С. У.)*

4. Лаб-лаби санглох қадре болотар рафта, оби тозатаре ёфта хӯрдем. (*С. А.)*

**215.** Ҷумлаҳоро хонед, ба ифодаҳои ишорашуда диққат диҳед. Гӯед, ки онҳо аз якдигар чӣ фарқ доранд.

1. Зиракӣ, **бофаҳмӣ** ва дониши ӯ Шодиро чунон хурсанд карда буд, ки вай ба пӯсташ намеғунҷид.
2. Шодӣ ба девори вагон такякунон **ба ҳузур** менишаст.
3. Ҳалим бачаи хеле **бамаъниӣ** будааст.

1. **Ба фаҳми ман**, маслиҳати муаллим дуруст аст, гуфт мудири мактаб ба падари хонанда.
2. Қосим **ба ҳузури** раиси хоҷагӣ омад.
3. **Ба маънии** гапи ӯ сарфаҳм нарафтам.

**216.** Ҷумлаҳоро нависед ва пешояндҳои такрорро муайян сохта, ба зерашон хат кашед. Ба имлои онҳо диққат диҳед.

1. Мо чанд соат бо мошинаҳо лаб-лаби Вахш рафтем. (С. У.) 2. Дар кӯчае ... пеш-пеши мо як кас бо сари хам мерафт. (Ф. М.) 3. Қад-қади наҳрча сабзаҳо дамида ва найзорҳо расида буданд. (С. У.) 4. Давлат оҳубаравор рӯ-рӯи сабзаҳои навхез тохта мерафт. (Р. Ҷ.)

## ТАҲЛИЛИ САРФИИ ПЕШОЯНДҲО НАҚШАИ ТАҲЛИЛ

I. Кадом ҳиссаи нутқ аст. Маълумоти умумӣ.
II. Аломати сарфӣ: тағйирнаёбанда.
III. Вазифаи наҳвӣ.

**Намунаи таҳлил**

*Уштуре **дар** саҳро чаро мекард ва аз хору хошоки он саҳро ғизо мехӯрд.* (*Абдураҳмони Ҷомӣ*)

***Дар*** пешоянд буда, муносибати байни исму феълро ифода мекунад ва тобиши маконӣ дорад; пешоянди сода аст ва тағйир намеёбад; аъзои ҷумла намешавад (ҳиссаи ёридиҳандаи нутқ).

## ИМЛОИ САНҶИШ

УСТО

Дар миёнҷойи маҳаллаи мо устохонаи Дадабойамаки дуредгар воқеъ шуда буд. Усто марди пиракии қоқинае буда, дастҳои бақувват ва риши кулутаи сафед дошт. Оила надошт, хӯрду хобаш ҳам дар устохона буд. Аз пагоҳӣ то бегоҳӣ чӯб арра мекард, ранда мекард, метарошид: катҳо месохт, либосовезакҳои хонагӣ метарошид, барои дари хонаҳо қулфҳои чӯбин, қуттичаҳо, сарпӯши дег, сандалиҳо месохт. Дар маҳалла ҳеҷ як иморат бе мадади Дадабойамак сохта намешуд. Мо, бачагон, ба устохонаи вай рафта, корашро тамошо мекардем. Усто бо бачагони деҳа бисёр улфат буд ва ҳар гоҳ ки бачагон наздаш меомаданд, хурсанд мешуд. Вай кор карда истода, ба мо ҳикояҳои ғалатӣ мегуфт ва аз чӯб одамча, асп, шутур, чилликҳо сохта медод. Барои духтарбачагон гаҳворачаҳо сохта, чӯбакҳои махсусе тарошида медод, ки духтаракон бо он латта пӯшонда, лӯхтак месохтанд.

*С. Улуғзода*

## ПАСОЯНДҲО
## ПАСОЯНДҲОИ «-РО, БАРИН»

**217.** Ҷумлаҳоро хонед ва фарқи маъноии онҳоро шарҳ диҳед.

| | |
|---|---|
| 1. Ман китобро харидам. | 1. Ман китоб харидам. |
| 2. Муаллим Зебиро гуфт. | 2. Муаллим ба Зебӣ гуфт. |
| 3. Шароф омадан замон нишаст. | 3. Шароф омада нишаст. |
| 4. Чанд дақиқа барин вақт гузашт. | 4. Чанд дақиқа вақт гузашт. |

Дар забони тоҷикӣ ду пасоянди аслӣ ***-ро*** ва ***барин*** вуҷуд доранд, ки ҳар ду маънои мустақили луғавӣ надоранд. Пасоянди ***-ро*** шахсу ашё ва ҳодисаи муайян ва ягонаро нишон медиҳад. Агар сухан дар бораи мафҳумҳои номуайяне равад, исми ифодакунандаи пуркунанда бе пасоянди ***-ро*** меояд. Масалан: *Китобро хондам.* Ин ҷумла аз ду калима – исм ва феъл (амал) иборат аст. Ашё ба

таъсири амал дучор гардидааст. Ҷумлаи мазкурро бе пасоянди -***ро*** низ гуфтан мумкин аст: *китоб хондам.*

Дар ин мисол дар бораи амал (*хондам*) ва дар бораи ашёи ба таъсири амал дучоршуда (*китоб*) сухан меравад. Гӯянда ба мо мефаҳмонад, ки вай умуман бо кадом ашё кордор шудааст.

Агар гӯянда китоби муайянро дар назар дошта бошад, дар ин ҳол номи ашё бо пасоянди -***ро*** оварда мешавад: *Китобро хондам. Ман дарсамро тайёр кардам. Бародарамро хонондам.*

Пасоянди ***барин*** барои ифодаи тобиши маънои монандӣ ва тахмин хизмат мекунад: *Бо белча чормағз* ***барин*** *гулқанд канда гирифта, ба тарафи қозӣ дароз кард.*

Пасоянди ***қатӣ*** (катӣ) бештар дар гуфтугӯ истеъмол мешавад ва ҳамчун пешоянди *бо* барои ифодаи тобиши ҳамроҳӣ ва воситаи иҷро хидмат мекунад: *Ман бародарам* ***катӣ*** *омадам. Ҳезумро табар* ***катӣ*** *кафондам.*

**218.** Матнро хонед ва гӯед, ки пасоянди -***ро*** чӣ вазифаҳоро адо кардааст.

Суҳбати мову Ҳайрат дар аввали мулоқот монанди дӯстони дерина гарм шуд ва ӯ аз ман шеъри худамро пурсид. Ман ҳам ибо накарда, ба ӯ як шеъри худро, ки ҳамон сол ба муносибати сайри гули сурх ва сабаби нарафта монданам ба он сайр бо тахаллуси «Айнӣ» навишта будам, нишон додам. Ин ҳамон шеър буд, ки дар вақти эҷод карданам ба Шарифҷонмахдум нишон дода будам ва ӯ вайро бе тасҳеҳ таҳсин намуда, ҳатто дар бораи аз они худи ман будани шеър шубҳа карда буд.

Ҳайрат он шеърро баъд аз хонда шунавондани ман ба дасти худ гирифта, дубора бо мулоҳизаҳои дуру дароз хомӯшона мутолиа карда, баъд ба ман бо овози баланд хонда, камбудиҳояшро нишон дода, дубора кор карда баромаданамро маслиҳат дод. Ман он шеърро ҳамон вақт бо роҳбарии Ҳайрат дуруст карда будам ва дар ин ҷо барои ёдоварии он дӯсти меҳрубонам нақл карданро муносиб дидам.

Ҳайрат ҳам дар он мулоқоти аввалин якчанд ғазали худро аз ёд хонда ба ман шунавонд ва ба муносибатҳое, ки дар рафти суҳбат мебаромаданд, қасидаҳои чилбайтӣ ва панҷоҳбайтии шоирони гузаштаро бе ҳеҷ даккахӯрӣ аз ёд хонда медод. Аз ин хислаташ маълум мешуд, ки ӯ қувваи ҳофизаи фавқулодае дорад.

*Садриддин Айнӣ*

**Савол ва супориш**

1. Оё шумо навиштаи худро аз назари дӯсте мегузаронед? Ин амал ба шумо маъқул аст ё не?
2. Дар мавзӯи «Мулоқоти аввалини ман», ки бо яке аз дӯстонатон карда будед, иншое нависед.
3. *Мулоқот гарм шуд*-ро чӣ тавр мефаҳмед?
4. Имлои пасояндҳоро шарҳ диҳед.

## ПАСОЯНДҲОИ НОМИИ «ПАС, ПЕШ, ҚАБЛ, БОЗ, ИНҶОНИБ»

Дар асарҳои бадеӣ **пасояндҳои *ҳамон (ҳамоно), инҷониб, замон (замоно), эътиборан, пеш, қабл, дида, сар карда* ва ғайраҳо** истифода мешаванд. Онҳо асосан хоси забони гуфтугӯ буда, дар асарҳои бадеии давраи мо истифода гаштаанд.

**219.** Ҷумлаҳоро нависед ва вазифаи калимаҳои бо ранги баланд чопшударо шарҳ диҳед.

1. Ман як ҳафта **боз** аз дарстайёркунӣ маҳрум мондаам. (*С. А.)*

2. Аз хатми донишгоҳ **инҷониб** бо Оҳистамоҳ вонахӯрдаам.

3. Рӯз сафед шудан **ҳамон** ба кор мебаромадаанд. (*С. А.)*

4. Чанд сол **ин тараф** дар ин ҷо пири солхӯрдае нишаста, ба мардум хизмат мекунад.

5. Аз ҳамон рӯз **сар карда,** падари ман ба назарам хеле калон намуд. (*С. А.)*

**220.** Ҷумлаҳоро хонда, пасояндҳоро муайян кунед ва вазифаи онҳоро шарҳ диҳед. Чор ҷумлаи аввалро нависед ва имлои пасояндҳоро дар хотир нигаҳ доред.

1. Рӯз сафед шудан ҳамон одамон ба кор мебаромаданд. (С. А.) 2. Пӯлод ин ҷавони хандонрӯйро дидан замон шинохт. (Р. Ҷ.) 3. Латифамак шаш сол боз посбони идора ва анбори хоҷагӣ аст. (Ф. М.) 4. Дина инҷониб хурсандии ӯро ҳадду канор набуд. (Ф. М.) 5. Чанд сол ин тараф ба ёди ту, Хонапо духтари калон будам. (М. Т.) 6. Аз пагоҳӣ сар карда дар пеши хонаи мо бачагони гуселкунанда ҷамъ мешаванд. (С. У.) 7. Аз рӯзи кӯчиданамон инҷониб рафтуомад кам шудааст. (Ф. М.) 8. Аз ҳамон рӯз боз як кунҷи дилам пушти дег барин сиёҳ мебошад. (С. У.) 9. Чанд сол ин тараф дар ин ҷо як марди солхӯрдае нишаста, ба роҳгузарон хидмат мекард. (Р. Ҷ.) 10. Аз ҳамон дам инҷониб Умарҷон ва Николай ёру бародар ва ба ҳам наздиктар шуданд. (Ҷ. И.)

## КОР БО МАТНИ ТАВСИФНОМА

**221.** Порчаҳоро бодиққат хонед. Онҳоро бо якдигар муқоиса карда, хулосаатонро мухтасар гӯед.

Тавсиф – вожаи арабӣ: нек сифат кардан (Мунтахаб-ул-луғот);

Тавсиф – васф кардан, сифати касеро ё чизеро васф кардан, сифат ва хасоиси чизеро баён кардан; («Фарҳанги форсии Амид»: тавсиф-1. Васф кардан, сифат. 2. сутудан, ситоиш кардан; 3. васф, шарҳ: ҷамъ тавсифот (Фарҳанги форсии Муин);

Тавсиф – баён кардан, тасвир кардан; баён, васф ва шарҳ («Фарҳанги забони тоҷикӣ»)

Тавсиф: нависанда барои тасвир кардани ягон воқеа, касе ё чизе гоҳо сифатеро меорад, ки яке аз муҳимтарин хусусиятҳои он воқеа, он кас ё чизро хеле барҷаста нишон медиҳад. Ҳамин гуна муайянкунандаи

бадеӣ, ки муҳимтарин хусусияти ҳодисаро таъкид менамояд, тавсиф номида мешавад:

Эй модари *меҳрубон,* чӣ кардӣ?
Бо ошиқи *нотавон* чӣ кардӣ…?

Дар забони тоҷикӣ калимаҳои зиёде ҳастанд, ки як ё якчанд сифати муайян доранд ва ин калимаҳо аксаран бо ҳамин сифатҳои худ якҷоя кор фармуда мешаванд. Масалан, шери жаён, пили дамон, сарви равон, гули хандон, модари меҳрубон (мушфиқ) ва ғайра…. Ин навъ калимаҳое, ки ба сифати доимии ягон исм табдил ёфтаанд, низ тавсиф мебошанд. Масалан, порчае аз эҷодиёти Мирзо Турсунзода:

Сурудам –*ҳофизи рози дили ман,*
Аниси *булбуловози дили ман.*
Уқоби *тезпарвози дили ман,*
Адиби *нуктапардози дили ман.*
Бо обу ранги нав овоз сар кун,
Сар овози нав аз банди ҷигар кун!

*Мирзо Турсунзода*

**222.** Матни зеринро хонед ва ба шарҳи ҳол муқоиса кунед. Фарқи байни онҳоро гӯед.

ТАВСИФНОМА

Ба хонандаи синфи 8 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 00 шаҳри Душанбе Саидов Шариф, соли таваллудаш 2002, миллаташ тоҷик

Саидов Ш. аз 1. 09. 2009 дар синфи 8-уми мактаби № 00 таҳсил мекунад. Дар муддати таҳсил ӯ худро чун хонандаи қобилиятнок нишон дода, аз ҳамаи фанҳо баҳои «хуб» ва «аъло» мегирад.

Ӯ ба фанни химия шавқи беандоза дорад ва дар озмуни ҷумҳуриявии мактаббачагон ширкат намуда, сазовори ҷойи дуюм гашт. Аъзои маҳфили «Химикони ҷавон» буда, дар назди хонандагон баромад мекунад. Дар чорабиниҳои мактаб фаъолона ширкат варзида, дар баровардани рӯзномаи мактабӣ саҳм мегирад.

Саидов Ш. хонандаи хоксору ҳалим, поквиҷдон меҳнатдӯст, нисбат ба ҳамсинфон ғамхор мебошад. Ҳамсинфон ӯро эҳтиром мекунанд.

Тавсифнома барои пешниҳод кардан ба ҷойи лозима дода шуд.

Ҷонишини директори
мактаби № 00 оид ба тарбия / имзо / Ғиёсов Қ.
1. 05. 2017

II. Матни тавсифномаи болоро хонед ва қисмҳои онро муайян кунед. Ҳар як қисми онро шарҳ диҳед. Гӯед, ки тавсифнома кай ва ба кадом мақсадҳо дода мешавад?

а) Қисми якум

1. Номи санад

2. Ному насаби шахсе, ки бар вай тавсифнома дода мешавад.

3. Таърихи таваллуд

4. Миллат

5. Таҳсилот

б) Қисми дувум

Маълумот (ахбор) дар бораи фаъолияти таҳсилӣ, кор (ихтисос-касб), муддати таҳсил, кор дар муассиса, сатҳи донишандӯзӣ ё маҳорати касбӣ ва ғайра.

в) Қисми сеюм

Ахбор дар бораи сифатҳои ахлоқиву сиёсӣ ва кории тавсифшавандаҳо, муносибат ба таҳсил, баланд бардоштани сатҳи омӯзиш ва кор, иштирок дар чорабиниҳо, рафтор дар зиндагӣ, хислатҳои шахсӣ, муносибат бо атрофиён. Дар бораи мукофот (агар дошта бошад).

г) Қисми чаҳорум

Ҷойи пешниҳоди тавсифнома

Тавсифномаро роҳбари синф, ҷонишини директор оид ба тарбия, роҳбари муассиса, раиси иттифоқи касаба имзо менамоянд. Имзоҳо бо муҳри мудаввар тасдиқ карда мешавад. Дар поёни тавсифнома таърихи додани он зикр мегардад.

Тавсифнома ба дасти хонанда (корманд) дода мешавад ё бо розигии вай ба муассиса ирсол мегардад.

Тавсифномаҳо гуногун мешаванд: корӣ, идорӣ ва ғайра.

**223.** Қисми ҷумлаҳои матни тавсифномаи поён дар шакли пароканда дода шудаанд. Онҳоро дуруст ҷо ба ҷо кунед ва нависед. Сифатҳои матнро аниқ сохта, ба зерашон хат кашед ва нақши онҳоро шарҳ диҳед.

ТАВСИФНОМА

Ба донишҷӯи курси дуюми факултаи забон ва адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Ҳасанова Умеда, соли таваллудаш 1985, миллаташ тоҷик

Ҳасанова У., донишҷӯи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон мебошад, аз соли 2005. Ӯ, бо интизому хушахлоқ, нишон дод, худро чун донишҷӯй. Дар дарсҳо, аз фанҳои таълим, мунтазам иштирок мекунад ва дониши хуб дорад. Дар, аз ҳамаи фанҳои таълим, нимсолаи гузашта баҳои «хуб» ва «аъло» гирифтааст.

Аз фанни математика, дар озмуни донишгоҳ, ҷойи якумро, иштирок карда, соҳиб гашт. Маърӯза мекунад, вай, ҳарсолаи донишгоҳ, дар конференсияи илмӣ.

Ҳасанова У., фаъолона иштирок мекунад, дар корҳои ҷамъиятии факулта ва донишгоҳ. Дар якҷояги, дар таҳияи, фаъолона саҳм мегирад, рӯзноми «Математикони ҷавон», бо ҳамроҳии ҳамкурсонаш.

Номбурда, шахси басо хоксору ҳалим, нисбат ба ҳамсабақонаш, бовиҷдону боинсоф, мушфиқу меҳрубон аст. Дар факултаю донишгоҳ иззату эҳтиромаш мекунанд ва дар гурӯҳ.

Барои пешниҳод кардан, тавсифнома, ба маҳфили «Математикони боистеъдод»-и дода шуд, ш. Душанбе

Муовини декани факултаи забон ва
адабиёти ДДОТ оид ба тарбия Т. Зиёев
20 апрели соли 2010

*Намуна:* Ҳасанова У., донишҷӯи ДДОТ мебошад, аз соли 2005. Ҳасанова У. аз соли 2005 донишҷӯи ДДОТ мебошад.

**224.** Матни тавсифномаи зеринро бодиққат хонед. Муайян созед, ки дар навишти он ба ғалат роҳ дода шудааст ё не. Камбудиҳои онро ислоҳ карда, шакли дурусташро нависед.

**Тавсифнома**

ба омӯзгори фанни технология Саидов С.

Омӯзгори фанни технология (меҳнат) Саидов С. аз соли 1980 дар мактаби мо кор мекунад. Қаблан ӯ дар корхонаи сементбарории ш. Душанбе ба сифати муҳандис фаъолият намудааст. Ӯ соли 1978 Донишгоҳи техникии Тоҷикистонро хатм кардааст.

Саидов С. дарсҳои технологияро дар сатҳи зарурӣ гузаронида, дар корҳои ҷамъиятии мактаб фаъолона ширкат менамояд. Вай дар айни замон маҳфили «Дастони моҳир»-ро роҳбарӣ карда, бо корхонаи сементбарорӣ ҳамкорӣ дорад.

Саидов С. худро ҳамчун мутахассиси беҳтарин нишон дода, муаллифи чандин ихтирооти соҳаи техникӣ мебошад.

Мавсуф соли 1955 дар ш. Душанбе таваллуд шудааст. Маълумоташ олӣ буда, миллаташ тоҷик аст. Бо медали «Хидмати шоиста» қадрдонӣ шудааст. Дар назди хонандагону ҳайати омӯзгорони мактаби № 00 ш. Душанбе аз эҳтироми хосса бархӯрдор аст.

Тавсифнома ба ҷойи даркорӣ пешниҳод карда мешавад.

Директори мактаби № 00 ш. Душанбе / / С. Саидов

Раиси иттифоқи касаби мактаб / / Қ. Маҳкамов

10. 04. 2017с.

**225**. Ба яке аз дӯстонатон, ки сифатҳояш бароятон ошност, тавсифнома нависед. Кӯшиш кунед, ки бо риояи тартиб онро иҷро намоед.

**226.** Бо шарҳи ҳоли баъзе шоирон ошно ҳастед. Бо истифодаи маълумотҳои аз дигар манбаъҳо бадастоварда шарҳи ҳоли яке аз онҳоро нависед. Гӯед, ки бароятон иҷрои ин кор ба осонӣ даст дод ё не. Чаро?

## Саволҳо барои такрору ҷамъбасти пешоянду пасояндҳо

1. Чиро пешоянд мегӯянд?
2. Пешояндҳо бо кадом калимаҳо меоянд?
3. Хусусиятҳои пешояндҳо кадомҳоянд?
4. Пешоянди ***бо*** аз пасоянди ***катӣ*** чӣ фарқ дорад?
5. Пешояндҳои аслӣ кадомҳоянд?
6. Пешоянди изофии аслӣ кадом аст ва он чӣ тобиши маъноӣ дорад?
7. Пешояндҳо аз ҷиҳати сохт чанд навъанд?
8. Дар кадом вақт дигар ҳиссаҳои нутқ ба пешоянд мегузаранд?
9. Оё пешояндҳо ҷойи якдигарро иваз карда метавонанд?
10. Пешояндҳо аз пешвандҳо чӣ фарқ доранд?
11. Чаро баъзан пешояндҳои ***аз, дар*** шакли дигарро ба худ мегиранд?
12. Кадом пешоянд набудани чизеро ифода мекунад?
13. ***То*** чӣ тобишҳои маъноӣ дорад?
14. Пешояндҳои таркибӣ бо чанд роҳ сохта мешаванд?
15. Пасоянди аслӣ кадом аст? Чаро пасоянди аслӣ мегӯянд?
16. ***Барин*** чӣ гуна тобиши маъноӣ дорад?
17. Пешояндҳои номиро номбар кунед.
18. Пешояндҳои номӣ аз кадом ҳиссаҳои нутқ ташкил мeёбанд?
19. Пасоянди ***-ро*** дар шеваҳо ба чӣ тариқ истифода мешавад?
20. Кадом пасояндҳо хоси забони гуфтугӯанд? Ва чаро?
21. Пешоянд аз назари имло аз пешванд чӣ фарқ дорад?

## VI. ПАЙВАНДАК

**227.** Ҷумлаҳоро нависед ва вазифаҳои калимаҳои ишорашударо шарҳ диҳед.

1. Абр **агар** аз қибла хезад, сахт борон мешавад,
   Шоҳ **агар** одил набошад, мулк вайрон мешавад.
2. Салоҳи мамлакат**у** мулк хусравон донанд.
3. Сабр талх аст, **валекин** бари ширин дорад.
4. Доно ба ҳар диёр мукаррам**у** азиз аст.
5. Сад дари баста**ву** як дари кушода.
6. Барканда беҳ он чашм, **ки** бадбин бошад**.**

**Савол ва супориш**

1. Дар кадом ҷумлаҳо пайвандак аъзоҳои чидаро пайвастааст?
2. Дар ҷумлаи панҷум ***-у*** чӣ гуна тобиши маъноӣ дорад?
3. *Агар* дар ҷумлаи аввал чӣ нақшеро иҷро мекунад?

**227[А].** Матнро хонда, хулосаатонро мухтасар баён созед ва вазифаи калимаҳои ишорашударо шарҳ диҳед.

Кумаки худро устод (Мирзо Турсунзода) аз ҷавонон дареғ намедоштанд, ташаббуси онҳоро тарафдорӣ мекарданд, ба ҳимояашон мешитобиданд, намегузоштанд, **ки** ба пояшон хор халад.

– Ояндаи адабиёт ба ҷавонон вобаста аст, ғами ояндаро имрӯз бояд хӯрем, – мегуфтанд **ва** ҷуръат карда ҷавононро ба вазифаи роҳбарӣ пешбарӣ мекарданд.

– Аввал корро ёд гиранд, баъд тавсия кунем, беҳтар аст, – мегуфтанд баъзе ҳамкоронашон.

– Ин тавр фикр кардан хатост, – андеша мекарданд устод, – ҷавонҳо имрӯз не, фардо, албатта, сари кор меоянд. Лекин хуб аст, агар имрӯз оянд. Хатое дар корашон сар занад, мо, ки дар паҳлуяшон ҳастем, маслиҳат медиҳем ва ислоҳ мекунем. **Агар** хато фардо содир шавад? Он вақт мо нестем ва касе маслиҳат намедиҳад, ислоҳи хато душвор мешавад **ва** ҷойи фоидаро зарар мегирад, ки матлуб нест.

Устод ба ҷавонон **ва** дурустии мулоҳизаҳои онҳо бовар доштанд...

*Убайди Раҷаб*

**Савол ва супориш**

1. Ба андешаҳои шоир розиед? Чаро?
2. Чунин ғамхориро аз касе дидаед ё шунидаед?
3. Назари шумо дар бораи ҷавонон ва калонсолон чӣ гуна аст?

Пайвандакҳо ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ буда, аъзоҳои чида, ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаҳои мураккаб, инчунин ҷумлаҳоро дар матн алоқаманд менамоянд.

Пайвандакҳо содаю таркибӣ ва пайвасткунандаю тобеъкунанда мешаванд.

1. *Коргарон ва коргарзанон дар вагонҳо ҷой гирифтанд.* (*С. А.*)

2. *Агар модарам шир пухтан хоҳад, ҳезумро ба сари оташдон меоварад.* (*С. А.*)

3. *Вақте ки золим зулм кардан мехоҳад, аз ягон муфтӣ намепурсад, ки зулм дар шариат равост ё не?*

4. *Миробӣ маоши рӯйирост надошт, бояд вай ҳам барои маишати худ обфурӯшӣ мекард, лекин Саҳбо ин кори разилонаро накард.* (*С. А.*)

**Пайвандакҳо тағйир намеёбанд ва аъзои ҷумла шуда наметавонанд. Онҳо чун пешояндҳо муносибатҳои гуногуни маъноӣ (наҳвӣ)-ро ифода мекунанд.**

**228.** Ба ҷойи нуқтаҳо пайвандакҳои мувофиқ гузошта, ҳикояро нависед.

Ҳакиме писаронро панд ҳамедод ... ҷонони падар, ҳунар омӯзед ... мулку давлати дунё эътимодро нашояд ва симу зар дар сафар маҳалли хатар аст: ё дузд ба як бор бибарад, ё хоҷа ба тафориқ бихӯрад. ... ҳунар чашмаест зоянда ... давлате поянда. Ва агар ҳунарманд аз давлат бияфтад, ғам набошад, ки ҳунар дар нафси худ давлат аст: ҳар ҷо ки равад, қадр бинаду дар садр нишинад ... беҳунар луқма чинаду сахтӣ бинад.

*Саъдии Шерозӣ*

**Луғат**

**эътимод** – бовар кардан, такя кардан
**тафориқ** – кам-кам, қисм-қисм
**нафси худ** – табиатан, аслан

**Савол ва супориш**

1. Кадом ҷумлаҳои ҳикоя бароятон писанд омад? Чаро?
2. Хулосаатонро нақл кунед. Муносибати шумо ба ин нукта чӣ гуна аст?
3. ***Ҳунарманд***-ро аз ҷиҳати сохт муайян кунед ва чанд калимае гӯед, ки ҷузъи дуюмаш ***-манд*** бошад.

## НАВЪҲОИ ПАЙВАНДАКҲО

Пайвандакҳо аз рӯйи вазифа ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд**: пайвасткунанда ва тобеъкунанда.**

**1**. Пайвандакҳои пайвасткунанда ***ва, -у (-ю,-ву), аммо, вале, лекин, балки, ҳарчанд, ё, ё ин ки, ё ...ё)*** аъзоҳои чида, ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва ҷумлаҳои алоҳидаро бо ҳам мепайванданд:

*Майсаҳои ҷав**у** гандуми тирамоҳ киштташуда замини сиёҳро пӯшонида, сабзу хуррам карда буданд.* (*С. А.)* *Боди сабуке мевазид **ва** ба димоғи кас як бӯйи хуши нозукеро меовард.* (*С. А.) Ҳама ҳавлиҳои деҳа аз рег пур буд **ва** гӯшаи боми баъзе хонаҳо ҷо-ҷо намоён мегардид***.*** (*С. А.)*

2. Пайвандакҳои тобеъкунанда ***(ки, чунки, зеро, зеро ки, агар, вақте ки, барои он ки, бо нияти он ки...)*** ҷумлаҳои содаи дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъбударо ба ҳам алоқаманд месозанд, ки яке асосӣ, дигаре тобеъ аст.

*Ман пай бурдам, ки саг мурғро аз чанголи шағол раҳонидааст. Ин хабар маро бисёр парешон кард, чунки ман ба вай зиёд омӯхта шуда будам. (С. А.) Вақте ки рӯз сафед шуд, Хайбар хотирҷамъ шуда, ба боми дӯконхонаи падарам мебаромад. (С. А.)*

**229.** Матнро хонед ва аниқ созед, ки дар он кадом пайвандакҳо истифода шудаанд.

Ин китобча, ки китоби дӯстдоштаи ман гардид, «Мактаби куҳна» ном дошта, асари Садриддин Айнӣ буд.

Рӯзи дигар ба мактаб рафта, ба ҷӯраҳоям гуфтам, ки фалон китобро хонед, китоби нағз будааст. Онҳо ба ман гуфтанд, ки Садриддин Айнӣ боз китобҳои бисёре дорад, ки ҳар яке аз дигарӣ монданӣ надорад. Аз ҳамон рӯз сар карда, зуд-зуд ба китобхонаи мактаб мерафтагӣ шудам ва дере нагузашта бо «Одина», «Дохунда», «Ҷаллодони Бухоро», «Марги судхӯр», «Ятим» барин китобҳои устод ошно шудам. Ман китобҳои нав ба нави устод Айниро мехондам ва дар дилам орзуе ҷӯш мезад, ки ба нависандаи ин китобҳои аҷойиб шинос шавам. Мехостам, ки худи ӯро бинам.

*Пӯлод Толис*

**Савол ва супориш**

1. ***Бо китобҳо ошно шудам,*** яъне чӣ?
2. Кадом китобҳоро хондед? Кадоме аз онҳо маъқул шуд?
3. Шумо ба рафиқатон хондани ягон китобро тавсия додаед?
4. Ба тарзи навишти номи асарҳо диққат диҳед.

**230.** Порчаҳои манзумро хонед ва маънидод кунед. Сипас байтҳои пайвандакдорро навишта, вазифаи пайвандакҳоро шарҳ диҳед.

Касеро, к-ӯ насаб покиза бошад,
Ба феъл андар наёяд з-ӯ дуруштӣ.
Касеро, к-ӯ ба асл андар халал ҳаст,
Наёяд з-ӯ ба ҷуз кажжию зиштӣ.
Мурод аз мардумӣ озодмардист,
Чи марди масҷидию чи куништӣ.

* * *

Манишин бо бадон, ки суҳбати бад,
Гарчи покӣ, туро палид кунад.
Офтоб арчи равшан аст, варо
Порае абр нопадид кунад.

*Ҳаким Саноӣ*

**Луғат**

**насаб** – насл, нажод, хонадон
**озодмардӣ** – некхӯйӣ, наҷибӣ, ҷавонмардӣ
**кунииштӣ** – ғайримусалмон
**палид** – бадкор, олуда, ҳаром

**Савол ва супориш**

1. Байти охири порчаи дуюмро ба наср баргардонед.
2. Ба фикрҳои дар порчаҳо баёншуда розиед? Чӣ далелҳо доред?
3. Бо ***насаб*** ҷумла созед.

## ПАЙВАНДАКҲОИ ПАЙВАСТКУНАНДА ВА НАВЪҲОИ ОН

**231.** Мақолҳоро хонда, ҳикмати онҳоро баён кунед ва вазифаи пайвандакҳои ишорашударо шарҳ диҳед.

1. Аз қош**у** қавоқат барф***у*** борон мерезад.
2. Ҳофиз манам***у*** бародарам мехонад.
3. Барои дӯстон ҷонро фидо кун, ***валекин*** дӯст аз душман ҷудо кун.
4. Бо дӯст ба айш бинишин, ***аммо*** дохили муомилот машав.
5. **Ё** сахт чу санг бош, **ё** мулоим чу мум.

**Пайвандакҳои пайвасткунанда аз рӯйи маъно ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд: пайи ҳам, хилофӣ ва ҷудоӣ.**

Пайвандакҳои пайвасткунандаи ***ва, - у (- ю, - ву), ҳам … ҳам, чи … чи, аммо, вале, лекин, балки, ё, ё ки, ё ин ки*** мебошанд. Онҳо аъзоҳои чидаи ҷумла ва ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаи мураккабро бо ҳам мепайванданд.

**232.** Порчаи шеърӣро нависед ва ба зери пайвандакҳо хат кашида, вазифаи онҳоро маънидод кунед.

Дашти васею боғи латифу ҳавои хуш,
Саҳрою ҷангалу чаману кӯҳу лолазор;

Аз ҳар канор чашма равон асту обшор,
Ҳар сӯ баланд замзамаю нолаю хурӯш…
Пошида донаҳои гуҳар абри навбаҳор,
Ҳамчун арӯси ноз дарахтони навҷавон.
Чатри сафеду сабзу гулобию арғувон
Бар сар кашида ҷилвакунон ҳар тараф қатор…

*Пайрав Сулаймонӣ*

## ПАЙВАНДАКҲОИ ПАЙИҲАМ

Ба пайвандакҳои пайиҳам ***ва, -у (- ю, -ву), чи…чи, ҳам…ҳам*** дохил мешаванд. Пайвандакҳои мазкур, чунон ки дар боло ишора шуд, барои ба ҳам пайвастани аъзоҳои чида ва ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайваст хидмат мекунанд. Ин пайвандакҳо ҳангоми ҷумлаҳои мустақилро ба ҳам пайвастан амали дар як вақт ва ё пайиҳам содиршавандаро нишон медиҳанд: *Ӯ як байт хонд ва ман ба ӯ ҷавоб додам. Барф бориду ҳаво хунук шуд. Дар миёни инҳо ӯзбек ҳам ҳаст, тоҷик ҳам ҳаст, араб ҳам ҳаст, ғулом ҳам ҳаст. (С. А.)*

**233**. Порчаи зеринро возеҳ бихонед ва маънидод кунед. Сипас пайвандакҳои пайвасткунандаро аниқ созед ва вазифаи ҳар кадомро шарҳ диҳед.

Таърих гувоҳ аст, ки дар ҳеҷ замоне
Тоҷик ба хоки дигаре аз сари кина
Бо ҳамҳамаю дамдама лашкар накашидаст.
Таърих гувоҳ аст, ки дар арсаи таърих
Тоҷик зи роҳи ҳасаду ҷаҳлу таассуб
Бар фарқи саре найзаю ханҷар накашидаст.
Алҳақ ҳама медонаду таърих гувоҳ аст
Тоҷик ҳама умр
Дар Мағрибу Машриқ
Кардаст мусаххар чи бас иқлиму мамолик…
Аммо на ба шамшеру камону сафи лашкар!
Бо санъату бо фитрату бо ақли мунаввар,

Бо ҳиммату бо ҳикмату бо шеъру тарона,
Бо рӯҳи ҷавононаю пирӯзгарона

*Лоиқ*

**Савол ва супориш**

1. Пайвандакҳо чӣ вазифаро иҷро кардаанд?
2. Шоир бештар аз кадом пайвандак кор гирифтааст? Чаро?
3. Чӣ нукта шуморо водор месозад, ки порчаҳоро аз ёд кунед?
4. Чаро Мағрибу Машриқ бо ҳарфи калон навишта шудааст?

**234.** Матнро бодиққат хонед ва ҳадафи онро муайян кунед. Сипас онро нависед ва ба мавқеи аломатҳои китобат диққат диҳед.

Аслан дар дунё ҳама чиз табдили сурат мекунад. Ҳама чизҳо мешикананд, мепӯсанд, занг мезананд, ганда мешаванд, ранги худро тағйир медиҳанд, мелағжанду меламбанд, доғ пайдо мекунанд ва ғарқ гашта ба қаъри нобудӣ мераванд, – файласуфона иброз кард Беҳзод ва бо ҳамон оҳанг идома дод: – Одамон ҳам сиришк мерезанд, дарду ғам мекашанд, мефавтанд ва барои инҳо дар замин қабристонҳои нав пайдо мешавад. Бо гузашти вақт аз решаи дарахти инсон соҳаҳои дигар месабзанд ва меваҳои нав ҳосил медиҳанд. Боз Худо медонад, ки чӣ чизе ҳаст, ки нобуд гашта, аз нав эҳё мешавад. Аммо фақат умед ҳаст, ки ҷовидонӣ мемонад.

*Шодон Ҳаниф*

**Савол ва супориш**

1. Пайвандакҳои пайвасткунандаро аниқ созед ва ба зерашон хат кашед.
2. ***Файласуфона*** кадом ҳиссаи нутқ аст?
3. Ба воқеияти нуктаҳои дар матн буда андешаҳоятонро баён кунед.

**235.** Матнро хонед ва маънидод кунед. Сипас ҷумлаҳоеро, ки пайвандаки пайвасткунанда доранд, нависед ва вазифаи онҳоро шарҳ диҳед.

Вақте ки баргашта ба ҳуҷра даромадам, устод Айнӣ маро ба нишастан таклиф кард ва ба сухан сар кард. – Хуб шуд, ки омадед, – гуфт, – ман худам шуморо ҷеғ заданӣ будам. Деҳотӣ чандест, ки мотам дорад. На шеър менависаду на аз дилу ҷон кор мекунад. Ин кораш ба ман писанд нест. Дар ин ҷанг ҳар рӯз на як касу ду кас, балки ҳазор андар ҳазор ҷавонон қурбон мешаванд ва ҳар якашон қатъи назар аз касбу кору ҳунарашон барои оилаву хешу табор ва ёру дӯстонашон азизу муътабаранд ва агар ҳама мотам гиранду бо дили нохоҳам кор кунанд, ғалабаро кӣ таъмин мекунад? Деҳотӣ мебоист, махсусан, баъд аз ин ҳодисаи ғамангез мондашавиро надониста, бо шеъру ҳикояҳои худ халқро ба мубориза даъват мекард, ба душман зарба мерасонд. Маънои шиори «Марг ба марг, хун ба хун!» дар ҳамин аст. Деҳотиро ман аз ҳамаи шумо беҳтар медонам. Вай ҳам шоир, ҳам носир ва ҳам ҳаҷвнависи боистеъдод аст. Дар суруднависӣ ҳам лаёқаташ калон аст. Дар ин рӯзҳо чун ҳамаи одамони кишвар бояд на шаб хобаду на рӯз!

*Мирсаид Миршакар*

**236.** Порчаро хонед ва маънидод кунед. Магар ***-у*** ва ***-ю***-ро бо ***ва*** иваз кардан мумкин аст? Чаро?

1. Хирадманд донад, ки покию шарм,
Дурустию ростию гуфтори нарм.
Бувад хӯйи покон чу хӯйи малак,
Чи андар заминӣ, чи андар фалак.

2. Сухан заҳру позаҳру гарм асту сард,
Сухан талху ширину дармону дард.

*Абушакури Балхӣ*

**Савол ва супориш**

1. Гуфтори нарм ба кӣ мансуб аст?
2. Дар мавзӯи «***Сухан зи сӯрох берун кашад морро***» нақле нависед.
3. Дар порчаи дуюм ба чӣ гуна калимаҳо вохӯрдед?

**237.** Аз рӯйи нақша ҷумлаҳо тартиб диҳед ва сабаби гузоштани аломатҳои китобатро шарҳ диҳед.

1. ______________________ ***ва*** ______________________.
2. ______________________, ***вале*** ______________________.
3. ______________________ ***ё*** ______________________.
4. ______________________, ***аммо*** ______________________.
5. ______________________ ***ва*** ______________________.
6. ______________________ ***-у*** ______________________.

**238.** Порчаҳои шеъриро сареҳ хонед ва маънидод кунед, Пайвандакҳои пайвасткунанда чӣ вазифаро иҷро кардаанд? Мисраъҳои пайвандакдорро нависед. Гӯед, ки онҳоро иваз кардан мумкин аст ё не.

Боз ор зи бозор шарик, аз пули «даҳяк»,
Ҳалвою муррабою кабобу маю шӯрак.
Як халта пур аз соягию пиставу бодом,
Як қуттӣ пур аз кӯфтаву руставу пашмак.

* * *

Абр шӯриду баҳр туғён кард,
Раъд ғурриду барқ ҷавлон кард.
З-ин миён барҷаҳид соиқае,
Ки ҷаҳонро тамоман ҳайрон кард.

*С. Айнӣ*

**Луғат**

**кӯфта** – ҳалвои аз мағзҳои кӯфта пухташуда
**руста** – навъе аз ҳалво
**соиқа** – барқ (манзур Лоҳутӣ)

## ПАЙВАНДАКҲОИ ХИЛОФӢ

**Пайвандакҳои хилофӣ** асосан ***аммо, вале, лекин*** ва ***ҳол он ки*** буда, хабари ҷумла ва ё ҷумлаҳои мустақилро бо ҳам мепайванданд, ки амал ва ҳолати онҳо бо ҳам мухолифанд: *Ман туро ҷустуҷӯ кардам,* ***аммо*** *наёфтам. Ман ба назди ту омадам,* ***аммо*** *ту набудӣ. Овоз хеле паст,* ***вале*** *гӯё шунида мешуд.*

Дар баъзе мавридҳо пайвандаки ***-у*** метавонад ба вазифаи пайвандакҳои хилофӣ истеъмол шавад, мулоҳиза кунед: *Ҳофиз манам**у** бародарам мехонад – Ҳофиз манам, **вале** бародарам мехонад.*

**239.** Ҷумлаҳоро нависед ва пайвандакҳоро аниқ сохта, вазифаҳояшонро шарҳ диҳед.

1. Фирӯза бо овози паст, бо ҳаяҷон, лекин аз дилу ҷон сухан мегуфт. (Ҷ. И.) 2. Ӯ либосҳои на қиматбаҳо, валекин бисёр озода мепӯшид. (С. А.) 3. Дар ҳамин вақт асп аз дастам ҷудо шуд, лекин дастам сӯзиш мекард. (С. А.) 4. Дар роҳ шитоб кардан лозим буд, аммо аспи ман шитоб намекард. (С. А.) 5. Мухтор ё аз таҳти дил ва ё ки сохта нафаскашон ва бо ҳаяҷон пурсид. (Ҷ. И.)

**240.** Порчаҳои зеринро хонед ва маънидод кунед. Пайвандакҳои пайвасткунандаро ёбед ва вазифаи онҳоро шарҳ диҳед.

Обро олуда кардан кори саҳл,
Лек аз нав соф кардан мушкил аст.
Кӯҳро таркондан осон ҳилаест,
Ганҷ ҷустан лек кори оқил аст.

*Лоиқ*

– Маро маъзур доред, арз дорам,
Вале аз гуфтани он тарс дорам.
— Тааҷҷубовар ин! Арзан накорад,
Зи гунҷишк он касе, ки тарс дорад.

*Файзулло Ансорӣ*

**Савол ва супориш**

1. Чаро пайвандаки ***лекин*** дар шакли ***лек*** омадааст?
2. Оё ҳамеша ***аммо*** пайвандаки ***вале***-ро иваз мекунад?
3. Гӯед, ки мисраи охири порчаи дуюм кадом зарбулмасалро ба хотир меорад?

**241.** Ба ҷойи нуқтаҳо пайвандакҳои ***аммо, вале, ё, ё ин ки*** гузошта, ҷумлаҳоро пурра кунед ва нависед.

1. Ҳаво торафт гармтар мешуд... .
2. Насими форам мевазад ... .
3. Кӣ медонад, ки имрӯз ҳаво гарм мешавад ...
4. Ягон воқеа рӯй дод ... .

**242.** Ҷумлаҳоро нависед ва вазифаи пайвандакҳоро шарҳ диҳед.

1. Соат ҳашт шуд, аммо мудири банк аз Когон наёмад.
2. Рӯзиқул каланд мезад, вале фикраш ба писараш банд буд.
3. Он замини шудгор набуда, балки дарёи Зарафшон ях баста будааст. (*С. А.)*

4. Дев бо одам наёмезад, матарс,
Бал битарс аз одамони девсор. (*Саъдӣ*)

1. Дониш андар дил чароғи равшан аст
В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.
(*Рӯдакӣ)*

## ПАЙВАНДАКҲОИ ҶУДОӢ

**Пайвандакҳои ҷудоӣ** асосан ***ё, ё ин ки, ё... ё*** буда, аъзоҳои ҷумла ва ҷумлаҳои мустақилро ба ҳам мепайванданд, ки аз амалҳои ба онҳо мансуб бояд яке афзалтар ё имконпазир дониста шавад. Мулоҳиза кунед: *Дар мактаб имрӯз* ***ё*** *фардо маҷлис мешудааст. Ман ба назди шумо равам,* ***ё ин ки*** *шумо ба назди ман биёед.*

**243.** Ба ҷойи нуқтаҳо пайвандакҳои мувофиқро гузошта, ҷумлаҳоро нависед ва гӯед, ки пайвандакҳо чӣ вазифаро адо кардаанд.

1. Абуалӣ ... Ҷузҷонӣ дар майдон пайдо шуданд.
2. Дар канори ҷӯй се чинори азими сабз ... хуррам сар ба фалак кашидаанд.
3. Абуалӣ ... Чағонӣ ҳам оғӯш ба оғӯш шуда, бо ҳам видоъ намуданд... баъд донишманд хомӯшона ҳамроҳи Ҷузҷонӣ тез-тез қадам монда рафт. (С. Улуғзода)

4. Сабр талх аст ... бари ширин дорад. (мақол)
5... . ба гапи калон даро, ... ба гапи хурд. (мақол)
6... . ба зорӣ, ... ба зӯрӣ, ... ба зар. (мақол)
(***ё... ё, ва, -у, вале***)

**244.** Зарбулмасалу мақолҳоро нависед ва вазифаи пайвандакҳоро шарҳ диҳед.

1. Ё гули саҳро бошӣ, ё санги дарё.
2. Ё гарди мактабхона, ё чанги меҳмонхона.
3. Ё мактаб хону илм ёд гир, ё меҳмонхона шину гап ёд гир.
4. Ё шаҳри азим, ё кӯҳи баланд.

## КОР БО МАТНИ ТАСВИРӢ

**245.** Порчаро бодиққат хонед ва мафҳуми тасвирро шарҳ диҳед.

Тасвир бар асоси мушоҳида анҷом дода мешавад. Матни тасвир бояд дақиқ ва кӯтоҳ буда, он маълумот оид ба ҳодисаҳои аҷойиби табиат, далелҳои хос аз ҳаёти одамон, рустаниҳо, ҳашарот, парандаҳо ва ғайраҳоро фаро мегирад. Масалан: «Моҳи сентябр офтоб хеле кам равшанӣ медиҳад. Барги дарахтон зард шудан гирифтанд.

Сочҳо дар шохи дарахтон нишаста, садои баланд бароварданд ва селаи сорҳо ба тарафи ҷануб парвоз карданд».

Тасвир ду навъ мешавад: тасвири расмӣ ва бадеӣ. Дар тасвири расмӣ (корӣ) ҳамаи аломатҳои предметшакли зоҳирӣ ва махсусиятҳои онҳо зикр мeёбанд. Мақсади чунин тасвир зикр кардани ҳамаи ашё (предмет) мебошад, то ки фарқ карда шаванд.

Дар тасвири бадеӣ оид ба ин аломатҳо равшан ҳарф зада, муносибати муаллиф ба предмет ифода меёбад. Дар ин сурат на ҳамаи аломатҳои предмет, балки танҳо хусусиятҳое, ки барои муаллиф возеҳу равшан ва муҳим менамоянд, маънидод мегарданд. Тасвирҳои бадеӣ аксаран дар асарҳои бадеӣ вомехӯранд.

Зарурате ба вуҷуд меояд, ки хонандагон ашёи гуногун, вазъият, маҳал, ҳодисаҳои табиат, ҳайвонот, одамон ва фаъолияти онҳоро аз рӯйи хотира, мушоҳида ва таассурот тасвир намоянд.

**Эзоҳ:** Тасвир вожаи арабӣ аст. Тасвир – сурати касе ё чизеро кашидан; нақш кардан; 2. суратгарӣ, суратсозӣ. 3. сурате, ки бар коғаз, девор ва ғайра кашанд; нақш, ҷамъ, тасовир («Фарҳанги форсӣ»-и доктор Муҳаммад Муин, 1375, ҷ. 1, саҳ. 1093);

Тасвир: 1. сурати касеро кашидан. 2. Шакл ва манзараи чизеро бо қалам навиштан. 3. сурат. 4. Бо забон гуфта додани ягон фикр ва ё ягон муддао (С. Айнӣ, ҷ. 12, 1976. саҳ. 383).

**Савол ва супоришҳо**

1. Чиро тасвир меноманд?
2. Ба андешаи шумо, тасвири ашё (предмет) баъди мушоҳида дуруст ё пеш аз мушоҳида? Андешаҳоро баён кунед.
3. Тасвир чанд навъ мешавад?
4. Тасвири бадеӣ аз тасвири расмӣ чӣ фарқ дорад?
5. Тасвир бояд фақат мусбат бошад?
6. Хулосаатонро дар асоси матни *эзоҳ* шарҳ диҳед.

**246.** Матнро хонед ва мазмунашро шарҳ диҳед. Гӯед, ки дар матн чӣ тасвир шудааст. Сифатҳои нахчирро муайян кунед ва нависед.

... Нахчир ширхӯри ҷуфтсуми ваҳшии Тоҷикистон мебошад ва дар кӯҳсори ҷануби ҷумҳурӣ дучор меояд. Ранги он хокистарии тирагун мешавад. Нарнахчир шохи расми пармашакл ва дар гардану сина мӯинаи (ёли) дароз дорад, ки танҳо зимистон аз рушд мемонад. Ин мӯина барои нахчир вазифаи тагандозро ба ҷо меорад ва ҳангоми хоб онро аз хунукхӯрӣ нигоҳ медорад.

Дарозии бадани нахчири калон қариб 150 см, баландиаш то сари дӯш 80-90 см, вазни нарнахчир 80-100 кг ва моданахчир 32-40 кг аст.

Баҳорон моданахчир як, баъзан ду бача мезояд, ки тирамоҳ ба андозаи 3/4 ҳиссаи нахчири болиғ калон мешавад. Тахмин мекунанд, ки нахчир яке аз гузаштагони бузи хонагии Осиёи Миёна мебошад. (И. А. Абдусаломов ва дигарон)

**Савол ва супориш**

1. ***Нарнахчир***-ро боз чӣ тавр ифода кардан мумкин аст?
2. ***Тагандоз***-ро чӣ тавр мефаҳмед?
3. Ҳайвонеро, ки сифаташ бароятон ошност, тасвир кунед.
4. Гӯед, ки барои тасвир кардани ин ё он ҳайвон аз кадом ҳиссаи нутқ бештар истифода мебаред.

**247.** Матнро хонед ва гӯед, ки дар он кадом шаҳр тасвир шудааст. Магар матн ҳамаи хусусият – сифатҳои шаҳрро фаро мегирад?

Ӯротеппа ё Истаравшан шаҳри қадима, шаҳри зебо ва обод аст, ки мардумонаш меҳнатӣ ва ҳунарманданд. Ин шаҳр ва атрофи он бо меваҳои хубу аъло, бо санъати меъморӣ, кандакорӣ, кордсозӣ ва дигар касбу ҳунарҳо машҳур аст. Дар ин шаҳр ва атрофи он аз сӣ номгӯй зиёд ангур мерӯяд. Деҳқонони забардасти он токҳои ангурро зимистон гӯр карда, баҳорон мекушоянд. Як фақат ҳамин кор чӣ қадар меҳнат ва ҳиммат металабад. Аммо деҳқонони ин ҷо дар расондани ангурҳои хубу шаҳдбор ҳеҷ як меҳнату корро дареғ намедоранд. Навъҳои гуногун ва аълои ангурро расонида, дастурхони мардумро обод мекунанд. Ангури чиллагӣ, ангури шибирғонӣ (дар ин ҷо кишмиши сиёҳ меноманд), кишмиши сафед, ки бедона ва асалин аст, ангури дили кафтар, ангури доройӣ, ангури тоифӣ ва ғайра. Ангури чиллагӣ аввал мепазад, дар моҳи июл ва аввали август мисли марвориди ғалтон ранг дода, ширин мешавад. Ба қавли ӯротеппагиҳо, агар ним килояшро хӯред, аз биниатон хун мешорад, ки он ҳамон қадар сершира аст.

*Ҷалол Икромӣ*

**Савол ва супориш**

1. Ба шумо кадом ҷиҳатҳои матн писанд омад?
2. Гӯед, ки дар ин матн кадом ҳиссаи нутқ бештар истифода шудааст?
3. Аз аломатҳои китобат кадоме бештар дар матн истифода шудааст? Чаро?
4. Оё гулгашт ё ҷойи ҷамъомади маҳаллаатонро тасвир карда метавонед? Худро санҷед.
5. Ҷойеро, ки аслан надида ё мушоҳида накардаед, тасвир кардан мумкин аст? Чаро?

**248.** Калимаҳои зеринро бодиққат хонед ва шакли дурусташро нависед. Бо навиштаи ҳамсинфи паҳлуятон муқоиса кунед. Ғалат дар кори кӣ содир нашудааст?

Меҳнати, меъмори, кандакори, кордсози, си, чиллаги, шибирғони, дорои, тоифи; хӯбу аъло, машҳӯр, ангӯр, дастӯрхон, гӯногун, августь.

**249.** Порчаро хонед ва гӯед, ки дар он тасвир мавқеъ дорад ё ахбор.

Баҳор, баҳори хурраму хандон, сабзпӯш ва гулбасар дар айни ҷавлону худнамоӣ. Шуълаи офтоб намесӯзонад ва намегудозад, балки фақат ҳамчун меҳри падару модар ба фарзанди дилбанд гарм-гарм навозиш мекунад. Гунҷишкҳо, фароштурукҳо чаҳ-чаҳкунон дар осмони софи лоҷувардӣ парафшон ва дар ташвишу тараддуди ошёнсозӣ.

*Сотим Улуғзода*

**Савол ва супориш**

1. Матнҳои хусусияти тасвирдоштаро чӣ ҷолибу хонданбоб мегардонад?
2. Тарзи сохтани калимаҳои ***сабзпӯш, гунҷишкҳо, ошёнсозӣ***-ро шарҳ диҳед.
3. ***Сӯзонд*** аз ***сӯзононд*** чӣ фарқ дорад?
4. ***Чаҳ-чаҳкунон*** кадом ҳиссаи нутқ аст? Чаро бо нимтире навишта шудааст?

**250.** Матнро бодиққат хонед ва сифатҳои уқобро аниқ созед. Сипас калима ва ибораҳоеро, ки сифати хосу барҷастаи уқобро тасвир мекунанд, нависед. Бо ин калимаҳо ҷумлаҳо созед.

Уқоб мурғи бисёр соҳибқувват, таълимпазир ва тезназар мебошад. Рангҳои мухталиф дорад ва ба мартабае тезпар аст, ки чоштгоҳ дар Ироқ чизе мехӯрад ва шом дар Яман. Он аз аз се тухм бештар намедиҳад ва дар се рӯз бача берун меоварад. Дар болои кӯҳҳои баланд ошён месозад. Аз аҷойиботи ӯ он аст, ки чун пир шавад, кӯр гардад ва бачагонаш бардошта ба Ҳинд мебаранд. Ва он ҷо як чашма ҳаст. Дар он чанд ғӯта медиҳанд ва баъд аз он дар тобиши офтоб медоранд. Аз асари оби он чашма парҳои ӯ мерезанд ва аз сари нав парҳои дигар берун меоянд ва чашмҳо равшан мешаванд. Ва агар дар ҷигараш беморӣ пайдо шавад, ҷигари рӯбоҳ ва харгӯш мехӯрад, тандуруст мешавад. Ва дар «Аҷойиб-ул-махлуқот» навиштааст, ки бо мурури айём заған уқобу уқоб заған мешавад. Ва дар «Таърихи Мағриб» навишта, ки дар канори Нил уқобҳо ҳастанд дар камоли сиёҳӣ, ки ба об фурӯ мераванд, моҳиро мегиранд ва берун меоранд ва онҳоро уқоб-ун-нил гӯянд.

*аз «Рисолаи Сайдия»*

**251.** Иншое нависед, ки дар он парандаи бароятон ошно тасвир шуда бошад. Оё ба шумо муяссар шуд, ки бедушворӣ ин корро анҷом диҳед. Чаро?

**252.** Шеъри зеринро бодиққат хонед. Дар он чӣ манзара тасвир шудааст? Ба ин шеър кадом ном мувофиқ аст?

Ягона ҷӯи деҳ хушк шуд,
Чу чашми кӯр обаш нест.
Лаби ҷӯ шӯразор имрӯз,
Дарак аз осиёбаш нест.

Дареғи токзоронаш,
Чу душман решакан гаштанд.
Дареғи боғзоронаш,
Тиҳиоғӯш чун даштанд.

Надида ҷангро қишлоқ,
Вале ҳар ҷо валангор аст.
Бувад чун рахнаи дандон,
Ҳамон ҷое, ки девор аст.

Зи деҳам булбулон рафтанд,
Ба боғу гӯшаи обод,
Ба шохи хушки зардолу
Калоғе мекунад фарёд.

Дилам бар деҳа месӯзад,
Ки беобӣ бишуд дардаш.
Бувад ҳар ҷо яке Ширин,
Куҷо Фарҳоди шаҳмардаш?

Куҷо Фарҳоди шаҳмардаш,
Ба Ширинрӯд бахшад об?
Ниҳоли боғи бобоӣ
Зи беобӣ бишуд нотоб…

*Зулфия Атоӣ*

**Савол ва супориш**

1. Дар матни шеър чӣ тасвир шудааст? Тасвир ба таври бадеӣ ё расмист?
2. Сабаби хароб гаштану кӯч бастани мардум чӣ будааст?
3. Ин матн аз рӯйи мазмун ба кадом услуб тааллуқ дорад?
4. Магар ниҳол ҳам нотоб мешавад?
5. ***Дил сӯхтан***-ро шарҳ диҳед.
6. Калоғ дар чӣ ҷойҳое зиндагӣ мекунад! Аз рӯйи шунида ва хонданатон шарҳ диҳед.

**253.** Дар мавзӯи «Об – асоси ободонӣ» иншое нависед ва мавзеъро тасвир кунед, ки қаблан чӣ гуна буд ва ҳоло чӣ тавр аст?

**254**. Номгӯи фаъолиятҳое, ки барои дар оташ пухтани кабоб аз моҳӣ бояд анҷом дод, дар зер оварда шудаанд. Дар мавзӯи «Кабоб аз моҳӣ» матни расмии ҳикоягӣ таҳия кунед.

Буридани химчаҳои зарбед? Тоза кардани он аз навдачаҳо ва шустан дар оби пок; моҳиҳоро чок ва пок кардан шуста намак кардан; дар табақи тунук ё рӯйи ягон чизи дигар тавре гузоштан, ки обаш битаровад; дар байни ду санг сӯхта ба лахча табдил ёфтани ҳамаи ҳезумҳо; химчаҳоро ба рӯйи сангҳо бо фосилаи на чандон зиёд қатор чидан, сипас моҳиҳоро дар рӯйи химчаҳо ботартиб гузоштан, барои пухтани ҳар ду тарафи моҳӣ онро рӯгардон кардан.

## ПАЙВАНДАКҲОИ ТОБЕЪКУНАНДА

**255.** Нақшаро хонда ба чӣ хулоса омадед, нақл кунед.

Рухсора китобро гирифта дид, ки
- дар навишт саҳве накунад.
- ҳеҷ чиркин нашудааст.
- мабодо мо дар он чизе ненавишта бошем.

***Азбаски***
- бемориам шиддат гирифт,
- воқеае рӯй дод,
- роҳ дурӣ кард,

— ба хонаи шумо наомадам.

Ман баодоб хоҳам шуд,
- ***чунки***
- ***ки***
- ***зеро***

— одоб накутарин хислати инсон аст.

Пайвандакҳои тобеъкунанда дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ омада, як ҷумларо ба ҷумлаи дигар алоқаманд месозанд. Ин пайвандакҳо мувофиқи маъною вазифаашон ба пайвандакҳои **замону тарз, миқдору сабаб, мақсаду шарт, хилофу макон** ҷудо мешаванд.

**Замон** – ***ки,*** *вақте ки, то вақте ки, баъд аз он ки, то даме ки, даме ки,*

– ***Вақте ки*** *Амир Музаффар Савдоро ба дарбор кашида, ба худ надим (ҳамсуҳбат) қарор додааст, аҳволаш хеле бад шудааст.* (*С. А.*)

**Тарзи амал** – *ба тарзе ки, дар ҳолате ки, бе он ки … Ман ин корҳоро,* ***ба тарзе ки*** *гурба ҳаракати мушро пояд, поида меистодам. (С. А.)*

**Мақсад** – *то, то ки, барои он ки, аз баҳри он ки… Одамон омаданд,* ***то*** *чӣ гуна будани ҷояшонро бубинанд.*

**Шарт** – *агар (гар, ар), агар ки, ба шарте…* ***Агар*** *вақт ёбам, ба хонаи онҳо рафта, он баёзро мехонам.*

**Сабаб** – *азбаски, чунки, зеро, зеро ки, модоме ки…*
***Азбаски** дар ин ҷоҳо ҳозир об баровардан мумкин нест, ба кишти лалмӣ маҷбур шудем. (С. А.)*

**Хилофӣ** – *агарчи, гарчанде ки, бо вуҷуди он ки…*

Агарчи ганҷҳояш пурбаҳоянд,
Валекин мардумони он гадоянд. (*М. Т.)*

**256.** Ҳикояро хонед ва маънидод кунед. Вазифаи пайвандакҳои ишорашударо шарҳ диҳед.

Овардаанд, **ки** чун Аристотолисро вафот наздик омад, писарро пеши худ хонд ва гуфт: «Эй писар, дар асрори улум ва дақоиқи ҳикмат умри худро базл кардам ва бисёр гиреҳҳо ба нури ҳикмат кушода гардонидам, валекин маргро ҳилат надонистам.

**Шеър:**

**Агар** сад кӯҳ бояд канд фӯлод,
Забун бошад ба дасти одамизод.
Чӣ чора, **к-он** банӣ Одам надонад,
Ба ҷуз мурдан, **к-аз** он бечора монад.

Пас бидон, ки изз ва давлате, ки аз мол бувад, зуд фонӣ шавад ва нест гардад. Иззат ва шараф дар илм аст, ки аз таҳвил ва интиқол ва фано ва завол берун аст ва ба тағйироти рӯзгор ва табаддули давлатҳо интиқол напазирад.

Эй писар, подшоҳон падари туро бузург доштанд ва падари ту яке аз раияти эшон буд ва раияти подшоҳон мулкро ибодат кунанд ва парастанд. Ва миёни обид ва маъбуд тафовути бисёр аст.

**Агар** падари туро илму адаб набудӣ, ӯ мар мулукро мисли харе будӣ боркаш ё парастанда бандае будӣ коркун.

Пас, илм ба ҳосил кун, **то** шарафу иззат биёбӣ ва аз мазаллати хумулӣ халосӣ ёбӣ».

*Муҳаммад Авфӣ*

**Луғат**

**базл кардан** – сарф кардан
**таҳвил** – ҳавола кардан, ба уҳдаи касе гузоштан
**интиқол** – ҷой иваз кардан, аз ҷое ба ҷое бурдан
**раият –** оммаи мардуми тобеъ, фармонбардор
**обид** – ибодаткунанда, худоҷӯй, зоҳид
**маъбуд** – бут, оташ; чизе, ки онро парастиш мекунанд
**мазаллат** – хорию зорӣ, залилӣ
**хумулӣ** – беномунишоншавӣ, зулмат
**мулук** – султон, подшоҳ

**Савол ва супориш**

1. Дар ҷумлаи охир ***то*** пайвандак аст ё пешоянд?
2. Дар мавзӯи «Аҳамияти илм» иншое нависед.
3. Порчаи шеърии дар ҳикоя бударо аз ёд кунед.

**257.** Ҷумлаҳоро хонед ва гӯед, ки вазифаи пайвандаки ***азбаски*** аз чӣ иборат аст. Ба ҷумлаҳои сеюму чорум пайвандакҳо илова карда, онҳоро нависед.

1. Азбаски ӯ чанд сол пештар аз Ятим дар сағирахона ҷойгир шудааст, хату саводи хубе бароварда буд.
2. Азбаски дар рӯд об бисёр буд, аз гузаштан тарсидам.
3. ... акаам ҳанӯз нимбемор ва додаронам хурдсолу аз беморӣ нав халос шуда буданд, ба ҳеҷ кор ёрӣ дода наметавонистанд.
4. ... саргузашти онҳо ба ман бисёр шавқангез ва ибратомӯз намуд, ман онро навишта, ба қолиби як қиссаи адабӣ даровардам.

*Садриддин Айнӣ*

**258.** Порчаҳои шеъриро хонед ва вазифаи пайвандакҳоро шарҳ дода, аз рӯйи тобиши маъноӣ навъи онҳоро муайян созед.

Дар сухан бо дӯстон оҳиста бош,
То надорад душмани хунхор гӯш.
Пеши девор он чӣ гӯйӣ, ҳуш дор,
То набошад дар паси девор гӯш.

* * *

Гар хирадманд аз авбош ҷафое бинад,
То дили хеш наёзораду дарҳам нашавад.
Санги беқимат агар косаи заррин бишкаст,
Қимати санг наяфзояду зар кам нашавад.

*Саъдии Шерозӣ*

**Савол ва супориш**

1. Шумо ба андешаи дар порчаи аввал баёншуда розиед?
2. Фикри дар порчаи дуюм ифодаёфтаро дастгирӣ мекунед ё не?
3. Порчаи аввалиро ба наср баргардонед.
4. Шаклҳои дигари пайвандаки ***-гар***-ро номбар кунед ва бо истифода аз онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**259.** Ҷумлаҳоро нависед ва пайвандакҳоро муайян сохта, вазифаашонро маънидод кунед.

1. Вақте ки Соро ин ашуларо месуруд, Шодӣ ҳам … баъд аз қадре ҷунбиши худро дигар мекард. (*С. А.)*

2. Агар ин кӯҳ монанди кӯҳҳои қишлоқи Тагоби мо ё кӯҳҳои ағбаи Мастчоҳ сабза ва дарахтзор мебуд, боз ҳам зеботар мешуд. (*Р. Ҷ.)*

**Савол ва супориш**

1. Кадом пайвандакҳо ***вақте ки***-ро иваз мекунанд?
2. Аз шеърҳои аз ёд кардаатон мисолҳое оред, ки шаклҳои дигари ***агар*** истифода шудаанд.

**260.** Пандҳоро хонда, ҳар яки онро маънидод кунед ва нуктаҳои аз онҳо бардоштаатонро баён созед.

1. Хушбахт он аст, ки аз саргузашти дигарон панд гирад.

2. Муъмин касест, ки молу ҷони мардум аз ӯ дар амон бошад.

3. Муҷоҳид он аст, ки дар роҳи Худо бо худ набард кунад.

4. Бо бадон некӣ кун, то онҳоро аз бадӣ кардан боздорӣ. 5. Танҳо аз олими мунофиқ метарсам, ки гуфторе зебо ва кирдоре зишт дорад.

*аз китоби «Панҷсад ҳадис»*

**Луғат**

**муҷоҳид** – ҷидду ҷаҳдкунанда
**мунофиқ** – одами дурӯя

**Савол ва супориш**

1. Пандҳо ба кӣ тааллуқ доранд?
2. Пайвандакҳоро муайян кунед ва тобишҳои маъноии онҳоро шарҳ диҳед.
3. Олими мунофиқ кист? Бо чанд ҷумла андешаатонро баён кунед.

**261.** Ҳикояро хонда, натиҷаи бардоштаатонро мухтасар нависед ва ҳини таълиф аз пайвандакҳо дуруст истифода баред.

Вақте аз посбонони хизонаи Малик Муҳаммад ба хидмати ӯ арза дошт, ки хобе дидаам, фармон бошад, то арза дорам. Малик Муҳаммад гуфт: «Бибояд гуфтан».

Он мард хобе дароз оғоз кард ва мегуфт. Чун аз гуфтани он фориғ шуд, султон фармуд, то ӯро аз посбонии хизона маъзул карданд. Гуфт: «Чаро инчунин кардӣ?»

Гуфт: «Чун чандин бихуспад, то хобе чунин дароз бинад, посбонии ӯ чӣ манфиат дорад».

*Муҳаммад Авфӣ*

**Луғат**

**хизона** – хазина, ҷойи нигоҳ доштани пулу ҷавоҳирот, сандуқи давлатӣ
**арза доштан** – баён кардан, изҳор кардан
**фориғ шудан** – гуфта тамом кардан ва хотирҷамъ шудан
**маъзул кардан** – аз вазифа ва амал озод кардан

**Савол ва супориш**

1. Дар ҷумлаи охир ***то*** пайвандак аст ё пешоянд?
2. ***Вақте*** (дар оғози ҳикоя) кадом ҳиссаи нутқ аст?

3. Ҳадафи асосӣ дар кадом ҷумла баён ёфтааст?
4. Муносибати шумо бо амали шоҳ? Шумо мебудед, чӣ кор мекардед?

## КОР БО МАТНҲО ВА ШАРҲИ ВАЗИФАИ ПАЙВАНДАКҲОИ ТОБЕЪКУНАНДА

**262.** Матнро хонед ва пайвандакҳои онро аниқ сохта, вазифаашонро шарҳ диҳед.

Таҳқиқоти сершумор нишон медиҳанд, ки ҳангоми бо табъи болида обро истеъмол намудани одам қобилияти ҳалкунандагӣ, шифобахшӣ ва нерубахшии об зиёд мешавад. Агар одам обро бо табъи нохуш истеъмол кунад, он гоҳ чунин хосиятҳои об зоҳир намегарданд. Ба монанди ин рустаниҳо ҳам, ки дар таркибашон миқдори зиёди об мавҷуд аст, вобаста ба ҳолати рӯҳии инсон рафтор мекунанд. Рустаниҳо низ қобилият доранд, ки суханҳои инсонро ба худ қабул намоянд. Ба яке аз олимони амрикоӣ муяссар гардид, ки навъи нави гули ханҷарии (кактус) бехорро ихтироъ намояд. Дар раванди ба вуҷуд овардани ин навъи гули ханҷарӣ вай ҳар рӯз бо ин навъи рустанӣ бо суханҳои хуб гуфтугӯ мекард. Дар натиҷаи муносибати хуби ӯ оҳиста-оҳиста хори гули ханҷарӣ аз байн рафт.

Зикр кардан ҷойиз аст, ки об вобаста ба муносибати инсон рафтор мекунад. Одам гулчанбари табиат буда, ҳуқуқ дорад, ки чизҳои фоиданокро эҳтиёт намуда, зарарнокро нест кунад. Дар табиат ҳама мавҷудоти зинда ҳуқуқи баробари мавҷудиятро дорад ва ҳеҷ чиз барои манфиати одам набояд несту нобуд карда шавад.

*аз китоби «Об – муъҷизаи табиат»*

**Савол ва супориш**

1. Чӣ нукта бароятон аҷиб менамояд?
2. Ба қудрату тавоноии сухан бовар̣ӣ доред?
3. ***Гулчанбар***-ро талаффуз кунед. Чиро пай бурдед?

4. Ба табиат оқилона муносибат кардан чӣ манфиат дорад?
5. Дар мавзӯи «***Табиат ва инсон***» иншое нависед.

**263.** Матнро хонед ва маънидод кунед. Пайвандакҳоро ёбед ва аз рӯйи хел ба ду сутун ҷудо карда нависед.

Санъати мусиқии халқи тоҷик, ки саҳнаро дар ҷӯшу хурӯш меорад, ҳавоҳои халқии ӯст. Сарчашмаи асосии ҳавоҳои халқии тоҷик худи халқ, хусусан халқи кӯҳистони тоҷик аст, ки ин сарчашма мисли чашмаҳои кӯҳӣ ҳамеша фаввора зада, ҳавоҳои тоза ба тоза баровварда истодааст.

Халқи кӯҳистонро, гуфтан мумкин аст, ки зану мард қариб ҳама шоир, ҳама созанда, ҳама навозанда, ҳама хонанда ва ҳама раққосанд.

Фарзандони халқи кӯҳистони тоҷик баробари ба пой даромадан ва забон баровардан мусиқанавозӣ, сурудхонӣ, шеъргӯйӣ ва раққосиро машқ мекунанд. Барои ин сухани мо писарони хурдсоли санъаткори машҳури тоҷик Шариф Ҷӯраев ва даҳҳо писарбачагон ва духтарчаҳо, ки барои иштирок кардан ба Даҳаи санъати тоҷик аз Кӯҳистони Бадахшон – аз Помир омадаанд, мисол шуда метавонанд.

Санъати мусиқии халқи тоҷик чунон шӯрангез, чунон таъсиромез, чунон шавқовар ва чунон рӯҳпарвар аст, ки шунавандагонро ба ҷӯшу хурӯш меоварад ва ба онҳо шавқу ҳавас мебахшад.

Як хусусияти мусиқии халқии тоҷик дар ин аст, ки бештарин шеърҳое, ки дар он ҳавоҳо хонда мешаванд, халқӣ буда, аз тарафи бастакорон он ҳавоҳо гуфта шудаанд.

Санъаткори машҳури халқи тоҷик – Шариф Ҷӯраев бошад, анъанаи устод Рӯдакиро аз худ акс мекунонад ва ӯ дар вақти навохтани панҷтор бо танбӯри садафкории худ шеърҳои классикона мегӯяд...

*Садриддин Айнӣ*

**Савол ва супориш**

1. Ба андешаи устод розиед? Чаро?
2. Дар ифодаи **«ҳавоҳои тоза ба тоза»** ***тоза ба тоза*** кадом ҳиссаи нутқ аст?
3. Кадом санъаткорони мардумии дигарро медонед? Номбар кунед ва нависед.

**264.** Матнро хонед ва ҳикмати онро шарҳ диҳед. Гӯед, ки дар ин порча чӣ гуна ифодаҳоеро вохӯрдед, ки бароятон аҷибанд? Онҳоро дар забони имрӯза чӣ тавр баён мекунанд?

Искандар марде бузургро аз кордорони хеш маъзул (озод) кард аз амале бузург ва амале додаш дуну хасис (паст). Мард рӯзе ба даргоҳ омад. Сикандар ӯро гуфт: "Чӣ гуна мебинӣ амали хеш?»Гуфт: «Зиндагонии малик дароз бод! Мард ба амал бузург набошад, балки амал ба мард неку шариф гардад ба некусиратӣ ва инсоф доданy адлу дод густуридан». Сикандарро ин сухан хуш омад ва ҳамон амал бад-ӯ боз дод ва ӯро баркашид (дар мартаба баланд гардонид).

*Муҳаммад Ғазолӣ*

**Савол ва супориш**

1. Дар мавзӯи «*Шахс вазифаро машҳур месозад*» эссе (иншое) нависед.
2. Пайвандакҳоро ба хелҳо ҷудо карда, сохташонро шарҳ диҳед.
3. ***Баркашид***-ро чӣ тавр мефаҳмед?

**265.** Хонед ва моҳияти мақолҳои зеринро шарҳ диҳед. Барои собит сохтани ҳақиқати онҳо далелҳо оред. Гӯед, ки пайвандакҳо дар онҳо чӣ тобишеро ифода кардаанд.

1. Хокро бо хокистар об куну дар Ватан хӯр.
2. Зиндаю Ватан, мурдаю кафан.
3. Ҳифзи ҷон воҷиб аст, вале ҳифзи Ватан аз он воҷибтар.
4. Мусофир ҳар куҷо афтад, Ватанро дӯст медорад,
Ки булбул дар қафас афтад, чаманро дӯст медорад.

**Савол ва супориш**

1. Дар мавзӯи «***Одами беватан–булбули бечаман***» иншое нависед.
2. Чаро дар мисоли аввал ***-у*** бо калима ҳамроҳ навишта шудааст?

## СОХТ ВА ТАРКИБИ ПАЙВАНДАКҲО: СОДА, МУРАККАБ ВА ТАРКИБӢ

**266.** Матнро хонед ва пайвандакҳоро муайян карда, таркиби онҳоро шарҳ диҳед.

Дар вақтҳои охир ба шаҳри Душанбе аз хориҷа бисёр касон меоянд, ки таассуроташон дар бораи шаҳр аҷиб аст. Яке Душанберо шаҳри ороста, дигаре гулбоғ ва сеюмӣ хушманзара номидааст.

Шоир ва олими маъруфи Эрон Парвиз Нотили Хонларӣ, ки ба ҷашни шашсаду панҷоҳумин солгарди Ҳофиз ба Душанбе омада буд, гуфтааст: «Душанбе… дар сӣ соли охир ба сурати шаҳри зебо даромадааст, иморатҳои хубу хиёбонҳои паҳн ва пургулу дарахт дорад. Касе, ки дар урдубиҳишт (моҳи дуюми соли шамсӣ мусодиф ба 21 апрел – 21 май) ба он ҷо сафар кунад, ба он «Гулшаҳр» ном хоҳад дод, зеро ки дар фурудгоҳу хиёбон ва боғу хона ҳама ҷо гул аст».

**Савол ва супориш**

1. Тақлидан ба матн деҳаатонро тасвир намоед.
2. Сифатҳои шаҳри Душанберо аз матн ёбед. Оё сифатҳои дигарро ном бурда метавонед, ки хоси Душанбе бошанд?
3. Ободию зебоии шаҳр ё деҳа ба кӣ вобаста аст? Шумо дар ин кор чӣ саҳме доред?

**267.** Ҳикояро хонда, ҳадафи асосии онро муайян созед ва вазифаи пайвандаку пешояндҳои бо ранги баланд чопшударо шарҳ диҳед. Гӯед, ки кадом ҷумла ҳикояро ҳусни хотима мебахшад.

Талҳакро бо муҳимме **пеши** Хоразмшоҳ фиристоданд. Муддате ин ҷо бимонд. Магар Хоразмшоҳ риояте,

**чунон ки** ӯ мехост, намекард. Рӯзе пеши Хоразмшоҳ ҳикояти мурғон **ва** хосияти ҳар яке мегуфтанд. Талҳак гуфт:

– Ҳеҷ мурғе аз лаклак зирактар нест.

Гуфтанд:

– Аз чӣ донӣ?

Гуфт:

– **Аз баҳри он ки** ҳаргиз ба Хоразм намеояд.

*Убайди Зоконӣ*

**Савол ва супориш**

1. Ҷумлаи охирро чӣ тавр фаҳмидед? Шарҳ диҳед.
2. Муродифи ***аз баҳри он ки***-ро ном бурда, бо он ҷумла тартиб диҳед.

Пайвандакҳо аз ҷиҳати сохту таркиб **сода, мураккаб** ва **таркибӣ** мешаванд:

а) пайвандакҳои сода ба ҳиссаҳо ҷудо намешаванд: *ва -у (-ю, -ву), то, чун, агар (гар, ар), гӯё, аммо, лекин, вале, ки;*

б) пайвандакҳои мураккаб аз ду ҷузъ ташкил мешаванд: *аз + баски, чун + ки, агар + чанд, агар + чи, гар + чи;*

в) пайвандакҳои таркибӣ аз ду ва ё зиёда калимаҳо таркиб меёбанд: *то ки, зеро ки, вақте ки, чунон ки, то даме ки, ҳар қадар ки, барои он ки.*

**268.** Матнро хонед ва пайвандакҳои онро аз ҷиҳати сохт шарҳ диҳед.

Аммо бо бехирадон ҳаргиз дӯстӣ макун, ки дӯсти бехирад бо дӯст аз бадӣ он кунад, ки сад душмани одил накунад ба душманӣ. Ва дӯстӣ бо мардуми ҳунарию некаҳд кун, то ту низ бад-он ҳунарҳо маъруф ва сутуда бошӣ, ки он дӯстони ту бад-он маъруфу сутуда бошанд. Ва танҳо нишастан аз ҳамнишини бад авлотар.

*Унсуралмаолии Кайковус*

**Савол ва супориш**

1. Андешаи шумо нисбат ба мазмуни матн.
2. Матн мазмуни кадом зарбулмасалҳоро ба ёд меорад?

3. Нақле нависед ва дар он ҳодисаи ба ин монанд шунида ва ё аз сар гузаронидаатонро баён созед.

**269.** Ҷумлаҳоро нависед ва пайвандакҳои онҳоро аз ҷиҳати сохту таркиб шарҳ диҳед. Гӯед, ки пайвандакҳои таркибӣ ба кадом навъ тааллуқ доранд.

1. Вақте ки бисёрии кор ба дарсхониам монеъ мешуд, ман дар фикри халос шудан аз ин даргоҳ шудам. (*С. А.)*

2. Ман аз ӯ шарм медоштам, чунки аз хонаи ӯ бе рухсат гурехта будам. (*С. А.)*

3. Азбаски ӯ тамоман қашшоқ ва беҷой будааст, Мирсолеҳи хайрхоҳ ӯро муаззин таъйин кардааст.

4. Содиқхоҷа шеърҳро равон менавишт, аммо услуб ва ташбеҳҳояш ҳамагӣ куҳна ва обшуста буданд. (*С. А.)*

5. Пеш аз он ки мо ба ин саволаш ҷавоб диҳем, лампаро аз пеши мо бардошта гирифта бурд. (*С. А.)*

**270.** Ҳикояро хонед, мазмуни онро нақл кунед ва пайвандакҳоро аз лиҳози сохт шарҳ диҳед.

Уштуре ва дарозгӯше ҳамроҳ мерафтанд. Ба канори ҷӯйи бузург расиданд. Аввал уштур даромад. Чун ба миёни ҷӯй расид, об то шиками вай баромад. Дарозгӯшро овоз дод, ки:

– Дарой, ки об то шикам беш нест.

Дарозгӯш гуфт:

– Рост мегӯйӣ, аммо аз шикам то шикам тафовут аст. Обе, ки ба шиками ту наздик гашт, аз пушти ман хоҳад гузашт.

**Қитъа:**

Эй бародар, аз ту беҳтар ҳеҷ кас нашносадат,
З-он чӣ ҳастӣ, як сари мӯ хешро афзун манеҳ!
Гар фузун аз қадри ту бистоядат нобихраде,
Қадри худ бишносу пой аз ҳадди худ берун манеҳ!

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

**Савол ва супориш**

1. Дар ҷумлаи сеюм **то** кадом ҳиссаи нутқ аст?
2. Калимаи ***дарозгӯш***-ро шарҳ диҳед ва сохти онро муқаррар кунед.
3. Байти дуюми қитъаро ба наср баргардонед.
4. Зарбулмасал ва ё мақолҳоеро номбар кунед, ки мазмуни ҳикояро инъикос мекунанд.

**271.** Порчаҳоро хонда, пайвандакҳои онҳоро ёбед ва сохташонро аниқ созед.

Падар, ки ҷони азизаш ба лаб расид, чӣ гуфт?
Яке насиҳати ман гӯш дор, ҷони азиз:
Ба дӯст, гарчи азиз аст, рози дил макшой,
Ки дӯст низ бигӯяд ба дӯстони азиз.

* * *

Ҳар бад, ки ба худ намеписандӣ,
Бо кас макун, эй бародари ман.
Гар модари хеш дӯст дорӣ,
Дашном мадеҳ ба модари ман.

*Саъдии Шерозӣ*

**Савол ва супориш**

1. ***Ҷони азизаш*** аз ***ҷони азиз*** чӣ фарқ дорад?
2. Порчаи дуюмро ба наср баргардонида нависед ва онро ҳифз кунед.

**272.** Порчаро возеҳ ва бо риояи оҳанг хонед. Пайвандакҳоро навишта, навъ, сохташонро аниқ созед ва вазифаашонро шарҳ диҳед.

Ошён гар мегузорӣ, дар баландиҳо гузор,
Дар баландиҳои кӯҳи сарбаланди мо гузор.
Осмон дар гунбади сабзаш агар ҷоят диҳад,
Ошёни фикри дурандеш дар он ҷо гузор.
Ошён гар паст бошад, бод вайронаш кунад,
Бачча ҳам бозичаи санги фалахмонаш кунад.
Гурбаи мискин, ки умре дар ғами болу пар аст,
Чӯҷаҳои навпаратро роҳати ҷонаш кунад.

Дуртар парвоз кун аз лона – аз ҷойи баланд,
То ки парвози ту ояд дӯстдоронро писанд,
То ба сӯят чашми ҳайрат дӯхта гӯяд Ватан:
«Эй хушо, гаштаст фарзанди азизам арҷманд»…

*Мирзо Турсунзода*

**Савол ва супориш**

1. Дар ин порча кадом пайвандак бештар истифода шудааст? Чаро?
2. Оё пайвандакҳо дар ҷумла ҷойи доимӣ доранд?
3. Дар нутқи муқаррарӣ ***кунӣ парвоз*** чӣ тавр ифода меёбад?
4. ***Бачча ё бача***? Чаро?

**273.** Матнро бодиққат хонед ва тақлидан ба он иншое нависед. Аз пайвандакҳои таркибӣ бамавқеъ истифода баред.

Ман аз нависандаи калон, шахси соҳибдил, мушоҳидакор ва дақиқсанҷ Садриддин Айнӣ аввалин танқид ва аввалин таърифро шунидам, ки касро ҳам меомӯзонад ва ҳам пару бол мебахшад.

Дар солҳои баъд ман ба мулоқоти бисёре бо Айнӣ мушарраф шуда, ӯро аз наздик шинохтам. Вай одамонеро, ки дар зиндагонӣ ягон кори фоиданок аз дасташон ояд, дӯст медошт. Донишҳои ӯ, пуркорӣ ва меҳнатдӯстии фавқулодаи ӯ, ҳофизаи тавонои ӯ, дар ҳақиқат, ҳайратагез буданд.

Айнӣ якумин муаллим, якумин журналист, якумин шоир ва насрнавис, якумин таърихшинос ва олими советии тоҷик буда,дар охири солҳои умраш якумин президенти Академияи навбунёди фанҳои республика гардид.

Аввалин китобҳое, ки ман дар забони модарии худам хондам, китобҳои Айнӣ буданд. Қаҳрамонони асарҳои ӯ – Одина, Ёдгор, Гулнор дӯстони бачагӣ ва рафиқони ҷавони мо буданд.

Ин нависандаи бузург ҳам бо китобҳояш ва ҳам бо шахсияти аҷойибаш ба зиндагонии насли мо дохил гардид.

*Пӯлод Толис*

**Савол ва супориш**

1. Хондани асарҳои кадоме аз адибонро дӯст медоред? Чаро?
2. Чӣ ҳодиса сабаби дилбастагии Шумо ба асарҳои ӯ шуд?
3. Асарҳои ба кадом мавзӯъ бахшидашуда таваҷҷуҳатонро бештар ҷалб мекунанд? Чаро?

**274.** Байтҳоро хонед ва вазифаи пайвандакҳоро шарҳ диҳед.

1. Сифотат баски беҳадду ҳисоб аст,
   Фақат тасвири ҳуснат сад китоб аст .

*Мирзо Турсунзода*

2. Бинӣ агараш миёни мардум,
   Мардонагиаш баҳо надорад.

*Мирзо Турсунзода*

3. Мезанад хасм, гар ки ту ӯро назанӣ,
   Меканад решаат, ар решаи ӯро наканӣ.

*Абулқосим Лоҳутӣ*

**Савол ва супориш**

1. Кадом хусусияти пайвандакҳоро пай бурдед?
2. Шаклҳои дигари пайвандакҳои ***балки, гар, ар***-ро номбар кунед ва бо онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.
3. Имлои пайвандакҳоро дар ёд нигоҳ доред.

**275.** Ҷумлаҳоро нависед ва гӯед, ки пайвандаки кадом ҷумлаҳоро иваз кардан мумкин аст ва чаро?

1. Агар Одинаро ба даст оварда натавонанд ҳам, аз ин кампир ниқори худро мегиранд. (*С. А.)*

2. Акнун пушаймонӣ суде надошт, чунки тир аз камон бархато ҷаста ва мурғи матлаб аз даст рафта буд. (*С. А.)*

3. Барои он ки ӯ фарзанди кадом кас будани худро донад, ҳақиқати ҳолро ба худи ӯ фаҳмондем. (*С. А.)*

4. Дар он ҷо аҳволам бад буд, барои он ки бисёрии хидмат… аз фурсат ва тоқати ман зиёд буд. (*С. А.)*

**276.** Матнро бодиққат хонед ва хулосаатонро мухтасар нависед. Ҳангоми навишт аз ҳар ду навъи пайвандакҳо истифода баред.

Устод Турсунзода ишора карданд, ки ба ҳар асаре, ки барои чоп ба идора меояд, бояст бо назари харидорӣ нигарам, бубинам, ки чӣ навӣ дорад. «Сухан нав ор, ки навро ҳаловатест дигар» бояд шиори корам шавад, ба ҷавонию пирии муаллиф кам аҳамият диҳам, сифати асарро ба эътибор бигирам. Магӯям, ки муаллиф аз куҷост. Мангарам, **кӣ** мегӯяд, бингарам, **ки** чӣ мегӯяд. Серталаб бошам, **рост** равам, **рост** бинам, росткорӣ кунам, ки бурди кор аст. Ҳаросро дур андозам, ки ҳаросидан аз кор сифати мардон нест.

Дарси устодро фотиҳаи нек донистам. Мизи моҳутпӯши Пӯлод Толисро, ки ҳамчун котиби масъул ва ҳамчун муҳаррири «Садои Шарқ» паси он менишаст, дастгоҳи кори худ қарор додаму ба кор пардохтам.

*Убайди Раҷаб*

**Саволва супориш**

1. Кадом фикрҳои дар матн баёншуда бароятон маъқул шуд?
2. ***Мангарам, кӣ мегӯяд, бингарам, ки чӣ мегӯяд*** -ро шарҳ диҳед.
3. ***Сифати асар ё кор***-ро чӣ тавр мефаҳмед?
4. Калимаҳои бо сиёҳии баланд чопшуда кадом ҳиссаи нутқанд?

**277.** Матнро хонда, ҷумлаҳои пайвандакдорро нависед ва кадом хели пайвандак буданашро шарҳ диҳед.

Ҳамин ки ба ҳавлӣ Сангин Полвон даромада омад, дар чеҳраи марду зан табассум гул кард. Ин пирамард аз ҳафтод гузашта бошад ҳам, бардаму чолок ва хеле ширинкору базлагӯй буд. Вай марде буд газгӯшти миёнақад, дасту гардани серрагупай ва риши тор-тораи дароз дошт. Мардум ба дурӯғпардозӣ ва мазоқҳои ӯ одат карда буданд. Вай ба гапҳои дурӯғу бофтаҳояш чунон

ҷомаи ҳақиқат мепӯшонд ва чунон рангу бор медод, ки як шахси бори аввал бо ӯ дар суҳбат нишаста аз нақлҳои вай мабҳут мегашт. Ҳама медонистанд, ки Сангин Полвон одами дилсофу бекина аст, шӯхию дурӯғгӯйиҳояш ба касе зарару зиён намеоранд.

*Меҳмон Бахтӣ*

**Савол ва супориш**

1. ***Табассум гул кард***-ро чӣ тавр мефаҳмед?
2. Дар ҷумлаи дуюм ***ва*** чӣ вазифаро анҷом додааст?
3. ***Мабҳут***-ро талаффуз кунед ва ба имлояш зеҳн монед.
4. Магар дурӯғгӯйӣ боиси дастгирист? Назари шумо?

## ТАҲЛИЛИ САРФИИ ПАЙВАНДАКҲО НАҚШАИ ТАҲЛИЛ

**I.** Ҳиссаи нутқ. Моҳияти умумӣ.

**II.** Аломатҳои сарфӣ:

1. Пайвасткунанда ё тобеъкунанда.
2. Калимаи тағйирнаёбанда.
3. Сода, мураккаб ё таркибӣ.

**III.** Вазифаи наҳвӣ.

**Намунаи таҳлил**

Шамол хеле суст шуда монд, **вале** жола сангчабозӣ мекард. (Ҷ. И.)

*Вале* пайвандак буда, қисмҳои ҷумлаи мураккабро алоқаманд месозад: Шамол хеле суст шуда монд, вале жола сангчабозӣ мекард; аломати морфологӣ дорад: пайвасткунанда бо тобиши хилофӣ, калимаи тағйирнаёбанда; аз ҷиҳати сохт сода, аъзои ҷумла шуда наметавонад (ҳиссаи ёридиҳандаи нутқ).

### Саволҳо барои такрору ҷамъбасти пайвандакҳо

1. Пайвандакҳо ба кадом ҳиссаи нутқ дохил мешаванд?
2. Вазифаи пайвандакҳо аз чӣ иборат аст?
3. Аломатҳои грамматикии пайвандакҳо дар чӣ зоҳир мешавад?

4. Моҳияти луғавии пайвандакҳо аз чӣ иборат аст?
5. Пайвандакҳо аз рӯйи вазифа ба чанд гурӯҳ ҷудо мешаванд?
6. Пайвандакҳои пайвасткунандаро номбар кунед.
7. Пайвандакҳои пайиҳам кадомҳоянд ва чӣ вазифа доранд?
8. Пайвандакҳои хилофӣ кадомҳоянд ва чӣ вазифа доранд?
9. Пайвандакҳои ҷудоӣ дорои кадом тобишҳои маъноиянд?
10. Кадом пайвандаки пайвасткунанда баъзан тобиши хилофиро ифода мекунад?
11. Тарзи навишти пайвандаки -у (-ю,-ву) чӣ гуна аст?
12. Пайвандакҳои тобеъкунанда чӣ вазифаро адо мекунанд?
13. Аз рӯйи тобишҳои маъноӣ пайвандакҳои тобеъкунанда ба чанд навъ ҷудо мешаванд?
14. Пайвандакҳо аз ҷиҳати сохту таркиб чанд навъанд?
15. Пайвандакҳои аслӣ кадомҳоянд?
16. Пайвандаки сервазифа (серистеъмол) кадом аст?
17. Кадом пайвандакҳо шаклҳои ихтисор доранд ва чаро?
18. Ҷойи пайвандакҳо дар ҷумла чӣ гуна аст?
19. Дар аввали ҷумла омадани пайвандаки *ва, аммо, лекин* ба меъёри забон мувофиқ аст?
20. Пайвандакҳои таркибӣ аз кадом ҳисоб зиёд мегарданд?
21. Тарзи навишти пайвандакҳои таркибӣ чӣ гуна аст?
22. Пайвандакҳо сермаъно мешаванд ё не?
23. Кадом пайвандакҳо дар ҷумлаҳои сода, мураккаби пайваст ва кадоме аз онҳо танҳо дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ истифода мешаванд?
24. Пайвандакҳо нишондиҳандаи махсуси морфологӣ доранд ё не? Чаро?
25. Пеш аз кадом пайвандак вергул гузошта намешавад?

## ИМЛОИ САНҶИШ

### МЕҲРИ ДИЛ

Ашӯр деҳқони сода, миёнсол, туршрӯй ва камгап, аммо нармдилу пурзӯр буд. Вай шахси аёлманд буда, шаш писару ду духтар дошт. Ман чорвоҳои мардуми қишлоқ ва аз ҷумла се бузу як модагови Ашӯрро мечаронидам…

Дар болои санг нишаста, тамошо кардани парвози уқобро дӯст медоштам. Онҳо пагоҳӣ тилоранг, дар аснои фурӯравии офтоб кабуд ва ҳатто бунафшранг менамуданд. Ин аз он сабаб буд, ки офтоби дилафрӯз дар паси кӯҳҳо пинҳон шуда, нури ӯ ба сояи силсилаи кӯҳҳо омехта гардида, дараҳоро фаро мегирад.

Ман ҳоло ҳам кӯҳҳоро дӯст медорам ва баҳори ҳамонвақтаи Боботоғро ҳеҷ гоҳ фаромӯш нахоҳам кард. Кӯҳҳоро сабза пӯшонида, дар нишебиҳои кӯҳҳо гули лола, дар гирду атрофи харсангҳо гулҳои кӯҳӣ ва гули марҷумак намудор шуда меистоданд. Дар қисми поёнтар дарахтони бодом гул карда, баргони кабуди зебои зумуррадосои онҳо дили касро хуррам менамуданд.

*Ҳабибулло Назаров*

## КОР БО МАТНИ ТАВСИФНОМА

**278.** Аз рӯйи яке аз асарҳои хондаатон ба симои асосии он тавсифнома нависед.

**279.** Тибқи супориши омӯзгор навиштани тавсифномаро машқ кунед ва байни ҳам навиштаҳоро муқоиса ва баррасӣ намоед.

## VII. ҲИССАЧА

Ба саволҳо ҷавоб диҳед:

1. Дар забони тоҷикӣ чанд ҳиссаи нутқ аст?
2. Ҳиссаҳои мустақилмаънои нутқ кадомҳоянд?
3. Кадом ҳиссаҳои нутқро ёридиҳанда мегӯянд?
4. Пешояндҳо чӣ вазифаро адо мекунанд?
5. Пешояндҳои таркибӣ аз сода чӣ фарқ доранд?
6. Пайвандакҳои пайвасткунанда бо кадом хусусиятҳояшон аз пайвандакҳои тобеъкунанда фарқ мекунанд?
7. Боз кадом ҳиссаи ёридиҳандаи нутқро медонед?

**280.** Ҷумлаҳоро хонед ва аз якдигар чӣ фарқ доштани онҳоро шарҳ диҳед.

| | |
|---|---|
| 1. Ман он сол дар оилаамон **ҳам** ба ҷойи падар, **ҳам** ба ҷойи модар, **ҳам** ба ҷойи дастёр кор мекардам. | 1. Ман он сол дар оилаамон ба ҷойи падар, ба ҷойи модар ва ба ҷойи дастёр кор мекардам. |
| 2. Мо ба манзил рафта хобида, **боз** ба сайргоҳ омадем. | 2. Мо ба манзил рафта хобида, пагоҳонӣ ба сайргоҳ омадем. |
| 3. – **Ана** ҳаминҳо ғазалҳои домуллои акаат, – гуфт ва ба хондани онҳо даромад. | 3. Ҳаминҳо ғазалҳои домуллои акаат, – гуфт ва ба хондани онҳо даромад. |
| 4. **Албатта**, аз девона ранҷидан дуруст нест, ҳатто ба ҳоли вай раҳмам омад. | 4. Аз девона ранҷидан дуруст нест, ба ҳоли вай раҳмам омад. |

**281.** Ҷумлаҳоро нависед ва муайян кунед, ки калимаҳои бо ранги баланд чопшуда чӣ тобишҳои маъноӣ доранд?

1. **Охир,** дар ин шаҳри мусофирӣ, бекасӣ бе пул чӣ кор мекунӣ**.** (*С. У.)*

2. **Ҳа, дарвоқеъ,** қариб буд, ки аз ёдам барорам. (*С.А.)*

3. Меҳмонон ҳамагӣ пароканда шуда рафтанд ва дар хона **танҳо** хешовандон монданд. (*С. А.)*

4. Рӯзе махдум қадаре сурх шуда аз ман пурсид:

– **Магар** ту ҳар рӯз нонро аз пули худат харида меойӣ?

**– Оре,** – гуфта тасдиқ кардам ман. (*С. А.)*

Ҳиссачаҳо ҳиссаи номустақили нутқ буда, ба калимаҳо ва ё ба мазмуни умумии ҷумла тобишҳои гуногуни маъноӣ мебахшанд.

Ҳиссачаҳо аз пешоянду пайвандакҳо, ки вазифаи грамматикиро анҷом медиҳанд, фарқ мекунанд. Ҳиссачаҳо имконияти ахборро баланд бардошта, нутқро аниқу ифоданок ва муассир мегардонанд. Бо ёрии ҳиссачаҳо ҳодисае аниқу равшан гашта, тобишҳои шубҳаю тааҷҷуб ва тасдиқу инкор ифода меёбанд. Онҳо тағйир наёфта, маънои луғавӣ надоранд ва аъзои ҷумла ҳам намешаванд.

**282.** Порчаро бодиққат хонед ва хулосаи баровардаатонро гӯед. Ҳиссачаҳоро ёбед ва вазифаю тобишҳои маъноии ҳар кадомро шарҳ диҳед.

– Чаро парандаро бо афсуни паранда сайд кунанд? – пурсид доное аз коно.

– Чунки ҳар ду бол доранд парвозӣ!

– Оё одам ҳам бол дорад?

– Оре! Боли ӯ фикраш аст.

– Оё одам ба фикраш феъли сайёдӣ дорад?

– Оре. Агар одам сайёд намешуд, фанни таърих аз ҷанг ва хунрезӣ ривояту ҳадисе намедошт.

Ба духӯён ду атвор аст,
Гаҳе сайёду гаҳ сайданд.

*Абдулвайси Азиз*

**283.** Порчаро сареҳ хонед ва ҳадафи шоирро муайян кунед. Сипас ҳиссачаҳоро ёфта, фарқи байни онҳоро шарҳ диҳед.

Макун такя ба садру маснаду тахт,
Хас аст ин ҷумла чун боде вазад сахт.
Зи тороҷи сипеҳри дун бияндеш,
Ки сад шаҳро кунад як лаҳза дарвеш.
Ба чашми хеш дидам каҷкулоҳон,
Бараҳнапову кафши куҳнахоҳон.
Ба гӯши худ шунидам тоҷдорон,
Зи бенонӣ ба хӯша ҷав шуморон.
Амалҳои ҷаҳон баръакс ҳам ҳаст,
Ки бар мулке гадоеро диҳад даст.
Чунин ҳам дидаам, к-афшурдапое
Ба тахти зар дарида пошное.

*Хусрави Деҳлавӣ*

**Луғат**

**садр** – болонишинӣ
**маснад** – тахт, мақому мартаба
**сипеҳри дун** – дунёи паст
**каҷкулоҳон** – мағруру мутакаббирон
**афшурдапо** – устувор, собитқадам

**Савол ва супориш**

1. ***Шаҳро*** аз ***шаҳрро*** фарқ дорад?
2. ***Даст додан***-ро шарҳ диҳед.
3. Дар ибораи ***чашми хеш*** **хеш** кадом ҳиссаи нутқ аст?

**284.** Матнро хонда, ҳиссачаҳоро аниқ созед ва онҳоро шарҳ диҳед.

Ба китобхона пирамарди хамидақомат – Шаҳиди Хаттот дохил шуд, ки ӯро дар боми пастаки назди ҳавлии Абуалӣ дида будам.

– Чағонӣ! – фарёд кард вай, ҳоло аз остона надаромада. – Ба Худо, ки ту пайғамбар будаӣ.

– Нигоҳбони китобҳо қад рост карда, ба гуфтори дӯсташ гӯш андохт.

– Имрӯз пагоҳӣ он бача – писари Абдуллоро дастгир карда, кашон-кашон ба боргоҳ бурданд.

– Ҳа, оқибат ба даст афтод, гӯй!

– Бале, бале. Маълум шуд, ки бо табобати худ ба подшоҳ зарар расонидааст.

– Магар ман нагуфта будам? – овози Чағонӣ тантана пайдо кард. – Ман гуфта будам, ки агар ин бача дар ҳамин синну сол ба донишмандӣ шуҳрат ёфта бошад, ин аломати он ки вай фиребгар аст!

Дар ҳамин вақт марди дарборӣ ва аз паси ӯ Абуалӣ вориди китобхона шуданд.

– Ба ин навҷавон китобҳоро нишон диҳед, подшоҳ фармуданд! – Дарборӣ инро гуфту рафт...

*Сотим Улуғзода*

**285.** Порчаҳоро нависед ва ҳиссачаҳоро ёфта, ба зерашон хат кашед. Гӯед, ки онҳо чӣ тобишҳои маъноиро ифода мекунанд.

1. Фақат сӯзи диламро дар ҷаҳон парвона медонад,
Ғамамро булбуле, к-овора шуд аз лона, медонад.

*Абулқосим Лоҳутӣ*

* * *

2. Танҳо на ман адиби сухандонам,
Ҷанговару мубоpизи майдонам.

Ман ҳам ҳарифи тӯпаму тайёра,
Ҳам ошнои чаккушу сандонам.

*Абулқосим Лоҳутӣ*

3. Ана ҳамин соҳибхона ҳамон ҷавон аст, ки ӯро Маҷиди каҳкашонӣ меноманд. (*С. А.)*

4. – Магар ӯро намешинохтӣ? – пиракӣ суолҳои охирини худро ба ман бо ҳаяҷон медод. (*С. А.)*

**286.** Матнро хонда, ҳиссачаҳои онро муайян кунед ва гӯед, ки онҳо чӣ тобишҳои маъноиро ифода кардаанд. Ҷумлаҳои ҳиссачадорро нависед.

Аз даричаи боғ Бобак намудор шуд:

– Гардиш мекунед, бобоҷон?

– Биё, Бобакҷон, Абудулаф бедор шуд?

– Не, ҳанӯз хоб.

Ровӣ бо хоби тӯлонӣ мондагии роҳи дарозро мебаровард.

– Хуб шуд, ки омадӣ. Биё, ман туро имтиҳон мекунам.

Бобак як қадар ҳаросида, бе майл ба наздики устод омад.

– Сабақи наватро аз ёд кардӣ?

– Кардам, бобоҷон, аммо намедонам ҳамааш ба ёдам бошад ё не.

– Ҳоло мо инро мебинем. Ку бигӯ, вақте ки аз Бузургмеҳр дар бораи росткорию шоистагии инсон суол карданд, ҳаким чӣ посух дод?

Бобак фикр карда, аз «Шоҳнома» байтҳои дахлдорро ба ёд овард ва дармонда-дармонда хонд...

*Сотим Улуғзода*

**287.** Порчаҳоро хонда маънидод кунед ва ҳиссачаҳоро аниқ сохта, вазифаи онҳоро шарҳ диҳед.

1. Ба Сикандар на мулк монду на мол,
Ба Фаридун на тоҷ монду на тахт.

Пеш аз он кун ҳисоби худ, ки туро
Дигаре дар ҳисоб гирад сахт.

2. Ёд дорам зи пири донишманд,
Ту ҳам аз ман ба ёд дор ин панд.
Ҳар чи бар нафси хеш напсандӣ,
Низ бар нафси дигаре мапсанд.

*Саъдии Шерозӣ*

**Савол ва супориш**

1. Порчаи дуюмро ба наср баргардонед.
2. Пайвандаки байти порчаи аввалро ёбед.
3. Фарқи байни пайвандаку ҳиссача дар чист?

## НАВЪҲОИ ҲИССАЧА

**288.** Матнро хонед, ҷумлаҳои ҳиссачадорро аниқ созед ва нависед. Аз рӯйи тобиши маъно ҳиссачаҳоро ба хелҳо ҷудо кунед.

– Ба хаёлам, санъаткор буд.
– Санъаткор? Не-е, худаш гуфт-ку, ҳисобчӣ.
– Наход?
– Ҳар ки бошад, хушбахт будааст.
– Эҳ, ман агар вай барин навохта метавонистам.
– Ба мӯйсафед чӣ гуфт, шунидӣ?
– Не…

Дар ҳақиқат, думбурашинос будааст.

– Беҳуда нагуфтаанд: «Қадри зар заргар бидонад, қадри гавҳар, гавҳарӣ».

– Рости гап, агар овозашонро намешунидам, он думбураҳо ба ман асло маъқул намешуданд.

*Саттор Турсун*

**Савол ва супориш**

1. ***Ба хаёлам*** чӣ муродифҳо дорад?
2. Дар талаффузи **думбура** чӣ ҳодисаи фонетикӣ ба назар мерасад?
3. Бо калимаи ***думбура*** ҷумла тартиб диҳед.

**Ҳиссачаҳо аз рӯйи маъно ва вазифа ба хелҳои зерин ҷудо мешаванд:**

саволӣ: ***магар, оё, наход, кӣ, -чӣ***?

таъкидӣ: ***ҳатто, ҳам, хоҳ... хоҳ, гоҳ... гоҳ, на... на***.

тасдиқӣ: ***ҳа (ҳо), бале, оре, хуб (хӯш), хайр***.

инкорӣ: ***не, на***.

қувватдиҳанда: ***мана, -ку, дия, э***.

маҳдудӣ: ***фақат, танҳо.***

Ин тақсимот танҳо аз рӯйи вазифа аст, чунки дар матн баъзан як ҳиссача вобаста ба мақсади гӯянда вазифаҳои дигар ҳиссачаҳоро адо менамояд.

Ғайр аз ин, як қатор ҳиссачаҳои дигар низ ҳастанд, ки орзу (***кошки***), тахмину зарурат (***мабодо, эҳтимол***), монандкунӣ (***гӯё***), таклифу далолат (***канӣ, чӣ***) ва ғайраро ифода мекунанд: ***Кошки*** *имрӯз борон наборад.* ***Мабодо*** *Содиқ наояд. Ба хона дароӣ-**чӣ.***

## ҲИССАЧАҲОИ САВОЛӢ ВА ТАЪКИДӢ

**289.** Ҷумлаҳоро аввал возеҳ хонед ва баъд нависед. Гӯед, ки дар онҳо ҳиссачаҳо чӣ тобиши маъноиро ифода мекунанд?

1. Магар хислати одами нек ҳамин хел мешавад? (Ҷ. И.) 2. Оё аз пагоҳ сар карда ба кор даромада метавонем? (Р. Ҷ.) 3. Ҳамин вақт ба кӯча баромада, як давр зада оем-чӣ? (С. А.) 4. Чӣ, магар вай худро аз касе пинҳон кардан мехоҳад?

Ҳиссачаҳои саволӣ инҳоанд: *магар, оё, наход, чӣ*. Ҳиссачаҳои *магар* ва *оё* хусусияти китобӣ дошта, дар адабиёти пешин истифода шудаанд. Ҳиссачаҳои дигари саволӣ дар нутқи шифоҳӣ ва порчаҳои муколамавии адабиёти бадеӣ истифода шудаанд. Ин ҳиссачаҳо бар иловаи ифодаи савол тобишҳои гуногуни эҳсосӣ (ҳайрат, тааҷҷуб, норизоӣ) ва ғайраро ифода мекунанд. Масалан: *Магар шумо ҳам то ҳол ношито накарда будед? Оё аз ин кор ҳеҷ кас бохабар нест?*

Ҳиссачаҳои *оё, магар* асосан дар аввали ҷумла меоянд. Ҳиссачаҳои *-чӣ, -а* дар аввал, миёна ва дар охир меоянд: А, ин кист-а? (С. А.) Чӣ, хунук хӯрдӣ? (С. А.)

Ҳиссачаҳои таъкидӣ инҳоанд: *ҳатто, ҳатто ҳам,*

1. Ҷанговар ҳатто аз танки душман наҳаросид. 2. Ба ӯ нигоҳе ҳам накардаам. (С. А.) 3. Аҳмад ҳатто хайрухуш накард. 4. Хандаи ҷавон боз ҳам баланд гардид.

**290.** Аз китоби «Адабиёти тоҷик»-и синфи 7 порчаҳоеро интихоб кунед, ки дар дар онҳо ҳиссачаҳои саволӣ ва таъкидӣ истифода шуда бошанд. Кадом тобишҳои маъноӣ доштани он ҳиссачаҳоро шарҳ диҳед.

**291.** Аз китоби «Адабиёти тоҷик барои синфи 7 порчае интихоб кунед, ки муколама дошта бошад. Аз рӯйи он аниқ созед, ки ҳиссачаҳо асосан хоси кадом услубанд.

## ҲИССАЧАҲОИ ТАСДИҚӢ ВА ИНКОРӢ

**292.** Порчаро хонед ва ҳиссачаҳои онро муайян карда, чӣ тобиш доштани онҳоро шарҳ диҳед.

– Ҳа, як ба назди бародарам рафта оям.
– Бо машина меравед?
– Бале, бо машина.
–Хайр саломат рафта биё, муаллим.
– Раҳмат.
– Зуд ба мошин савор шавед.

**Ҳиссачаҳои тасдиқӣ *ҳа (ҳо), бале, оре, хуб (хӯш), хайр* мебошанд.** Ин ҳиссачаҳо тасдиқро ифода мекунанд.

– Ба шаҳр рафт?
– Ҳа, Ҳамид бо сарҷунбонӣ тасдиқ кард.
– Мошинрониро қариб ёд гирифтӣ-а?
– Ҳа, амак анча ёд гирифтам…(П. Т.)

**Ҳиссачаҳои инкорӣ инҳоанд:** *не, на.* Ҳиссачаҳои инкорӣ воситаи асосии ташкили ҷумлаҳои инкорӣ (манфӣ) мебошанд.

– Магар ту хоҳари ин ҷавон мешавӣ?

– Не! –гуфт Гулнор.

– Хоҳарзодаи ин ё бародарзодааш ҳастӣ?

– Не! (С. А.)

**293.** Матнро хонда, ҳиссачаҳои онро ёбед ва аз рӯйи вазифаашон ба хелҳо ҷудо кунед.

– Имсол ҳар дуямон ҳамроҳ аз ҳама бисёртар ниҳол мешинонем! – гапи Комилро давом дод Сайид.

– Ана ин ба ман маъқул! – хурсандона фарёд зад Комил.

– Ҳозир агар ба қишлоқи мо биёед, – ҳикояашро ба охир расонд Сайид, – дар назди мактаб, дар ҳавлиҳои бачагони мо, сар то сари ҷӯйи калон, ҳатто дар лаби дарё ҳам дарахтчаҳои наврасро мебинед.

– Хайр, – ба гапи ӯ ҳамроҳ шудам ман, – аз гуфтаҳоят маълум мешавад, ки гапи Комил ба ту асар кардааст?

– Ҳа… – тасдиққунон ҷавоб дод Сайид.

– Росташро гӯй, – боз давом кардам ман, – имсол сита ниҳоли гуфтаатро шинондӣ ё не?

– Не, – ҷавоб дод Сайид, – бисёртар – як худам панҷоҳу чор ниҳол шинондам. Ҳамаамон бошем, аз ҳазор ҳам зиёдтар шинондем.

– Ин қадар ниҳолро аз куҷо ёфтетон?

– Раисамакамон, падару модаронамон ҳам ёрӣ доданд, ниҳол ёфта доданд, мо бошем, онҳоро шинондем.

*Пӯлод Толис*

**Савол ва супориш**

1. ***Хурсандона*** ва ***тасдиққунон*** кадом ҳиссаи нутқанд?
2. Шумо ҳам барои сарсабз гардондани гирду атрофи мактаб ва деҳа кореро анҷом додед?
3. Дар ниҳолшинонии падару модар чӣ саҳм гирифтед?
4. Дар хусуси ҳашари ниҳолшинонӣ иншое нависед.

**294.** Матнро хонед ва ҳиссачаҳоро ёфта, ба хелҳо ҷудо кунед.

– Пас, қарзро бефоида бардоштед? – гӯён модарам тааҷҷубкунон пурсид.

– Албатта, бефоида! – гуфт падарам ва шарҳ дод: ман қарзҳоямро аз ҳар кас 20 танга (3 сӯм) то 30 танга қарз гирифтам...

– Ҳамаашон бефоида доданд? – гуфта пурсид модарам боз тааҷҷубкунон.

– Албатта, ман аз ягон каси бегона ва ё аз ягон касе, ки фоидахӯриро ба худ касб карда бошад, қарз напурсидам.

Ҳамаи қарзҳоямро аз хешовандони соктарегӣ ва аз ошноҳои наздикам гирифтам. Ҳатто онҳо дар вақти қарз пурсиданам пулро дода истода: «Ин маблағи ночизро қарз ҳисоб накунед, балки тӯёна шуморед» ҳам гуфтанд...

*Садриддин Айнӣ*

**295.** Порчаро нависед ва ва ҳиссачаҳои онро муайян сохта, вазифаашонро шарҳ диҳед.

– Фалсафа – маҷмӯи афкори муҷаррад, ман бошам, як чизи конкрет гуфтаниям.

– Оид ба худатон?

– Ҳа.

– Ба ман?

– Бале, бале!

– Лозим не, акаи Иброҳим.

– Чӣ лозим не?

– Ҳеҷ чиз гуфтан.

– Чаро?

–Чунки … Хиромон дам сухан меҷуст, – чунки маълум. Маълум, ки чӣ гуфтаниед.

*Фазлиддин Муҳаммадиев*

**296.** Аз китоби «Адабиёти тоҷик» барои синфи 7 порчаеро интихоб кунед, онро хонед ва ҷумлаҳои ҳиссачадоштаро нависед.

**297.** Матнро возеҳ хонед ва чӣ тобиши маъноӣ доштани ҳиссачаҳоро шарҳ диҳед.

– Ту аз деҳаи Зиробод мешавӣ?
– Бале.
– Дар деҳаи шумо Ғанимерган гуфтанӣ кас зиндагӣ мекунад, мешиносӣ?
– Ҳа, мешиносам, – гуфт Аббос ҳанӯз аз мақсади Наим пай набурда.
– Медонам. Аспаш ҳаст-а? Аспи нағзаш ҳаст?
– Ҳа, аспи таърифӣ дорад.
– Офарин, офарин.

*Ҷалол Икромӣ*

**298.** Порчаро нависед ва зери ҳиссачаҳо хат кашида, тобишҳои маъноии онҳоро муайян кунед.

– Ҳаво чунон гарм, ки – пиёларо ҷониби Набӣ дароз кард Расул, – гӯё таги замин пури танӯр бошад.
Набӣ аз гиребони курта дошта, сари дилашро шамол дод.
– Якзарб, барои зимистон коҳу алаф дорӣ?
– Не, ҳоло. Ба умеди Самад ман.
– Ҳа, писарат коргари ҷангал-а. Нағз, ки ту ақаллан ҷойи умед дорӣ.

*Урун Кӯҳзод*

**299.** Муколамае тартиб диҳед ва дар он аз ҳиссачаҳои тасдиқӣ ва инкорӣ истифода баред.

## ҲИССАЧАҲОИ ҚУВВАТДИҲАНДА ВА МАҲДУДӢ

**300.** Ба ҷойи нуқтаҳо ҳиссачаҳои мувофиқро гузошта, ҷумлаҳоро нависед.

1. ... ӯ дар хона монда буд.
2. Ман намеравам, гуфтам ... !
3. Имрӯз ба саёҳат мерафтем ... .

4. ... Қосим дар ин байн наменамуд.

5. Дар вақти ҳарфчинӣ ӯ ... як ҳарфро ҳам партофта намеравад.

6. ... он манзараҳои зебо.

***(-ку, мана, ҳатто, -дия, фақат, танҳо)***

Ба гурӯҳи ҳиссачаҳои қувватдиҳанда инҳо дохил мешаванд: *мана, -ку, -дия, э (а)*. Ман -ку ба вай таъкид карда будам. Бачаҳои дигар кокул надоранд -**ку.** Ин одамро мешиносед -а?

Ҳиссачаҳои *фақат, танҳо* ва *боз* ҳиссачаҳои маҳдудӣ мебошанд.

**Фақат** рӯнавис кардан лозим аст. Фақат Шодӣ омад. Дар хона **танҳо** хешовандон монданд. С. А.) **Фақат** як шаби аввал тинҷ гузашт. (Ф. М.)

**301.** Муколамае тартиб диҳед ва аз ҳиссачаҳои қувватдиҳанда ва маҳдудӣ истифода баред.

**302.** Аз киноповести С. Улуғзода «Ибни Сино» даҳ ҷумла нависед, ки ҳиссачаҳои қувватдиҳанда дошта бошанд. Вазифаи ҳиссачаҳоро шарҳ диҳед.

**303.** Аз китоби бадеии барои хонандагони синфи 7 пешбинишуда порчаи муколамадорро интихоб кунед ва ҷумлаҳои ҳиссачадорро нависед. Тобишҳои маъноии ҳар як ҳиссачаро шарҳ диҳед.

**304.** Порчаро нависед ва ҳиссачаҳоро муайян карда, тарзи навишти онҳоро шарҳ диҳед. Ин ҳиссачаҳо асосан хоси кадом услубанд?

Сухани ӯро фарёду нидоҳои одамон пахш карданд:

– Ҳой, чиба кор намекунад мошинат?

– Ҳамидҷон, чӣ шуд-а?

– Ҳамин ҳам кор-мӣ? Оба баровардан даркор, оба!

– Худаш чӣ гап-а?

*Пӯлод Толис*

**305.** Порчаро хонед ва ҳиссачаҳоро ёфта, гӯед, ки дар ифодаи фикр чӣ нақше доранд. Аломатҳои китобати ба ҳиссачаҳо марбутро шарҳ диҳед.

– О, бачем, чӣ ин ҷо меистем? Биёед, хона дароем, – равон шуд пиразан. – Биё, шери момош. Ҳа, номата напурсидам ... Маъруфҷон? Номи хуб доштаӣ.

– Холаҷон, ба Шумо ташвиш мешавад. Мо ба хонаи Абдумаҷид равем, – гуфт Хуршед узромез.

– Не, намемонам. Мо бегона нестем. Ману очаат апаву хоҳар барин будем..., – овози пиразан ларзиду дар чашмонаш ашк ҳалқа зад.

– Як бор остонаи мани пиру бекас ҳам қадами меҳмони азиза бинад...

Хуршед ба писараш нигарист. Маъруф ишора кард, ки медароянд.

*Эҳсон Субҳон*

**306.** Ҷумлаҳоро нависед, ҳиссачаҳои онро муайян кунед ва тобишҳои маъноии онҳоро шарҳ диҳед.

1. Албатта, аз девона ранҷидан дуруст нест. (С. А.) 2. Ҳатто дилам сахт ба тапидан даромад. 3. Аскарони меомадагӣ тоҳатто сабзию пиёзашонро меоварданд. (Р. Ҷ.) 4. Сукут ва хомӯшии ин кӯча ва атрофи онро фақат суҳбати ду роҳгузар вайрон мекард. (А. Деҳотӣ)

**307.** Матнро хонед ва ҳиссачаҳои онро муайян кунед ва нависед.

– Ту аз куҷо? –пурсид муаллим аз ман.

Ман номи деҳаи худамро гуфтам ва илова кардам, ки:

– Шумо аз моён имтиҳон гирифта будед –ку, як мулло маро ба тахта бароварда нависонд. Ана, ҳамон бача манам.

– Ҳа-а, ба ёдам омад; ...Ту падару модар надорӣ? Мехоҳӣ ба интернат дароӣ?

Хуб, ман туро ба он ҷо бурда мемонам.

*Сотим Улуғзода*

**308.** Байни якдигар доир ба ягон масъала саволу ҷавоб кунед. Дар муколамаатон аз ҳиссачаҳо истифода баред.

## НИМТИРЕ ДАР ҲИССАЧАҲО

Ҳиссачаҳои *-ку, -дия* (эҳсосотӣ) *-а, -чӣ* (саволӣ) ҳамеша бо нимтире навишта мешаванд. Ин ҳиссачаҳо хоси услуби гуфтугӯйӣ мебошанд.

Вобаста ба оҳанг пас аз ҳиссачаҳо аломати вергул ё хитоб гузошта мешавад: *Бале! Ин суханон ростанд!*

**309.** Ҷумлаҳоро хонед, ҳиссачаҳоро муайян кунед ва тобишҳои маъноии онҳоро шарҳ диҳед.

1. Охир дуруст-дия, одам барои чӣ ба дунё меояд. (Ф. М.) 2. Бисёр муболиға кардед-дия, ука. (Деҳотӣ) 3. – Мебахшед, – гуфтам ҳамчунон бо киноя, – нохонда будем-дия! – гуфт табассум карда паҳлавон. (Ф. М.) 4. – Ту Қулмурод будӣ-дия. (С. А.) 5. Ин ҳам як кор-дия. (Ф. М.) 6. Даррав маълум мешавад-дия. (Ф. М.)

**310.** Ҷумлаҳоро аввал хонед ва сипас имлои ҳиссачаҳоро ислоҳ карда нависед. Сабаби истифодаи онҳоро шарҳ диҳед.

1. – Об аз таги ях мерафтаастдия! – гуфт бо заҳрханда Азимҷон. (Тоҷӣ Усмон) 2. – Хайр додош, ҳеҷ воқеа не, кори кӯдак шӯхию бозидия. (Ф. М.) 3. Нақшаи пилласупорӣ иҷро шуддия. (Деҳотӣ) 4. Рост мегӯяддия ин кас, дар соя шинед, чӣ мешавад? (Деҳотӣ) 5. Чорта хандидем, писарам муаллим, одамони куҳна ҳаминдия. (Ф. М.)

**311.** Ҷумлаҳоро нависед ва ҳиссачаҳои онро шарҳ диҳед.

Ҳамин забони талхи Шералиро гуфта набиём мегӯяму лекин харбузаҳои ширин-да! (П. Т.) 2. Бесабаб хафа шуда шиштед-да. (П. Т.) 3. – Ин бисёр аҷиб аст-ку, – гуфт он ҳезумкаш. (С. А.) 4. – Эҳе, ин рӯбоҳи пир дар ҳамин ҷост-ку, ана акнун рӯ ба рӯ шудем. (С. А.) 5. – Не, ба гумон меҳмон надошт-ку, – гуфт Паҳлавон. (Ҷ. И.)

**312.** Ҷумлаҳоро нависед ва ба имлои ҳиссачаҳо диққат диҳед. Вазифаҳои аломати китобатро шарҳ диҳед.

1. Аробаро бепул намедодагист-куя. (Р. Ҷ.) 2. Лекин писараш Қобиҷон кӯҳнавард шуд-дия. Ин ҳам ганда не-куя. (Ф. М.) 3. Мӯйсафеда бинед-а, – гуфтам дар дилам. (Ф. М.) 4. Ман ҳозир чизе гуфтанӣ будам, аз ёдам рафт. Дар нӯки забонам буд-а. (Ф. М.) 5. А, ин кист-а? (С. А.) 6. Аз номи ман ба бой як хат нависед-чӣ. (С. А.)

**313.** Порчаҳои назмиро хонед ва ҳиссачаҳоро ёфта, ба кадом навъ мансуб буданашонро шарҳ диҳед.

1. Эй кошкӣ, ба олам то чашм кор мекард,
Дил буду одам онро қурбони ёр мекард.

2. Дониш, эй деҳқон, асар дорад, намедонӣ магар?
Маърифат таъми шакар дорад, намедонӣ магар?
Дарс хону кор кун, то аз саодат бар хӯрӣ,
Тухм агар поши, самар дорад, намедонӣ магар?

*Абулқосим Лоҳутӣ*

**314.** Порчаҳоро бо риояи оҳанг хонед ва вазифаи ҳар як ҳиссачаро муайян кунед. Гӯед, ки онҳо чаро дар аввали ҷумлаҳо омадаанд.

1. Он гоҳ вазир … рӯй ба ҳозирон оварда гуфт:

– Оё шумо медонед, ки ман вазири мамлакатам ва вазорати ман дерин аст, пеш аз он ки малик Осим ба салтанат нишинад, ман вазир будам, ӯ акнун салтанат тарк карда, писар дар ҷойи худ биншонд?

Гуфтанд:

– Бале, медонем, вазорати ту аз аз падару бобо ба ту мерос монда.

2. Духтари малик гуфт: – Оре, аз баҳри ҳамин рафта будам, вале падарам ба нахчиргоҳ рафта будааст ва ман интизори бозгаштани ӯ дорам.

3. Модари Ҳасан гуфт:

– Эй фарзанд, Худо накунад, ки ман туро мухолифат кунам. Магар ман девонаам, ки васиятҳои туро ба ҷо наёварам, ту бо хотири осуда сафар кун!

*аз китоби «Ҳазору як шаб»*

**Савол ва супориш**

1. Гӯед, ки ҳиссачаҳои *оё, магар, бале* хоси кадом услубанд?
2. Пас аз кадом ҷумлаҳои ҳиссачадор асосан аломати савол гузошта мешавад?

**315.** Порчаи манзумро возеҳ хонед ва маънидод кунед. Дар матн чӣ нақш доштани ҳиссачаҳоро шарҳ диҳед.

Ҳам хафиру раҳбари мурғон туӣ,
Ҳам анису ваҳшати ҳиҷрон туӣ.
Эй забон, ҳам ганҷи бепоён туӣ,
Эй забон, ҳам ранҷи бедармон туӣ…

*Ҷалолуддини Балхӣ*

**Луғат**

**хафир** – нигаҳбон
**анис** – ҳолдон, ҳамсуҳбат
**ҳиҷрон** – ҷудоӣ, фироқ

**Савол ва супориш**

1. Байти дуюмро ба наср баргардонед.
2. ***Ганҷи бепоён*** ва ***ранҷи бедармон*** номидани забонро чӣ тавр мефаҳмед?
3. Ба талаффузи ***ҳиҷрон*** диққат диҳед. Тарзи дурусти навишти онро хотир гиред.

**316.** Шеърро сареҳ хонда, чӣ оҳанг бахшидани ҳиссачаҳоро баён созед.

Кардаме дар хоки кӯйи дӯст маъво, кошкӣ,
Судаме рухсори худ бар хоки он по кошкӣ,
Омадӣ берун зи кӯи он сарви боло, кошкӣ,
Бурқаъ афгандӣ зи рӯйи оламоро, кошкӣ.

«Дидаме дидори он дилдори раъно, кошкӣ,
Дида равшан кардаме, з-он рӯйи зебо, кошкӣ».
Кӯйи он маҳ то бувад, ҷаннат намебояд маро,
То бувад ҷаннат, ба дӯзах дил фурӯ н-ояд маро.
Пеши лаълаш кай даҳан бо Кавсар олояд маро,
То бувад он сарв, тубӣ хуш намеояд маро.
«Хотир андар сояи Тубӣ наёсояд маро,
Соя кардӣ бар сарам он сарвболо, кошкӣ»…

*Алишери Навоӣ*

**Луғат**

**маъво** – ҷойгоҳ, макон
**судан** – молидан
**бурқаъ** – чашмбанд, парда
**Кавсар** – номи чашмае дар биҳишт
**тубӣ** – дарахти серсоя дар ҷаннат

**Савол ва супориш**

1. ***Кардаме маъво***-ро боз чӣ тавр ифода кардан мумкин аст?
2. ***Дида равшан кардан*** чӣ маъно дорад ва онро дар забон чӣ мегӯянд?
3. Агар порчаро бидуни *кошки* хонем, чӣ ҳодиса рӯй медиҳад?
4. Бо ифодаҳои дар саволҳо зикршуда ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**317.** Ҷумлаҳоро хонед ва ҳиссачаҳоро аз ҷиҳати хел муайян сохта, тобишҳои маъноии онҳоро гӯед.

1. Хуб, агар ҳар кадомашонро ба як пуштаи ҷудогона баранд-чӣ. (*С. А.)*
2. Ҳамин вақт ба кӯча баромада, як давр зада оем-чӣ? (*С. А.)*
3. Биё, Дохунда, ба сари хизмат биравем. (*С. А.)*
4. Қумрибибӣ пас аз қадаре хомӯшӣ ва андеша боз сухани худро давом кунонид. (*С. А.)*
5. Охир, аввал тар кардан ва баъд аз он хушконидани пахтаҳо чӣ маънӣ дорад. (*С. А.)*

**318.** Мактубро хонда, ҳиссачаҳои онро аниқ созед ва ба навъҳо ҷудо карда нависед.

**Устоди азиз ва мухтарам!**

Яке аз рафиқони аврупоӣ, ки коргари муҳиммест, мехоҳад дар вақти истироҳати тобистонӣ чанд рӯзе бо занаш дар Самарқанд монда, ҳам саёҳат ва ҳам истироҳат кунад, баъд ба ҷойҳои дигар равад. Дар ин чандрӯза мехоҳад, ҷойи сабзу хурраме дошта бошад. Агар мумкин нашавад, ба Самарқанд намеояд. Аз ман хоҳиш карда, ки ин масъаларо ба дӯстони худам дар Самарқанд бинависам ва агар мумкин бошад, ки чанд рӯз дар ин боғ бимонад, он вақт дар ҳамин саёҳат ба Самарқанд ҳам меояд.

Ман ин мавзӯъро ба Шумо ва тавассути Шумо ба Раҳим Ҳошим ҳам менависам. Ё Шумо, ё Раҳим агар қабул кунетон, ки он рафиқ дар боғи Шумо ё боғи дигар, ки Шумо маслиҳат донед, монад (чанд рӯз), он вақт ба ӯ мегӯям, ки осудахотир бошад. Аввалҳои сентябр аз Маскав ҳаракат хоҳад кард. Илова бар ин ки одами боаҳаммияте аст, коргари адабӣ ва адабиётдӯст ҳам ҳаст ва дар доираи байналмилалӣ хидматҳои адабӣ мекунад. Аз ин ҷиҳат аст, ки ман низ чандрӯза ӯро аз ҷиҳати ҷой дар боғ аз ҷониби Шумо илтимос мекунам.

Ҳам Шумо ва ҳам бародарам Раҳим аз мулоқот бо ӯ розӣ хоҳед шуд. Аммо дар хусуси худам: дар Кумитаи Марказӣ дар Маскав монда, дохили хидмат шудаам. Илтимос ин, ки агар коре дошта бошед, ба банда бинависед. Хидмате, ки аз дастам ояд, дареғ нахоҳам кард. Агар ҳам рӯзе гузоратон ба Маскав афтод, манзил манзилу хонаи худи Шумост.

Дӯст ва шогирди Шумо Лоҳутӣ.

Албатта ё Шумо, ё Раҳим (ё ҳар ду) ҷавоби ин аризаро хоҳед навишт, ки ба он рафиқ бигӯям. Асосан дилам мехоҳад, ки Шумо бо ӯ ошно шавед.

Бародарзодаҳоям ва модарашонро салом аз тарафи амакашон бирасонед.

Мунтазири ҷавоб.

**Савол ва супориш**

1. Чӣ гуна муносибатро аз ин мактуб пай бурдед?
2. Мактубе нависед, ки дар он ҳиссачаҳо бамавқеъ истифода шаванд.
3. Дар ин мактуб бештар кадом ҳиссача истифода шудааст ва чаро?
4. Пайвандакҳо аз ҳиссачаҳо чӣ фарқ доранд?

## СОХТИ ВА ТАРКИБИ ҲИССАЧАҲО

**319.** Ҷумлаҳоро нависед, ба зери ҳиссачаҳо хат кашида, дар болояшон сохти онҳоро бо сабти сода ё таркибӣ зикр кунед.

1. Аз байни қуттии набот ана ин хат ёфт шуд. (Ҷ. И.) 2. Ҳатто об набуд. (Ф. Н.) 3. Ман ба тарафи ӯ нигоҳе ҳам накардаам. (С. А.) 4. Ҳа, иморатҳои наву азими имрӯза тамошобобанд. (Ф. Н.) 5. На ин ки ҳамин ҳавои на он қадар сард ба пойи одам таъсир кунад. (С. А.) 6. Наход ки шумо аз ин ҳодиса хабар надоред.

Ҳиссачаҳо аз ҷиҳати сохту таркиб ба **сода** ва **таркибӣ** ҷудо мешаванд.

Ҳиссачаҳои аслии ***бале, наход, оё, магар, ҳатто, фақат, танҳо -ку, -а, ҳам, чи... чи, на...на*** ва амсоли онҳо **сода** мебошанд.

Ҳиссачаҳое, ки аз ду ва ё зиёда калимаҳо ташкил ёфтаанд, **таркибӣ** мебошанд**:** ***ҳатто ки, наход ки, аз афташ, ана ҳамин, майлаш-куя, гӯё ки, ҳо ана...***

**320.** Матнро хонед ва ҳиссачаҳоро муайян карда, аз ҷиҳати сохт шарҳ диҳед.

– Ҳама сиҳату саломатанд? Бачаҳо хубанд? – пурсид Қурбон.

– Ҳа-а, – маддор ҷавоб дод Фарҳод ва дили Қурбон раг зад.

– Ту донӣ, – Худо, росташро гӯй ...

– Нағз, ако, нағз ... фақат ҳоло ба боду ҳавояш одат накардаем.

– Дар он ҷонибҳо нам нашудааст, мегӯянд ... а?
– Ҳо, ако, андаке фарқ дорад ...
– Ту боз мегардӣ-а? – ... Ман гандум диҳам, барои бачаҳо бар ...
– Агар худатон ҳам равед, мебарам.
– Не, ман рафта наметавонам, ин ҷо кор дорам, хоҳӣ, гандумро бор мекунам, қурут медиҳам...
– Намебарам, ако...
– Арвоҳи падарат, бар... Кӣ медонад, ки...
Дилатон ба бачаҳотон сӯзад, меравед.
– Не, не, ту як кори савоб бикун ... Ба ту ҳам гандум медиҳам.
– Ман аз сад ҷой гандум меёбам, аммо, лекин Шумо бояд...
– Барои чӣ бояд? Магар...
– Не, ҳама сиҳат саломат...
Қурбон ба андеша рафт: «Майлаш, гуфти ту шавад, мошини тайёр, хабар гирифта меоям».

*Сорбон*

**321.** Ба ҷойи нуқтаҳо аз ҳиссачаҳои дар қавс додашуда мувофиқашро гузошта, ҷумлаҳоро нависед.

1... . фаромӯш кардӣ?– тааҷҷуб кард Ҳалим.
2. – Ман ҳозир ... ҳамин касро нигоҳ дошта гапзанон мекунам.
3. Хонаводаи Хайрӣ ... замин дошт, ... боғ ва ... чорпо.
4... . дар мактаби нав бача дар ҳафт моҳ саводашро мебаровардааст-ку!
5... ., ман ҳаргиз ба Шоён нахоҳам рафт.
(***не, охир, на***... ***на, ана, магар***)

*Сотим Улуғзода*

**322.** Матнро хонед, ҷумлаҳои ҳиссачадорро нависед ва ҳиссачаҳоро аз ҷиҳати сохт муайян карда, тобишҳои маъноии онҳоро шарҳ диҳед.

Султон аз нав дар кат дароз кашиду баъди каме хомӯшӣ пурсид:

– Сию панҷ сол ранҷ бурда?

– Оре, шоҳам, сию панҷ сол, – ҷавоб дод Моҳак.

– Ба назми сиярулмулук дар аввал бо амри Нуҳи Со-монӣ Дақиқии шоир ибтидо карда будааст, магар баъдан ин корро ба Фирдавсӣ фармудаанд?

– Оре, султонам, худи аълоҳазрати Нуҳ ба ӯ фармуда будаанд, ки «Биозмой, чун назм кардӣ, ба мо биёвар».

– Магар ӯ Нуҳро дидааст?

– Мегӯяд, дар оғоз ба суроғи «Шоҳнома»-и мансур ба Мовароуннаҳр ҳам рафта. Дар Бухоро ба боргоҳи олӣ шарафи қабул ёфта будам.

*Сотим Улуғзода*

**Савол ва супориш**

1. ***Сию панҷ*** кадом ҳиссаи нутқ аст? Онро аз ҷиҳати сохт шарҳ диҳед.
2. ***«Шоҳнома»-и мансур***, яъне чӣ?
3. ***Суроғ кардам***-ро дар маҳалли шумо чӣ мегӯянд?
4. ***Шарафи қабул сохтан***-ро маънидод кунед ва бо он ҷумлае тартиб диҳед.

## ТАҲЛИЛИ САРФИИ ҲИССАЧА

### Нақшаи таҳлил

I. Ҳиссаи нутқ. Моҳияти умумӣ.

**II.** Аломатҳои сарфӣ:

а) тобишҳои иловагӣ;

б) тағйир намеёбад.

**III.** Вазифаи наҳвӣ.

**Намунаи таҳлил**

Дар хона танҳо хешовандон монданд. (С. А.)

**Танҳо** ҳиссача аст, аломатҳои сарфиаш: тобиши маҳдудӣ дорад; тағйир намеёбад; аъзои ҷумла шуда наметавонад.

### Саволҳо барои такрору ҷамъбасти ҳиссачаҳо

1. Чиро ҳиссача меноманд?
2. Ҳиссачаҳо чӣ тобишҳои маъноиро ифода мекунанд?

3. Чаро ҳиссачаҳо ҳиссаҳои номустақили нутқанд?
4. Дар ҷумла ва ё матн ҳиссачаҳо кадом вазифаро адо мекунанд?
5. Ҳиссачаҳо аз пайвандакҳо чӣ фарқ доранд?
6. Ҳиссачаҳо бар чанд навъанд?
7. Аз ҷиҳати сохт ҳиссачаҳо чанд навъ мешаванд?
8. Аз ҷиҳати мавқеи истифода ҳиссачаҳо ба чанд навъ ҷудо мешаванд?
9. Ҳиссачаҳои махсуси услуби гуфтугӯ кадомҳоянд?
10. Кадоме аз ҳиссачаҳо асосан хоси адабиёти бадеианд?
11. Магар ҳиссачаҳо дар ҷумла ҷойи доимӣ доранд?
12. Ҳиссачаҳоеро, ки хоси шеваи маҳаллатон ҳастанд, номбар кунед.
13. Магар истифодаи ҳиссачаи *-мӣ* дар нутқи гуфтугӯ ва адабиёти бадеӣ шарт аст?
14. Дар матн такрор омадани айни як ҳиссача дуруст аст ё не?
15. Кадом ҳиссачаҳо бо нимтире навишта мешаванд?
16. Ҳиссачаҳои содаро номбар кунед.
17. Ҳиссачаи инкории *на* боз дар кадом шакл меояд ва имлои он чӣ гуна аст?

## КОР БО МАТНИ ТАСВИРӢ

**323.** Матнро хонед ва гӯед, ки кадом хислатҳои васфшаванда дар он тасвир шудаанд.

Ҳомидбек як одами баландқомати сафедрӯйи дарозрӯй буд, ки рӯяш ба рӯйи асп монандӣ дошт, ришаш сиёҳи сурхчатоб буда, торҳои сафедаш кам-кам менамуд ва ба ин аломат дар вақтҳое ки ман дар хидмати Шарифҷонмахдум будам, ӯро аз 40-сола андак болотар тахмин кардан мумкин буд. Ӯ бағоят суханвар буд, аммо дар вақти гап задан забонашро макида-макида гап мезад, ба дараҷае ки бинанда гумон мекард, ӯ лӯндаи қандеро макида истодааст. Дар суҳбатҳо бештарин вирди забони ӯ нақли маҷлисҳои Аҳмадмахдум буд.

Ӯ шеърро кам менавишт ва аксари навиштаҷоташ дар ҳаҷв ва танқиди дарбориён буд.

*Садриддин Айнӣ*

**Савол ва супориш**

1. Магар матн ҳамаи сифатҳои Ҳомидбекро фаро гирифтааст? Чаро?
2. Оё ин матн танҳо хусусияти тавсифӣ дорад? Агар дигар вазифаи онро пай бурда бошед, шарҳ диҳед.
3. Сифатҳои матнро нависед ва роҳҳои сохтани онҳоро маънидод кунед.
4. Шахси бароятон ошноро шифоҳӣ тасвир кунед.

**324.** Матнро хонед ва бо матни боло муқоиса кунед. Гӯед, ки аз он матн чӣ фарқ дорад? Оё ин матнро тасвирӣ ҳисобидан мумкин аст? Чаро?

Тут як навъ дарахтест аз оилаи тутҳо. То 35 метр қад мекашад. Баргу шоху навдааш шираи сафед дорад. Гулаш майдаи дуҷинса, хӯшагулаш «гушворак», меваваш серобу сершира ва сертухм (дарозиаш 1,5 см), сафед, гулобӣ, сурх ва бунафши сиёҳтоб. Бештар тути сафед (балхӣ) ва шаҳтут (тути сурх) маъмул аст.

Тути сафед дарахтест, ки 20 метр қад мекашад. Онро чун дарахти мевадор аз замонҳои қадим дар Тоҷикистон, Афғонистон, Эрон ва ғ. мепарваранд. Ҳоло дар кишварҳое, ки ба кирмакдорӣ машғуланд, парвариши тут вусъат ёфтааст. Тутро асосан аз дона, инчунин бо роҳи пайванд зиёд мекунанд. Меъёри кишти тухмӣ 10-12 кг-га. Тут апрел-май гул мекунад, июн-июл мепазад. Дарахти тут то 200 -300 сол умр мебинад.

*аз ЭСТ, ҷ. 7*

**Савол ва супориш**

1. Боз кадом навъҳои тутро медонед? Номбар кунед ва нависед.
2. Тут чӣ аҳамият дорад? Хулосаҳоятонро шифоҳӣ бо навбат нақл кунед.
3. Калимаҳоеро ёбед, ки чун калимаи **тут** аз ҳар ду тараф хонӣ, шакли он тағйир наёбад.

**325.** Матни болоро бори дигар бодиққат хонед ва онро бо истифода аз маълумоти иловагӣ ба матни мазмуни тасвирдошта баргардонед.

**326.** Шеърро бодиққат хонед ва нуктаҳоеро муайян кунед, ки чун аломати зебоӣ тасвир шудаанд. Ин порчаро тасвирӣ ҳисобидан мумкин аст ё не? Чаро? Зебоии инсон дар чист? Матни хурде таҳия кунед, ки он, воқеан, мазмуни тасвирӣ дошта, зебоиро фаро гирифта бошад.

ЧИСТ ЗЕБОӢ?

Ҳама дандони ӯ тилло,
Сари ҳар тори мӯ тилло,
Ҳама ангуштараш тилло,
Гули пеши бараш тилло.
Магар ин зан зани зебост?
Нахонда як китобе ӯ,
Вале «фарзона»-и пургӯ.
Кунад такрор тӯтивор,
Ҳадиси кӯчаю бозор.
Магар ин зан зани зебост?
Хиромон меравад аз роҳ,
Худашро дода бас оро.
Надорад тифли дунболаш,
Дареғо, кафшаке дар по.
Магар ин зан зани зебост?
Намудаш аз бурун барҷой,
Валекин аз дарун, эй вой.
Каму беши касон ҷӯяд,
Каму беши касон гӯяд.
Магар ин зан зани зебост?
Зи фардо ӯ наяндешад,
Зи дунё ӯ наяндешад,
Ҳамеша сурataш олӣ.
Магар ин зан зани зебост?

*Зулфия Атоӣ*

## ИМЛОИ САНҶИШ

### ОББОЗӢ ДАР КӮЛ

Бачаҳои бисёре дар кӯл оббозӣ мекарданд. Садоҳои хандаву бозӣ ва ҷастухези шодиомези онҳо дар фазои дараи кӯҳистон ғулғулае андохтааст.

Марди солхӯрдае дуртар аз соҳил, дар рӯйи алафи сабз нишаста, тани то миён бараҳнаи худро офтоб медиҳад. Дар паҳлуяш як ҷуфт бағаласо. Вай оҳистаяк пойи шими худро боло карда, соқи пойи чӯбинашро мемолад ва ба оби зулоли кӯл бо ҳасрат менигарад.

Дар осмон чанд ҳавопаймо раххҳои сафед мекашанд. Раххҳои каҷ, рост, мудаввар. Акси он раххҳо ба оби соф афтода, морсон мелаппанд ва мехазанд.

Мард ба осмон муддате чашм медӯзад. Нуқтаи дурахшонеро, ки аз паси он рахи тозаи сафед пайдо мешавад, дида табассум мекунад. Баъд назараш боз ба бачаҳои саргарми бозӣ афтода, лабханд аз чеҳрааш дур мешавад. Рӯйи чашмонашро пардаи хаёл мепӯшад.

*Фазлиддин Муҳаммадиев*

## КОР БО МАТНИ ДАСТУР

**327.** Порчаҳоро хонед ва шарҳу маънидодҳоро бо якдигар муқоиса кунед. Гӯед, ки кадоме аз муаллифони фарҳангҳо вожаи «дастур»-ро беҳтар ва пурратар шарҳ додаанд.

1. «Дастур-қонун ва қоида ва тарз ва ойин; ва ба маънии рухсат ва иҷозат; («Ғиёс-ул-луғот», Душанбе 1987, ҷ. 1., саҳ. 332).

2. «Дастур-қоида ва қонун, ойин ва равиш, иҷозат, парвона, фармон, рухсат, дастурӣ ҳам гуфта шуда». («Фарҳанги Амид», 2535, саҳ. 499)

3. «Дастур – 1 (дастурҳо, дастурот) фармоне аз рӯйи мақом ё шахси болотар, ки дар он анҷоми коре ҷиддан хоста шавад; (Фарҳанги форсии имрӯз», Теҳрон, 1375, саҳ. 543)

4. «Дастур – 1. Роҳнамо, нишондод; барномаи амалиёт, дастуруламал; супориш, фармоиш; фармон амр; дастур додан-а) роҳ нишон додан барои иҷрои коре, омӯхтан; б) супориш додан, фармудан; 2. маҷмӯаи қонуну қоида ва тавсияҳо оид ба тарзи омӯзиши ягон фанни дарсӣ; дастури таълимӣ, дастури методӣ –маҷмӯаи нишондод ё маслиҳату тавсияҳои методӣ оид ба тарзу усули гузаронидани дарсҳо аз фанне; дастури забони форсӣ, китоби таълими сарфу наҳви забони форсӣ. 3. кит. рухсат, иҷозат («Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ, ҷ. 1, 2010, саҳ. 445).

**Савол ва супориш**

1. Аз мутолиаи порчаҳо ба чӣ хулоса омадед? Оё чӣ будани дастур (дастурамал, дастуруламал)-ро фаҳмидед?
2. Байни ҳамдигар хулосаҳоятонро муҳокима кунед, то бароятон равшантар гардад.
3. Бо кадом дастурҳо шинос ҳастед? Дар девори синф ё даҳлези мактаб ягон навъ дастур насб карда шудааст?
4. Онро бихонед ва ба қолабаш зеҳн монед.

**328.** Матнро бодиққат хонед ва оид ба дастур маълумоти бештар гиред. Маҷмӯи қоидаҳоеро, ки тартиби иҷрои ягон коре, масалан, дастур оид ба ҳаракати бехатарии роҳ, мошину таҷҳизоти гуногуни барқӣ ва ғайраро муқаррар месозад, дастур (ё дастурамал – дастуруламал) мегӯянд.

Мактубҳое, ки онҳоро сардорон ё мудирони шуъбаҳо ё бахшҳо дар асоси фармоишҳои роҳбарони идораҳо ё дар асоси дастурамалҳои ташкилотҳои болоӣ медиҳанд, дастур ном дорад.

Дастур санади меъёрии ҳуқуқиест, ки онрониҳодҳои идоракунии давлатӣ ба мақсаду муқаррар сохтани қоидаҳое, ки фаъолияти ташкилӣ, илмӣ-техникӣ, технологӣ, молиявӣ ва ҷиҳатҳои махсуси дигари ташкилоту муассиса, шахсони мансабдор ва шаҳрвандонро ба низом медарорад, таҳия ва тасдиқ мекунанд.

Ҳуҷҷати мазкурро асосан мақомоти идораҳои давлатӣ, вазорату идораҳо, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо назардошти мавқею салоҳиятҳои хеш тасдиқ карда метавонанд.

Дастурҳо вобаста ба намуду сатҳу мақом ҳаҷман хурд ва васеъ шуда метавонанд. Масалан, дар сатҳи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ доир ба навбатдорӣ дар мактаб, риояи қоидаҳои талабагӣ бо назардошти тартиби муқарраршуда, тартиби истифодаи китобҳои китобхона ва китобҳои дарсӣ, тартиби гузаронидани корҳои амалӣ аз фанҳои химия, физика, биология, риояи либоси мактабӣ ва ғайраҳо дастурҳо дода мешаванд. Дар сатҳи Вазорати маориф ва илм дастурамалҳо таҳия ва тасдиқ

мешаванд, ки ҳаҷман васеъанд: оид ба тартиби аз синф ба синфи дигар гузаронидан, оид ба имтиҳони хатми муасисаҳои таҳсилоти асосӣ ва миёнаи умумӣ ва ғайраҳо.

**329.** Намунаи матни дастурамалро хонед.

## Дастурамали навбатдори синф

1. Навбатдори синфро сардори синф муқаррар мекунад ва ӯ ба сардори синф ва омӯзгори навбатдор итоат менамояд.

2. Навбатдор 20 дақиқа пеш аз оғози дарс ба мактаб меояд, барои гузаронидани дарс тайёр будани синфро аз назар мегузаронад ва тозагию низоми синфро дар муддати рӯз таъмин месозад.

3. Даҳ дақиқа пеш аз дарс дар ҷамъомади пагоҳӣ ба омӯзгори навбатдор оид ба омода будани синф барои дарсгузарӣ гузориш медиҳад.

4. Дар оғози ҳар як дарс навбатдор дар мавриди иштироки хонандагон гузориш медиҳад: муҳтарам Саид Ҳалимзода, дар синфи IX-А ҳамаи хонандагон дар дарс ҳозиранд ё дар дар дарс 4 нафар иштирок надоранд: Аҳмадова У., Салимов Т. (бо сабаби беморӣ), Тошев А. ва Сатторова Ҳ. (бесабаб). Хонандаи навбатдор Тоҷиддинов А. ».

5. Ҳангоми танаффус навбатдор дару тирезаҳоро боз карда, тоза шудани ҳавои синфро таъмин месозад.

6. Баъди хатми дарсҳо синфро ба тартиб оварда (тибқи тартиби дар муассиса қабулшуда), ба муаллими навбатдор гузориш медиҳад.

Ҷонишини директор оид ба<br>корҳои таълим / имзо / Соҳибов С.

**330.** Матни дастурмалро хонед ва муайян кунед, ки ин гуна дастур кай навишта мешавад.

## Дастури<br>идораи коммуналии ш. Душанбе

аз 7 январи соли 2016 ш. Душанбе

Вазъияти боду ҳавои як қатор бинои истеҳсолии низоми барқӣ меъёрҳои санитариро қаноат кунонида наметавонанд. Сохтори шамолдиҳии мавҷуда аз сабаби дуруст кор накарданаш кам таъсир мебахшад ва дар баъзе бахшҳо (сехҳо) умуман таҷҳизоти ҳавотозакунӣ вуҷуд надорад. Ҳаво иваз намегардад.

Ба хотири ин ки вазъияти бавуҷудомада ислоҳ гардад, дар соли 2016 таҷҳизоти ҳозиразамонро насб кардан лозим аст. Ба сардори шуъбаи идораи коммуналӣ Зуҳур Тошев супорида шавад, ки ба корхонаҳо муҳандис Н. Содиқовро ҷиҳати назорат ва ёрӣ расонидан фиристонад.

Ба Зуҳур Тошев супорида шавад, ки ӯ бо ҳамроҳии Аҳмадов Н. то 1-уми феврали соли 2016 нақшаи чорабиниҳо доир ба гузаронидани шамолдиҳии бахшҳо (сехҳо)-ро пешниҳод намояд.

Сармуҳандис /имзо / Ному насаб

**331.** Матни дастурамал тартиб диҳед. Масалан, ҳангоми кор кардан дар устохона бо дастгоҳи тарошидани тахта.

**332.** Матни дастурро хонед ва ба тартиби муҳтавои он диққат диҳед.

## Дастури истифодаи журнал дар синфҳои I-IV муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

1. Журнали синф ҳуҷҷати давлатӣ буда, истифодаи он барои ҳар як омӯзгор ҳатмист.

2. Директори муассисаи таҳсилоти умумӣ, муовинони директор оид ба корҳои таълим ва роҳбари синф барои нигоҳдорӣ ва истифодаи дурусти журнали синф масъуланд.

3. Журнал барои як соли таҳсил пешбинӣ шудааст. Барои фарқ кардани синфи мувозӣ (параллелӣ) дар муқоваи он аломати шартӣ мисли 1 «А», «Б» ва ғайра навишта мешавад.

4. Роҳбари синф бо назардошти соатҳои таълим ва барои ба ҳисоб гирифтани пешрафти хонандагон миқдори саҳифаҳоро барои ҳар фан муайян мекунад.

5. Омӯзгор вазифадор аст, ки дониши хонандагонро санҷида баҳо гузорад ва давомотро сабт намояд. Ҳолати дар дарс набудани хонандагонро бо ҳарфи «Ғ» ишора намояд.

6. Корҳои хаттӣ дар таърихе, ки гузаронида шудааст, баҳогузорӣ мешавад.

7. Миқдори соатҳои машғулиятҳои амалӣ, саёҳат ва корҳои хаттии санҷиш бо номи мавзӯъҳо дақиқ қайд карда мешавад.

8. Дар сутуни «Вазифаи хонагӣ» мундариҷаи супориш, ҳудуди иҷрои он, саҳифаҳо, рақами мисол, масъала ва кори амалӣ навишта мешавад.

9. Баҳои ҷамъбастии марҳалаҳои рейтинг ва нимсолаҳои таҳсилро омӯзгор пас аз навиштани таърихи дарси охирин аз рӯйи фанни муайян мегузорад. Дар айни замон омӯзгор баҳои марҳалаи рейтинг, нимсолаҳои таҳсил, баҳои солона, аттестатсия ва баҳои ҷамъбастиро ба «Варақаи маҷмӯи ҳисоботи пешрафт ва рафтори хонандагон» мегузаронад.

10. Омӯзгор ном ва насаби хонандаро дар журнали синф пурра ба тартиби алифбо менависад; саҳифаҳои қайди «Маълумоти умумӣ дар бораи хонандагон»-ро бо истифодаи маълумоти варақаҳои шахсии онҳо пур мекунад; ҳар моҳ саҳифаи «Маълумот дар бораи миқдори рӯзҳо ва дарсҳое, ки хонандагон ғоиб буданд»-ро пур намуда, шумораи умумии рӯзҳо ва дарсҳои ғоибияти ҳар як хонанда ва синфро (дар давоми нимсола ва соли хониш) қайд мекунад.

11. Саҳифаи «Нишондиҳандаҳои омодагии ҷисмонии хонандагон» аз тарафи омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ пур карда мешавад.

12. Дар саҳифаи «Мулоҳиза дар бораи истифодаи журнали синф» директори муассисаи таҳсилоти умумӣ

ва муовинони директор оид ба корҳои таълим фикру мулоҳиза ва пешниҳодоти хешро менависанд.

13. Тамоми навиштаҷоти журнали синф бояд хонову покиза ва танҳо бо як ранг (бунафш) сабт шавад.

14. Навиштаҷоти журнали синфро хат кашидан ва пок кардан манъ аст.

## VIII. НИДО

**333.** Аввалан ҷумлаҳоро бидуни калимаҳои бо ҳарфи сиёҳи баланд чопшуда ва баъд бо иловаи онҳо хонед ва гӯед, ки аз ҳам чӣ фарқ доранд.

1. –**Хайр,** галабон беадабӣ карда бошад ҳам, Шумо гузашт кунед, Мирзо. (*С. У.)*
2. **Бай-бай, хайрият**, ки ҳақиқат ошкор шуд! (*С. У.)*
3. **Ҳой**, Восеъ! Ин чӣ масхарагӣ аст, ки ин мардум мекунанд?! – бонг зад Ҳоҷӣ Яъқуб. (*С. У.)*
4. **Шод бошӣ**, додар, асло кам нашавӣ. Бо таронаат ба дилҳои мо қувват додӣ. (*С. У.)*

**334.** Ҷумлаҳоро нависед. Тобиши маъноии ҳар як ҷумларо вобаста ба калимаҳои бо сиёҳии баланд чопшуда шарҳ диҳед. Оё онҳоро бо якдигар иваз кардан мумкин аст?

1. **Афсӯс,** ин хона хеле хурд аст ва намешавад дар он панҷ миллиард суратакро ҷой дод. (М. С.).
2. **Оҳ**, ӯ ин лаҳза мехоҳад, ки парда биафтад. Вале тамошогарон дар сукути толори торик интизори ҳукми ӯ мешаванд. (М. С.)
3. **Дареғо**, бехабар аз хеш бозигаре мешудааст? (М. С.)
4. **Хайрият**, ки борону бод будааст, вагарна... Хеле вақт мешавад, ки ба театрҳо намеоед. (М. С.)

Нидо ҳиссаи махсуси нутқро ташкил дода, ҳаяҷон ва иродаи майлу хоҳишу орзуро ифода мекунад. Ба он

калимаҳое дохил мешаванд, ки барои ифодаи ҳиссиёти кутоҳи муҳити атроф хидмат мекунанд. Нидо гурӯҳи махсуси ҳиссаи нутқро ташкил медиҳад. Нидо калимаҳоеанд, ки вазифаи номбаркунӣ надоранд.

Он ҳиссаи нутқ, ки барои ифодаи ҳаяҷону ҳиссиёти гуногун хидмат мекунад, **нидо** ном дорад: **Ваҳ**, чӣ хуш медамад, насими баҳор. **Ҳой** мардум, об баромад, об!

Дар ҷумлаи якум **ваҳ** ҳисси шавқу фараҳро мефаҳмонад.

Дар ҷумлаи дуюм **ҳой** даъватро ифода мекунад.

Нидоҳо аъзои ҷумла намешаванд.

Нидоҳо асосан дар гуфтугӯ истифода мешаванд. Онҳо бештар дар асарҳои бадеӣ ҳангоми муколамаи персонажҳо мавриди истифода қарор мегиранд.

**335.** Порчаи манзумро ифоданок хонед ва гӯед, ки дар таъсирноку ҳаяҷонбахш гаштани матн нидоҳо чӣ аҳамият доранд**.**

Кистанд инҳо? Худоё! Ман куҷо афтодаам?. .
Ҳо!. . Рафиқонанд? Пас чун шуд ба дом афтодаанд?
Ман дар Эронам агар, чун байни онҳо нестам?
Гар на, пас онҳо чаро дар пеши марг истодаанд?
Дӯли чандин оташафшон сӯйи онҳо шуд баланд,
Баҳри иҷрои ҷиноят золимон омодаанд!
Оҳ!. .
– Бобо, хоб рав! Шуд рӯз, нохуш мешавӣ,
Ваҳ! Чӣ қадр ин баччаҳоям меҳрубону содаанд!

*Абулқосим Лоҳутӣ*

**336.** Матнро хонда, нидоҳоро ёбед ва чӣ ҳиссиёт ифода карданашонро шарҳ диҳед.

Дар миёнбанди Темурмалик халтачаеро ёфтанд, ки дар вай як каф хок ва як порча коғази хатнок буд. Хатро хонда диданд, дар он ҷо чунин навишта шуда буд: «Э, он ки мурдаи ман ба дастат меафтад, агар некхоҳи одамон ва ватандӯст бошӣ, маро бо ин як каф хок гӯрон, ки ин ёдгории Ватани азизи ман аст!».

Дар охири хат ин байт ҳам буд:

Атри кафан зи хоки Ватан кардам орзу,
Во ҳасрато, ки мебарам ин орзу ба хок.

*Садриддин Айнӣ*

**Савол ва супориш**

1. Аз муроҷиати Темурмалик чиро дарк кардед?
2. Дар байт нидо кадом ҳиссиёти Темурмаликро ифода кардааст?
3. Дар мавзӯи «*Ватан ҷони ман, ҳам ҷаҳони ман аст*» иншо навишта, дар он эҳсоси ватандӯстонаи хешро баён созед ва аз нидоҳои лозима бамавқеъ истифода баред.

**337.** Байтҳои зерро хонед ва маънидод кунед. Сипас аниқ созед, ки аз нидоҳо чӣ ҳиссиёте фаҳмида мешавад.

1. Дӣ гуфт табиб аз сари ҳасрат чу маро дид,
   Ҳайҳот, ки дарди ту зи қонуни шифо рафт.

* * *

2. Марҳабо, эй пайки муштоқон, бидеҳ пайғоми дӯст,
   То кунам ҷон аз сари рағбат фидои номи дӯст.

*Ҳофизи Шерозӣ*

3. Фарёд дар замона хирад монд бепадар!
   Алфоз бе мураббию афкор дар ба дар!
   Афсӯс, ки илм бекасу маънӣ ғариб монд,
   Бо бекасон кӣ дасти мурувват кунад ба сар?

*Савдо*

**Луғат**

**дӣ** – дирӯз, рӯзи гузашта
**пайк** – хабаррасон, қосид
**муштоқон** – шавқмандон, ошиқон
**алфоз** – ҷамъи лафз
**мурувват** – лутфу эҳсон, инсоф

**Савол ва супориш**

1. Ду байти аввалро ба наср баргардонед.
2. ***Дар ба дар*** кадом ҳиссаи нутқ аст? Ба имлои он диққат диҳед.
3. Бо ***алфоз*** ва ***мурувват*** ҷумлаҳо созед.

## НИДО ВА ТОБИШҲОИ ГУНОГУНИ ОН ДАР ҶУМЛА

Нидоҳо оҳанги ифодаро тағйир дода, баъзан ба калимаҳои дигари матн аз ҷиҳати оҳанг алоқаманд мегарданд: *Аҳсант! Шакар ба даҳонат! Доди суханварӣ додӣ. (С. У.)*

*Нест бод ҷанг!*

Баъзан нидоҳо дар ҷумла ба вазифаи хабар меоянд: *Марҳамат кунед, нон хӯред.* (*С. А.)*

*Ҳай дареғ, сад дареғ.*

Нидоҳо бо дигар ҳиссаи нутқ алоқаи ҷудонашаванда доранд. Ин аст, ки баъзе исму феълҳо ва ибораҳо ба нидо гузаштаанд: ***табрик, ташаккур, саломат бошед, монед-е, шод бош, ба арвоҳи падарам...***

**338.** Порчаро хонеду ҷумлаҳои нидодорро нависед ва хусусияти онҳоро шарҳ диҳед.

– Биё, хайрбод кунем, Робиа, – гуфт Рӯдакӣ ва он гоҳ Робиа қарору ихтиёрро аз даст дода, рӯяшро ба як сӯй гардонда гирист.

– Худо шоҳид, – давом кард шоир, – ман хоҳиши рафтан надорам, аммо маҷбурам. Аз ту ҳоҷати пинҳон кардан нест. Робиа, ин сафари ман сафари ... дуру дароз аст... ва ҳатто, эҳтимол, бебозгашт бошад. Ман мехостам, ки рӯзи видоъ туро арӯсам гӯям, аммо хоҳарам мегӯям. Хуш бимон, хоҳараки дилбандам.

– Хуш биравед, – ба дарду алами худ тоб оварда, оби дидаашро пок карда гуфт Робиа...

Дар пеши масҷид ҳамдеҳагони Рӯдакӣ ҷамъ шуда буданд, ки бо вай хайрбод кунанд. Онҳо шоирро бо хушӣ ва дар айни ҳол бо таассуф ба роҳи дур гуселониданд.

– Хуш бимонед, саломат бошед, – видоъ кард ба онҳо Рӯдакӣ.

*Сотим Улуғзода*

**Савол ва супориш**

1. Гӯед, ки нидои ҷумлаи якум аз кадом ҳиссаи нутқ гузаштааст.
2. Мавқеи аломатҳои китобатро дар нидоҳо маънидод кунед.
3. Матне тартиб диҳед, ки нидоҳо дар он истифода шуда бошанд.

**339.** Порчаи манзумро бо риояи оҳанг хонда гӯед, ки ҳадафи асосии он дар чист**.**

Афсӯсҳо, ки умр бароят вафо накард,
Сози ту нағмаи зафарашро адо накард.
Бори дигар туфанги забонат садо накард,
Тире дигар ба ҷониби душман раҳо накард:
Хайр, эй сухансарову адиби ҷаҳони мо,
Хайр, эй адибу мутриби нағзи замони мо,
Хайр, эй муборизи ватану қаҳрамони мо,
Хайр, эй ниҳоли пурсамари бӯстони мо!

*Ҳабиб Юсуфӣ*

**Савол ва супориш**

1. Нидоҳоро аз ҷиҳати сохту таркиб шарҳ диҳед.
2. Нидоҳо кадом тобишҳои маъноиро дар ин порча ифода мекунанд?
3. Пайи ҳам омадани нидоҳо ба матн чӣ оҳанге бахшидааст?

## НАВЪҲОИ НИДО. НИДОҲОИ ЭҲСОСОТӢ

**340.** Ҷумлаҳоро нависед ва нидоҳои онро аз рӯйи ифодаи эҳсосот ба навъҳо ҷудо кунед.

1. Эй бародар, дил фориғ дор, ки аз ҳама кас тавон гурехт, вале аз қазо натавон гурехт. (*аз «Самаки айёр»*)
2. – Ҳо, салом, салом, хуш омадед. Бисёр шодем, марҳамат. (*С. У.)*
3. – Ҳайронам, ки Шумо – зани бофаросат, оқила – инро намефаҳмед. (*С. У.).*

4. Оҳо, ин духтараки содадил аз ман донотар будааст. (*С. А.*).

5. –Уф! – …Дар дунё аз ин бадтар хат набудагист. (*С. У.)*

Нидоҳо аз рӯйи маъно ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд**: нидоҳои эҳсосотӣ** ва **барангезанда.**

Нидоҳои эҳсосотӣ (отифӣ) ҳиссиёти гуногуни инсонро нисбат ба ҳодисаҳои ҳаёт ифода мекунанд. Онҳо на танҳо барои нишон додани ҳолати самимонаи гӯянда, балки барои ифодаи ҳар гуна эҳсосот хизмат мекунанд. Нидоҳои эҳсосотӣ аз ҷиҳати маъно ба навъҳои зерин ҷудо мешаванд:

а) нидоҳои тааҷҷуб ва ҳайрат**: *тавба, эҳа, аҷабо, ӯҳҳӯ, ҳмм*** ва ғайра:

*– Тавба, – Шарофат ҳайрон шуд.*

*– Ӯҳӯ, инҳо ба замини мо наздик шуда мондаанд-ку … Ҳмм, одами хуб, коргар.*

б) нидоҳои андуҳ**: *вой, оҳ, воҳ*** ва ғайра:

*– Оҳ, – гуфт оҳистекак як пахтакаш.*

в) нидоҳои таассуф**: *эҳтиёт, оббо, эҳе,эҳ, ҳай-ҳай, афсӯс*** ва ғайра:

*Оббо, ҳолӣ-ку вақти рамаронӣ нашудааст …*

*– Афсӯс, – гуфт ӯ худ ба худ.*

г) нидоҳои хурсандӣ, завқ, таҳсин***: о, эй,ҳай-ҳай*** ва ғайра:

*– Эй, Шокиракем-ку, – гуфта фиристод.*

*– Ҳай-ҳай, магар ин духтаракам Гулнор аст, бисёр нағз.*

**341.** Байтҳоро нависед, нидоҳоро ёфта, аз рӯйи тобишу вазифа ба кадом гурӯҳ дохил шудани онҳоро шарҳ диҳед.

1. Каъбаи кӯяш мурод аст ин дили овораро,
   Бо муроди дил расон, ё Раб, мани бечораро!

2. Эй равшанӣ, аз рӯйи ту чашми нигаронро,
   Ин равшании чашм мабодо дигаронро!

3. Оҳ, к-аз оҳи дилам ҳабиб надонист,
Мурдаму дарди дилам табиб надонист.

*Камоли Хуҷандӣ*

**342.** Ҷумлаҳоро нависед ва тобишҳои маънoии нидоҳоро шарҳ дода, ба навъҳо ҷудо кунед.

1. – Акнун, эй бародар, нигини Сулаймон мебояд, ки гавҳари мақсуд ба даст дарояд.

2. – Эй одамизод, хуш омадӣ! Машаққати ман бисёр кашидӣ. Ҳар ҷо ки дили ту мехоҳад, бинишин.

*аз «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт»*

3. – Воҳ, ин дӯсти ман, ин касест, ки маро аз марг халос кардааст, – гуфт. (*С. А.)*

4. «Хайр, майлаш, намак пошидан гир», дар дил гуфт Қумрӣ.

5. – Не-не, – писарак сар тофт, – ман барои пул нагуфтаам.

6. – А-а-а, шайтонча, ...як дам наистодӣ-а? Гурехтӣ-а, – пойи рост аз рикоб бароварда ва майли аз асп фаромадан карда гуфт Шокир.

*Сорбон*

**343.** Порчаҳои манзумро хонед ва гӯед, ки нидоҳо ба порчаҳо чӣ муассирияте бахшидаанд.

Оҳ, сад оҳ, ки барбаст абадӣ роҳи сафар
Аз Бухоро сӯйи фирдавс яке донишвар.
Ходими миллати ислом, сироҷи дониш,
Нoшири илм, ватанхоҳ, маорифпарвар.

*Садриддин Айнӣ*

Ваҳ, чӣ хуш медамад насими баҳор,
Субҳи содиқ зи ҷониби кӯҳсор.
Духтари Ховар – нозанин Хуршед
Барфурӯзонд оташин рухсор.
Деҳқони ҷавон ба даст каланд
Мешитобид сӯйи киштукор.

Шоду хандон ба сӯйи деҳқонон
Менамуд ин хитобро такрор:
Бӯйи хуш медамад баҳор, баҳор!
Зуд биштоб, эй баҳори кор!

*Пайрав Сулаймонӣ*

**Луғат**

**фирдавс** – боғи хушу хурам, биҳишти афсонавӣ
**сироҷ** – чароғ

**Савол ва супориш**

1. Дар байти охир нидо ҳаст ё не?
2. Порчаи аввалро ба наср баргардонед ва нидоро истифода кунед.
3. **Кӯҳсор** ё **куҳсор**

## НИДОҲОИ БАРАНГЕЗАНДА

Нидоҳои барангезанда (иродавӣ): **тобишҳои гуногуни амриро ифода карда, ба навъҳои зерин ҷудо мешаванд:**

**а**) нидоҳои даъват, муроҷиат: ***ӯй, ҳой, э, ало, эй, ӯ, аё, ой*** ва ғайра.

**б**) нидоҳои амр**: *ҷим, ором, хомӯш*** ва ғайра.

*– Хомӯш, – бонг зад Саид Муродхӯҷа, – дар куҷо истодаӣ, бо киҳо гапзанон мекунӣ?*

**в**) нидоҳои миннатдорӣ, табрик, видоъ**: *хайр, бораками, офарин*** ва ғайра:

*Хайр, саломат бошед. Офарин, ёфтед.*

Нидоҳои такрор бо нимтире навишта мешаванд: ***бай-бай, ҳай-ҳай*** ва монанди инҳо.

**344.** Порчаи манзумро ифоданок хонда, нидоҳоро муайян созед ва нақши онҳоро маънидод кунед.

Ало!. . Ало!. . Ало!. .
Мавҷ… Барқ…Радио…
Ало. . Ало!. .
Ало!. .
Ҳар сӯ нигар ба ҷавфи ҳаво,

Зи барқи радио, дар синаи ҳаво…
Дарё…
Ба ҷӯш омадаву мавҷ мезанад, аҷабо!...
Чӣ гуна барқ?!
Чӣ сон мавҷ?!
Оҳ!...
Аҷаб!...
Даҳшат!...

*Пайрав Сулаймонӣ*

**Луғат**

**ҷавф** – ковокӣ, миёни ҳаво, ҷойи холӣ
**даҳшат** –воҳима, тарсу бим

**Савол ва супориш**

1. Гӯед, ки аз забонҳои дигар нидоҳо иқтибос мешаванд ё не.
2. Нидоҳои иқтибосиро ба ёд оварда нависед.

**345.** Ҷумлаҳоро нависед ва ба имлои нидоҳо диққат кунед.

1. – Ӯҳҳӯ, ӯҳҳу, ӯҳҳӯ, – сурфа кард касе аз дарвозаи кӯча даромада. (*С. А.)*
2. «А-а-а»!– гӯён як қад парида оташин шуда рафт.
3. – Ҳа-а, – гуфт бо оҳанги таассуф Ҳомид. – Ҳоло давр — даври дирӯза мардуми урён. (*С. Турсун*)
4. – Ҳо-ой, истед!– гашта фарёд кард Анвар. (*С. Турсун*)

**346.** Порчаҳоро хонед ва аниқ кунед, ки нидоҳо чӣ тобиши маъноиро ифода мекунанд.

Оҳу афсӯс, ки он сарви хиромонам рафт,
Қуввате ҷону дилу нури ду чашмонам рафт,
Орзуҳо ба дил он орзуи ҷонам рафт,
Сад дареғо, зи чаман навгули хандонам рафт,
Навниҳолам нарасида ба самар, менолам.

*Мулло Қаландар*

Афсӯс, ки афсонасароён ҳама рафтанд,
Андуҳ, ки андуҳгузорон ҳама рафтанд.
Фарёд, ки ганҷинатирозони маъонӣ,
Ганҷина ниҳоданд ба морон, ҳама рафтанд.

*Баҳор*

**347.** Бо истифодаи нидоҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.

| | |
|---|---|
| бай-бай… | ай-ай… |
| оббо… | хомӯш… |
| оҳ… | ташаккур… |
| эй… | вой… |
| ҳа-ҳа-ҳа | афсӯс… |
| ҳа-а-а | ҳо-о |

**348.** Ҷумлаҳоро хонед ва нидоҳоро ба хелҳо ҷудо карда, тобишҳояшонро шарҳ диҳед.

1. – Бисёр хуб! – гуфт ва қаламро гирифта бар рӯйи хат чизе навишт. (*С. А.*)

2. Туркман аз ӯба омада Ятимро бемор ёфт, ӯ «уҳ-уҳ» – гӯён хобида буд. (*С. А.*)

3. – Э…Ту ака Қурбони ман-ку, ту акаҷони ман-ку, – гӯён ба тарафи ӯ давид. (*С. А.*)

4. – Хайр, зарар надорад, ҳоло ин кор барои ту – кори нав аст, оҳиста-оҳиста омӯхта мешавӣ ва корат ҳам бараканоктар мешавад, – гуфта ӯро дилдорӣ дод. (*С. А.*)

5. – Аҷаб, – гуфт ӯ худ ба худ – дар сағирхона бачаро дар як хона ҳабс карда мемондаанд-дия. (*С. А.*)

**349.** Порчаи манзумро хонед ва нидоҳои онро муайян кунед. Гӯед, ки нидоҳо дар матн кадом тобишҳоро ифода кардаанд.

Зиндагӣ ҷойи хомӯшӣ набувад,
Дил, биё, ҷӯш зан, мубориз бош!
Бе ҳамин бахту дилхушӣ набувад,
Дил, биё, ҷӯш зан, мубориз бош!
Хомӯшӣ касби мурдагон бошад,

Дил, биё, ҷӯш зан, мубориз бош!
Дил, биё, ҷӯш зан, мубориз бош!

*Ҳабиб Юсуфӣ*

**Савол ва супориш**

1. Хитобае (ишорае) гӯед, ки дар он мухотаб бошаду пас аз он аломати хитоб ояд.
2. Боз кадом аломатҳои китобатро медонед, ки ба нидоҳо алоқамананд?

**350.** Мусоҳибае таҳия кунед ва ҳини навиштан аз нидоҳо бамавқеъ истифода баред. Ҳамзамон мавқеи гузошта шудани аломатҳои китобатро риоя намоед.

**351.** Ҷумлаҳоро нависед ва ба зери нидо ва ҳиссачаҳо хат кашед. Нидо ва ҳиссачаҳо аслан хоси кадом навъи нутқ мебошанд?

1. – Намурӣ Восеъ! Ёдат бахайр!. . Қанд бизан!. . – қоил шуда таҳсин мекарданд шариконаш аз қафо.

2. Биё, акаи Восеъ, дунбулбирён бихӯр, – таоруф кард Ризо.

3. – Ҳу-у, ту бало будай, Восеъ.

4. – Ёдат бахайр, Аноргул! – нидо кард Восеъ. – Ман медонистам, ки ту духтари шердил ҳастӣ.

5. Восеъ бо Гадо аз ин зиёд гуфтугӯро бефоида дониста суханро кӯтоҳ кард:

– Хуб, бирав, мардак, аз пайи корат бишав.

– Охир, шумоҳо меҳмон ҳастед. Як чойнак чой фармоям…

– Лозим нест.

7. Ба чашм! Ҳар коратон бошад, ба ҷону дил, мувофиқи дилхоҳатон мекунам.

*Сотим Улуғзода*

**352.** Дар мавзӯи «Аввали баҳор» иншо нависед ва аз нидоҳо бамавқеъ истифода бурда, фараҳмандии хешро баён кунед.

## КОР БО МАТНҲО ВА ШАРҲИ ТОБИШИ МАЪНОИИ НИДОҲО

**353.** Порчаҳоро хонед ва гӯед, ки нидоҳо чӣ тобишро ифода мекунанд? Онҳоро аз ҷиҳати сохту таркиб муайян кунед.

1. Афсӯс, ки неку бад надонӣ,
Дарди ману қадри ман надонӣ.
Оҳ аз туву бевафоии ту,
Мурдам зи ғами ҷудоии ту.
2. Эй тозагул, аз хасон бипарҳез
В-аз суҳбати нокасон бипарҳез.
3. Дардо, ки ба кас вафо надорӣ
В-ар худ дорӣ, ба мо надорӣ!
... Эй ҷон, ту ба ӯ чӣ ошноӣ,
Ё Раб, кӣ зи ҷон кунад ҷудоӣ!

*Бадриддин Ҳилолӣ*

**Савол ва супориш**

1. Нидоҳои дар порчаҳо буда асосан хоси кадом услубанд?
2. Нидоҳоеро номбар кунед, ки ба услуби гуфтугӯ хосанд.
3. Байти дуюмро ба наср баргардонед.

**354.** Ҷумлаҳоро нависед, ба зери нидоҳо хат кашед, чӣ гуна ҳиссиёт ифода карданашонро гӯед ва ба имлои онҳо диққат диҳед.

1. Кампир дари хонаро кушода, ба хона даромаду шавҳарашро дар пешгоҳи хона дида, нохост якқад парид.

– Туф, туф, туф! – гуфт вай сари худро ба сӯйи гиребонаш хам карда, – Мана заҳракаф кардед, мӯйсафед!

2. Вой! Об ба ин тараф омада истодааст.
3. Эҳ, Салимабону, чӣ гӯям ба Шумо?
4. – Оҳ, сарам дард мекунад.

**355.** Дар ҷойи лозима вергулҳоро гузошта, ҷумлаҳоро нависед. Агар вергул гузошта нашавад, чӣ ҳодиса рух медиҳад?

1. – Оббо боз коҳи куҳнаро бод кардӣ- дия!
2. – Бай-бай хуб коратон омад кардааст!
3. – О ман дар ин ҷо чашму гӯши шумо-ку. Наход нафаҳмам?
4. Хуб-хуб як нафасак шишта мехезам.
5. – Ҳӯй писари усто, номат чӣ буд?
6. – Э ман аз куҷо донам? Раву аз худаш пурс.
7. – Уф-фф ба бӯяш истода намешавад, ғурунгос зад касе.
8. – Ҳой ҷингиламӯй, ба ту чӣ шуд?

**356.** Порчаҳоро хонда, нидоҳоро муайян кунед. Гӯед, ки онҳо чиро ифода кардаанд.

Дид, к-аз дили оғӯшта ба хун
Ояд оҳиста бурун ин оҳанг.
«Оҳ, дасти писарам ёфт харош!
Вой, пойи писарам хӯрд ба **санг!»**

*Эраҷ Мирзо*

– Ҳаштуми Март иди ранҷбарон,
Паҳн кард ин шиорро ба занон,
То шаванд ҳамҳуқуқ бо мардон:
Мужда бод!
Зинда бод ҳаштуми Март!

*Пайрав Сулаймонӣ*

**357.** Нидоҳои додашударо ба ду гурӯҳ – **эҳсосотию барангезанда** (иродавӣ) ҷудо кунед ва нависед.

*Эй, бай-бай, ало, уф, во, аё, вой, оббо, ӯҳҳӯ, хомӯш, ором, омин.*

**358.** Ба ҷойи нуқтаҳо нидоҳои мувофиқ гузошта, ҷумлаҳоро нависед.

1. – ..., Алимардонбег-ку, ассалому алайкум, – гӯён аз ҷой хест.
2. – ..., хуб баофият, хуб сиҳат – саломат ҳастед?

3. – ..., ака Бозор, аз куҷо? Хавосат парешон барин менамояд?

4. – Ғазал намедонӣ?! - ..., дурӯғгӯй! Навакак дар ин ҷо кӣ ғазал мехонд?

5. – ..., Худо мубораку хайр гардонад, – гуфта изҳори хурсандии сохта кард.

6. – ..., гуфт Давлатманд, – беандешагиҳои Иброҳим корро лат дод.

(***ҳай-ҳай, хайр, ҳа, ҳайф ки, э*** ... ***э)***

*Садриддин Айнӣ*

## СОХТУ ТАРКИБИ НИДО

**359.** Ҷумлаҳоро хонед ва баъд нависед. Нидоҳоро муайян карда, аз ҷиҳати таркиб шарҳ диҳед**.**

1. Оҳ ... ту чӣ донӣ, ки ин дили ман, дили ғарибі ман чӣ қадар барои ту гум мезанад. Не-е, ин чизро ту пай намебарӣ ...

2. Ҳайф, ки намедонад ва барои ҳамин ҳам дар бораи дигар чиз фикр мекунад.

3. – Ҳмм ... Рав, ба апа гӯй, ки оши туппа тайёр кунад.

4. – Ҳа-а, – яхи обкушода барин ҷунбид Додхоҳ ва сар афшонда ба гап даромад.

5. – Ҳайфи умрам ...

–Ман намедонам, ки бачаи кӣ ҳастам, лекин хондан меравам!

6. Ҳум-ҳаҳ... Ҳум-ҳаҳ. Садои ба санг бархӯрдани путки Ёрмуҳамммад аз шаххо шунида шуд.

7. – И, ту ба ҳамин хафа шудӣ.

*Сорбон*

Нидоҳо аз ҷиҳати таркиб сода (аслӣ), таркибӣ ва такрор мешаванд.

Нидоҳои сода чунин таркиб доранд: а) як садонок *э, а, и, о*; б) садоноку ҳамсадо; *эҳ, ҳа, ҳе, ҳу*; б) садоноку ҳамсадо ва садонок: аҳа, эҳе, ӯҳа в) садонок, ду ҳамсадо ва садонок; *оббо, уббо,* ... г) ҳамсадою ҳамсадо; *ҳм, мм* ва ғайраҳо.

Ба нидоҳои такрор *ҳой-ҳой, вой-вой, ту-ту* дохил мешаванд. Нидоҳои таркибӣ инҳоянд: *муборак бошад, қанд занед, ба ҳурмати нон* ва ғайраҳо.

**360.** Ҷумлаҳоро нависед ва нидоҳоро ёфта, аз ҷиҳати сохту таркиб шарҳ диҳед.

1. – Бисёр нағз, – гуфт Сорохола сухани ӯро бурида.
2. – А-а-а наомад гуфта ҳамонро мепурсидӣ?
3. – Хушвақт бошед, додарам, – ҷавоб гардонд Ҳалимбой.
4. – Не-е, китф барҳам кашид Ҳалимбой ва аз Ҷалол бо хотири озурда рӯй гардонд.
5. – Хуб, хуб, тавба кардам, – гӯён тирвор аз хайма берун рафт.
6. – О, ин хел бошад, – овозаш ларзида гуфт Ҳалимбой.

*Саттор Турсун*

**361.** Ҷумлаҳоро нависед, нидоҳоро ёбед ва ба зерашон хат кашед. Тобишҳои ба ҷумла додаи онҳоро шарҳ диҳед.

1. Э, Дохунда! Ҳанӯз ту сода будаӣ. Магар ту надонистӣ, ки «об аз боло лой аст» (С. А.)
2. Э, охир зуд бош! Ин қадар ту сусткорӣ, бобо? (С. У.)
3. Э, ҷонам садқа, бе ин гапҳо ҳам ба афтатон нигоҳ кунам, раҳмам меояд. (Ф. Н.)
4. Вой Ёдгор! Туро чаро мезанад, ба куҷо бурдан мехоҳад? (С. А.)
5. Ваҳ-ваҳ! Чӣ шабе, ки аз дидани рӯят, Шуд бахти ман он гуна чу хуршед! (А. Л.)

Дар хотир бигиред, ки нидоҳои такрор бо нимтире навишта шуда, вобаста ба оҳанг пас аз онҳо вергул ё аломати хитоб гузошта мешавад.

**362.** Ҷумлаҳоро бо риояи оҳанг хонед ва ба таркиби (сохти) нидоҳо таваҷҷуҳ кунед. Шарҳ диҳед, ки онҳо чӣ тобишҳои маъноиро ифода мекунанд.

**1. Оббо,** писараме, гӯр пирӣ шавад, қариб, ки намешиносам - а! - гуфт охир Юнусбобо, ҳаяҷони худро зер карда. (Ф. Н.)

**2. Ҳай, дареғ, сад, дареғ!** Рӯзи озодиро, ки ба пеши чашмам омадааст, надида хоҳам сӯхт, васиятҳои Абдуллохуҷаро ба ҷо оварда нахоҳам тавонист. (С. А.)

**3. Афсӯс ки,**_ҳақиқати ин воқеаро нафаҳмидам (С. А.)

**4. Туф!** Ин хонашеру майдонғариб аз куҷо омадааст. (Р. Ҷ.)

**5. Ӯҳҳу-ӯҳҳу-ӯҳҳу,** сабил монад, нон дар гулӯям дармонд, набошад ман ҷавоби ӯро дурусттар медодам. (Р. Ҷ.)

**6. Урро,** эй бозувони панҷаи меҳнат! Урро, эй навҷавон фурсати кор аст. (П. Сулаймонӣ).

**363.** Ба ҷойи нуқтаҳо нидоҳои мувофиқро гузошта, ҷумлаҳоро нависед. Ҳангоми навишт ба мавқеи вергул диққат диҳед.

1. …., рӯз қариб пешин шудааст-ку. (С. А.)
2. Дили ту пок аст?... ! Ту чӣ гуфтан мехоҳӣ. (С. У.)
3. …. ! Кирдори ту, аҳволи оилаи ту мардумро нотинҷ кард, ҳамаро аз кор мононд. (С. У.)
4. … ! Ман дар ҳаққи ту ғайри некӣ кори дигаре накардам. (С. А.)
5. «…. » гуфта сардор фармон дод. (С. А.)
6. … хеле нағз, дилчасп. (С. У.)

**(хомӯш, тавба, ноинсоф, эй, баҳ-баҳ, ҳозир бош)**

**364.** Аз драмаи «Аллома Адҳам»-и С. Улуғзода шаш ҷумла нависед, ки ҳар кадом нидо дошта бошад. Ҳини навишт ба аломатҳои китобат диққат диҳед.

**365.** Дар ягон мавзӯъ муколама ва ё матне таҳия кунед. Дар матн аз навъҳои гуногуни нидоҳо истифода баред. Ба оҳанги ҷумлаҳои нидодор диққат диҳед.

## ТАҲЛИЛИ САРФИИ НИДО

**Нақшаи таҳлил**

1. Кадом ҳиссаи нутқ аст.
2. Намунаи таҳлили нидо

*Хуб, бисёр ғам махӯр.* (*С. Айнӣ*)

Хуб нидо буда, тобиши тасдиқро бо писанду маъқул донистан ифода мекунад.

## КОР БО ЖАНРИ ШИФОҲӢ
### (Зарбумасалу мақол)

**366.** Зарбулмасал ва мақолҳои зеринро хонед ва маънидод кунед.

1. Аз худ нарав, ки ёронат аз ту мераванд.
2. Аробаи холӣ садо надорад.
3. Худписанд писанди халқ набошад.
4. Ҳар ки бо дег ҳамнишин гардад, домони хеш сиёҳ кунад.
5. Харбуза аз харбуза ранг мегирад, ҳамсоя аз ҳамсоя панд.
6. Ҳамроҳи нағз мебарад ба роҳи нағз.

**367.** Зарбулмасалу мақолҳои зерин дар шакли пароканда дода шудаанд. Онҳоро ҷо ба ҷо карда нависед. Ба кадом мавзӯъ бахшида шудани онҳоро аниқ созед ва шарҳ диҳед.

1. Айб нест, дар ҷавонӣ, орзу кардан.
2. Сӯхта, ба болои, намакоб.
3. Мераваду, захми табар, захми забон не.
4. Дар як ҷо, месабзад, ниҳол.
5. Беҳтар аст, аз гови шохзан, оғили холӣ.
6. Аз одами, ҳама безор, мардумозор.

**368.** Зарбулмасалу мақолҳоро бо истифода аз ифодаҳои додашуда пурра кунед ва нависед. Сипас ҳар як кадоми онро

шарҳ диҳед. Кадом махсусиятҳои зарбулмасалу мақолҳоро медонед? Номбар кунед.

1. Захми табар мераваду… .
2. Пур дону… .
3. Роҳи ростравӣ… .
4. Сад задани сӯзангар, … .
5. ... дар як ҷо сабз мешавад.
6. … иззат надорад.
7. …. миён мешиканад.
8. …. ба манзил намерасад.

(ниҳол, бори кач, зӯри беҳуда, захми забон не, меҳмони нохонда, як задани оҳангар, кам гӯй; гарчи дур аст)

**369.** Зарбулмасалҳоеро ба хотир оварда нависед, ки онҳо бо як мавзӯъ бахшида шуда бошанд. Ва ҳар кадоми онро маънидод кунед.

*Намуна:* Аз зиндаи бекор мурда беҳтар аст.

**370.** Кӣ бештар зарбулмасалу мақол медонад? Байни ҳам мусобиқа кунед. Ба сохтори ҷумлаҳо – зарбулмасалу мақолҳо зеҳн монед. Чиро пай бурдед? Шарҳ диҳед.

**371.** Байтҳои шоирони муайянеро, ки ба ҳукми зарбулмасалу мақол даромадаанд, ба хотир оред ва нависед. Сипас ҳар кадоми онро шарҳу маънидод кунед ва мавқеи истифодаи онҳоро гӯед.

*Намуна:* Ин ду шохи гов агар хар доштӣ,
Пеши худ ҳеҷ касро нагзоштӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

**372.** Зарбулмасалу мақолҳои зеринро бодиққат хонед. Муайян кунед, ки дар кадом ҳолатҳо онҳо ба вуҷуд омадаанд. Ба дурустии онҳо боварӣ доред? Манбаи пайдоиши онҳо ба чӣ вобаста аст?

1. Гул бехор намешавад, гӯшт бе устухон.
2. Моргазида аз ресмони ало метарсад.

3. Турфа шогирде, ки дар ҳайрат кунад устодро.
4. Гӯсолаҳо гов шаванд, ҷигарҳо хун.
5. Олими беамал – занбӯри беасал.
6. Деҳқон бошӣ, шудгор кун.
Олим бошӣ, такрор кун.
7. Ёр дар хонаву мо гирди ҷаҳон мегардем.

**373.** Дар мавзӯи «Турфа шогирде, ки дар ҳайрат кунад устодро» иншо нависед. Дар иншо аз зарбулмасалҳо истифода баред.

**374.** Кадом зарбулмасалу мақолҳоро медонед, ки дар ҷойи зисти шумо бештар истифода мешаванд? Ба хотир оварда нависед ва шарҳ диҳед.

**375.** Зарбулмасал ва мақолҳоеро, ки ба вожаи об вобастаанд, ба хотир оред ва нависед. Сипас онҳоро шарҳ диҳед.

*Намуна:* Заминро об вайрон мекунад, одамро одам.

## ИМЛОИ САНҶИШИ

### ШОИРИ ДӮСТДОШТАИ БАЧАГОН

Шоир Мирсаид Миршакар дар деҳаи Синдеви Помир соли 1912 таваллуд ёфтааст. Вай аз бачагӣ хушзеҳн, ҳозирҷавоб ва нотарсу далер буд. Мирсаид аввал дар мактаб-интернати шаҳри Хоруғ мехонд. Ба корҳои ҷамъиятӣ фаъолона иштирок мекард ва яке аз аввалин пионерони Тоҷикистон буд.

Мирсаид Миршакар баъд аз тамом кардани мактаб-интернат барои давом додани таҳсил бо як гурӯҳ рафиқонаш ба шаҳри Дшанбе раҳсипор шуд. Роҳ хеле дур ва хатарнок бошад ҳам, Мирсаид далерона 600 километр роҳро пиёда тай намуда, ба Душанбе омада расид ва таҳсилро давом дод. Аз ҳамин вақт сар карда, вай ба шеърнависӣ ҳам машғул гашт. Мирсаид Миршакар вакили слёти умумииттифоқии пионерон дар шаҳри Москва буд.

Вай барои бачагон бисёр шеъру достонҳо эҷод кардааст. Ӯро бачагон хеле дӯст медоранд, шеъру достонҳояшро мехонанд, месароянд ва аз ёд мекунанд.

«Мо аз Помир омадем», «Қишлоқи тилоӣ», «Панҷи ноором» ва чандин достонҳои дигар асарҳои шоирро ташкил мекунанд. Аксарияти бачагон ин достонҳоро медонанд.

## КОР БО МАТНИ ДАСТУРАМАЛ

Бо мафҳуми дастур шинос шудед ва оид ба он маълумот гирифтед. Дастур – қоидаю қонун, ойин ва равиш (дар фарҳанги форсии Муин, ҷ. 2, саҳ. 534) ва қоидаю қонун, ойину равиш (Фарҳанги форсии Амид (саҳ. 499). Фаҳмидед, ки дастуру қоидаҳо аз лиҳози мавзӯъ ва ҳаҷм гуногун мешаванд. Боз бо матни чанде аз онҳо, ки мухтасаранд, ошно мегардед. Тадриҷан бо сатҳу вазифа дар мақомот бо дастурамалҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз синф ба синф гузаронӣ ва хатми хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ» дастури дар мувофиқа бо вазоратҳои марбута ва Кумитаи иттифоқҳои касабаи ҶТ «Тартиби пардохти музди меҳнати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ» ва ғайраҳо дар оянда шинос мешавед.

**376.** Намунаи қоидаҳои бехатариро хонед ва муҳтавои онро ба хотир гиред.

Намунаи «Қоидаҳои умумии бехатарӣ ҳангоми кор дар лабораторияи химия»-ро, ки аз тарафи мутахассисон таҳия ва дар ҷойи муайян насб шудааст, пешниҳод мекунем.

Дар лаборатория танҳо кор кардан қатъиян манъ аст, зеро рух додани ҳодисаҳои ногаҳонӣ аз эҳтимол дур нест. Иштироки ёрирасон ҳатмист.

1. Ҳангоми дар лаборатория кор кардан ба хомӯшӣ, тозагӣ, қоидаҳои техникаи бехатарӣ риоя карда шавад. Аз саросмагию шитобкорӣ худдорӣ карда шавад.

2. Шахси дар лаборатория коркунанда ҷойи оташхомӯшкунак ва маводи ёрирасонро бояд донад.

3. Дар лабораторияи химиявӣ нӯшидани об, хӯрдани хӯрок, кашидани сигору нос қатъиян манъ аст.

4. Донишҷӯ то қоидаҳои техникаи бехатариро аз худ накунад, ба лаборатория роҳ дода намешавад.

5. Таҷрибаҳоро ҳатман дар зарфҳои тоза ва хушк гузаронидан лозим аст.

6. Пеш аз гузаронидани таҷрибаҳои лабораторӣ донистани хосиятҳои моддаҳои таҳқиқшаванда ҳатмист, чунки баъзе моддаҳои химиявӣ ба пӯст ва роҳи нафас зарар мерасонанд.

7. Моддаҳоро бо забон чашидан ва бӯй кашидан комилан манъ аст. Танҳо бо даст ба тарафи худ шамол дода, аз бӯй моддаро муайян кардан мумкин.

8. Зарфҳоеро, ки моддаи химиявӣ доранд, бо як даст аз гардан ва бо дасти дигар аз зераш доштан лозим аст.

9. Ҳамаи зарфҳое, ки дар онҳо моддаҳои химиявӣ нигоҳ дошта мешаванд, бояд навиштаҷоти моддаҳоро дошта бошанд.

10. Дар вақти гармкунии моддаи моеъ ё сахт даҳони онро ба тарафи худ ё каси дигар гардондан манъ аст. Хам шуда нигоҳ кардан низ хатарнок мебошад.

11. Дар обравҳо рехтани маҳлулҳои химиявӣ қатъиян мумкин нест.

12. Ҳар як лаборатория бояд бо айнакҳои муҳофизатӣ, ниқоби зидди газ (противогаз) ва респиратор таъмин бошад.

13. Дар ҳар лаборатория мавҷуд будани оташхомӯшкунак, қуттии рег ва кӯрпаи оташхомӯшкун шарт аст.

14. Маводи аввалияи ёрирасон (доруҳо, бинт, йод...) бояд дар ҷойи дастрас нигоҳ дошта шавад.

**377.** Доир ба бехатарии истифодаи газ қоидаҳои умумиро муайян кунед ва нависед. Баъди муҳокима шакли дурусти онро таҳия намоед.

**378.** Қоидаҳои талабагиро барои хонандагони синфҳои 5-9, ки бояд аксари бандҳои онро аз ёд медонед, таҳия кунед.

**379.** Матни вазифаҳои ҳатмии кӯдак дар лагерро хонед. Агар такмилталаб бошад, онро такмил диҳед. Шумо дар ин қоидаҳо бештар аз кадом калимаҳо истифода мекунед?

Кӯдаконро лозим аст, ки қоидаҳои зеринро дар лагер риоя кунанд:

1. Тартиби рӯз ва меъёрҳои умумии тозагию беҳдоштӣ (шустушӯй, либоспӯшӣ ...)
2. Тамоми қоидаҳои дар лагер муқарраршуда, аз ҷумла қоидаи оташнишонӣ, оббозӣ, сайругашт, ҳаракат дар наклиёт (агар бошад) ва ғайраҳо.
3. Ҳамеша бо гурӯҳ будан. Агар зарурате пайдо шавад, иҷозат гирифтан аз мураббӣ.
4. Аз ҳудуди лагер танҳо ва бе иҷозати мутасаддӣ (ё мураббӣ) набаромадан.
5. Майдончаҳои сарсабзу маҳватаи (атрофи) лагерро тоза нигоҳ доштан;
6. Меваҳои хому нопухтаро истеъмол накардан.
7. Ҳангоми худро бемор ҳис кардан ҳатман мураббиро огаҳ сохтан.
8. Дар ҷойҳои ҷамъиятӣ қоидаҳои қабулшудаи одобу рафторро риоя кардан.
9. Бо ашёи худ ва дигарон ва лагер эҳтиёткорона муносибат намудан.

**380.** Матни қоидаҳои зидди сӯхтор дар лагерро хонед. Ва онро такмил дода нависед. Бо кадом калимаҳои нав ошно шудед, онҳоро дар китобчаи ёддошт сабт кунед. Бо онҳо ҳатман ҷумлаҳо тартиб диҳед.

1. Мавҷуд будани нақшаи тахлия ҳангоми сӯхтор.
2. Ҳангоми сайругашт афрӯхтани оташ дар назди бино қатъиян манъ аст.
3. Бе розигию иҷозати мураббӣ истифодаи воситаҳои барқӣ манъ аст.
4. Маводи зуд оташгирандаро ба мураббӣ супоред.
5. Ба симу ноқилҳои овезони шабакаи барқ ҳаргиз даст расонидан ё бозӣ кардан мумкин нест.

**381.** Қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми истифода аз дастгоҳҳои барқиро таҳия кунед ва байни ҳам муҳокима кунед ва шакли дурусту муфассалашро нависед.

**382.** Қоидаҳои нигаҳдории оби нӯшокиро таҳия намоед. Оё пай бурдед, ки ҳар боре ки қоидаеро иншо мекунед, бо калимаҳои нав вомехӯред? Он калимаҳоро нависед ва бо истифода аз онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.

### Саволҳо барои такрору ҷамъбасти нидо

1. Нидо ба кадом гурӯҳи ҳиссаҳои нутқ дохил мешавад?
2. Нидо чӣ тобишҳоеро ифода мекунад?
3. Нидо аз дигар ҳиссаҳои нутқ чӣ фарқ дорад?
4. Нидо маънои луғавӣ дорад ё не? Он дар чӣ зоҳир меёбад?
5. Оё нидо сермаъно шуда метавонад? Кадоме аз он ба ин хусусият соҳиб аст?
6. Нидо аз рӯйи маъно ба чанд гурӯҳ ҷудо мешавад?
7. Нидоҳои гурӯҳи якум кадомҳоянд? Номбар кунед.
8. Кадом нидоҳо ба гурӯҳи дуюм ҷудо мешавад?
9. Нидоҳое, ки диққат ва таваҷҷуҳро ҷалб мекунанд, кадомҳоянд?
10. Кадом нидоҳо тобиши даъват ва аз худ дур кардан доранд?
11. Нидоҳо ба оҳанги талаффуз чӣ робита доранд?
12. Нидоҳо метавонанд, ки тобишҳои гуногун дошта бошанд?
13. Нидоҳо дар вазифаи аъзоҳои ҷумла омада метавонанд ё не?
14. Нидоҳо ба ҳиссаҳои дигари нутқ робита доранд?
15. Миқдори нидо аз кадом ҳисоб зиёд мегардад?
16. Сохти нидоҳо чӣ гуна аст? Мисолҳо оред.

## IX. КАЛИМАҲОИ ТАҚЛИДӢ. ХУСУСИЯТ ВА ТОБИШҲОИ МАЪНОИИ ОНҲО

**383.** Ҷумлаҳоро хонед ва ба калимаҳои ишоратшуда диққат диҳед. Гӯед, ки онҳо чӣ вазифаро адо мекунанд.

1. Фақат ин хомӯширо **вағ-вағ, пит-пилиқ, пит-пилиқ** гӯён сурудани бедонаҳо… вайрон мекарданд. (*С. А.)*

2. Ёдгор **шар-шари** оби аз кӯҳ фуромада истодаро гӯш мекард. (*С. А.)*

3. Садои **шағ-шағи** боридани жола, **гулдур-гулдури** ҳаво ва **ғуввос**и шамол якҷоя шуда ба дил воҳима меандохт. (*С. А.)*

Калимаҳои тақлидӣ тағйирнаёбанда буда, тақлиди садои одамон, ҷонварон, ҳодисаҳои табиат ва ашёро фаро мегиранд.

Калимаҳои тақлидии асосӣ шаклу таркиби доимӣ доранд: *мияв-мияв, аф-аф, ку-ку.* Аз ин рӯ, ҳамаи одамон онро як хел мефаҳманд. Ин калимаҳо ба соҳибони забон ҳам дар матн ва ҳам берун аз матн фаҳмоанд.

Калимаҳои тақлидӣ ба нидоҳо наздиканд, вале маънои онҳо бо оҳанги талаффуз (интонатсия) вобаста набуда, имою ишоратро талаб намекунад. Онҳо аз грамматика ҷудо набуда, метавонанд, дар вазифаи мубтадо ва хабар оянд.

**384.** Ҷумлаҳоро нависед ва калимаҳои тақлидиро аз рӯйи маъно ба навъҳо ҷудо кунед.

1. Аз даруни меҳмонхона ғайр аз садои хур-хури хобидагон дигар овозе шунида намешуд. (*С. А.)*

2. Ғир-ғири чархи ароба аз кӯча ҳам шунида мешуд. (*С. У.)*

3. Ҳамин ки Ёдгорро дид, худи гов ҳӯъ-ҳӯъ гуфта пеш омадан гирифт. (*С. А.)*

4. Бо даҳшати аз одат берун ҳаво гулдуррос зад. (*С. А.)*

5. Аз як гӯшаи айвон мусича «ку-ку» мегуфт. (*С. Т.)*

6. Ба гув-гуви рӯди Кофрун тақар-тақари суми аспҳо даромехта, дараи Оҳугузарро гӯё ба ларза меовард. (*С. Т.)*

7. Магасе беист ғинг-ғинг мекард. (*С. Т.)*

**385.** Ҷумлаҳоро хонда гӯед, ки дар калимаҳои тақлидӣ чӣ хусусияти овозиро пай бурдед ва онҳо чӣ тавр сохта шудаанд.

1. Об... шилдиррос зада садо мебарорад ва сангрезаҳоро ғелонда, ба чуқуриҳои гузаргоҳи худ хобонда, роҳи худро ҳамвор мекунад. (*С. А.)*

2. Чашмаи равон шаррос зада мефуроядд. (*С. А.)*

3. Ҷоҳои кушода аз дуртари майдон монанди кӯли пуроб лаппос мезад. (*С. А.)*

4. Шабар-шабари мавҷҳои Ому ба гӯш мерасад.

5. Аз дур садои шав-шуви дарё шунида мешуд.

6. Оби ҷӯй шурр-шурр ҷорӣ мегашт. (*С. Т.)*

**386.** Бо истифода аз калимаҳои зер ҷумлаҳо тартиб диҳед ва гӯед, ки онҳо садои чиро ифода мекунанд**.**

Ав-ав, ак-ак, ялт-ялт, милт-милт, пичир-пичир, тапар-тапар, виҷиррос, хиширрос, ғурриш, лаппиш, фарри, лаппи, ҷарангос, шартос,чарсос.

**387.** Ҷумлаҳоро нависед ва калимаҳои тақлидиро муайян карда, тарзи сохта шудани онҳоро шарҳ диҳед**.**

1. Ҳезуми явшон ғуррос зада месӯхт. (*С. А.)*

2. Садои аккос ва авваси понздаҳ-бист саг дар ин дашти бедолу дарахт паҳн шуда, ҳама ҷоро фаро гирифт. (*С. А.)*

3. Пас аз фурсате садои гурси карда аз сақфи регхона ба замин афтодани як чизи вазнин омад. (*С. А.)*

4. Поезд ҳуштаки дуру дарозе кашиду тақатақ карда, ба роҳ даромад.

5. Оромии шабро танҳо хишир-хишири бедахоӣ ва гуп-гупи пойкӯбии аспон халалдор мекарданд.

6. Садои тараққо-туруқ ба акси садо ҳамроҳ шуда, замини дараро дар ларза андохт. (*С. А.)*

**388.** Ҷумлаҳоро хонда, хусусияти муҳимми калимаҳои тақлидиро муайян созед ва имлои онҳоро дар ёд нигоҳ доред**.**

1. Ман чақ-чаққҳои ӯро завқ карда мешунидам. (*С. А.)*

2. Шағол уллосе кашида, аз назар ғоиб шуд.

3. Аз садои хишир-хишираш маълум мешуд, ки дар ин наздикӣ касе кор карда истодааст. (*С. А.)*

4. Бой… аз даҳлези меҳмонхона садои хисир-хисири касеро шунида: «Кист?» гуфт. (*С. А.)*

5. Гӯшҳои сарбозон ғайр аз ғув-ғуви худ дигар чизеро намешунавид. (*С. А.)*

**389.** Дар мавзӯи «Баҳори кишвари маҳбуб Тоҷикистон» иншое нависед ва дар мавқеи зарурат аз нидою калимаҳои тақлидӣ истифода баред.

## БАЪЗЕ РОҲҲОИ СОХТАНИ КАЛИМАҲОИ ТАҚЛИДӢ

Калимаҳои тақлидӣ бо роҳҳои гуногун сохта мешаванд:

а) **ба воситаи пасвандҳои** -ос, (-ас), -и, -ус, -а,-о.

1. Ҳезуми явшон ғуррос зада месӯхт. (С. А.) 2. Садои аккос ва аввоси 15-20 саг дар ин дашти бедолу дарахт паҳн шуда, ҳама ҷоро фаро гирифт. (С, А.) 3. Пас аз фурсате садои гурси карда аз сақфи регхона ба замин афтидани як чизи вазнин омад. (С. А.) 4. Ҳамаи мурғон ба як овоз қуд-қудус гуфта гурехтанд. 5. Ароба тақатақ карда роҳ мерафт. 6. Себу анор талапоталаб ба замин афтида, ба ҳар тараф ҷар шудан гирифтанд.

б) **ба воситаи такрор** сохтани калимаҳои тақлидӣ дар забони тоҷикӣ серистеъмол аст:

1. Оромии шаби торикро ғайр аз хишир-хишири бедахой ва гоҳе гуп-гупи пойкӯбии аспон чизе халалдор намекард. 2. Шибир-шибири донаҳои борон бин, Ки мужда медиҳад аз вусули баҳор. (П. Сулаймонӣ) 3. Як садои гумбур-гумбури бисёр бадҳайбате Ёдгорро аз хобаш бедор кард. (С. А.)

**390.** Ҷумлаҳоро бо истифода аз калимаҳои додашуда пурра карда нависед ва махсусияти калимаҳои тақлидиро шарҳ диҳед.

1. Ман … ӯро завқ карда мешунидам. (С. А.)

2. Аз дур садои …ба гӯш расид. (Р. Ҷ.)

3. Бой аз даҳлез меҳмонхона садои … касеро шунида: «Кист» гуфт. (С. А.)

4. Додарам, …бас кун!

5. Аз даруни хона шарфаи … ба гӯш мерасид.

Маълум буд, ки касе саросема хӯрок мехӯрад. (Р. Ҷ.) (гулдурросе, чақ-чаққои, чалп – чалп, хисир - хисир, ҷиринг-ҷирингро.

**391.** Аз калимаҳои тақлидии дар поён додашуда истифода бурда ҷумлаҳо тартиб диҳед.

(гулдур-гулдур, қоҳ-қоҳ, тақар-тақар, ғурунг-ғурунг, шурр-шурр, лап-лап дукур-дукур)

**392.** Калимаҳои тақлидиро ислоҳ карда ҷумлаҳоро нависед.

1. Овози гургури мошин шунида мешуд. (Ҷ. И.) 2. Садои гурсгурс пой мондани ду-се нафар ба гӯшҳо омад. (С. А.) Занон қоҳқоҳ зада механдиданд. (С. А.) 4. Дар ҷангал милтмилт сӯхтани чароғе ба назар мерасид.

## Саволҳо барои такрори калимаҳои тақлидӣ

1. Чӣ гуна калимаҳоро тақлидӣ мегӯянд?
2. Хусусиятҳои муҳимми калимаҳои тақлидӣ кадомҳоанд?
3. Бо кадом хусусиятҳояш калимаи тақлидӣ аз нидо фарқ мекунад?
4. Кадом пасвандҳо дар сохтани калимаҳои тақлидӣ ширкат мекунанд?
5. Роҳҳои сохтани калимаҳои тақлидӣ кадомҳоянд?
6. Калимаҳои тақлидӣ кадом овозҳоро фаро мегиранд?
7. Имлои калимаҳои тақлидӣ чӣ гуна аст?

## КОР БО ЖАНРИ ШИФОҲӢ
## (Латифа)

**393.** Порчаро бодиққат хонед ва махсусиятҳои латифаро мухтасар шарҳ диҳед. Латифаро аз ҳикоя фарқ кунед.

Ба жанрҳои шифоҳӣ достонҳо, афсонаҳо, латифаҳо, рубоиёт, суруду таронаҳо, бадеҳаҳо, зарбулмасалу мақолҳо чистонҳо, драмаҳои халқӣ дохил мешаванд.

Латифа хоси адабиёти шифоҳӣ мебошад. Он хурдтарин жанри эпикӣ мебошад. Сюжети латифа басо сода буда, гоҳо онро пай бурдан душвор аст. Бо вуҷуди он ки дар латифа воқеа мисли ҳикоя ва жанрҳои дигар нақши ҳалкунанда надорад, мавқеи онро комилан инкор кардан ҳам мумкин нест.

Зиддияти тезутунд хоси латифа аст. Дар он ҳамагӣ як хислат ошкор карда мешавад.

Персонажи латифа ё зираку доност ё гӯлу гумроҳ. Ду ҷиҳати асосӣ муқобили ҳамдигаранд.

Латифа услубан чунин хосияте дорад, ки дар он на танҳо ҷумлаю ибора, балки калимаи зиёдатӣ ҳам набояд бошад. Дар латифа муҷазию мухтасарӣ талаботи асосӣ аст.

Воситаҳои баён дар латифа саволу ҷавоб, киноя, муболиға, таҷнису лутф маҳсуб мегарданд, зеро латифаро бидуни инҳо тасаввур кардан номумкин аст. Ба хусус лутф ҷони латифа мебошад, яъне калима ё ибораe, ки гӯянда ба маънои асосиашон истифода бурдааст, ҷавобдиҳанда онро ба маънии дигар шарҳ медиҳад. Чунин ҷавоб, аз як тараф, хусусияти ҳаҷву зарофатро дорад, аз тарафи дигар, онро пурсанда ва хонанада ҳам чашмдор набуд.

*Раҳим Мусулмонқулов*

**Эзоҳ:** Латифа: гуфторе нағз, матлабе борик ва неку, нукта; базла, шӯхӣ; нуктаи борик.

Латифа; нуктаи нағз, сухани неку ва писандида, ки боиси шодӣ ва инбисот (хурсандӣ) шавад.

**394.** Матни латифаи зеринро хонед. Чӣ нуктаро пай бурдед?

Чанд рӯз Афандӣ қозӣ шуда буд. Рӯзе касе назди Афандӣ омада арз кард:

– Тақсир, гови маро дар кӯча гови шумо зада кушт. Аз рӯйи шариат шумо бояд ба ман товон диҳед.

Афандӣ чунин ҷавоб дод:

– Гов – ҳайвон, як ҷондори беақл аст. Аз рӯйи шариат ба кори беақлон касе ҷавобгар нест.

Даъвогар гуфт:

– Не, не, ман ғалат кардам. Гови ман гови шуморо зада кушт.

Афандӣ ба ҳаяҷон омада гуфт:

– Ин тавр бошад, соҳиби вай ҷавобгӯй аст.

**Савол ва супориш**

1. Чаро дар матни латифа аломати тире зиёд истифода шудааст?
2. ***Аз рӯйи шариат ба кори беақлон касе ҷавобгар нест*** -ро чӣ тавр мефаҳмед?
3. Сарсатри охирро чӣ тавр фаҳмидед? Андешаҳоятонро баён кунед .
4. Хулосаатонро оид ба латифа бо як - ду ҷумла нависед.

**395.** Латифаро хонед ва мазмуни онро нақл кунед. Гӯед, ки моҳияти он дар кадом сарсатр баён шудааст?

Рӯзе як марди хасисе дар ҳузури Ҷомӣ зарофатгӯӣ карда гуфт:

Се ақча (пули сиёҳ) дорам, мехоҳам бо он чизе бихарам ва аз он чандон бихӯрам, ки сер шавам ва он чи боқӣ мондааст, фурӯхта боз ҳамон се ақчаро ба даст дарорам.

Ҷомӣ гуфт:

– Ин кори осон аст. Ба кушишхона рафта, ба ин пулат як ишкамба хар, он чи ба даруни он ҳаст, бихӯр ва ишкамбаро боз ба се ақча фурӯш.

*аз китоби «Ҳайкали бузурги назм»*

**Савол ва супориш**

1. Ҷавоби Ҷомӣ зарофат ё танқид, ҳазл ё таҳқир?
2. ***Кушишхона ё кӯшишхона***?

3. ***Ишкамба, шикамба ё шиканба?*** Кадоме аз инҳо дуруст аст?

4. Сарсатри охирро нависед.

**396.** Матнро хонед ва маънидод кунед. Ҳадафи асосии ин латифа дар чист?

Афандӣ як бор деги ҳамсояи бойи хасисашро талабид ва баъд аз ду рӯз ба он дег аз худаш дегчае ҳамроҳ карда бурда дод. Вақте ки хасис барои чӣ оварда шуданн дегчаро пурсид, Афандӣ гуфт:

– Дегатон дар байни ду рӯз зоид: ин бачааш…

Хасис аз ин кори Афандӣ хурсанд шуда, дегчаро гирифта монд. Афандӣ боз як бори дигар ҳамон деги ҳамсояро талабид, аммо ин дафъа бурда надод. Хасис, ки боз ҳам «бачадор» шуда омадани дегашро чашмдор буд, бетоқатона ба ҳавлии Афандӣ омада, дегашро пурсид.

Афандӣ гуфт:

– Дегатон мурд!

– Ҳеҷ нашунидаам, ки дег ҳам мемурда бошад! – гуфт соҳиби дег ҳайрон шуда.

– Оё ҳеҷ шунида будед, ки дег ҳам мезоидааст? – гуфт Афандӣ.

**Савол ва супориш**

1. ***Хасис***-ро чӣ тавр мефаҳмед?
2. Ба матн кадом номро муносиб медонед?
3. Ҷумлаеро муайян кунед ва нависед, ки аз хасисии бой дарак медиҳад.
4. Ҷавоби Афандиро бори дигар хонед ва онро шарҳ диҳед.

**397.** Дар бораи ягон одами хасис латифае шунида ё хонда бошед, нақл кунед ва сипас онро бо риояи аломатҳои китобат нависед.

**398.** Матнро возеҳ хонед ва ҳадафи онро шарҳ диҳед. Гӯед, ки зоғ доно ё рӯбоҳ?

Рӯзе як зоғ аз ким-куҷо як порча гӯшти равғанинро ба нӯлаш гирифта, парида омаду ба шохаи дарахте нишаста, хӯрданӣ шуд.

Як рӯбоҳи гурусна аз ин ҳол бохабар шуда, дар андеша монд, ки ба кадом тадбир ҳамин гӯштро аз даҳони зоғ гирифта худаш хӯрад. Вай ба зери дарахт омаду ба зоғ нигоҳ карда гуфт:

– Додаракам, зоғ! Мегӯянд, ки ту ҳофизи хушхону хушовоз ҳастӣ, чӣ мешавад, ки ҳозир як суруд хонию ман ҳам аз хонишат камтар лаззат барам.

Зоғ аз таърифи рӯбоҳ хурсанд шуду ҳамин ки ба хониш даҳон кушод, гӯшт аз даҳонаш поин афтид. Рӯбоҳ онро дарҳол гирифта гурехт.

**Савол ва супориш**

1. Магар дидаед ё шунидаед, ки зоғ овози хуш дошта бошад?
2. Рӯбоҳ чӣ тавр гӯштро аз зоғ гирифт?
3. Чунин ҳодиса дар байни одамон рух медиҳад? Агар рух диҳад, он чӣ гуна ба амал меояд?
4. Сарсатри охирро нависед.
5. Имлои калимаҳои ***ким-куҷо, гурусна*** *ва* ***дарҳол***-ро шарҳ диҳед.

**399.** Латифаро хонед ва маънидод кунед. Дар он чӣ гуна лутфро пайдо кардед?

Марде говеро аз бозор хона мебурд. Нозири роҳ ӯро дида гуфт:

– Як ҳафта баъд мемурад.

Дуруст баромад.

Ҳафтаи дигар мард боз гов харид ва боз ҳамон нозирро дид.

– Сари ҳафта мезояд, – гуфт ин дафъа нозир.

Боз дуруст баромад.

Мард дар ҳайрат монда, рӯзе ба назди нозир омаду пурсид:

– Ин ҳамаро аз куҷо донистӣ?

Нозир гуфт:

– Ман як ҳафта мешавад нозир ҳастам, аммо понздаҳ сол подабон будам.

*Асозода С.*

**Савол ва супориш**

1. Кадом ҷиҳати латифа бароятон писанд омад?
2. Ифодаҳои ***як ҳафта баъд***, ***сари ҳафта***-ро боз чӣ тавр гуфтан мумкин?
3. Ҷумлаи охирро нависед. Онро боз чӣ тавр ифода кардан мумкин аст, ки адабитар гардад.

**400.** Матнро хонед ва гӯед, ки чӣ ҳолат шуморо даст дод? Чунин латифаҳоро аз касе шунидаед? Онро ба ҳамсинфонатон нақл кунед.

Дар кӯчаи шаҳр мӯйсафеде, ки навакак аз деҳа омада буд, қоидаи ҳаракатро вайрон кард. Нозири роҳ ҳуштак кашида гуфт:

– Бобоҷон, ба таги замин равед, намешавад?

– Худат ба таги замин рав, барошуфт мӯйсафед.

*Асозода С.*

**Савол ва супориш**

1. Оё ба моҳияти латифа сарфаҳм рафтед?
2. Дар таҳияи латифа қувваи хешро санҷед.

## X. ҶАМЪБАСТ ВА ТАКРОРИ ДАРСҲОИ ГУЗАШТА

**401.** Матнро хонед ва сифатҳои онро ёфта, ба аслию нисбӣ ҷудо кунед. Сохти онҳоро шарҳ диҳед.

Дар мадрасаи Мири Араб ду бародарон буданд, ки онҳо диққати маро зиёдтар ба худ ҷалб карданд ва бо онҳо аввал шинос ва баъд аз он ошно шудам. Калонтарини ин бародарон Маъсумхоҷа ном дошта, лақабаш «Маҳдуми Гав» буд. Қомати ин одам аз миёна баландтар буда, баданаш чунон пуропур буд, ки ба назари кас

кӯтоҳқад менамуд. Чеҳрааш сабзинаи сиёҳтоб ва чашмонаш калон ва сиёҳи шуълапош буд. Рӯяш кулчаи сергӯшт ва қариб тамоман бо риши сиёҳи ғулии дағалмӯй пӯшидагӣ буд. Абрувони сермӯйи пайваста бо ҳам ва мижгонҳои дарози сархам дошт, дастонаш то оринҷ ва пойҳояш то зону, ки бештарин вақт намуда меистоданд, пур аз мӯйҳои ҷингила буданд.

Ин одам, ки аз рӯйи ин тасвир хеле бадҳайбат менамояд, бисёр ҳалим, нарммуомила ва кушодапешонӣ буда, ба як дидан муҳаббати ҳар касро ба худ ҷалб мекард. Лабонаш ҳеҷ гоҳ аз табассум ва чашмонаш доимо аз нигоҳи меҳрубонона холӣ набуд.

*Садриддин Айнӣ*

**Савол ва супориш**

1. Сифатҳо дар матн чӣ нақше доранд?
2. Дар ***нарммуомила*** магар ҳамсадо ташдид ёфтааст?
3. ***Кӯтоҳқад***-ро бори дигар талаффуз кунед. Чиро пай бурдед?
4. Аз сифатҳо истифода бурда, шахси бароятон наздик ва ошноро тасвир кунед.

**402.** Матнро хонед ва гӯед, ки он ба кадом услуб мансуб аст. Дар тасвир кадом калимаҳо нақши муҳим доранд?

Осмон хеле сафед шуда, ба замин низ равшанӣ мебахшид. Аз паси абрҳои хокистарранги тунук хира бошад ҳам, гоҳ-гоҳе қурси Офтоб ба назар мерасид. Ҳатто дидан мумкин буд, ки вай дар муҳити бекарони худ чӣ зайл оҳиста шино мекунад. Замини аз оби раҳмат таъмин осуда нафас мегирифт. Насими серуни баҳорон суст ва гӯё бо дили хоҳам-нахоҳам вазида, шохаҳои дарахтонро базӯр меҷунбонид. Сабзаҳои рӯйи ҳавлӣ тар, тоза ва хушрангтар гашта буданд. Кӯҳи Ҳафтсар ҳафт қуллааш аз барф сап-сафед, чун ҳазорон сол муқаддам дар мақоми худ босалобат ва устувор меистод. Аз як гӯшаи айвон мусичае «ку-ку» мегуфт. Аз кӯчаҳо тоқа-тоқа ё

ду-ду гунҷишкон парида омада, ба лаби боми айвон менишастанд: чириқ-чириқ мекарданд ва боз ба ҳаво мехестанд. Аспҳои қантар баъзан сар бардоштаву бинӣ афшонда аз нав ба охур хам мешуданд. Деҳа дигар ором буд. Ҳавои софи андак рутубатноки он ба тану ҷони кас ҳаловат мебахшид.

*Саттор Турсун*

**Савол ва супориш**

1. Зарфҳои матнро нависед ва сохти онҳоро муайян кунед.
2. ***Тоқа-тоқа, ду- ду*** кадом ҳиссаи нутқанд ва чаро дар байни онҳо нимтире гузошта мешавад?
3. ***Ҳафтсар*** *чӣ* тавр сохта шудааст?
4. Зарф аз сифат чӣ фарқҳо дорад?

**403.** Матнро хонед ва маънидод кунед. Сипас зарфҳои онро ёбед ва кадом навъи зарф буданашро шарҳ диҳед.

Боре дар аснои суҳбат шӯхикунон ба Пайрав гуфтам:

– Биё ҳунари шоириатро ба ман ёд деҳ, то ки ҳар шаб дусад мисраъ шеър сохта, онҳоро дар се-чор ҷой чоп кунонда мадади маош кунам.

Пайрав хеле ҷиддӣ гуфт:

– Ту ҳунари шоир шудан надорӣ, ҳамон тилмочиатро кардан гир! Барои як дараҷа дуруст шеър гуфта тавонистан, ба ғайр аз ҷиҳатҳои дигар камаш ду-се ҳазор мисраъ шеър аз ёд донистан шарт аст, ҳол он ки ту ақаллан дусад мисраъ ҳам шеър дар ёд надорӣ.

Зарурати зиёд шеър донистан ба шоир барои тақлид кардан ба онҳо барои истифода намудани мавридҳои алоҳидаи онҳо лозим набуда, балки барои инкишофи завқи бадеӣ, барои ошно шудани гӯш ба мусиқаи шеър, барои донистани маҳалли истеъмоли калимаҳои гуногун, хулоса барои хуб аз худ кардани техникаи назм зарур мебошад.

Устод Лоҳутӣ, ки дар мероси адабии чандинҳазор байтиаш ҷойи ба вазн ва қоида мухолиф ё сактае ёфтан муҳол аст, ёд дорам, рӯзе дар аснои суҳбат гуфта

буд, ки ман то ҳол ба кадом вазни арӯз мувофиқ омадани шеърҳои худ ва чӣ хел номида шудани он вазнро надонистаам.

Бисёр ва нағз донистани шеър ана аз ҳамин ҷиҳат низ зарур мебошад. Илова бар ҳамаи инҳо, бисёр донистани шеър нишонаи воқиф будан аз адабиёти бузурги мост ва ин дар айни замон нишондиҳандаи дараҷаи маданияти ҳар як одами зиёӣ мебошад.

*Раҳим Ҳошим*

**Савол ва супориш**

1. Барои шеърро фаҳмидан чӣ бояд кард?
2. **Шеър барои ошно шудани гӯш ба мусиқӣ зарур аст**ро чӣ тавр мефаҳмед.
3. Барои шеър навиштан чӣ бояд кард?
4. Андешаи худро дар бораи мазмуни матн баён кунед. Шумо ба гуфтаҳо розиед ё не?

**404.** Матнро хонед ва феъли ҳолу зарфҳои онро нависед. Сохти зарфҳоро муайян созед.

Об ғулғула бардоштаву печида, башаст меомад; сангҳои маҷро лағжонак буданд. Таманно аз зону баланд тар шуда, ҳамон зайл оҳиста-оҳиста то нисфи рӯд рафту ногаҳон сахт лағжид ва бо вуҷуди ҷандала мувозинаташро гум карда, якпаҳлу афтид. Кафшҳо аз дасташ хато хӯрданд. Рӯймолашро, ки низ аз сараш канда шуда буд, базӯр қапида, вай фавран ба по хест ва ҳама либосаш тар, калавида-калавида, оқибат аз рӯд гузашт. Дар лаби он даме истода, куртаву камзӯл ва пойҷомаашро аз ҳар ҷо-ҳар ҷояш дошта, рост дар танаш ҷафид. Қарсашро ҳам ҷафида, ду-се бор афшонд; оби гесувонашро низ фишурд.

*Саттор Турсун*

**Савол ва супориш**

1. ***Баландтар шуд*** ва аз зону ***баланд тар шуд*** аз ҳам чӣ фарқ доранд?

2. Дар талаффузи ***якпаҳлу*** чӣ ҳодисаро мушоҳида кардед?

3. ***Қапида*** дуруст ё ***дошта*?** Чаро?

4. Дар ифодаи ***сахт лағжид*** **сахт** сифат аст ё зарф?

5. Дар ифодаҳои ***ду-ду мерафтанд*** «ду–ду» кадом навъи зарф аст?

**405.** Зарфҳоро бо риояи ҷойи зада хонед ва ба имлои онҳо диққат диҳед.

1. Далерона, хушҳолона, рӯзона, бегоҳӣ, нисфирӯзӣ, берун, қафо, наздик, дохил, оҳиста, савора, паснокӣ, беист.

2. Даррав, нохост, ҷобаҷо, гурри, дирӯз, имрӯз, пасфардо, дарҳол, навакак, ногоҳ, ин қадар, он қадар.

3. Ҳамин қадар, ҳамон қадар, перорсол, ҳамоно, парерӯз.

**406.** Матнро хонед ва хулосаатонро баён кунед.

Дар охири соли 1940 ман дар Душанбе, дар меҳмонхонаи куҳна манзил доштам. Рӯзи бозор буд, хостам бозор рафта ангур харам. Дар бозори «Баракат» ангурфурӯшони харангонӣ қатор рост истода, ангурҳояшонро ба рӯйи пештахта ниҳода мефурӯхтанд.

Азбаски дар пеши ангурфурӯшон харидор бисёр буд, ба ман як муддат нигарон шуда мондан рост омад. Дар ҳамин вақт духтарчаи тахминан ҳаштсолаи ангурфурӯш бо писарчаи як ангурфурӯши дигар ҷанҷол карданд. Падари духтарча тарозуро аз дасти худ ба рӯйи пештахта сахт партофта, ба духтари худ гуфт:

– Арбада накун!

Ман то он вақт ба гумони ин ки калимаи «арбада» (ба маънои ҷанҷол ва xархаша) калимаи мурда аст, кор намефармудам. Он рӯз дидам, ки он калима дар дараи Харангон ва дар байни тоҷикони бесавод ҳанӯз зинда будааст.

*Садриддин Айнӣ*

**Савол ва супориш**

1. Калимаи ***мурда***-ро чӣ тавр мефаҳмед?
2. Ифодаи ***зинда аст*** ба кадом маъно омадааст?
3. Аз ин матн чӣ таъкиди устод Айниро пай бурдед?

**407.** Нақшаро хонед, чӣ тарз ва аз кадом ҳиссаҳои нутқ сохта шудани зарфҳоро маънидод кунед. Ду ҷумла тартиб диҳед, ки чанде аз ин зарфҳо истифода шуда бошанд ва ба тарзи навишташон зеҳн монед.

| | |
|---|---|
| чаман-чаман<br>саҳифа-саҳифа<br>қоҳ-қоҳ<br>ҳиқ-ҳиқ<br>осон-осон<br>сахт-сахт<br>як-як<br>дута-дута | чанд-чанд<br>ягон-ягон<br>рафта-рафта<br>гоҳ-гоҳ<br>андак-андак<br>хомохом<br>пасопеш |

**408.** Порчаро хонед ва аниқ созед, ки гап дар бораи чӣ мера-вад. Дар он бештар калимаҳои кадом соҳа истифода шуда-анд?

Робитаи сухан ва савт умуман, дар суруд як илми мураккабест. Вобастагии назму наво дар сурудҳои классикӣ ва алахусус дар «Шашмақом», аз ҷиҳати назокат ва мураккабот, бағоят мушкил будани адои мукаммалаш мақоми хоссае дорад. Лекин, Шумо устоди муҳтарам, чунон ки дар байни халқ мегӯянд, ин илмро об карда хӯрдаед. Оре, камина низ Шуморо устод медонам, зеро шефтаю шайдои шеър будан, дар баробари муаллимон, устодони касбиам аз Шумо низ «сироят» кардааст.

«Ироқи Бухоро» бар ғазали Ҳофиз яке аз даҳҳо сурудаҳои аҷойиби Шумост. Матни ғазалро лаҳзае ба хотир оваред, апаи азиз.

*Фазлиддин Муҳаммадиев*

**Савол ва супориш**

1. ***Назму наво***, яъне чӣ?
2. ***Шашмақом*** чӣ тавр сохта шудааст? Мақомҳо ва асбобҳоеро, ки бо чунин қолаб сохта шудаанд, номбар кунед.
3. ***Камина*** кист? Дар он тобиши мағрурист ё фурӯтанӣ?

**409.** Бо истифодаи зарфҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед ва гӯед, ки чаро онҳо ҷудо навишта шудаанд ва дар ҷумла ба вазифаи кадом аъзои ҷумла меоянд.

Як навъ(андоза), бекаму кост, дилу бедилон, беҳудаву баҳуда, бамавриду бемаврид,бешаку шубҳа, гаштаю бар-гашта, беҳилу ҳол, пасту боло, каму беш, чору ночор, хоҳу нохоҳ.

**410.** Ҷумлаҳоро нависед ва ба зери таъбирҳояш хат кашида, онҳоро маънидод кунед.

1. – Ман чорае андешидаам, ки бо вай сад ба сад дар кори худ комёб хоҳам шуд. (*С. А.)*

2. – Ҳайф аст ҷавоне, ки аз сад гулаш як гулаш на-шукуфтааст, худро ба як беандешагӣ нобуд кунад. (*С. А.)*

3. Ман дар мактаби куҳна ҳам бошад, ба хондан тайёр будам ва агар ин муяссар мешуд, сарам ба осмон мерасид. (*С. У.)*

4. Сад раҳ дар интизорат то пушти дар давидам,
Поям зи кор афтод, он гоҳ ба сар давидам.

*Абулқосим Лоҳутӣ*

**411.** Ҷумлаҳоро хонда, таъбирҳоро ёбед ва хусусиятҳои муҳимми онҳоро баён кунед.

1. Шумоҳо ҳамон корфармоии осонро ҳам накарда, дар сояи дарахт шикам хорида мехобед. (*С. А.)*

2. – Падар, гӯед, то фаҳмида гирам,
– Ту медонӣ, ки ман як марди пирам.
– Ҷавонона намояд гарчи рӯҳам,
– Вале чун Офтоби нӯги кӯҳам.

*Мирзо Турсунзода*

3. Ҳамеша ҳамраҳат чун соя бошам,
Нахоҳам дурию якҷоя бошам.

*Мирзо Турсунзода*

4. Ман ду чашмамро ба ӯ дӯхтам. (*С. А.)*

**412.** Бо истифодаи таъбирҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Хамири муштнахӯрда, аз ханда рӯдакан шудан, хабари обнарасида, фӯкро ба осмон бардоштан, хушкдаст баргаштан, худро аз даст додан, хонаи касе дар пушташ шудан.

**413.** Порчаҳоро хонед ва гӯед, ки таъбирҳо дар нутқ чӣ аҳамият доранд ва кадом вазифаро иҷро кардаанд?

1. Дар ҳақиқат ҳам он рӯз дар ҳавлии Арбоб Рӯзӣ тӯй набошад ҳам, як зиёфати тӯймонанде ташкил ёфта буд, гули сари сабади ин зиёфат Қориишкамба ва ноиби дар деҳаи Галаосиё бошандаи қозикалон Мирзохӯҷаи Шикамбанда буданд. (*С. А.)*

2. – Соз кардӣ! – гуфт Қорӣ бо оҳанги таҳсин ва аз вай пурсид, – дар ин кор чанд танга харҷ кардӣ?

– Ба ҳар муфтӣ дусадтангаӣ – ба чор муфтӣ ҳаштсад танга сарф кардам.

– Бояд ба ноиб ҳам ягон чиз дода бошӣ?

– Албатта, – гуфт Муҳсин, – «аробаи равған карданашуда ҳаракат намекунад» гуфтаанд, бо дусад танга гулӯи ноибро ҳам равған кардам. Дар асл мурофиаро то як ҳафта дер монондани ноиб ҳам барои «хориши гулӯяш» буд. (*С. А.)*

3. – Дар зимистони ҳамон тирамоҳе, ки Арбоб Рӯзӣ бо Қориишкамба забон як карда, бо векселбозӣ заминҳои деҳқононро бо зӯру зулм аз дасташон зада гирифта буд, деҳқонони ба ҷонрасида дар як шаби торик ҳавлии ӯро зер карданд. Арбобро куштанд, чизҳои қиматбаҳояшро тороҷ карданд ва ҳавлиашро оташ зада қасоси худро гирифтанд. (*С. А.)*

**414.** Аз «Луғати фразеологии мактабӣ» ё «Фарҳанги ибораҳои рехта» панҷ таъбирро, ки шаклҳо (вариантҳо)-и дигар доранд, бо мисолҳояш нависед ва фарқи онҳоро аз дигар калимаю ибораҳо шарҳ диҳед.

**415.** Шеърро равон хонед ва вазифаи пешояндҳоро шарҳ диҳед. Дар он кадом пешояндҳо бештар истифода шудаанд?

Дар фазо парвоз кардам гарчи аз рӯйи замин,
Чашмро аммо намекандам ман аз сӯйи замин.
Бо ситора ҳамнишин, бо моҳ гаштам ҳамнафас,
Лек будам сархушу сармаст аз бӯйи замин.

Бори аввал дар замин сар шуд тапиданҳои дил,
Бо умеди зиндагӣ заҳмат кашиданҳои дил,
Тӯшаи раҳро ба дӯши хештан бардошта,
Сабру тоқатро надониста давиданҳои дил.

Зинда кардам дар замин ман шуълаи хомӯшро,
Бо сухан дар ҷӯш овардам дили беҷӯшро.
Ман ба ҳар як тифли аз модар ба дунё омада
Боз кардам аз раҳи сидқу вафо оғӯшро.

Бо замин, бигзор, ки пайванд бошад пойи ман,
Дар замин, бигзор, ки бошад муқаррар ҷойи ман.
То абад, бигзор бошад шуълаафкан, шуълабор,
Он чароғе, ки фурӯзон гашт дар маъвои ман.

*Мирзо Турсунзода*

**Савол ва супориш**

1. Ба шеър чӣ ном гузоштан мувофиқ аст ва чаро?
2. Дар ин шеър кадом пешояндҳои аслӣ бештар истифода шудааст?
3. ***Боз кардан*** аз ***боз омадан*** чӣ тафовут дорад?
4. Чаро шоир ҳамеша бо замин буданро таъкид мекунад? Назари шумо нисбат ба ин нукта?

**416.** Порчаи манзумро хонда маънидод кунед ва мазмунашро нависед. Тобишҳои маъноии пешояндҳоро шарҳ диҳед.

Зи камхорагӣ кам шавад ранҷи мард,
На бисёр монд, он ки бисёр х(в) ард.
Ҳамеша лаби марди бисёрхор
Дар оруғи бад бошад аз ногувор.

Чу шерон ба андакхӯрӣ хӯй гир,
Ки баддил бувад гови бисёршир.

*Низомии Ганҷавӣ*

**Савол ва супориш**

1. ***Зи*** *ё* ***аз***?
2. ***Камхорагӣ*** боз чӣ тавр гуфта ё навишта мешавад?
3. ***Оруғ*** ё ***оруқ****?*

**417.** Ҷумлаҳоро хонед ва маънидод кунед. Ҳамзамон пешояндҳоро муайян сохта, чӣ тобишҳои маъноӣ доштани онҳоро шарҳ диҳед.

1. Ватан ва забони модарӣ бидуни ҳамдигар номукаммаланд, Ватан бе забони модарӣ чун кӯҳони шутур асту забони модарӣ дур аз Ватан чу нағмаи ноҷӯр.

2. Ҳар гоҳ ки сухани форсӣ садо диҳад, эҳтиёҷ ба мусиқӣ набошад.

3. – Умри азизо, гиромитар аз ҳастии ту ҳаст?
– Оре, ҳастии забон!

*Абдурауф Муродӣ*

**418.** Матнро хонед ва гӯед, ки лутфи ҳикоя дар чӣ нуҳуфта аст.

Мегӯянд боре Мавлоно Ҷомӣ ба Бағдод рафта буд. Пирҷамоли Ироқӣ, ки яке аз шайхони он аср буд, ба иттифоқи гурӯҳе аз муридони худ ба истиқболи вай омад. Одати Пирҷамол ва муридони вай он буд, ки либоси худро аз пашми шутур тайёр мекарданд ва ҷуз он чизе намепӯшиданд. Пирҷамол пас аз мулоқоти Мавлоно Ҷомӣ аз рӯйи эҳтиром хитоб ба Мавлоно гуфт:
– Мо ҷамоли Худоро дидем!
Мавлоно Ҷомӣ дар ҷавоб гуфт:
– Мо низ ҷимоли Илоҳиро дидем.

*аз «Лутфи латиф»*

**Луғат**

**ҷимол** – шакли ҷамал буда, маънояш уштурони нар аст.

**Савол ва супориш**

1. Пешояндҳои матнро ёфта, сохти онҳоро муайян кунед.
2. Оё пешояндҳо метавонанд ҷойи якдигарро иваз кунанд?
3. Кадом калимаҳо муродифи ***ҷуз*** ва ***истиқбол*** мебошанд? Бо онҳо ҷумла тартиб диҳед.

**419.** Пайвандакҳои зеринро аз ҷиҳати сохт муайян карда, ба нақша гиред ва бо истифода аз онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед. Вазифаи онҳоро бо мисолҳо фаҳмонед.

Агар, ки, азбаски, гар, чунки, ва, гар , гарчи, аммо, -у (ву, -ю), зеро, ҳарчанд, даме ки, баъд аз он ки, гарчанде ки, вале, аз сабаби он ки.

| Сода | Мураккаб | Таркибӣ |
|---|---|---|

**420.** Хонед ва имлои пайвандакҳоро шарҳ диҳед

| | | |
|---|---|---|
| азбаски | пеш аз он ки | в-ар |
| гарчи | аз сабаби он ки | в- ӯ |
| вагарна | ба тавре ки | в-аз |
| агарчи | чунон ки | к-он |

**421.** Шеърро хонда маънидод кунед. Аз он ба чӣ натиҷа расидед?

Танида ёди ту дар тору пудам, меҳан, эй меҳан!
Бувад лабрез аз ишқат вуҷудам, меҳан, эй меҳан!
Ту будам кардӣ аз нобудию бо меҳр парвардӣ,
Фидои номи ту буду набудам, меҳан, эй меҳан!
Фузунтар гармии меҳрат асар мекард чун дида
Ба ҳоли пуразобат мекушудам, меҳан, эй меҳан!
Ба ҳар маҷлис, ба ҳар зиндон, ба ҳар шодӣ, ба ҳар мотам,
Ба ҳар ҳолат, ки будам, бо ту будам, меҳан, эй меҳан!
Агар мастам, агар ҳушёр, агар хобам, агар бедор,
Ба сӯйи ту бувад рӯйи суҷудам, меҳан, эй меҳан!
Ба дашти дил гиёҳе ҷуз гули рӯят намерӯяд,
Ман ин зебозаминро озмудам, меҳан, эй меҳан!

*Абулқосим Лоҳутӣ*

**Савол ва супориш**

1. Пайвандаку пешояндҳои шеърро муайян сохта, вазифаашонро шарҳ диҳед.
2. Гӯед, ки дар байти чорум *ба* кадом пешояндро иваз кардааст ва чаро?
3. Кадом ифодаҳои шоир бароятон писанд афтод? Онҳоро дар иншо истифода баред.
4. Дар мавзӯи «Тоҷикистон – ифтихори ман» иншо нависед ва дар он эҳсоси ватандӯстии хешро баён кунед.

**422.** Хонед ва тарзи дар пайвандакҳо дуруст гузоштани задаро машқ кунед.

1. Зеро, зеро ки, аммо, ҳарчанд, даме ки, гӯё ки
2. Ҳамин ки, ҳангоме ки, ба тарзе ки, ба ҳадде ки.

**423.** Порчаи шеъриро хонда, мазмуни онро нақл кунед ва гӯед, ки дар мураттаб баён гаштани маъно пешоянду пайвандакҳо чӣ нақш доранд.

«К-аз чӣ майли дилат ба адл кашид?
Ту ки дурӣ зи давлати ислом,
Муттасиф чун шудӣ ба адли тамом?
Сабаби ин ҳама адолат чист?
Муҷиби адли безаволат чист?»
Гуфт: «Дар ҳини кӯдакӣ як бор
Мешудам дар раҳе ба азми шикор,
Дар рикобам пиёда буд басе,
Чӯб бар каф ниҳода буд касе.
Аз миёншон саге гузар мекард
В-аз ҳаёҳуяшон ҳазар мекард.
Он пиёда фиканд чӯб аз даст,
Хӯрд бар пойи саг, ки хурд шикаст,
Саги мискин фиғону войкашон
Рафт аз пайи шикастапой кашон.
Рафт чун он пиёда як-ду қадам,
Асп бар по-ш зад, ки гашт қалам.
Аспи бадфеъл низ тарф набаст,
Пойи вай дар гаве фитоду шикаст.

Чу мукофотро чунон дидам,
Равиши одилӣ писандидам.
З-ин мукофот насли золими ман
Монд занҷири адлро гардан.
Чун мукофоти зулм донистам,
Зулм бар халқ кам тавонистам.
Ҷазм кардам, ки мардуми золим
Кам бимонанд дар ҷаҳон солим».

*Камолиддини Биноӣ*

**Луғат**

**муттасиф –** ба сифати шуҳратёфта
**муҷиб** – сабаб
**хурд шикастан** – майда шудан
**тарф набаст** – нигоҳ накард

**Савол ва супориш**

1. Мазмуни ин порча кадом зарбулмасалро ба ёд меорад?
2. Фикри шумо дар ин хусус?
3. Оё дар ҳаёт ҳодисаи ба ин монандро дида ё шунидаед, нақл кунед.

**424.** Ҳикояро хонед ва ҳикмати онро шарҳ диҳед. Ҷумлаҳои пасоянддорро ёбед ва гӯед, ки пасояндҳо чӣ тобишҳоро ифода кардаанд.

Яке аз қуззот бидуни гирифтани ришва коре сурат намедод ва мураттабан ҳақро бо ришва ноҳақ мекард. Рӯзе марде муҳтоҷ ба ин шуд, ки санадашро қозӣ тасдиқ намояд. Вай чандин рӯз омаду рафт ва оқибат натиҷа нагирифт, то ин ки рӯзе кӯзае аз асал бардошта, ба хидмати қозӣ рафт ва бо дидани он санадро ба имзо расонида баргашт.

Фардои он рӯз, ки дигаре кӯзаи қаймоқе барои қозӣ ба унвони таоруф оварда буд, қозӣ дастур дод, ки асалро биёваранд, ки миқдоре аз он бо қаймоқ махлут карда тановул кунад. Вақте сари кӯзаро боз карданд, диданд, ки муҳтавии он банди ангушт асал ва боқӣ гил будааст.

Қозӣ, ки аз гӯл хӯрдани худ комилан хашмгин шуда буд, навкарашро фиристод, то ба ҳар навъ аст, санадро аз он мард гирифта биёварад. Навкар пас аз таҷассуси зиёд соҳиби асалро ёфта гуфт: – Қозӣ арз карданд, дар санади шумо иштибоҳе рух дода, онро барои ислоҳ назди ман биёваред».

Он мард гуфт: «Хидмати қозӣ саломи маро расонида бигӯед: «Иштибоҳ дар санад нест, ҳар иштибоҳе ҳаст, дар кӯзаи асал аст».

*аз китоби «Зарбулмасал ва мақолҳо»*

**Луғат**

**санад** – ҳуҷҷат
**таоруф –** пешкаш ва ҳадя кардан
**муҳтавӣ** – фарогиранда, даруни он
**таҷассус** – ҷустуҷӯ кардан

**Савол ва супориш**

1. ***Мураттабан,*** яъне чӣ?
2. Хулосаи мазмуни ҳикояро бо ду-се ҷумла нависед.

**425.** Порчаро нависед, ҳиссача ва нидоҳои онро ёфта, вазифа ва тобиши онҳоро шарҳ диҳед. Ба тарзи навишти онҳо зеҳн монед.

– Ҳа-а, – гуфт Тӯрон тракторчӣ, ки ба рӯяш сояи таассуф мелағжид. – Олимов аз ноҳияи мо соли чилум рафт.

– Душанбе рафта буд?

– Бале, – лаб газид ӯ. – Қариб ҳашт сол дар ноҳияамон роҳбарӣ кард. Шумо он вақтҳо раис будед. Дар хотиратон бошад, раҳматӣ... аз барои кор ҷонашро дареғ намедошт.

– Раҳматӣ гуфтед?!

– Ҳа, порсол гузашт.

– Э, афсӯс! Одами калон шуда рафта буд-а?

– Ҳа-а, калон... - нимғурма ҷавоб дод Тӯрон тракторчӣ. –Хоксор буд. Ба ҳама баробар буд.

– Ғам махӯред, ҳамсоя, ин дунё ҳамин хел бевафо!
– Мӯйсафед лаб фурӯ баст.

*Саттор Турсун*

**426.** Ба ҳар як навъи ҳиссача мисол оварда, нақшаро пур кунед.

| Хелҳои ҳиссача | Ҳиссачаҳо |
|---|---|
| ишоратӣ | |
| маҳдудӣ | |
| таъкидӣ | |
| тасдиқӣ | |
| инкорӣ | |
| саволӣ | |
| эҳсосӣ | |

**427.** Ҳиссачаҳои зеринро аввал бо риояти ҷойи зада хонед ва сипас нависед. Ба тарзи навишти онҳо диққат диҳед.

Ана, мана, оре, бале, майлаш, оё, наход, наход ки, кошки, мабодо, канӣ, бигузор.

**428.** Порчаро равону возеҳ бихонед, нидоҳоро ёбед ва ба тамоми матн чӣ тобиш бахшидани онҳоро шарҳ диҳед.

Гӯед ба Наврӯз, ки имсол наояд,
Дар кишвар хунинкафанон раҳ накушояд.
Булбул ба чаман нағмаи шодӣ насарояд,
Мотамзадагонро лаби пурханда нашояд.
Хун медамад аз хоки шаҳидони Ватан вой,
Эй войи Ватан, вой!

Гулгункафанонро чи баҳору чи зимистон,
Хунинҷигаронро чи биёбон, чи гулистон.
Дар кишвари оташзада, дар хонаи вайрон,
Кас нест, занад бӯса ба рухсори ятимон.
Кас нест, ки дӯзад ба тани мурда кафан, вой,
Эй войи Ватан, вой!

Аз синаи ҳар санги ту хун медамад имрӯз,
Аз хоки ту мастиву ҷунун медамад имрӯз.
Он лола чӣ дида, ки нагун медамад имрӯз
В-он сабза чаро зарду забун медамад имрӯз?
Сурх аст ба хун пову сари сарву суман, вой,
Эй войи Ватан, вой!

*Халилуллоҳ Халилӣ*

**Савол ва супориш**

1. Ба муҳтавои шеър сарфаҳм рафтед?
2. Ба гуфтаи шоир чӣ гуна муносибат доред? Розиед ё на? Чаро?
3. Гӯед, ки аслан шодию сурур дар кадом вақт нишотафзост.
4. Барои таҷлили ҳама гуна ҷашнҳо чӣ гуна муҳит лозим аст?
5. Барои амалӣ кардани ҷашнҳо ва обод кардани кишвар сулҳу салоҳ, ваҳдат ва амният чӣ нақше дорад?
6. Дар мавзӯи «Ваҳдат – асоси ободӣ ва пешрафти Тоҷикистон» эссе (иншои мухтасар) нависед ва бо далелҳо собит намоед.

**429.** Порчаро нависед ва сабаби баъд аз нидоҳо аломатҳои китобати гуногун гузоштанро шарҳ диҳед**.**

– Хуб, чаро рӯзона наёмадӣ? – Ятим пурсид.

– Вақти имтиҳон аст. Ман бояд имсол имтиҳони давлатӣ супорам, техникумро тамом кунам.

– А, имсол техникумро тамом мекунӣ?

– Бераҳм! – гуфт Норбибиш дасти Ятимро сахт ҷунбонда, - магар худат намедонӣ, ки ман имсол техникумро тамом мекунам? Медонӣ! Лекин қасдан худро ба нодонӣ мезанӣ.

*Садриддин Айнӣ*

**Савол ва супориш**

1. Сохти нидоҳоро муайян кунед.
2. *Магар* ба кадом хели ҳиссача дохил мешавад?

3. Дар ҷумлаи *«Дар хона касе набуд магар он тифли хурдсол»* **магар** чӣ вазифаро адо мекунад?
4. Дар талаффузи калимаҳои *қасдан* ва *ҷунбондан* чӣ ҳодисаи забонӣ ба назар мерасад?

**430.** Порчаҳоро хонед ва дарёбед, ки ҳикмати он дар чист.

1. На афғонему на турку таторем,
Чаманзодему аз як шохсорем.
Тамизи рангу бӯ бар мо ҳаром аст,
Ки мо парвардаи як навбаҳорем.

2. Худо он миллатеро сарварӣ дод,
Ки тақдираш ба дасти хеш бинвишт.
Ба он миллат сару коре надорад,
Ки деҳқонаш барои дигарон кишт.

3. Ҳар яке аз мо амини миллат аст,
Сулҳу кинаш сулҳу кини миллат аст.
Миллат ар гардад асоси ҷони фард,
Аҳди миллат мешавад паймони фард.

*Муҳаммад Иқбол*

**Луғат**

**тамиз** – имтиёз, фарқ
**амин** – нигаҳдоранда
**аҳд** – қавл, паймон

**Савол ва супориш**

1. Дар порчаи аввал кадом ҳиссача аст ва он чӣ тобишро ифода мекунад?
2. Пайвандаку пешоянди банди дуюмро аз рӯйи навъ ва сохт муайян кунед.
3. Порчаи дуюмро ба наср баргардонед ва нависед.
4. *Сарварӣ* исм аст ё сифат, сода, сохта ё мураккаб?

**431.** Матро бодиққат хонед ва гӯед, ки кадом навъи мусиқӣ дилро ба шӯр меораду маҷбур месозад, ки ба андеша фурӯ равӣ.

Ман мусиқиро бисёр дӯст медорам, садои ларзиши дутор, бо нолаи пуршӯри танбӯр дили аламдидаи маро, ки аз ғояти ҳасрат ва андуҳ маҷоли ҳаракаташ намондааст, дар ларзиш ва шӯриш меоварад. Ҳар гоҳ ин нолаи шӯрангез ва суруди ларзишомез аз нохун ва гулӯи мусиқишиноси куҳансоле сар барзанад, ҷӯшу хурӯши дили ҳасраткашидаам дучандон мегардад. Зеро ҳар нағма ва суруде, ки дар ин ҳолат навохта ва гуфта меояд, чунон ки сурати айёми шабоб ва саргузашти рӯзҳои ҷавониамро аз пеши назарам ягон-ягон мегузаронад, инчунин гиреҳҳои дили хунгаштаамро, ки монанди ғунчаи лола тан ба тан доғ бар ҳам бастаанд, ба пеши чашмам варақ – варақ мекушоянд.

*Садриддин Айнӣ*

**Савол ва супориш**

1. Мазмуни матн ба шумо чӣ таъсире кард?
2. Кадом навъи мусиқӣ бароятон маъқул аст? Чаро?
3. Воқеан, мусиқӣ дилро ба шӯр меорад?
4. Кадом асбобҳои халқиро медонед? Номи онҳоро нависед.

**432.** Порчаро бодиққат хонед. Гӯед, ки сухан дар бораи кӣ ва чӣ меравад**.**

Шунидам, ки Бобоҷон Ғафуров сахт бемор шудааст. Ба Душанбе омадаанд, ки рӯзҳои башумори умри худро дар хоки диёри азиз ба сар баранд. Боварам наомад воқеаро аз устод пурсидам.

– Рост, домулло сахт нотоб, – гуфтанд устод Турсунзода. …Ман ҳар бегоҳ баъди кор хабар мегирам. «Мирзоҷон, тез-тез биё, дидани дидори якдигар ғанимат аст», – гуфтанд дина. Аз гапашон дилам таҳ зад.

Диққат кардам, ки устод гап мезананду дилашон пур аст. Ашк милки чашмонашро сӯзонд.

– Дина домулло умедашонро аз зиндагӣ канданд, – гуфтанд устод, – баробари диданам гуфтанд, ки

«Мирзоҷон, дар рӯйи замин дигар ризқ намонд, ҳамаашро чидам, оқибат ба хайр шавад».

– Домулло, духтурҳо мегӯянд, ки нағз мешавед, – гуфтам.

– Мирзоҷон, имрӯзҳо фақат як андеша дорам: ҳамин хок маро ҳамчун фарзанд ба оғӯши худ қабул мекарда бошад?

– Ин тавр нагӯед, – гуфтам, – Шумо азизтарин фарзанди Тоҷикистон ҳастед, хизматҳо кардаед, кошки дигарон даҳяки хизмати Шуморо мекарданд.

– Не. Мирзоҷон, ман бист сол аз оғӯши ин диёр дур афтодам, хидматашро, тавре ки мебоист, ба ҷо наёвардам ва акнун пушаймонаму тарсонам… тарсам ҷон дорад, фарзанд як умр бояд дар хизмати Модар-Ватан бошад. Ман чӣ? Фарзанди раҳдури диёр. Хайр! Дур будам, аммо ҳамеша дар ёдам буд. Боз худаш медонад.

*Убайд Раҷаб*

**Савол ва супориш**

1. Хондани кадом сарсатр дар шумо эҳсосеро ба вуҷуд овард? Чаро?
2. **Дил таҳ задан**, яъне-чӣ?
3. *Фарзанд як умр дар хизмати Модар – Ватан бошад*-ро шарҳ диҳед.
4. Ватандӯст кист? Андешаи шумо?

## ИХТИСОРАҲО

С. А. – Садриддин Айнӣ
А. Л. – Абулқосим Лоҳутӣ
М. Т. – Мирзо Турсунзода
С. У. – Сотим Улуғзода
Ф. М. – Фазлиддин Муҳаммадиев
Ф. Н. – Фотеҳ Ниёзӣ
Ҷ. И. – Ҷалол Икромӣ
Р. Ҷ. – Раҳим Ҷалил
С. Т. – Саттор Турсун

# ТЕСТҲО

**1. Саволҳои чӣ тарз?, чӣ тавр?, кай?, чаро?, барои чӣ?, куҷо? ба кадом ҳиссаи нутқ таалluқ доранд**?
A) Исм B) Шумора C) Сифат D) Зарф

**2. Он ҳиссаи нутқе, ки аломати амал ва аломати аломатро ифода мекунад, чӣ ном дорад?**
A) Исм B) Сифат C) Феъл D) Зарф

**3. Дар кадоме аз ин бандҳо ҳамаи зарфҳо таркибианд?**
A) Ба қарибӣ, то ҳол, аз нав, сол аз сол, каму беш, бечуну чаро
B) Базӯр, бағоят, торафт, ибора, дарҳол, нохост
C) Барқвор, гургвор, булбулвор
D) Дастакӣ, харакӣ, сарнокӣ, пуштнокӣ

**4. Пасвандҳои зарфсоз кадомҳоянд?**
A) – ан, - вор, - акӣ, - нокӣ, - она, - ӣ
B) – чӣ, - гар, - бон, - анда, - иш, - ча, - ак
C) – гоҳ, - зор, - дон, - истон, - дон
D) – ӣ, - гӣ, - вӣ – ин, - гин, - он, - вар

**5. Кадом хели зарф дараҷаи қиёсӣ дорад?**
A) Зарфи тарзи амал, сабаб
B) Зарфи замон, макон, миқдору дараҷа
C) Зарфи сабабу мақсад,зарфи замон
D) Зарфи миқдору дараҷа,зарфи мақсад

**6. Кадом пасванд бештар аз исму сифат зарф месозад?**
A) – вор, акӣ B) – чӣ, зор C) – ҳо, гон D) – вон, ён

7. **Он ҳиссаи ёридиҳандаи нутқ, ки барои пайвастани калима, ибора ва ҷумлаҳо хизмат мекунанд, чӣ ном дорад?**
A) Пешоянд B) Пайвандак C) Ҳиссача D) Нидо

**8. Кадоме аз калимаҳои дар зер овардашуда шевагианд?**
A) Об, замин, дароз, кӯтоҳ, буз, гӯсфанд
B) Гуфтан, навиштан, рафтан, кабуд, сурх
C) Бефара, партов, бивӣ, бува, ана
D) Китоб, илм, мактаб, талаба, дарс.

**9. Кадоме аз ин калимаҳо ба соҳаи тиб таалluқ доранд?**
A) Мот, қалъабандӣ, пиёда, савора, кишт
B) Рақс, илҳон, адвор, дирижёр, бастакор
C) Таб, табобат, вараҷа, ҷарроҳӣ, даво
D) Исм, сифат, шумора, ҷонишин, феъл.

**10. Муайян намоед, ки калимаҳои зер ба кадом намуди калимаҳо мансубанд?**
Об, замин, ҳаво, дароз, кӯтоҳ, гуфтан, навиштан, рафтан, кабуд, сурх, буз, гӯсфанд, шаш, даҳ, кӣ?, чӣ? ва ғайра
A) Маъмул B) Номаъмул C) Соҳавӣ D) Куҳна

**11. Калимаҳои шашсола, чормоҳа, чорҳафта, чоррӯза аз ҷиҳати сохт кадом навъи калимаҳоанд?**
A) Сода B) Сохта C) Мураккаб D) Таркибӣ

**12. Аслан тоҷикӣ будан ва ё аз ягон забони дигар ба забони мо дохил шудани калимаҳоро аз рӯйи кадом навъи луғатҳо муайян мекунанд?**
A) Фарҳанги забони тоҷикӣ, луғатҳои эҳтимологӣ
B) Луғати имло
C) Луғатҳои сохавӣ
D) Луғати дузабона
**13. Калимаҳои: муаллим, муаттар, муаззам, аъло, мавзӯъ, аъзо хоси кадом забонанд?**
A) Тоҷикӣ B) Ӯзбекӣ C) Русӣ D) Арабӣ
**14. Калимаҳои: «қаноат, қишлоқ, қошуқ, қӯрғон» ба кадом забон тааллуқ дорад?**
A) Арабӣ B) Тоҷикӣ C) Русӣ D) Ӯзбекӣ
**15. Кадоме аз ин бандҳо таъбирро фаро гирифтааст?**
A) Себи сурх, китоби мо, китоби муаллим
B) Дасту по гум кардан, гули сари сабад будан, нафас рост кардан, дасти рост будан, дар пӯст нағунҷидан.
C) Дафтари Ҳаким, хонаи мо, ранги сабз
D) Ҳафтуми ноябр, панҷ нафар, китоб хондан
**16. Кадоме аз ин калимаҳо кӯҳнаанд (архаистӣ)**?
A) Халқ, меҳнаткаш, ҳаёт, рӯзгор, роҳбар
B) Маданият, санъат, мактаб, китоб
C) Табира, устура, даллок, нақора, шайтонароба
D) Падар, модар, бародар, хоҳар
**17. Дар кадоме аз ин бандҳо ҳамагӣ пешояндҳои такроранд?**
A) Пеши, рӯйи, болои, паси, ҳангоми
B) Ба пеши, дар назди, аз паси, ба пеши
C) Ба ҷуз, ҷуз аз, то ба, баъд аз, пеш аз
D) Рӯ-рӯйи, пас-паси, пеш-пеши, лаб-лаби
**18. Кадом банд пасояндҳоро фаро гирифтааст?**
A) Нисбат ба, бахшида ба, назар ба, дар вақти
B) Ро, барин, қатӣ
C) Ва, ӯ, ҳам, аммо, вале, лекин, балки
D) Аз, ба, бо, дар, дар назди, аз паси
**19. Дар кадоме аз ин бандҳо пайвандакҳои хилофӣ омадаанд?**
A) Гун, ина, вар, монд, ак, чак
B) Ҳеҷ кӣ, ҳеҷ чӣ, ҳеҷ як, ҳар як, ҳар хел
C) Ва, ӯ, ҳам
D) Аммо, вале, лекин, балки
**20. Дар кадоме аз ин бандҳо ҳамагӣ пайвандакҳои сода омадаанд?**
A) Чунки, азбаски, агарчи, вагарна
B) Ва, ҳам, ё, ки, чун, то, аммо, вале, лекин
C) Ё ки, ё ин ки, вақте ки
D) монанди он ки, чунон ки, гӯё ки
**21. Кадоме аз ин бандҳо пайвандакҳои тобеъкунандаро фаро гирифтаанд?**

A) Ва, у, (ю, ву), ҳам, на-на
B) Ё, ё ки, ё ин ки
C) Ки, то ки, то ин ки, зеро, зеро ки, чунки, вақте ки
D) Аммо, вале, лекин, ҳол он ки

**22. Он ҳиссаи номусақили нутқ, ки ба ҷумла ё ба ҳиссаҳои алоҳидаи он тобиши маъноӣ медиҳад, чӣ ном дорад?**
A) Сифат B) Шумора C) Пешоянд D) Ҳиссача

**23. Калимаҳои «Мана, ку, дия, э», ба кадом навъи ҳиссачаҳо мансуб мебошанд?**
A) Саволӣ B) Тасдиқӣ C) Маҳдудӣ D) Қувватдиҳанда

**24. Аз ин калимаҳо кадомаш ба ҷойи нуқтаҳо мувофиқ аст? ..., моро бо худ набаред».**
A) Магар B) Наход C) Бё D) Дия

**25. Ҳиссачаҳо аз ҷиҳати сохт чанд хел мешаванд?**
A) 1 B) 2 C) 3 D) 6

**26. Он ҳиссаи нутқ, ки барои ифодаи ҳаяҷон ва ҳиссиёти гуногун хизмат мекунад, чӣ ном дорад?**
A) Пешоянд B) Пасоянд C) НидоD) Пайвандак

**27. Дар ҷумлаи зер кадом калимаҳо нидоаанд? «–Уҳ, Ҳмм!, Ҳа!, – пас хеле хомӯш истод, канӣ дароед, ҷони ширинам, – ба мард рӯ овард пирамард пас аз хомӯшӣ. »**
A) Хомӯш, истед B) Канӣ C) -Уҳ,!... Ҳмм!, Ҳа!, D) Ҷон, ширин, мард

**28. Саволҳои чӣ тарз?, чӣ тавр?, кай?, чаро?, барои чӣ?, куҷо? ба кадом ҳиссаи нутқ тааллуқ доранд?**
A) Исм B) Зарф C) Сифат D) Ҷонишин

**29. Аз ҷумлаи додашуда нидоҳоро муайян намоед? «-Ӯҳ-Ӯҳ.... барф борида истодааст-ку...»**
A) Ӯҳ-ӯҳ... B) Барф,борид C) Истодааст D) -Ку...

**30. Иттилои навро кадом жанр ба мо мерасонад?**
A) Шарҳи ҳол Б) Дастурамал В) Мусоҳиба Г) Хабар

**31. Дар хусуси зиндагӣ ва фаъолияти шахс кадом жанр маълумот медиҳад?**
A) Хабар Б) Шарҳи ҳол В) Мусоҳиба Г) Латифа

**32. Дар кадоме аз ин жанрҳо муколама нақши асосӣ дорад?**
A) Латифа Б) Хабар В) Мусоҳиба Г) Шарҳи ҳол

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | C | 9 | C | 17 | B | 25 | B |
| 2 | D | 10 | B | 18 | A | 26 | D |
| 3 | A | 11 | A | 19 | B | 27 | B |
| 4 | A | 12 | C | 20 | B | 28 | A |
| 5 | B | 13 | D | 21 | C | 29 | C |
| 6 | A | 14 | B | 22 | A | 30 | A |
| 7 | B | 15 | B | 23 | D | 31 | Г |
| 8 | A | 16 | B | 24 | B | 32 | B |

# МУНДАРИҶА

**I. ЗАБОН ВА СУХАН ........................................ 3**

**II. ТАКРОР ВА ҶАМЪБАСТИ МАВОДИ СИНФИ VI ........................................ 5**
Услубҳои нутқ ........................................ 20

**III. ЗАРФ ........................................ 25**
Навъҳои зарф ........................................ 31
Роҳҳои сохта шудани зарфҳо ........................................ 34
Кор бо матни *шарҳи ҳол* ........................................ 35
Зарфи тарзи амал ........................................ 42
Зарфи миқдору дараҷа ........................................ 44
Зарфи замон........................................ 47
Зарфи макон ........................................ 49
Кор бо матни *хабар*........................................ 51
Зарфҳои сабабу мақсад........................................ 56
Сохти зарфҳо........................................ 59
Таҳлили сарфи (морфологӣ)-и зарф ........................................ 63

**IV. КАЛИМА ВА ТАЪБИРҲО. МАЪНОИ ЛУҒАВӢ ........................................ 65**
Калимаҳои аслии тоҷикӣ ........................................ 68
Калимаҳои иқтибосӣ........................................ 70
Калимаҳои куҳна ва нав ........................................ 74
Калимаҳои нав........................................ 75
Калимаҳои соҳавӣ........................................ 77
Калимаҳои шевагӣ ........................................ 80
Таърихи бaромади баъзе калимаҳо........................................ 85
Кор бо матни ҳисобот........................................ 90
Таъбирҳо (фразеологизмҳо) ........................................ 97
Таъбирҳо ва фарқи онҳо аз калимаю ибораҳо........................................ 99
Хусусиятҳои муродифӣ, зидмаъноӣ ва ҳамгунаӣ........................................ 101
Мавқеи фразеологизмҳо дар нутқ ........................................ 103
Кор бо фарҳангҳои тафсирӣ ва фразеологӣ........................................ 105
Кор бо фарҳанги этимологӣ ........................................ 107
Калима ва фразеологизмҳо ........................................ 109
Кор бо матни *мусоҳиба*........................................ 110
Маълумот дар бораи ҳиссаҳои номустақили нутқ........................................ 116

**V. ПЕШОЯНД ВА ПАСОЯНД ........................................ 119**
Пешоянди «*аз*» ........................................ 122
Пешоянди «*ба*»........................................ 124
Пешоянди «*дар*» ........................................ 126
Пешояндҳои «*бо*» ва «*барои*»........................................ 128
Кор бо матни мусоҳиба ........................................ 132
Пешоянди «*бе*» ........................................ 135
Пешояндҳои «*то*» ва «*ҷуз*» ........................................ 137
Сохти пешояндҳо. Пешояндҳои содаи номӣ ........................................ 138

Пешояндҳои таркибӣ ........ 140
Таҳлили сарфии пешояндҳо. Нақшаи таҳлил ........ 144
Пасояндҳои «*-ро, барин*» ........ 145
Пасояндҳои номии «*пас, пеш, қабл, боз, инҷониб*» ........ 147
Кор бо матни *тавсифнома* ........ 148

**VI. ПАЙВАНДАК ........ 154**
Навъҳои пайвандакҳо ........ 156
Пайвандакҳои пайвасткунанда ва навъҳои он ........ 158
Пайвандакҳои пайиҳам ........ 159
Пайвандакҳои хилофӣ ........ 162
Пайвандакҳои ҷудой ........ 164
Кор бо матни *тасвирӣ* ........ 165
Пайвандакҳои тобеъкунанда ........ 171
Сохт ва таркиби пайвандакҳо: сода, мураккаб ва таркибӣ ........ 179
Таҳлили сарфии пайвандакҳо ........ 186
Кор бо матни *тавсифнома* ........ 188

**VII. ҲИССАЧА ........ 188**
Навъҳои ҳиссача ........ 193
Ҳиссачаҳои саволӣ ва таъкидӣ ........ 194
Ҳиссачаҳои тасдиқӣ ва инкорӣ ........ 195
Ҳиссачаҳои қувватдиҳанда ва маҳдудӣ ........ 198
Нимтире дар ҳиссачаҳо ........ 201
Сохти ва таркиби ҳиссачаҳо ........ 206
Таҳлили сарфии ҳиссача ........ 208
Кор бо матни *тасвирӣ* ........ 209
Кор бо матни *дастур* ........ 212

**VIII. НИДО ........ 217**
Нидо ва тобишҳои гуногуни он дар ҷумла ........ 220
Навъҳои нидо: нидоҳои эҳсосотӣ ........ 221
Нидоҳои барангезанда ........ 224
Кор бо матнҳо ва шарҳи тобиши маъноии нидоҳо ........ 228
Сохту таркиби нидо ........ 230
Таҳлили сарфии нидо ........ 233
Кор бо жанри *шифоҳӣ (зарбумасалу мақол)* ........ 233
Кор бо матни *дастурамал* ........ 236

**IX. КАЛИМАҲОИ ТАҚЛИДӢ. ........ 239**
Хусусият ва тобишҳои маъноии онҳо ........ 239
Баъзе роҳҳои сохтани калимаҳои тақлидӣ ........ 242
Кор бо жанри *шифоҳӣ (латифа)* ........ 243

**X. ҶАМЪБАСТ ВА ТАКРОРИ ДАРСҲОИ ГУЗАШТА ........ 248**

**САИДАМИР АМИНОВ**

# ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

***Китоби дарсӣ барои синфи 7-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ***

Муҳаррир
С. Аминов

Тарроҳон
Р. Зарифбекова
В. Казберович

Ба чоп 7 январи соли 2019 иҷозат дода шуд.
Андозаи 60×90 1/16. Коғази офсет. Чопи офсет.
Ҷузъи чопӣ 17,0. Адади нашр 160 000 нусха.

Дар матбааи ҶДММ «Собириён» нашр шудааст.
Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Айнӣ, 126.
Суроғаи электронӣ: sobiriyon@yandex.ru